ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»

ВБД.: 128/129 (575.3)

Бо ҳукми дастнавис

СУБҲОНЗОДА САЛОҲИДДИН ИКРОМ

ТАШАККУЛ ВА ТАҲАВВУЛИ ТАСВИРИ ИЛМИИ ОЛАМ ДАР АФКОРИ ФАЛСАФИИ ГУЗАШТА

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа

аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)

Мушовири илмӣ:

доктори илмҳои фалсафа, дотсент

Диноршоева З.М.

Бохтар - 2025

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....4-21

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ БАРРАСИИ ТАСВИРИ ИЛМИИ ОЛАМ ВА САРЧАШМАҲОИ ОН

1.1. Асосҳои назариявию методологии баррасии тасвири илмии олам, шаклҳо ва тасвири он тавассути тавсифи ҷанбаҳои моҳиятии шаклҳои ҳастӣ 22-46

1.2. Тасвири шаклҳои ҳастӣ тавассути мақулаҳои фалсафӣ дар таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим ва пайравони шарқии он ҳамчун сарчашмаи ақидаҳо дар бораи тасвири илмии олам 47-62

БОБИ 2. ТАҲАВВУЛ ВА РУШДИ АФКОР ДАР БОРАИ ТАСВИРИ ИЛМИИ ОЛАМ ТАВАССУТИ ТАСНИФИ ШАКЛҲОИ ҲАСТӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЙЛАСУФОНИ ГУЗАШТА

2.1. Тасвири олам тавассути шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи асримиёнагӣ ва Замони нав 63-102

2.2. Таҳаввул ва рушди ҷанбаҳои асосии тасвири шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи схоластикӣ ва фалсафаи классикии олмонӣ 103-138

2.3. Моҳияти тасвир ва дарки олам ба воситаи мафҳумҳо дар таълимоти файласуфони шарқию ғарбӣ.....139-181

БОБИ 3. ҶАНБАҲОИ ОНТОЛОГИЮ ГНОСЕОЛОГӢ ВА МЕТОДОЛОГИЮ ҶАҲОНШИНОХТИИ ТАСВИРИ ИЛМИИ ОЛАМ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФӢ

3.1. Ҷанбаҳои онтологии тасвири шаклҳои ҳастӣ ва тасвири илмии олам.....182-205

3.2. Ҷанбаҳои гносеологӣ ва методологии тасвири шаклҳои ҳастӣ ва тасвири илмии олам.....206-232

3.3. Тасвири шаклҳои ҳастӣ ва тасвири илмии олам ҳамчун ҷузъи ҷаҳонбинӣ.....233-257

БОБИ 4. МАҚУЛАҲОИ ФАЛСАФӢ ҲАМЧУН ҶУЗЪҲОИ СОХТОРИИ ТАСВИРИ ИЛМИИ ОЛАМ ДАР ФАЛСАФАИ ДАВРОНИ МУОСИРИ ҒАРБ

4.1. Умумияти мақулаҳо ҳамчун ҷузъҳои сохтории шаклҳои ҳастӣ ва тасвири илмии олам дар фалсафаи охири асри XIX-нимаи якуми асри XX.....258-309

4.2. Ягонагии мақулаҳо дар ташаккули ҳастӣ ва тасвири илмии олам дар афкори фалсафии постмодернистӣ.....310-332

ХУЛОСА 333-345

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ 346-369

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар замони мо, дар баробари он, ки илму техника хеле пеш рафтааст, илм ба таҳдиҳо баҳри пешрафти ҷомеа дучор шудааст. Инсон, аз як тараф, мавҷудияти худро дар табиат тавассути илм хеле осон карда бошад, аз тарафи дигар, бо таҳдидҳои хеле зиёде рӯ ба рӯ гардидааст. Бебаҳс, рушди илму техника барои рушди ҳастии инсон равона мешавад, аммо, мутаассифона, истифодаи донишҳои илмӣ-техникӣ дар зери таъсири омилҳои динӣ мондааст. Аз ин рӯ, имрӯз омӯзишу таҳқиқи мафҳумҳое, ки барои ба низом даровардани дарки тасвири илмии олам равона шудааст, хеле мубрам мебошад. Дар ин росто, қабл аз ҳама, бояд дастгоҳи ба низомдарории тафаккури илмӣ дар асоси мантиқ ва барои шуури ҷамъиятӣ зарур, мавриди таҳқиқ қарор гирад.

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ Пешвои муаззами миллат пайваста дар суханрониҳои хеш мубрамияти донишҳои илмиро таъкид менамоянд. Ин сиёсат моро водор месозад, ки вобаста ба тамоюлҳои имрӯзаи ҷаҳонӣ нумуи донишҳои илмиро дар сархати аввали маърифати хеш қарор диҳем.

Инсоният дар таърихи худ тамаддуну фарҳангҳои гуногунро аз сар гузаронидааст. Таърихи инсоният худ сабақ медиҳад, ки ҳар як фарҳанг барои механизмҳои махсуси рушди дониш эҳтиёҷманд аст. Илм бояд дар асоси воситаҳои мантиқии худ вазифаҳои таъхирнопазирро иҷро намояд. Пеш аз ҳама, дар ҳар як давру замон инсон майли омӯзишу таҳқиқи тасвири оламро кардааст. Ин таҳқиқот доимо дар асоси як сохтори муайян ва ба забони имрӯза як матрисаи муайяне баррасӣ мешуд. Баррасии тасвири олам дар замони муосир дар илми фалсафа нишон медиҳад, ки мантиқи таҳқиқи ин масъала дар тули таърихи фалсафа чандон тағйироти куллӣ накардааст. Таҳқиқи тасвири олам дар фалсафаи муосир барои ошкор намудани сохтор ва моҳияти он барои

муайян намудани асосҳои консептуалӣ ва мантиқи нумуи дониши ҳақиқӣ мусоидат мекунад. Истифодаи илму дониш ба нафъи инсон яке аз мушкилоти муҳимтарини замони мо ба ҳисоб меравад.

Сабаби равнақи дониши илмӣ ҳамеша ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволҳоест, ки ба тасвири олам вобаста мебошанд ва онҳоро ҳамчун як асоси мантиқӣ гуфтан иштибоҳ нахоҳад буд. Албатта, сохтори тасвири олам дар асоси муносибатҳои муайян ва мақулаҳову мафҳумҳои мавзуъҳои фалсафӣ ҳангоми таҳлили он равшан мегардад.

Аҳамияти омӯзиши масъалаи сохтори тасвири олам аз нуқтаи назари категорияҳои умумӣ, махсус ва муҷаррад бо зарурати дарки сохтори ҳам тасвири худи олам (ки ба рушди методологияи нумуи дониши ҳақиқӣ мебарад) ва ҳам ҷанбаҳои пурмаънои он муайян карда мешавад. Имрӯз, ба ҷавонон бояд аз нав омӯзонем, ки масъалаи тасвири олам, чӣ гуна будани он, кадом вазифаҳоро иҷро кардани он, ҳамчун саволҳои мубрам боқӣ мемонанд, зеро ҷустуҷӯи ҷавобҳо ба чунин саволҳо барои нумуъи дониши ҳақиқӣ мусоидат менамояд. Таърих худ гувоҳ аст, ки ҳамеша ҳам файласуфон ва ҳам олимони соҳаҳои гуногуни илмро чунин саволҳо ба худ ҷалб мекард. Асосҳои онтологӣ ва гносеологии тасвири олам на танҳо маҷмуи объективии илм, балки ба андозаи муайян, тамоюлҳои инкишофи онро ҳамчун як зуҳуроти ягона муайян мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, онҳо мушкилоти ниҳоят муҳим ва мубрам буда, таҳлили ҷиддиро талаб мекунанд.

Имрӯз яке аз масъалаҳои муҳим ин таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ, махсусан, дар байни ҷавонон мебошад. Воқеаҳои давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва умуман, он фоҷиаҳое, ки имрӯз дар тамоми ҷаҳон ба вуқуъ пайвастааст, мубрамияти ҷаҳонбинии илмиро дар байни ҷавонон хеле зиёд намудааст. Маълум аст, ки дар муайян кардан ва ҳалли муносибатҳое, ки тасвири оламро ташкил менамоянд, ин ҳамбастагиву муносибатҳои мутақобилаи мафҳуму мақулаҳои фалсафӣ мебошанд.

Аз замонҳои қадим инсоният кӯшиш кардааст, ки моҳият ва сохтори оламро фаҳмад. Ин талош на танҳо аз кунҷковии табиӣ бармеояд, балки ҳамчун эҳтиёҷи амиқи маънавӣ ва амалии инсон зоҳир мегардад. Дар ин замина мутафаккирону файласуфон, табиатшиносон, равоншиносон ва намояндагони дигар соҳаҳои илм пайваста ба масъалаи тасвири олам рӯ овардаанд, зеро фаҳмиши олам асоси ҳар гуна дониш ва фаъолият аст. Барои фаҳмидани ҷойгоҳи инсон дар табиат, муносибати байни одамон ва ҳамоҳангии инсон бо муҳит, зарур аст, ки оламро ҳамчун як системаи мураккаб ва ҳамгиро бишносем.

Тасвири олам заминаи тамоми системаи арзишҳо ва ҷаҳонбинии шахсро ташкил медиҳад. Дар асоси шинохти илмии олам технологияҳо, системаҳои иҷтимоӣ ва амсилаи рушди ҷомеа таҳия мешаванд. Бидуни чунин фаҳмиш пешрафти устувор ва ҳадафмандона имконнопазир аст. Аз ин рӯ, тасвири олам на танҳо мавзуи назариявӣ, балки масъалаи ҳаётан муҳим мебошад, ки диққати пайвастаи ҷомеаи илмиро талаб мекунад.

Аз ҷониби дигар, вобаста аз он, ки проблемаҳо ва масъалаҳои актуалӣ таҳлили дақиқро талаб мекунанд, омӯхтани категорияҳо ва мафҳумҳои фалсафаи муосир тағдиди назар мехоҳад. Муайян намудани роҳҳои мушаххаси омӯзиши категорияҳо ва мафҳумҳои фалсафаи муосир дар ҳамоҳангӣ, барои боз ҳам амиқ намудани вазифа ва моҳияти онтология ва гносеология ҳамчун асоси рушди илми муосир хизмат мекунад ва мавзуъҳоро барои баррасии фалсафаи илм ва методологияи он муайян менамояд.

Мусаллам аст, ки мавзуи баҳс байни равияҳои фалсафӣ яке аз масъалаи мураккаби таърихи фалсафа мебошад. Равияҳои гуногун бо хусусиятҳои хоси худ ҷаҳонбинии илмӣ-фалсафиро инъикос мекунанд, дар ин раванд онҳо бо ҳамдигар баҳс мекунанд, вале мақсади умумии онҳо бо категорияҳо муносибати худро нисбат ба сохти тасвири олам инъикос кардан мебошад.

Мафҳумҳои кулл, махсус ва муҷаррад мақулаҳои бунёдии тафаккури фалсафӣ буда, роҳҳои мавҷудият ва шинохти оламро инъикос мекунанд. Ин мақулаҳо дар мантиқ, онтология ва гносеология мавқеи муҳимро ишғол намуда, асоси анъанаҳои фалсафии ҳам аврупоӣ ва ҳам шарқиро ташкил медиҳанд. Аммо, ин равишҳо дар фаҳмиш ва муносибаташон вобаста ба самтҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва метафизикии мактабҳои гуногуни фалсафӣ ба таври назаррас фарқ мекунанд.

Мусаллам аст, ки дар шароити гуногуни иҷтимоии даврaҳои муайяни таърихӣ, албатта, оламро вобаста ба сохтори ҷанбаҳои онтологӣ ва гносеологии он ва хусусиятҳояш тасвир менамуданд. Фалсафа, бо истифода аз илми таърихӣ – фалсафӣ тамоюлҳои асосии рушди ҷаҳони муосирро баррасӣ менамояд, бинобар ин, муносибати мақулаҳо ва ё категорияҳо дар баррасии олам ҳама вақт мавқеи муайянкунандаи ҷанбаҳои онтологӣ ва гносеологӣ доштанд.

Таҳаввулоти бузурги илмию техникӣ ва фарҳангии асри XXI инсонро водор месозад, ки муносибати хешро бо воқеият аз нигоҳи системаи мафҳумҳо ва мақулаҳои бунёдӣ бознигарӣ намояд. Дар ин раванд, мақулаҳои фалсафии кулл, махсус ва муҷаррад ба ҳайси абзорҳои фикрӣ ва тафсирӣ нақши калидӣ мебозанд. Омӯзиши амиқи ин мақулаҳо барои фаҳмиши равандҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмӣ ниҳоят муҳим аст.

Ду соҳаи муҳимми фалсафа - ҳастишиносӣ (онтология) ва маърифатшиносӣ (гносеология) - дар ташаккули тасаввури илмии олам нақши асосӣ доранд. Дар ин росто, мо кӯшиш кардаем, ки дар таҳқиқоти худ асоси илмии тасвири оламро маҳз аз дидгоҳи ин ду равияи фалсафӣ дар асоси мақулаҳои фалсафӣ баррасӣ намоем.

Дар соҳаҳои илм, фалсафа ва технология, сохтани амсилаҳои муосири олам бе фаҳмиши дақиқи сохтори тасвири олам имконнопазир аст. Он ҳамчун замина барои коркарди назарияҳо ва амалиётҳои гуногун хизмат мекунад.

Аз ин рӯ, баррасии сохтори тасвири олам на танҳо масъалаи назариявӣ, балки амалӣ ва фарҳангӣ низ мебошад, ки ба инкишофи шахсият ва ҷомеа кумак мерасонад.

Мубрамияти мавзуъ дар ин самт аз он низ иборат аст, ки он хусусияти муҳимми амалӣ дорад, аз ҷумла омӯзиши тасвири олам аз нигоҳи онтология ва гносеология бояд тавассути таҳлили мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба роҳ монда шавад. Ин равиш барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури мантиқии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Ба тарбияи тафаккури фалсафӣ ва тавонмандии таҳлилӣ дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фаҳмонидани вазифаи мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад мусоидат намуда метавонанд. Истифодаи мафҳумҳои кулл ва муҷаррад ҳамчун абзорҳои таҳлили арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ метавонад дар таҳқиқоти иҷтимоӣ ва фалсафии фарҳанг натиҷаҳои назаррас диҳад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Тасвири илмии олам ва тафсири он доимо диққати файласуфонро ба худ ҷалб менамуд. Файласуфони гузаштаи Ғарб ба масъалаи тасвири олам ва таносуби мақулаҳо дар тасвири он баҳсҳои доманадори зиёде намудаанд. Аксарияти муҳаққиқон ба масъалаи таносуби мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад, инчунин дараҷаи таъсири онҳо ба сохти тасвири олам диққат додаанд. Аз рӯи мақулаҳои фалсафӣ тафсир намудани ҳастӣ тавассути призмаи кулл, махсус ва муҷаррад дар фалсафаи бостонӣ худ аллакай ҳатман ба назари муайян ба олам, ба мафҳумҳои муайян дар бораи он, ки олам чӣ гуна бояд дарк карда шавад, он умуман чӣ тавр сохта шудааст ва чӣ гуна аст, оварда мерасонад. Чунин саволҳоро намояндагони мактаби милетӣ (Фалес, Анаксимандр, Анаксимен), мутафаккирони мактаби пифагорӣ (Аристоксен, Архитаси Тарентӣ, Пифагор, Филолай), намояндагони мактаби Элей (Парменид, Зенон, Ксенофан), инчунин Эмпедокл, Анаксагор, Демокрит гузошта, аз рӯи диди худ онҳоро ҳал кардаанд.

Дар рушди ин масъала Суқрот, Афлотун ва Арасту [5] саҳми муҳим гузоштаанд.

Дар асрҳои миёна, дар давраи Эҳё (Ренессанс) ва асри нав П.Абеляр [1], Фома Аквинский [54], Д.Беркли [7], Ф. Бэкон [8], Г. Гегел [21], Т. Ҳобсс [56], Р. Декарт [27], И. Кант [34], Г. Лейбнитс [152], Ҷ. Локк [38], Н. Кузанский [145], Б. Спиноза [205], Л. Фейербах [51], И. Фихте [53], Д. Юм [61] дар системаҳои фалсафии худ масъалаи кулл, махсус, муҷаррадро ҳангоми баррасии тасвири олам ва нақши мақулаҳо дар тасвири он таҳия намуданд.

Асосгузорони фалсафаи материализми диалектикӣ низ дар ҳалли масъалаи кулл, махсус ва муҷаррад саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Аксари мутафаккирони замони муосир низ умумият, махсусият ва муҷаррадро аз рӯи категорияҳо таҳлил намудаанд, инчунин нақш ва аҳамияти методологии охиринро барои тасвири умумии олам муайян кардаанд. Мо дар рисолаи худ таҳқиқоти олимони шуравӣ ва россиягиро баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадем, ки Н.К. Вахтомин [86], Д.П. Горский [104], Б.М. Кедров [136], М.К.Мамардашвили [157], Л.К. Науменко [173] барин муҳаққиқон масъалаҳои назариявии категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррадро таҳлил намуда, алоқаи онҳоро бо дигар мақулаҳои диалектикӣ ошкор кардаанд. Як қатор мутафаккирони намоёни россиягӣ масъалаҳои муайян кардани нақши мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррадро дар мантиқи диалектикӣ ва материализми диалектикӣ кор карда баромадаанд, аз ҷумла Ж.М. Абдилдин [62], Г.С. Батишев [73], В.С. Библер [75], В.А. Вазюлин [84], Е.В. Илйенков [129], П.В. Копнин [142] ва дигарон. Бисёре аз муҳаққиқон ба мазмуни шаклӣ-мантиқии мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад бештар аҳамият медоданд. Дар байни онҳо В.В. Василев [85], И.Н. Тасев [215] ва дигарон буданд.

В.А. Лекторский [153], Е.А. Мамчур [159], Г.П. Шедровитский [241], Б.Г. Юдин [246, с. 6-18] ва дигарон ба мушкилоти ҷустуҷӯи роҳҳои

методологии муайян намудани сохтори тасвири олам машғул буданд. Ба масъалаҳои муайян намудани нақш ва аҳамияти асосҳои ниҳоии ҳастӣ дар тасвири илмии олам, инчунин мантиқи инкишофи охирӣ асарҳои Я.Ф. Аскин [67], Л.Б. Баженов [71, с. 390-420], В.С. Готт [110], Л.А. Микешина [167] ва дигарон бахшида шудаанд. Муносибати фалсафа ва илм омӯхта шуда, инчунин масъалаҳои ягонагӣ, генезис ва сохтори дониш дар тасвири муосири олам аз ҷониби муҳаққиқон, аз қабили И.А. Акчурин [65], Е.В. Дегтярев [112], К.Х. Делокаров [113] ва дигарон таҳия шудаанд. Инчунин В.Г. Горохов [103, с. 296-299], И.А. Мамчур [159], В.Н. Порус [179], А.И. Ракитов [183], В.М. Розин [188], В.С. Степин [206], Ю.Б. Татаринов [216], А.Н. Чумаков [237] ва дигарон бевосита таҳқиқ гардидаанд.

Ҳамзамон, ин ҷо ҳаминро қайд бояд кард, ки дар фалсафаи муосири тоҷик аҳамияти омӯзиши сохтори тасвири ҷаҳон, таърихи омӯзиши он то имрӯз ба таври алоҳида мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Олимони тоҷик Баҳоваддинов А.М. [77], Болтаев М. [78], Осимӣ М. [176], Ғаффорова М. [97, 107], Шарипов И.Ш. [240], Диноршоев М. [121], Турсун А. [218], Олимов К. [175], Музаффарӣ М. [170], Додихудоев Х. [124], Муҳаммадхоҷаев А. [171], Сироҷев Ф. [199], Ахмедов С. [69], Назариев Р.З. [172], Зиёев И. [125], Зиёев Х.М. [126], Диноршоева З.М. [123], Раҳимов М. [182], Содиқова Н. [201], Маҳмадҷонова М.Т [208], Саидов И.А. [193], Мирзоев Ғ. [169], Сайфуллоев Н. [194], Акилова М. [247], Ҷонбобоев С. [256], Ниёзӣ Ё. [257], Худойдодов Ф. [254, 255], Султонзода С.А. [252, 253], ва дигарон ба масъалаҳои онтология ва гносеология дар таҳқиқоти худ ақидаҳо ба воситаи таҳлили афкори гузаштаи фалсафӣ ақидаҳои муфид баён намудаанд.

Файласуфони тоҷик, ба монанди Баҳоваддинов А.М. [77], Болтаев М. [78], Осимӣ М. [176], Ғаффорова М. [97], Диноршоев М. [122], Турсун А. [218], Олимов К. [175], Музаффарӣ М. [170] Додихудоев Х. [124], Ахмедов С. [69], Назариев Р. [172], Зиёев Х.М, [127], Диноршоева З.М.,

[123], Раҳимов М. [184], Содиқова Н. [201] Маҳмадҷонова М.Т. [165] масъалаҳои ягонагӣ, генезис ва сохторбандии дониш дар тасвири оламро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Инчунин маврид ба зикр аст, ки муаллифоне чун Болтаев М., Саид Н., Ҷонбобоев С., Султонов С. (Султонзода С.А.), Ниёзӣ Ё. (Ниёзов Ё.), Худойдодов Ф. ва дигарон дар таҳқиқоти худ на танҳо ба омӯзиши мероси фалсафии Ибни Сино ва Арасту, балки инчунин ба масъалаҳои марбут ба категорияҳо ва низоми маърифатӣ ва мантиқии онҳо низ пардохтаанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ. Диссертатсия дар асоси Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии дар кафедраи фалсафаи Факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар мавзуи: «Таҳлили механизмҳои ташаккули тасвири илмии олам» барои соли 2022-2025 иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертсионӣ муайянсозӣ ва таҳлили тасвири илмии олам ва шаклҳои тасвири он дар афкори фалсафии Ғарб ва муайян намудани ҷойгоҳи мақулаҳои умумият, махсусият ва ягонагӣ, ё муҷаррадӣ дар сохтори тасвири олам мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- таҳлили амиқи асосҳои назариявӣ ва методологии баррасии тасвири илмии олам, бо такя ба тавсифи ҷанбаҳои моҳиятии шаклҳои ҳастӣ;
- муайян намудани манбаъ ва таҳаввули мафҳумҳои фалсафӣ дар бораи шаклҳои ҳастӣ дар таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим ва пайравони шарқии онҳо ҳамчун сарчашмаҳои ташаккули тасвири илмии олам;

- таҳқиқи хусусиятҳои тасвири шаклҳои ҳастӣ ва олам дар фалсафаи асримиёнагӣ ва Замони нав бо дарназардошти хусусиятҳои таърихию фарҳангии онҳо;

- баррасии таҳаввул ва такомули ҷанбаҳои асосии тасвири шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи схоластикӣ ва фалсафаи классикии олмонӣ, ба хусус дар осори намояндагони барҷастаи ин мактабҳо;

- баррасии хусусиятҳои тасвири фалсафии олам тавассути мафҳумҳо дар андешаҳои мутафаккирони шарқию ғарбӣ;

- кашфи ҷанбаҳои онтологии тасвири шаклҳои ҳастӣ ва муайянсозии нақши он дар ташаккули тасвири илмии олам;

- таҳлили гносеологӣ ва методологии тасвири шаклҳои ҳастӣ, инчунин шарҳи равишҳои маърифат ва таҳқиқи илмӣ дар асоси онҳо;

- муайян кардани ҷойгоҳи тасвири шаклҳои ҳастӣ ва тасвири илмии олам ҳамчун ҷузъи сохтории ҷаҳонбинӣ ва аҳамияти он дар маърифат ва тафаккури фалсафӣ;

- таҳлили умумияти мақулаҳои фалсафӣ ҳамчун унсурҳои сохтории шаклҳои ҳастӣ ва тасвири илмии олам дар андешаҳои фалсафии охири асри XIX ва нимаи якуми асри XX;

- муайян намудани мақоми ягонагии мақулаҳо дар ташаккули ҳастӣ ва нақши онҳо дар тасвири илмии олам дар муҳити фикрии фалсафии постмодерн.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ тасвири илмии олам мебошад.

Предмети таҳқиқот. Предмети таҳқиқоти диссертатсионӣ категорияҳо ва ё мақулаҳо, алахусус кулл, махсус ва муҷаррад дар тасвири сохтори тасвири олам дар таърихи афкори фалсафаи Ғарб мебошад.

Марҳала, макон ва дараҷаи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатционӣ аз соли 2022 сурат гирифта дар доираи таърихии таҳқиқот афкори фалсафии гузашта, давраи муосирро дар бар гирифта, дар он инкишофи

тасвири олам бо категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар назарияҳои фалсафии марҳалаҳои бостонӣ, асримиёнагӣ ва муосир мавриди таҳлил қарор дода шудааст ва дар заминаи таълимоту назарияҳои афкори гузаштаи фалсафӣ, кӯшиши тасвири олам ба воситаи категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад сурат гирифтааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро асарҳои файласуфони гузашта ва олимони шуравӣ, россиягӣ ва тоҷик, аз қабили Библер С. [75], Мамардашвили М.К. [158], Абдилдин Ҷ.М. [63], Розентал М.М. [187], Ракитов А.И. [183], Розин В.М. [188], Степин В.С. [206], Баҳоваддинов А.М. [77], Болтаев М. [81], Осимӣ М. [176], Ғаффорова М. [97], Шарипов И.Ш. [240], Диноршоев М. [122], А. Турсун [218], Олимов К. [175], Музаффарӣ М. [170], Ҳазратқулов М. [230], Зиёӣ Х.М. [127], Маҳмадҷонова М.Т. [165], Қурбонов А.Ш. [147, с. 14-15], Шамолов А.А. [239], Додихудоев Х. [124], Назариев Р. [172], Диноршоева З.М. [123], Содиқӣ Н. [201] ва дигарон оид ба масъалаҳои ягонагӣ, генезис ва сохторбандии дониш дар тасвири муосири олам ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асосҳои методологии таҳқиқот дар диссертатсия инҳоянд: методи диалектикӣ; усули таҳлили сохторӣ-функсионалӣ; муносибати системавӣ. Дар кори илмии мазкур чунин усулҳои умумии илмӣ, ба монанди таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, хулосабарорӣ ва ташбеҳ, муқоиса ва таснифот низ истифода шудаанд. Дар диссертатсия кӯшиши муқоисаи мафҳумҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар фарҳангҳои гуногун низ сурат гирифтааст.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаҳои эмпирикии диссертатсияро мисолҳо ва таҳқиқоти мушаххас ташкил менамоянд, ки категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррадро ба воситаи мушоҳида, таҳлил, муқоисаи фарҳангӣ, омӯзиши матнҳо ва арзёбии татбиқи назарияҳо баррасӣ намудаанд. Дар таҳқиқот таҳлили муосири назарияҳои фалсафии Аврупо аз антиқа то фаласафаи Замони нав бо таъкид ба истифодаи мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад анҷом ёфтааст.

Пойгоҳи таҳқиқот. Диссертатсия дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» дар асоси таҳқиқоти илмии мустақилона ва бо риояи талаботи амалкунандаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Таҳқиқот дар кафедраи фалсафаи факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» , дар шакли таҳқиқоти илмии мустақил амалӣ гардидааст. Хулосаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (протоколи № 11 аз 24 июни соли 2025).

Аҳамияти амалӣ ва назариявии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки маводи он ва хулосаҳои дар таҳқиқот бадастовардашуда метавонанд дар соҳаҳои дониши фалсафӣ, чун таърихи фалсафа, онтология ва гносеология саҳми муайяне гузоранд.

Аҳамияти амалии ин таҳқиқоти илмӣ дар он аст, ки маводи он ва бозёфтҳо барои таълими курси асосии фалсафа, инчунин дар таҳияи курси «Онтология ва назарияи маърифат» ва курсҳои махсуси марбут ба онҳо муфид хоҳанд буд.

Арзиши методологӣ ва педагогии мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар омӯзиш ва таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар таълим ва илм истифодаи дурусти он на танҳо раванди донишомӯзиро самараноктар мекунад, балки имкони ташкили фикрро ба таври мантиқӣ, таҳлилӣ ва муназзам фароҳам меорад.

Навгонии илмии таҳқиқот:

- дар асоси таҳлили амиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии тасвири илмии олам, дар рисола нигоҳи нав ба шаклҳои ҳастӣ ҳамчун зерсохтори моҳиятии ин тасвир пешниҳод гардидааст, ки дар фалсафаи тоҷик ва ҷаҳонӣ то кунун бо чунин тавсифи системавӣ баррасӣ нашудааст;

- манбаъ ва таҳаввули мафҳумҳои асосии фалсафӣ оид ба шаклҳои ҳастӣ бори аввал дар доираи таҳлили муқоисавии таълимоти

мутафаккирони Юнони Қадим ва анъанаҳои фалсафаи Шарқ муайян ва ба таври таҳлилӣ таҳқиқ шудаанд, ки имкони тафсири дубораи раванди ташаккули тасвири илмии оламро фароҳам месозанд;

- хусусиятҳои тасвири шаклҳои ҳастӣ ва олам дар мактабҳои фалсафии асримиёнагӣ ва Замони нав бо дарназардошти заминаҳои фарҳангӣ-таърихии онҳо ба таври контекстуалӣ таҳлил шудаанд, ки ин равиш бори аввал барои таърихи фалсафа ва фаҳмиши фалсафаи классикӣ истифода шудааст;

- дар рисола таҳаввул ва такомули тасвири шаклҳои ҳастӣ дар фалсафаи схоластикӣ ва фалсафаи классикии немис (ба хусус дар осори И. Кант, Г. Гегел ва дигарон) мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, рафти шаклгирии тасвири илмии фалсафӣ шарҳ дода шудааст;

- дар натиҷаи таҳқиқ, хусусиятҳои назариявӣ ва методологии тасвири олам дар фалсафаи Шарқ ва Ғарб равшан гаштаанд. Таҳлили мафҳумҳо, истилоҳот ва усулҳои маърифат дар ин ду анъана заминаи ташаккули навовариҳои мафҳумӣ ва истилоҳиро фароҳам овардааст;

- дар рисолаи мазкур кӯшиш намудем бо такя ба таҳлили онтологии шаклҳои ҳастӣ, нақши онҳоро ҳамчун пояи ҳастишиносии фалсафӣ дар ташаккули тасвири илмии олам муайян намоем, ки барои таҳлили методологии сохтори воқеият аҳамияти назаррас дорад;

- дар рисола, тафсири гносеологӣ ва методологии шаклҳои ҳастӣ бо усулҳо ва шаклҳои маърифат дар таҳқиқи илмӣ пайваст карда шудааст, ки барои ташаккули як парадигмаи нави фаҳмиши илмӣ дар тасвири ҷаҳон замина фароҳам меорад;

- муайян шудааст, ки тасвири шаклҳои ҳастӣ ва тасвири илмии олам ҳамчун ҷузъи сохтории ҷаҳонбинӣ на танҳо унсури фалсафии тасвир, балки усули мураттаби маърифат ва таснифи зинаҳои он мебошад, ки то ба ҳол дар чунин сатҳи таҳлил истифода нашудааст;

- дар таҳқиқот равшан шудааст, ки пояи ташаккул ва инкишофи тасвири олам дар ақидаҳои фалсафии қадим дар бораи мақоми мақулаҳо

асос ёфта, кашфиёти илмӣ дар ин раванди таърихӣ на нақши аввалиндараҷа, балки такмилдиҳандаро иҷро мекунад;

- ҷузъҳои сохтории тасвири олам, ба ду навъи асосии онтологӣ ва гносеологӣ ҷудо гардида, сатҳи умумии онтологии он тавассути категорияи ҳастӣ ва сатҳи гносеологӣ тавассути қонунҳои диалектика ва фаъолияти ҳастӣ муайян карда шудаанд;

- мақулаи «муҷаррад» ҳамчун мафҳуме, ки умумиро дар воқеият ифода мекунад, дар муқоиса бо «кулл», ки дар сатҳи зеҳнӣ ҷой дорад, бори аввал дар таҳқиқот бо чунин дидгоҳи фалсафии муосири тоҷик пешниҳод шудааст;

- дар асоси таҳлили равияҳои фалсафии охири асри XIX ва нимаи аввали асри XX, аз ҷумла фалсафаи аналитикӣ ва феноменология, аҳамияти категорияҳои умумии фалсафӣ ҳамчун унсурҳои сохтории тасвири олам муайян гардидааст. Ин таҳлил ба равшан гардидани ҷараёни таърихии ташаккул ва таҳаввули мафҳумҳои фалсафӣ мусоидат мекунад;

- бори аввал мақоми ягонагии мақулаҳо дар тасвири олам ва нақши онҳо дар шаклгирии тасвири илмии олам дар фазои андешаи фалсафаи постмодерн баррасӣ гардидааст, ки барои таҳлили сохтории ҷаҳонбинии муосир замина фароҳам месозад;

- таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҷанбаҳои сохтории тасвири олам ҳамчун зуҳури ҷаҳонбинии илмӣ, ки дорои зарфияти худинкишоф ва низомсозӣ мебошад, дар фарҳанги иҷтимоӣ, сарфи назар аз тамоюли ғайриклассикии фалсафаи муосир, бо унсурҳои асосии сохтории онтологии фалсафаи классикӣ мутобиқ меоянд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.

- тасвири илмии олам дорои сохтори сеқабатаи онтологӣ мебошад: қабати ҷисмонӣ (моддӣ), қабати органикӣ (ҳаётӣ) ва қабати маънавию таърихӣ (шахсӣ ва иҷтимоӣ), ки ба тартиби мураттаб дар фалсафа ҳамчун сатҳҳои мураккаби ҳастӣ дарк мегарданд;

- шакли ягонагии олам тавассути маҷмуи унсурҳо, равандҳо ва сохторҳои гуногун зоҳир мешавад, ки дар тафсири муосири фалсафӣ ин шаклҳо тавассути мақулаҳои умумӣ ва муҷаррад ифода меёбанд;

- тасвири олам ҳамчун тасаввуроти сохторӣ ва категориявӣ, дар худ се ҷанбаи бунёдӣ дорад: онтологӣ (ҳастишиносӣ), гносеологӣ (маърифатшиносӣ) ва ҷаҳонбинӣ (тасаввуроти умумии инсон дар бораи олам);

- мақулаи кулл ҳамчун асоси категориявӣ, муттаҳидкунандаи гуногунии воқеият мебошад. Он инъикоси умумияти шаклҳои ҳастӣ дар низоми ягона мебошад;

- мақулаи махсус нақши пайвандгари байни кулл ва муҷаррадро иҷро мекунад. Он дар равандҳои воқеӣ ба таври миёна инъикосгари хусусиятҳои гурӯҳии падидаҳо мебошад;

- мақулаи муҷаррад шакли олии таҷассуми умумият дар заминаи фактҳои воқеии инфиродӣ мебошад, ки барои дарки мавҷудияти инфиродӣ ва шахсӣ замина фароҳам месозад;

- байни ин се мақула робитаи мантиқии сохторӣ ва системавӣ вуҷуд дорад: кулл тавассути махсус ва муҷаррад дар таҷриба ва тафаккур амалӣ мешавад;

- дар таърихи фалсафаи Ғарб, махсусан дар осори фалсафаи классикии немис ва фалсафаи асримиёнагӣ, мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад барои дарки сохтори воқеият ва тасвири олам истифода шудаанд;

- дар фалсафаи феноменологӣ тасвири олам ба падидаҳои шуур ва таҷрибаҳои муҷаррад мансуб аст. Экзистенсиализм бошад, ба мақоми муҷарради инсон дар олам такя мекунад;

- намояндагони структурализм ин мақуларо ҳамчун унсурҳои бунёдии шабакаи маъно ва сохторҳои маърифат дар забон ва тафаккур арзёбӣ мекунанд;

- дар равияҳои позитивизм ва постпозитивизм унсурҳои сохтории тасвири илмии олам тавассути таҳлили мантиқӣ ва таҷрибавӣ муайян мегарданд;

- постмодернизм бошад, тарҳҳои гуногун ва шаклҳои алтернативии тасвири оламро тавассути унсурҳои инфиродӣ ва мухталиф пешниҳод мекунад;

- мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад на танҳо абзорҳои мантиқӣ, балки воситаҳои ҷаҳонбинӣ мебошанд, ки барои шинохти олам, ҷомеа ва инсон аҳамияти бунёдӣ доранд;

- фалсафа вазифаи методологӣ ва роҳнаморо дар шароити буҳрони маърифати илмӣ иҷро мекунад, ки иборат аз ташкили фарзияҳои нави берун аз доираи донишҳои расмии илм мебошад;

- мафҳумҳои фалсафӣ тавассути мақулаҳо имкон медиҳанд, ки масъалаҳои мураккаби фалсафӣ равшан гарданд ва равандҳои таҳлилии дониш ва шинохт асоснок карда шаванд;

- дарки фалсафии тасвири олам дар заминаи методологияи таҳлили категорияҳои бунёдӣ шароити мусоид фароҳам менамояд, ки дар он ҷаҳон ҳамчун сохтори мураккаби маърифатӣ ва онтологӣ бо низом фаҳмида ва таҳлил мегардад. Ин гуна равиш имкон медиҳад, ки тасвири олам на танҳо ҳамчун маҷмуи тасодуфии падидаҳо, балки ҳамчун низоми ҳамбастаи маърифатию вуҷудӣ баррасӣ шавад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар он мафҳумҳои кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчун асоси методологии дарки воқеият ва ташаккули сохтори дониш дар заминаи фалсафӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Таҳқиқ ба равшан сохтани нақши ин мақулаҳо дар таҳаввули мафҳумҳои фалсафӣ, инчунин дар фаҳмиши равандҳои маърифатӣ ва сохтори онтологии олам мусоидат менамояд. Муаллиф тавассути таҳлили мантиқӣ ва таърихию фалсафии мақулаҳои зикршуда заминаҳои нави назариявии дарки низоми дониш ва муносибати инсон бо ҷаҳони воқеиро пешниҳод мекунад.

Аҳамияти амалӣ бошад, пеш аз ҳама, дар имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ дар равандҳои таълим ва омӯзиш зоҳир мегардад. Аз ҷумла, принсипи гузариш аз умумӣ ба махсус ва муҷаррад дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилотӣ васеъ татбиқ шуда метавонад. Ин равиш ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки раванди фаҳмондадиҳии маводро самараноктар гардонанд, донишомӯзонро ба таҳлили мантиқии мавод ҷалб намоянд ва пайванди назария бо амалияро дар зеҳни хонандагон мустаҳкам созанд.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои фалсафа, методикаи таълими фанҳои ҷомеашиносӣ ва рушди ҷаҳонбинии илмии донишомӯзон ба таври муассир истифода шаванд. Ҳамин тариқ, таҳқиқ на танҳо барои тавсеаи донишҳои фалсафӣ, балки барои соҳаҳои вобаста ба таълиму тарбия ва омӯзиши равандҳои маърифатии инсон низ аҳамияти бузург дорад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро хулосаи боэътимоди таҳқиқот бо мазмуни баланди ахборотии матн, инчунин маълумоти саҳеҳ, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ ва интишороти муаллиф асоснок менамояд. Дар асоси таҳлили илмии масоили дар диссертатсия гузошташуда, натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ ва хулосаҳо пешниҳод карда шудаанд. Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқот баёнгардида бо истифодаи асарҳои бунёдии олимон ва муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки масъалаҳои ба воситаи категорияҳои фалсафӣ тасвири оламро аз ҷониби файласуфони гузаштаву муосир баррасӣ намуданро таҳия кардаанд, тасдиқ карда мешаванд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Дар раванди таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия кӯшиш намудааст, ки тасвири

оламро дар таърихи фалсафа бо муҷодалаҳо мустақилан таҳлил ва ҷамъбаст намуда, моҳияти масъаларо дар сатҳи мафҳумҳо ошкор намояд ва дар асоси натиҷаҳои бадастомада то ҳадди имкон дар доираи ин ё он миқёси муайян таърифи тасвири оламро мустақиман муайян созад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи фалсафаи Факултети сиёсат ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (суратмаҷлиси №11 аз 24 июни 2025 с.) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи устодону профессорони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва байналмилалӣ дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, маводи конференсияи илмӣ - назариявии байналмилалӣ таҳти унвони: “Сиёсати Пешвои миллат имконот барои баррасии масоили муҳими фалсафа” Конференсияи илмӣ–назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 115-солагии академик Б.Ғафуров дар мазуи “Бобоҷон Ғаҷуров – муаррифгари таърих ва тааддуни тоҷикон” Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав соли 2023; “Омӯзиши донишҳои бунёдӣ ва вазъи он дар замони муосир”. Конференсияи илмӣ–назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «мактаби сарварии Пешвои миллат». 2023; ”Дониши назариявӣ ҳамчун заминаи пешрафти илм, таҳаввулоти илмӣ-техникӣ ва ояндаи инсоният: ҳолат ва дурнамо. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, А.Рӯдакӣ. 2025; “Таҳаммулпазирӣ дар низоми фалсафии Ҷалолуддини Балхӣ” Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Мавлонои балхӣ дар фарҳангу адаби милливу умумибашарӣ». Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав. 2024; ”Абунаср Форобӣ асосгузори афкори сиёсии фалсафаи тоҷик”. Симпозиуми байналмилалӣ дар мавзуи “Таълимоти фалсафӣ-иҷтимоии Абунасри Форобӣ: моҳият ва

аҳамият барои ҷаҳони муосир”. Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ. 2024.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаю дастовардҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 29 номгӯи таълифоти илмии диссертант ифода ёфтаанд, ки 19-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба нашр расонида шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Сохтори диссертатсия бо ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии он муайян карда шуда, аз муқаддима, чаҳор боб, ки даҳ зербобро дар бар мегиранд, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми аз 369 саҳифаи матни чопи компютерӣ омода шудааст.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ БАРРАСИИ ТАСВИРИ ИЛМИИ ОЛАМ ВА САРЧАШМАҲОИ ОН

1.1 Асосҳои назариявию методологии баррасии тасвири илмии олам, шаклҳо ва тасвири он тавассути тавсифи ҷанбаҳои моҳиятии шаклҳои ҳастӣ

Мафҳуми «тасвири илмии олам» ҳамчун як унсури муҳимми сохтори консептуалии фалсафа ва методологияи илмӣ, асосан бар пояи омӯзиши равандҳои ташаккули назарияҳои илмӣ ва таҳлили далелҳои таҷрибавӣ, бо дарназардошти ҷараёни тақсимшавӣ ва ҳамгироии донишҳои илмӣ шакл гирифтааст. Дар ин раванд, ҳам табиатшиносон ва ҳам файласуфон саҳми назаррас гузоштаанд.

Албатта, бо дарназардошти хусусияти таърихии дониш ва таҷрибаи инсоният, дар ҳар як зинаи инкишофи ҷомеа тасвири олам шакл ва мазмуни гуногун мегирад, ки ҳамдигарро иваз ва такмил мекунанд. Ин тафовут на танҳо аз сатҳи тараққиёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа, балки аз ҷаҳонбинии инсон ва мавқеи маърифативу арзишии ӯ низ маншаъ мегиранд.

Дар замони муосир мафҳуми тасвири илмии олам дорои чандин тафсир ва равишҳои таҳлилӣ мебошад. Аз як тараф, он ҳамчун шакли ҷамъбасти донишҳои бадастомада аз илмҳои табиатшиносӣ, бахусус физика, ки дар ташаккули ин тасвир нақши муҳим ва бунёдӣ дорад, маънидод мешавад. Аз ҷониби дигар, он дар партави равандҳои ҳамгироӣ дар методология ҳамчун яке аз воситаҳои умумисозии донишҳои илмӣ арзёбӣ мегардад.

Илова бар ин, тасвири илмии олам маҷмуи донишҳоро дар бораи падидаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ фаро гирифта, дар айни замон ба ташаккул ва таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ мусоидат менамояд.

Тасвири илмии олам бо фарҳанг ва сатҳи рушди маънавии ҳар як давраи таърихӣ пайванди зич дошта, лоиҳаҳо ё амсилаҳои умумӣ ва хусусии илмӣ ҳамчун василаҳои миёнарав байни назарияҳои ҷузъӣ ва фазои фарҳангии замон хизмат мекунанд.

Тасвири илмии олам ҳамеша бар пояи принсипҳои муайяни фалсафӣ ташаккул ёфтааст. Бо вуҷуди он ки ин принсипҳо нақши муҳим мебозанд, онҳо наметавонанд мустақиман тасвири илмии оламро таъмин намоянд ва онро иваз кунанд. Манзараи илмӣ дар доираи худи илм тавассути умумисозӣ ва синтези дастовардҳои муҳимми илмӣ шакл мегирад. Принсипҳои фалсафӣ ба ин раванд роҳнамоӣ мекунанд ва ба натиҷаҳои бадастомада хусусияти назариявӣ медиҳанд.

Тасвири илмии оламро метавон ҳамчун шакли махсуси дониши назариявӣ арзёбӣ кард, ки предмети таҳқиқотро дар мувофиқа бо марҳалаи муайяни таърихии рушди илм ифода менамояд. Ин манзара воситаи муттаҳидсозӣ ва ба низом даровардани донишҳои соҳавие мебошад, ки дар равандҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ ба даст оварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, тасвири олам ин маҷмуи донишҳои ҷаҳонбинӣ дар бораи олам ва ҷойгоҳи инсон дар он мебошад. Ин тасвир дорои сохтори мураккаб, серқабат ва динамикӣ буда, аз шаклҳои сершумори пайваста тағйирёбандаи диалектикӣ иборат аст. Агар онро бо тасвири моддӣ муқоиса кардан мумкин бошад, пас шояд танҳо тасвири голографӣ мувофиқ бошад, ки имкон медиҳад ҷаҳонро аз ҳар ҷиҳат ва дар ҳар гуна проексия тамошо ва дарк кард.

Қобилияти ба кор бурдани мафҳуми «тасвири олам» дар вазифаи заминавии худ асоси муътамад барои дарки амиқи пояҳои фарҳангӣ ва табиати худи илм ҳамчун ҷузъи фарҳанги ҷомеаи муосирро фароҳам месозад. Ин мафҳум ҳамзамон имконият медиҳад, ки шаклҳои гуногуни методологияи илмӣ таҳлил ва ба низом дароварда шаванд. Илова бар ин,

он метавонад воситаи муассири коҳиши номутаносибӣ байни соҳаҳои илм ва таҳкими робитаҳои байнисоҳавӣ гардад.

Ҳамин тариқ, хусусияти тасвири илмии олам ҳамчун падидаи фарҳангӣ, пеш аз ҳама, ба моҳияти назариявии он вобаста аст. Тасвири илмии олам ҳамчун мафҳуми махсуси ҷаҳонбинӣ амал мекунад ва равияи муайяни дидаву дарки воқеиятро баён менамояд. Он ба низоми функсияҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ шомил буда, тарзи мушаххаси дарки оламро муайян мекунад ва ба ин васила, ба хусусиятҳои шинохти илмии инсон ҳамчун субъекти маърифат такя мекунад.

Яке аз шаклҳои тасвири илмии олам тавассути тавсифи ҷанбаҳои моҳиятии шаклҳои ҳастӣ сурат мегирад, ки зимни он мақулаҳо ҳамчун шаклҳои аввалияи тафаккур, аз ҷумла кулл, махсус ва муҷаррад ба ҳайси яке аз унсурҳои марказии низоми фалсафии шинохту маърифат ба ҳисоб мераванд. Онҳо имконият медиҳанд, ки таҷрибаи парокандаи инсон ба низоми мантиқӣ табдил ёбад. Дар фалсафаи Юнони қадим, мафҳумҳои болозикр барои ҷудо кардани идеал ва зуҳурот, мақом ва фаъолияти шахсӣ, инчунин барои таҳлили таносуби инсон ва табиат истифода мешуданд. Арасту дар асараш «Метафизика» нишон медиҳад, ки фарқгузории кул ва махсус имконияти таҳлили мантиқии падидаҳоро фароҳам меорад. Дар фалсафаи исломӣ низ, ин мафҳумҳо мавқеи хос доранд. Файласуфоне монанди Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино байни зоти умумӣ ва ҳолатҳои инфиродӣ фарқ мегузоштанд, ки ин барои рушди мантиқ ва методологияи илмии ҳам Шарқу ҳам Ғарб замина гузошт. [264,265,266,268].

Пайдоиш, ташаккул ва инкишофи мақулаҳои кул ва муҷаррадро дар раванди таърихию фалсафӣ баррасӣ намуда истода, дар асоси таҳлили онтологӣ ва гносеологии онҳо ҷиҳатҳои муҳимми ҳар як мақулаи зикршударо ошкор мекунем.

Як соҳаи муайяни воқеиятро муайян карда, ин ё он «қисмати ҳастиро»-ро муқаррар намуда, чиро умумӣ номидан мумкин аст?

Мақоми онтологии умумияти як тамоюл ё фактро дар пеши ҳамаи дигарон чӣ гуна муайян ва асоснок кардан мумкин аст? Барои ба ин савол ҷавоб додан ба як саволи дигари муҳим ҷавоб додан лозим аст. Агар мо худи умумияти ҳастиро ҳамчун «ҳастии ба таври объективӣ вуҷуддошта» гирем, оё мумкин аст, ки ягон тамоюли ибтидоиро, ки тамоми шаклҳо, намудҳо ва минтақаҳои дигари ҳастиро муайян ва миёнаравӣ мекунад, ошкор намоем? Ба ҳамаи ин гуна саволҳо бе таҳлили пешакии категориалии муносибати байни умумӣ ва муҷаррад ҳамчун тасаввуроти муайяни перспективии ҳастӣ ҷавоб додан мумкин нест.

Муносибати мантиқии байни ин мафҳумҳо одатан ба воситаи иерархияи онҳо тасвир мешавад. Дар боло мақулаи кулл қарор дорад, ки ба доираи васеи объектҳо дахл мекунад. Пас аз он мақулаи махсус ҷой мегирад, ки танҳо як бахши ин доираи умумиро ифода мекунад. Дар поён бошад, мақулаи муҷаррад қарор дорад, ки танҳо як объекти мушаххасро баён месозад.

Масалан, агар мо мафҳуми умумии «наботот» (растаниҳо)-ро гирем, он ҳамаи намудҳои растаниро дар бар мегирад. Дар сатҳи махсус, мо метавонем мафҳуми «дарахт»-ро ҷудо кунем, ки фарогири як гурӯҳи мушаххаси наботот мебошад. Ниҳоят, дар сатҳи муҷаррад, мо метавонем «як себи сурх»-ро дар назар дошта бошем, ки як объекти алоҳида ва мушаххасро ифода мекунад.

Ин муносибат на танҳо дар фалсафа, балки дар тамоми илмҳо ва донишҳо низ татбиқ мешавад. Дар илм, махсусан илмҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, чунин сохтори мақулавӣ барои таҳлили маълумот ва таҳияи таснифоти илмӣ истифода мегардад. Дар ин раванд мебинем, ки дар таърихи фалсафа мутафаккирони даврaҳои гуногун барои ташхис, таҳлил ва баёни падидаҳо аввал онҳоро ба таври умумӣ мефаҳманд, сипас онҳоро ба гурӯҳҳои хос тақсим мекунанд ва ниҳоят, ба мавқеи ягона ва мушаххас мерасанд.

Ин равиш ба инсон кумак мекунад, ки воқеиятро ба таври муназзам дарк кунад ва онро ба қисматҳои фаҳмо табдил диҳад. Муносибати байни кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчунин дар равандҳои таълимӣ ва тарбиявӣ низ нақши муҳим мебозад. Масалан, дар раванди таълим, омӯзгор аввал мафҳумҳои умумиро муаррифӣ мекунад, сипас ба шарҳи ҷузъиёти хос ва ниҳоят, ба мисолҳои мушаххас мегузарад.

Ҳамин тавр, ин се мақула на танҳо шаклҳои мантиқии фикрро ташкил медиҳанд, балки ҳамчун воситаи муҳимми маърифатӣ барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва рушди ақлонии инсон хизмат мекунанд.

Фаҳмиши амиқи нақши мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар илму техника дар ҷомеаи муосир, ки бо густариши босуръати донишҳои илмӣ ва технологияҳои нав тавсиф меёбад, на танҳо барои муҳаққиқон ва олимон, балки барои ҳар як фарди ҷомеа аҳамияти ҳаётан муҳим дорад. Ин мафҳумҳо барои системанок сохтани дониш, таҳлили равандҳои мураккаби табиат ва ҷамъият ва қабули қарорҳои асосноки амалӣ хизмат мекунанд.

Аҳамияти амалӣ ва татбиқии баррасии ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад на фақат дар соҳаҳои фалсафӣ ва илмӣ, балки дар муҳити фарҳангии муосир, аз ҷумла дар адабиёт, кино ва санъат, ҳамчун абзорҳои муҳимми маърифатӣ ва тафсири воқеият истифода мешаванд. Ин мақулаҳо воситаҳои тавсифи воқеият, таҳлили ҳодисаҳо ва ифодаи эҳсосоти инсон мебошанд. Дар адабиёт, мафҳуми кулл метавонад ҳамчун мавзуъ ё мундариҷаи асосӣ, масалан, «шаҳрванд», «ваҳдат», «одамгарой» ифода шавад. Ҳар як асар метавонад дар доираи мафҳуми махсус, мисли «шиорҳои ҷамъиятӣ дар романҳои тоҷикӣ» ё «фарҳанги маҳаллӣ дар романи «Норак» таҳлил гардад. Ҳамзамон, образҳои ягона, яъне персонажҳои мушаххас бо хусусиятҳои инфиродӣ, эҳсосот ва рафторҳои нодир дар маркази диққати хонандагон қарор доранд.

Ин тартиб ба хонанда имконият медиҳад, ки ҳам ҷаҳони куллро дарк намояд ва ҳам таҷрибаи мушаххаси як инсонро эҳсос кунад. Дар натиҷа, адабиёт ҳамчун воситаи иртибот байни кулл ва муҷаррад амал менамояд.

Дар санъат ва кино низ ин мақулаҳо ба таври васеъ истифода мешаванд. Масалан, киностудияҳо аксаран мавзуъҳои умумии инсонӣ - муҳаббат, адолат, муборизаро ҳамчун асос мегиранд. Маъноҳои махсуси фарҳангӣ ва ҷуғрофӣ дар рафти нақшофарӣ дар филм ва асарҳои санъат зоҳир мешаванд ва персонажҳои ягона бо хусусиятҳои шахсӣ ва ихтисосӣ эҷод мегарданд.

Филмҳо ва осори санъат, дар баробари инъикоси воқеиятҳои таърихии ҷаҳонӣ ва умумӣ, метавонанд таҷрибаҳои шахсӣ ва рӯйдодҳои маҳаллиро низ ба тасвир кашанд, ки ин ба тамошобин ё хонанда имкон медиҳад то ба онҳо ҳамнавоӣ ва иртиботи эҳсосӣ барқарор намояд.

Дар ҷаҳони муосир, бо тавсеаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва оммавияти иттилоот, аҳамияти дарк ва фарқ кардани категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад афзудааст. Мафҳумҳои кулл ва ё умумӣ метавонанд ҳамчун рамзҳои глобалӣ барои ҳамбастагӣ хизмат кунанд, вале эҳтиром ба хусусиятҳои махсус ва шахсиятҳои муҷаррад низ зарур аст, ин имкон медиҳад, ки гуногунрангӣ ва фарқият ҳифз шаванд.

Фарз кардем, ки худи кулл дар кадом шакле, ки набошад, ҳамеша ҳамчун мафҳум, қонуне ба назар мерасад, ки худро ба муҷаррад, ба ин ё он гуногунии падидаҳо, далелҳо, равияҳо, равандҳои моро иҳотакунанда ва ғ. «меандозад». Дар ин маврид ин қонун ҳамеша бо ин ё он мазмуни мушаххас, ки нисбат ба он ҳамчун қонун амал мекунад, шарҳ дода мешавад ё ба ин ё он дараҷа моҳият, шакл, мафҳуми қонун аст? Дар мавриди аввал вожаи «қонун» ном аст, номи майлҳои гуногун, ки ягон умумият надоранд, дар мавриди дуюм, қонун воқеияти муайянкунандаи қонун чун мафҳум мебошад. Дар сурати охирӣ мо бояд воқеияти

додашударо ба таври қатъӣ асоснок кунем, аз мафҳуми кулл ё қонуни додашуда мазмуни тағйирнаёбандаи онро барорем

Ин гуна мазмуни тағйирнаёбанда, категориалии мафҳуми умумӣ ё қонун мантиқи умумии амал, «механизм»-и нишон додани худ ҳамчун мафҳум нисбат ба муҷарради «худ» мебошад. Яъне, мазмуни категориалии ин мафҳум, мантиқи татбиқи он, муаррифии он ба таҷассуми мушаххаси он, ки дар як мафҳум оварда шудааст, ба ҳеҷ ваҷҳ мувофиқат карда наметавонад. Аммо «вобастагии онтологии» муҷаррад аз умумӣ ногузир боиси таҷассуми тамоюли умумӣ дар ин ё он мазмуни муҷаррадӣ мегардад. Худи таҷассуми «кулл» дар гуногунрангии намояндагони муҷаррад имкони «мулоҳиза», аз муҷаррад, алоҳида баровардани мафҳуми умумиро дар бар мегирад. Дар дохили худ ва барои худ гузариш, миёнаравиро аз хусусиятҳои хоси ин ё он далел амалӣ намуда истода, дар ин далел дидани тамоюли умумии ин ё он қонун ба назари мо имконпазир аст, ба шарте ки мо аз ҷиҳати методологӣ мавҷудияти умумиро ҳамчун воқеияти махсус дар ҳастӣ раво ҳисобем.

Ба фикри мо, муносибати умумӣ (чун қонун ё маҷмуи мафҳум) ва муҷаррад, таҷассуми умумӣ дар муҷаррад мантиқи объективии воқеият аст, аммо ин мантиқ «берун аз сари инсон», «берун аз субъекти маърифат» ба амал меояд ва аз ин рӯ, дар худи фазои шуури фардӣ объективияти онро дарк кардан душвор аст. Метавон гуфт, ки мантиқи даркшавии кулл дар муҷаррад воқеияти объективӣ аст, чунки ин мантиқ «...далели ҳақиқати аз субъекти дарк вобастанабуда аст, ки метавонад дар шуури коллективии инсон инъикос ёбад» [6].

Чуноне ки В.А. Босенко дуруст мешуморад, ифодаи умумӣ дар муҷаррад ҳамчун факти объективии воқеият, ҳамчун воқеияти объективӣ, аз як тараф, бо «пуррагии категориалӣ» дар мазмуни индивидуалии умумӣ муайян карда мешавад ва аз тарафи дигар, ин пуррагӣ дар шакли миёнаравии худ ифода меёбад, зеро дар шакли

мушаххаскунандаи муҷаррад умумӣ маҳз ба воситаи миёнарав амалӣ мегардад [82].

Барои мо қайд кардан принсипан муҳим аст, ки мақулаҳои умумӣ ва муҷаррад дар худ на танҳо тамоюли умумӣ ва таҷассуми «шикаста»-и онро дар ин ё он факти алоҳида, муҷарради додашудаи ҳиссӣ ифода мекунанд. Аввалан, ин категорияҳо ҳамчун мафҳумҳо дар худ мазмуни фалсафии зиёде доранд, ки мо бояд дар оянда онҳоро ошкор кунем. Сониян, шуури коллективии инсоният ин категорияҳоро ҳамчун усулҳои универсалии фаъолият барои муайян кардани моҳияти падидаҳои алоҳидаи воқеият шарҳ медиҳад. Чуноне ки Г.С. Батишев қайд мекунад, «Ҳангоми дарки ин усулҳои универсалии фаъолият на аз ҷониби мавҷудияти объективӣ, балки аз ҷиҳати мазмуни ботинии онҳо, онҳоро аз рӯи моҳият ҳамчун схемаҳои транссенденталии синтези Кант муайян кардан мумкин нест» [72].

Яъне, худи умумӣ ҳамчун мафҳум, ҳамчун тарзи фаъолият «дар худ ва барои худ» моҳияти худро дар робита бо предмети муайян дарк намуда, умумияти худро дар он ифода мекунад. Умумӣ ҳамчун мафҳум моҳияти предметро тавассути ифшои мантиқи махсуси консептуалӣ ифода мекунад, ки «вектори кулл»-и мавҷудияти гуногунрангӣ, бойигарии ҳама зуҳурот ва аз ин ё он ҷиҳат роҳҳои гуногуни баёни ин объектро муайян мекунад.

Барои исботи гуфтаҳои боло мо қонуни ҷозибаи умумиҷаҳониро, ки вобастагии қувваи байни ҷисмҳо, ҳосили зарби вазни онҳо бо таносубияти баргардандаи мураббаъи масофаи байни онҳо муқаррар мекунад, мегирем. Гарчанде ки ин қонун робитаи кулл ва зарурироро дар байни қувва, вазн ва масофаи ҳама гуна ҷисм ифода кунад ҳам, аммо ин алоқа танҳо як шакли махсус ва мушаххас буда, дар асл аз дигар шаклҳои мушаххас фарқ надорад. Дар худи махсусияти ин алоқа қувваи вазнинӣ дар замин ё дар моҳ бевосита нест, дар он инчунин шитоби афтиши озод дар рӯи Замин, Моҳ, Марс ва ғайра вуҷуд надорад. Дар ин

алоқа на қонунҳои якум, на дуюм ва на сеюми Кеплер вуҷуд надоранд. Дар формулаи дар боло зикршуда танҳо як хусусияти махсуси вобастагии қувва аз вазн ва масофа мавҷуд аст. Аз нуқтаи назари «ақли солим» ва шарҳи расмӣ-мантиқии мафҳумҳо ин гуна вобастагӣ танҳо хусусияти хоси равандҳои гуногунранг, инчунин дигар хусусиятҳо мебошад, масалан: қобилияти ҳаракат кардани ҳама гуна ҷисм бо суръати якхела, бо қатъи назар кардани муқовимати ҳаво дар масофаи наздик. Аммо, вобастагии якум дорои ҷиҳатҳои умумист ва дуюмаш не, гарчанде ки онҳо ҳар ду танҳо шаклҳои махсус мебошанд. Аммо, сухан сари он аст, ки вобастагии байни қувва, вазн ва масофа асоси аз ҷиҳати генетикӣ ибтидоӣ аст; аз ин шакли мушаххаси додашуда шаклҳои дигари махсусро ба вуҷуд овардан лозим аст, яъне ин вобастагӣ дар робита бо тамоми аломатҳои дигар нахустмабдаъ мебошад. Мо инчунин қайд мекунем, ки хусусияти хоси вобастагии мутақобила аз вазн ва масофа барои ақли солим бо мантиқи раванди ташаккули системаи офтобӣ ё раванди ташаккули «сӯрохии сиёҳ» дар бурҷи Қавс ҳеҷ алоқамандие надорад. Аммо, объективона чунин алоқа вуҷуд дорад ва зиёда аз ин, маҳз ҳамин вобастагӣ абстраксияи аз ҷиҳати ирсӣ (асоси умумӣ) ибтидоӣ барои ошкор намудани моҳияти раванди дар боло зикршуда мебошад.

Як ҷанбаи хеле муҳимми мисоли дар боло овардашуда дар он аст, ки кулл дар ибтидо аксар вақт дар назди субъекти дарк дар шакли далели додашудаи ҳиссӣ ифода меёбад ва аҳамияти ин далел маҳз дар «хусусияти мушаххаси» он аст, ки «нуктаҳои умда»-и мантиқии нави пайдошудаистода ҳамчун асоси муҳимми системаи дигар фактҳои аз он ҳосилшуда мебошад. Дар ҳолати охирӣ, лаҳзаи ифодаёбии худи умумиро дар махсус муқоиса мекунем ва ин гуна ифодаёбӣ амалест, ки аз субъекти дарк вобаста нест. Ҳамин тариқ, ин амалест, ки мо метавонем онро ҳамчун як навъ воқеияти объективӣ шарҳ диҳем. Аз муқаррароти зерин маълум мешавад, ки чи тавр бо доштани факти додашудаи ҳиссӣ, умумияти маҷмуи муайяни падидаҳоро ошкор кардан мумкин аст, вале

ба шарте ки ин факт «абстраксияи генетикӣ-аслӣ» бошад. Барои ин, зарур аст, ки хусусияти факти махсуси омӯхташуда таҳлил карда шавад, яъне, хусусиятҳои ин далели воқеиро асос гирифта, тавассути алоқаи сабабу тафтиш ба маҷмуи махсусиятҳои дигар, ба гуногунрангӣ ва пуррагии охирӣ гузаштан зарур аст. Чунин бойигарии хусусиятҳои муҷарради комили падидаҳои таҳқиқшаванда дар ягонагӣ бо мантиқи зарурати татбиқи онҳо дарки умумияти ин ягонагии комилро муайян менамояд ва дар ниҳояти кор мафҳуми онро ошкор месозад. Ин консепсия, ба гуфтаи Б.С. Сладков, «ягонагиро дар гуногунрангии» тамоми бойигарии фактҳои эҳсоскардашудаи додашуда дар бар мегирад [200].

Дар заминаи андешаҳои дар боло зикршуда мушкилоти муносибати тамоюли умумӣ ба ягонагӣ, беназирии факти аввал на ҳамчун мушкилоти муносибати тасвири умумикунонидишудаи «якхелагӣ» ба ҳақиқати объективии эҳсосшудаи додашуда (қайд мекунем, ки усули расмӣ-мантиқӣ чунин навъи муносибатҳоро маҳз ҳамин тавр шарҳ медиҳад), балки ҳамчун мушкилоти муносибати фактҳои эҳсосшудаи додашуда ба дигар фактҳои эҳсосшудаи додашуда ба миён меояд. На он қадар муносибати субъективӣ ба объективӣ (ба мисли муносибати ирсӣ-зотӣ ба мантиқи расмӣ), балки муносибати объективӣ ба объекти мантиқӣ «кашида гирифтани» умумиро дар воқеияти объективӣ ифода мекунад. Ва бояд гуфт, ки барои ташхиси факти махсуси таҳқиқшаванда вобаста ба «умумият будан» ё «умумият набудани» он ҳаминро муайян кардан зарур аст, ки оё ҳамин факти махсус асоси умумӣ, абстраксияи аз ҷиҳати генетикӣ аввалро, ки аз инкишофи он ҳамаи дигар падидаҳои махсуси ин низоми дақиқ фаҳмида шуда метавонанд, ифода мекунад ё не?

Умумии воқеӣ ҳамчун мафҳуми «дар худ ва барои худ» бо тамоми махсусияти худ бояд раванди воқеии таърихии рушди маҷмуи таҳқиқшавандаи падидаҳоро ҳамчун муҷарради охирин муайян намояд. Аммо, аз тарафи дигар, умумӣ ба назари мо он воқеияти объективиест,

ки дар мундариҷаи махсуси худ зарурати пайдоиш ва рушди тамоми гуногунрангӣ, бойигарӣ, комилияти равандҳои ҳақиқати моро иҳотакунандаро дар бар мегирад. Ба ибораи дигар, умумӣ акнун дар назари мо на ҳамчун абстраксия, балки ҳамчун як факти воқеии объективӣ пайдо мешавад.

Қайд мекунем, ки чунин як фикри гӯё равшан (на он қадар абстраксия, балки факти воқеии ҳақиқат) аксар вақт дар таърихи илм барои чудо кардан ва дарки умумии воқеӣ дар ин ё он раванди ҳақиқат ҳамчун як монеаи бартарафнашаванда баромад мекард.

Дар ин ҷо мо қайд мекунем, ки мушкилоти тафсири кулл ҳамчун абстраксия, на ҳамчун далел, ба мушкилоти тафсири умумӣ ҳамчун баробарии одӣ, аз гуногунрангии эҳсосотӣ таҷридкардашуда ба ҳам зич печидаанд. «Қолаби» консептуалии умумӣ ҳамчун мафҳуми «дар худ ва барои худ» набояд муҳаққиқро ба хулосае оварад, ки мафҳуми умумӣ абстраксия аст. Баръакс, худи мафҳум ҳамчун мафҳум исбот мекунад, ки мафҳум ҳамчун образи таҷрид ва ҷамъбасткардашудаи ин ё он равандҳои ҳақиқат шарҳ дода шуда наметавонад.

Умуман, дар ин ё он раванди яклухт ба сифати умумии мушаххас чунин факти махсуси воқеие баромад карда метавонад, ки «берун аз мағзи сари одам» шакли умумии рушди ин яклухтиро ифода мекунад. Чунин умумии мушаххасро ба таври образнок бо «гандум» шабеҳ додан мумкин аст, ки аз як тараф, ҳамчун шакли махсуси растанӣ ва аз тарафи дигар, ҳамчун умумии ҳақиқати он баромад мекунад ва дар он ҳамаи дигар ҷузъҳои растанӣ дар шакли ниҳонӣ вуҷуд доранд [207].

Мафҳуми умумии «дар худ ва барои худ» таҷассуми мантиқии муҷарради комили воқеиятҳои сершакл ва гуногунпаҳлуи ҳастӣ мебошад, ки қобили пур шудан бо мундариҷаҳои гуногуни ҳиссӣ ва аёнӣ мебошад. Вале дарки моҳияти гуногунрангии падидаҳои воқеият тавассути ин мафҳум танҳо аз лаҳзае оғоз меёбад, ки шакли муайян ва хосе ҳамчун нуқтаи ибтидоии генетикии ин бисёррангӣ ошкор гардад. Аз

ҳамин асос, дигар шаклҳои махсус тибқи мантиқ ва зарурати дохилии худ инкишоф меёбанд. Ҳамзамон, таъкид бояд кард, ки хусусияти ибтидоии шакли «аввал» (масалан, гандум ҳамчун зербинои мушаххаси умумият, ё факти генетикии аввалин) ба воситаи дараҷаи муайяни миёнаравии хосияти инфиродии худ, зарурати ҳаракат ба сӯи фаҳмиши муҳтавои дигар хусусиятҳои махсусро баён мекунад. Худи ин умумияти мушаххасу мушаххасии падидаҳо, ки дар зоҳир ба таври «баста» ва ҳанӯз инкишофнаёфта ифода меёбад, дар худ имкони таҳдиди мантиқии ҳамаи шаклҳои умумиятро дар мафҳум на дар шакли мустақим, балки ҳамчун шароити ибтидоии зерини рушди минбаъда нигоҳ медорад.

Минбаъд, барои аз ин махсусият баровардани мантиқи умумии рушди умумӣ зарур аст, ки ин махсусият ба умумӣ ҳамчун мафҳум «дароварда шавад» ва дар ин махсусият «тобиши консептуалии» умумиро дидан зарур аст. Дар асоси охирӣ имконпазир аст, ки синтези («пайванд»)-и ин хусусиятҳои дигари омӯхташуда амалӣ шавад. Дар баробари ин, худи мантиқи тамоюли умумӣ, ки дар факти хоси ибтидоии худ фақат абстрактӣ, дар шакли факти алоҳида ва ҳатто муҷаррад баромад мекард, акнун «берун мебарояд» ва ба таври мушаххас дар шакли худи тафсири умумӣ баромад мекунад.

Қайд кардан муҳим аст, ки ин гуна раванд ду шакл дорад, шакли таърихӣ ва мантиқӣ. Шакли таърихӣ тамоюли гузариши «махсуси аз ҷиҳати генетикии асил»-ро ба шаклҳои гуногунранги муҷаррад, ки якҷоя як навъ раванди таърихии интегралиро ифода мекунанд, таҷассум мекунад. Шакли таърихӣ ҳамеша равандест, ки дар таърихи воқеӣ «берун аз сари шахс ҳамчун субъекти дониш» ба амал меояд. Ин шакл бо нобаробар будани татбиқи он хос аст. Дар ин ҷо унсурҳои тасодуфӣ мавҷуданд, ки онҳо, албатта, заруратро муайян мекунанд, вале бинобар мавҷудияти онҳо худи раванд характери беназир пайдо мекунад. Маҳз аз ҳамин сабаб, ҳар як раванди таърихӣ ба ин ё он дараҷа беҳамто буда, аз ҷиҳати шакл такрор шуда наметавонад. Шакли таърихии раванди ҷараён

аксар вақт бо «дар як ҷой қадам задан» дуршавии муваққатӣ, кӯтоҳмуддат ва ё баръакс дуру дароз аз роҳи умумии рушд ҳамроҳ мешавад.

Ба шакли мантиқӣ ифодаи «идеалӣ»-и он дар шуури шахс ҳамчун субъекти дарк хос аст. Чунин тасаввурот раванди таърихии ба таври объективӣ баамаломадаро ба таври идеалӣ ва «ҳамвор» инъикос мекунад. Худи ҳамон тасвири идеалӣ (мантиқӣ), чун қоида, тавассути синтези категориявӣ амалӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, мантиқӣ дар баробари идеалии худ, инчунин бо «тобеъияти» категориаш фарқ мекунад. Яъне, дар шакли мантиқӣ раванди таърихӣ ба тамоюлҳое, ки бо зарурат ба амал меоянд (яъне хусусияти умумӣ доранд) ва тамоюлҳое, ки танҳо омезиши як қатор ҳолатҳо мебошанд, ба таври равшан ҷудо карда мешаванд. Пеш аз ҳама, онҳо дар категорияҳои тасодуфӣ ва ягонагӣ пешниҳод карда мешаванд (дар ин ҳолат, истифодаи чунин истилоҳ ба монанди «ягонагии бад» боз ҳам мувофиқтар аст) [214, с. 140].

Умуман, дар худи раванд тақсим кардани ҳам тамоюли умумӣ (мантиқи умумии рафти ин раванд) ва як факти муҷаррад (бетакрор будани ҳодисаи алоҳида, ки ба худ хос аст), пеш аз ҳама, ба худи раванд вобаста аст ва то андозае кулл, то андозае зарурӣ, то андозае тасодуфӣ мебошад. Субъекти дарк танҳо ин равандро «тобеъ» мекунад, пеш аз ҳама, дар асоси он системаи категорияҳоро ҳамчун роҳҳои «фаъолияти тафаккур» истифода мебарад, ки дар ниҳояти кор ба ин субъект барои дарки воқеияти таҳқиққардааш мусоидат мекунад. Доир ба ин масъала П.В. Копнин дуруст қайд мекунад, ки системаи категорияҳо «...ба сифати воситаи махсуси дарк амал мекунад» [147] ва ин дар давоми чандин ҳазорсолаҳо дар натиҷаи «тағйири фаъоли табиат аз ҷониби инсон» ташаккул ёфтааст.

Ин гуна мулоҳизаҳо ба шартҳои пешакии маълуми методологӣ асос ёфтаанд, ки асоси конкретию умумии гуногунрангии системаи категорияҳое мебошад, ва одам ҳамчун намояндаи насли инсон ва

ҳамчун субъекти фаъолият онро бомуваффакият истифода мебарад, ин тачриба ба он маъноест, ки онро К. Маркс мефаҳмид. Охирӣ ба мо асос медиҳад, ки чунин фарзияро тартиб диҳем, ки худи фаҳмиши категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррадро тавассути амалияи материалӣ муайян кардан мумкин аст. Бо ин усули методологии баррасӣ худи мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар ду шакл дар пеши назари мо пайдо мешаванд.

Дар мавриди аввал кулл ва муҷаррад ҳамчун муҳим ва зарурӣ ва муҷаррад дар худи падидаҳои воқеият пешниҳод мешаванд. Масалан, аҳамият ва зарурати ба Замин афтодани себ маҳз дар вобастагии қувваи таъсири мутақобилаи себ ва Замин, ба вазн ва масофаи байни онҳо зоҳир мегардад. Аммо ба Замин на умуман себ меафтад, балки себи алоҳида, муҷаррад, дар лаҳзаи муайяни вақт, дар ин ё он нуқтаи (бо дақиқии сантиметр) кураи Замин меафтад. Илова бар ин, себ метавонад аз масофаҳои гуногун ба Замин афтад ва на танҳо себ, балки нок ва на танҳо ба Замин, балки ба Офтоб ва ғайраву ғайра. Яъне, қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ ҳамеша дар шаклҳои муҷаррад, алоҳида ва то андозае тасодуфии худ зоҳир мешавад.

Дар мавриди дуюм кулл ва муҷаррад ҳамчун усулҳои идеалии фаъолият барои миёнаравӣ дар падидаҳои воқеияти атроф пешниҳод карда мешаванд. Субъекти фаъолият (инсон ҳамчун намояндаи насли инсон) онҳоро чун тамоми сарвати маданият аз худ мекунад. Кулл ва муҷаррад ҳамон «тӯри категориявӣ» аст, ки ба гуфтаи Э.А.Мариничев, онро партофта истода, «мо ин ё он раванди воқеияти атрофро ба таври кофӣ дарк мекунем» [161].

Дарки кулл ҳамчун заминаи аслии генетикӣ, ё худ «ҳуҷайраи маърифатӣ», имконият медиҳад то равандгуногунии шаклҳои воқеиятро дар бар гирад. Бо вуҷуди ин, кулл наметавонад мустақиман ба ҳар як падидаи ҷудогона мутобиқат кунад. Он танҳо ба он навъе аз воқеият иртибот мегирад, ки дорои заминаи умумӣ барои ташаккули равандҳои

мушаххас ва тамоюлҳои инкишоф мебошад. Аз ҳамин поя, шаклҳои инфиродӣ ва махсус ба вуҷуд меоянд.

Ин равиш метавонад чунин тасаввурро ба миён орад, ки гӯё умумият ба объект аз берун, ба таври пешакию муқаррарнамуда дода шудааст ва на бо хосиятҳои худи объект тавзеҳ меёбад. Дар асл, кулл бояд ҳамчун мафҳуме дарк шавад, ки як воқеияти хоси объективиро таҷассум мекунад; чунин воқеият берун аз падидаҳои мушаххас вуҷуд дошта, вале онҳоро дар худ ба таври хос дар бар мегирад. Дар доираи чунин дарк, масалан, мафҳуми «ҳайвон дар маҷмуъ» наметавонад умумияти воқеӣ барои намудҳои мушаххаси мисли «гов» ё «асп» бошад, ҳамон тавре ки мафҳуми «мева» умумияти воқеӣ барои «себ» ё «нок» нест.

Аммо чуноне ки Е.В. Иленков комилан дақиқ қайд мекунад, ки «дар қаъри асрҳо гову асп як аҷдоди кулл доштанд ва себу нок бошад, ҷуз маҳсулоти тафриқаи кадом як шакли ба ҳар дуи онҳо умумии ботаникии мева, ки маъмул аст, чизи дигаре нест» [131].

Дар асл, воқеан умумӣ аҷдоди воқеии умумии гов, асп ва дигар намудҳои ҳайвоноти мавҷуда мебошад, ки на дар шакли «ҳайвонот дар умум», «ҳайвон аслан», балки дар ҳақиқат ҳамчун намудҳои комилан махсус ва воқеии он вуҷуд дошт. Ва дар ҳолати охир умумӣ як намуди махсус ва умуман дорои он хусусиятҳое, ки дар тамоми наслҳояш такрор ёфтаанд, набуда, балки дорои хусусиятҳои хос, комилан хоси худ аст, ва махсусияти ин хислатҳо имкон медиҳад, ки дар ин махлуқ (аз рӯи аломатҳои муайян) аҷдоди воқеан кулл барои ҳамаи ҳайвоноти ҳозира мавҷудбуда дида шавад. Ин «аҷдод»-и умумиеро, ки аз он ҳама намудҳои мавҷуда «тавлид ёфтаанд», аз аломатҳои авлоди он мустақиман сохтан номумкин аст. Баръакс, махсусияти шакли мавҷудияти аҷдоди кулл дар он аст, ки вай нуқтаи ибтидоии инкишофи маҷмуи тамоми падидаҳо ва аломатҳо буда, боиси гуногунрангии намудҳо мегардад. Агар мисоли дар боло зикршударо сарфи назар кунем, пас, аслан, хоси ҳар як абстраксияи аз ҷиҳати генетикӣ аслӣ метавонад ҳамчун асоси универсалӣ

дар худи воқеият амал кунад, метавонад ҳамчун нуқтаи ибтидоии системаи томи падидаҳои ба ҳам таъсиркунанда, он тамомияте, ки дар «муҷарради умумии» он ба амал меояд, амал кунад.

Ҳамин тавр, мо дақиқ кардем, ки асоси умумӣ, ки дар худ гуногунрангии падидаҳои гуногунро дарк намудааст, бевосита ҳамчун махсус зоҳир мегардад ва зимнан хусусияти ин умумӣ то андозае бояд пурмазмун бошад. Яъне, худи махсус дар шакли потенсиалии худ бояд мантиқи гуногунии хусусиятҳои дигарро дар бар гирад.

Чунин аст мазмуни асоси умумӣ. Гузашта аз ин, асоси кулл танҳо ба андозае кулл аст, ки хоси он дорои потенсиали ба даст овардани мантиқи гуногунии хусусиятҳои дигар аст. Дар акси ҳол, худи падида танҳо ҳамчун як падидаи махсус зоҳир мешавад, на ҳамчун заминаи кулл. Тавре А.П. Шептулин қайд мекунад, «ҳар кулл дар шакли махсус пайдо мешавад, аммо на ҳар як чизи махсус кулл аст» [243].

Муносибати кулл ва муҷаррадро дар воқеияти объективӣ ба назар гирифта, мо давра ба давра ба «миёнаравӣ»-и онҳо, ба имконнопазирии ошкор кардани моҳияти умумии болоравӣ аз кулл ба муҷаррад ва аз муҷаррад ба умумӣ бидуни таҳлили пешакии махсус ҳамчун категорияи алоҳида, ки моҳияти ин гузаришҳои мутақобиларо инъикос менамояд, дучор мешавем. Куллро на ҳамчун мафҳуми «дар худ ва барои худ», балки ҳамчун як далели махсуси воқеият (гарчанде ки мо дар боло қайд кардем, на ҳар як далели махсус ҳамчун кулл амал мекунад) шарҳ дода истода, мо беихтиёр умумиро бо муҷаррад шабоҳат медиҳем, ки онро хатои мантиқӣ маънидод кардан мумкин аст. Дар асл, кулл аслан, чун воқеият, ки «дар худ боқӣ мемонад», танҳо дар алоҳидагӣ зоҳир мешавад, вале ба ҳеҷ ваҷҳ бо он шабеҳ нест.

Махсус ҳамеша ҳамчун роҳи (ё шакл)-и худидоракунии кулл тавассути табдили он аз худ ба чизи дигар, ба махсус амал мекунад Дар баробари ин, охирӣ ин ё он факти муҷаррадест, ки аз мазмуни бади муҷарради худ абстракт шуда, ба ин васила, ҳамчун факт, раванд ё

падидаи махсус ба амал меояд. Татбиқи кулл тавассути шакл дар маҷмуъ ё шакли мавҷудияти он (махсус) ба муҷарради бевосита, махсусро ҳамчун нуқтаи умдаи гузариши кулл ба муҷаррад, ҳамчун миёнарав байни муҷаррад ва кулл, ҳатто ҳамчун «мухолифати диалектикии байни умумият ва муҷаррад» муайян мекунад [243].

Гузариши кулл ба муҷаррад тавассути махсус дар воқеият сурат мегирад, аммо на ба он маъно, ки кулл, махсус ва муҷаррад бевосита дар воқеият вуҷуд доранд, балки ба он маъно, ки як қатор равандҳо дар ҷаҳони атроф бо зарурат ба амал меоянд ва бо шароитҳои муҳим муайян карда мешаванд ва аз ин рӯ, онҳо кулл мебошанд. Худи умумӣ ҳамчун мафҳум аз мазмуни мушаххаси ҳолатҳо абстракт шуда, бо навъҳои хоси шаклҳои гуногун «бор» карда шудааст ва бо тамоми мавҷудияти худ «мантиқи соф»-и амалӣ гардидани умумиро дар фактҳои алоҳидаи воқеият нишон медиҳад. Кулл ҳамчун мафҳум дар шакли софи худ мантиқи объективии гузаштан ба «дигарии худ»-ро бо сарф кардани худ ҳамчун як воқеияти махсус ба акти муҷаррад амалӣ менамояд.

Худи категорияи махсус (маҳз ба сифати категория, на ба сифати ин ё он факти махсус) ҳамчун восита, тарзи «худнамояндагии» умумӣ амал мекунад. Маҳз барои ҳамин ҳам, махсус қодир аст, ки абстраксияи аз ҷиҳати генетикии аслиро нисбат ба мазмуни мушаххаси ин ё он объекти таҳқиқшаванда ошкор ва нишон диҳад.

Махсус дар мақоми гносеологии худ андешаи муҳаққиқро ба мантиқи дарки моҳият равона мекунад, ки дар мазмуни худ ба ҷуз баёни ҷараёни дар воқеият табдил ёфтани ин моҳият чизи дигаре нест. Махсус, гӯё усули дарки идеалии предметро бо худи раванди ташаккули он дар воқеияти объективӣ ба ягонагӣ меорад. Аммо, ин зуҳуроти функсионалии категорияи махсус на бештар аз ҳисоби махсус, ба монанди сохтори идеалӣ имконпазир аст, балки аз он сабаб имконпазир аст, ки махсус ҳамчун ифодаи махсуси кулл дар ягонагӣ ва ягонагӣ дар

умумӣ амал менамояд, гузариши диалектикии умумиро ба ягонагӣ дар шакли «соф»-и он, ки ба ягон мазмун вобаста нест, миёнаравӣ мекунад.

Инчунин метавон гуфт, ки махсус, чун мантиқи миёнаравии кулл дар муҷаррадӣ ва муҷаррадӣ дар кулл хусусияти зиддиномии гузариши диалектикии онҳоро муайян мекунад. Антиномияи махсус аз он иборат аст, ки гузариши мантиқии кулл ба муҷаррад ва баръакс мувофиқи қонунҳои тафсири мантиқии расмии далелҳо амалӣ карда намешаванд. Махсус бо мазмуни махсуси категориалии худ гузариши мутақобилаи тафсирҳои дурнамои муқобили воқеият (кулл ва муҷаррад)-ро муайян мекунад ва аз ин рӯ, ба гуфтаи Е.Д. Клементев, ҳамчун «антиномияи соф» амал мекунад [145; 65].

Ҳамин тариқ, антиномияи махсус дар он ошкор мешавад, ки вай кулл аст (зеро аз рӯи хусусияти мазмунаш он ба ҷузъ асоси генетикӣ аслан чизе нест) ва кулл нест (зеро махсус, чун моҳияти он мазмуни мушаххас, мантиқи мавҷудияти моҳияти умумиро дар шакли поки худ дар бар намегирад). Махсус ин муҷаррад аст (зеро муносибати махсус чизе ҷуз як далеле нест, ки дар воқеияти атроф ба амал меояд) ва муҷаррад нест (зеро хусусияти воқеияти инфиродӣ воқеан муҷарradии «бад» нест, балки миёнаравии он чизест, ки муҷарradии мазкур нест).

Тафсири махсус ҳамчун «нуқтаи умда», ҳамчун роҳи «таъсис»кардани кулл дар муҷаррад ва дар асоси охирӣ, муаррифии махсус ҳамчун миёнаравии диалектикӣ, ҳамчун антиномия байни кулл ва муҷаррад ба мо асос мебахшад чунин тахмин кунем, ки идеяи методологие, ки асоси дарки мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррадро маҳз диалектикӣ мегузорад, комилан дуруст буд. Антиномияи махсус ҳамчун «нуқтаи умда»-и гузариши мутақобилаи кулл ва муҷаррад ба мо равшан нишон медиҳад, ки нисбат ба ин категорияҳо муносибати расмӣ-мантиқии муносибатҳои кулл ба ҳеҷ вақҳ қобили татбиқ нест.

Охирӣ, то андозае ба мо имкон медиҳад, ки муқарраротро дар бораи махсус ҳамчун антиномия ва ҳамчун принсипи методологӣ тасдиқ кунем,

ки тавассути он роҳи диалектикии баррасӣ ва тафсири категорияҳои омӯхтаамонро аз формалӣ-мантиқӣ ҷудо кардан ва иваз кардани онҳо мумкин мебуд. Худи мазмуни ин принсип (махсус антиномияи байни кулл ва муҷаррад аст) ба ҳеҷ ваҷҳ бо таърифи махсус ҳамчун аломате иваз карда намешавад, ки гӯё ба як қисми объектҳои ягон гурӯҳ хос аст ва дар қисми дигари он хос нест.

Махсус ягонагии кулл дар муҷаррад ва муҷаррад дар кулл аст ва хусусияти хеле категориалии махсусро бояд маҳз ба маънои дар боло зикршуда маънидод кард. Аммо, ин муҷаррадӣ «дар худ ва барои худ» маҳз ба воситаи таҷассум дар алоҳидагӣ, умумии кулл, тавассути тафсири хос ҳамчун усул ё шакли ин таҷассум ифода меёбад. Ин тарзи баррасии махсус ҳатман тафсири махсуси куллро на ҳамчун аломати шабоҳате, ки ба ҳама ашёи гурӯҳ хос аст, балки ҳамчун воқеияти воқеӣ, ҳиссӣ, ки дар воқеият ба амал меояд ва боиси куллӣ ва муҷаррадӣ дар гуногунии ҳодисаҳо ва пайвандҳои воқеият мегардад, пешбинӣ мекунад. [59].

Аммо, ҳамчун категорияи гносеологӣ кулл аллакай ҳамчун «мафҳуми пок» пайдо мешавад, ки аз ин ё он мазмуни «ҳиссӣ-конкретӣ» холӣ буда, аз ҷониби пардаи категориалии худ амал мекунад. Дар ин сурат, агар раванди даркро аслан омӯзем, табиист, куллро на аз ҷониби мазмуни махсуси он, ки дар шакли ин ё он воқеияти воқеӣ ба амал меояд, балки аз ҷониби «тобеият»-и кулл дар ин факт нисбат ба муҷарради он бояд баррасӣ намоем. Яъне, умумияти кулл гӯё мазмуни мушаххаси онро, ки дар худи воқеият ҳамчун кулл амал мекунад ва ҳамчун «мафҳуми пок дар худ ва барои худ» ҳамчун категорияи кулл «дурахшон» мешавад, нест мекунад. Аммо охирӣ танҳо ҳамчун «умумияти абстрактӣ» дида мешавад. Кулл дар асл танҳо тавассути муттаҳидӣ бо муҷаррадӣ (боз дар ин ҷо муҷаррадӣ на ҳамчун «муҷарradии бад», балки ҳамчун муҷарradии кулл, ҳамчун муҷаррадӣ

дар муносибати дедуксия фаҳмида мешавад), тавассути махсус ба худ табдил меёбад.

Дар худи воқеият кулл, махсус ва муҷаррад ба ҳамдигар «тобеъ» нестанд, тобеияти онҳо ҳамчун ҳодисаи идеалӣ ба амал бароварда мешавад, вале ин гуна «таъсири идеалии категориалӣ», ба фикри мо, на бо руҳи мутлақ ё субъекти транссенденталӣ, балки бо он равандҳое, ки дар олами материалӣ ба амал меоянд, муайян карда мешавад. Маҳз ҳамин равандҳо дар таҳлили охирӣ манбаи воқеии тобеияти категорияҳо мебошанд.

Раванди воқеии воқеият дар паҳлуи хоси худ тамғаи зарурат ва сабабгории қатъиро дар бар мегирад, ки як тамоюли кулл (умумият)-ро амалӣ намуда, вобастагии гуногунрангии бисёр фактҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳамин раванди воқеият дар худ як чизи нотакрор, такрорнашаванда, муҷаррад, яъне ҳама чизеро дорад, ки дар робита ба он категорияи муҷаррад амалӣ мегардад. Ҳамин равандро метавон ҳамчун гузариш ё амалӣ шудани кулл (вобастагии кулл) дар муҷаррад (гуногунии далелҳои беназири воқеият) шарҳ дод. Дар як раванди муҷаррад вобастагии кулл ҳамеша тавассути шакли муайян, тавассути ин ё он усули миёнаравии ин вобастагӣ таҷассум меёбад. Худи ин усул ё шакл ҷуз махсусияти таҷассуми кулл чизе нест, ки онро категорияи махсус ифода мекунад.

Ба ибораи дигар, кулл, махсус ва муҷаррад дар як раванди том ҳамчун воқеияти худи воқеият сурат мегиранд, на ҳамчун шаклҳои абстрактии тафаккур. Аммо аҳамияти функсионалии ин воқеиятҳо нисбат ба ҳамдигар дар худи раванд на ба таври возеҳ, балки бавосита амалӣ мешавад, аз ин рӯ, ин гуна воқеият, ки раванди таҳқиқшавандаро муайян мекунад, ба ҳамдигар «тобеъ» нест. Худи тобеияти ин воқеиятҳоро нисбат ба ҳамдигар шахс ҳамчун субъекти дарк, ҳамчун намояндаи насли башар тавассути мақулаҳои муайян ба амал мебарорад. Аз ҷониби субъекти дарк «ба навъҳо ҷудокунии» раванди таҳқиқшаванда

ба як тамоюли умумӣ, шакли махсуси амалишавии ин тамоюл ва ба як далел на худи раванд ва на моҳияти онро тағйир намедиҳад, балки танҳо ҳамин моҳият (раванди таҳқиқшаванда)-ро бештар барои субъекти дарк аён мегардонад.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки шахс ҳамчун субъекти дарк тавассути категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад як навъ «оптикаи калонкунанда»-ро ба вуҷуд овардааст, ки ба кас имкон медиҳад, бисёр равандҳо, далелҳо ва падидаҳои воқеиятҳо боз ҳам «ҳақонитар» бубинад. Вобаста ба гуфтаҳои боло П.В. Копнин қайд мекунад, ки мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчун воситаи муҳимтарини ин «оптикаи калонкунанда» амал мекунанд [146].

Дар асоси гуфтаҳои боло бори дигар таъкид кардан лозим аст, ки умуман категорияи кулл инъикоси томи объективии падидаҳои гуногун дар шуури инсон мебошад. Дар баробари ин, кулл дар тафаккур дар шакли системаи мафҳумҳо ифода меёбад. Аммо кулл ҳамчун мафҳум дар «худ ва барои худ», ҳамчун категория, дар қабати консептуалии худ мазмуни мушаххаси умумии раванди ҷудогонаи воқеиятро дар бар намегирад, зеро охирӣ берун аз шуури субъекти дарк, ҳамчун алоқаи конкретии «зинда»-и ҳодисаю равандҳои гуногун вуҷуд дорад. Худи кулл ҳамчун асос амал мекунад, ки аз он ҳама падидаҳои махсус ва муҷарради системаи муайян инкишоф меёбанд, сарчашмаҳои мушаххаси худро доранд. Аз ҷиҳати гносеологӣ куллро ҳамчун категория ҳамчун як навъ «нуқта» ҳисоб кардан мумкин аст, ки ба воситаи он танҳо дарки пурраи предмет бо тамоми конкретии он, тавассути таъсири мутақобилаи ҳамаи шаклҳои алоҳидаи мавҷудияти он, дар инкишофи он гузариш аз пасттарин ба баландтарин, аз сода ба мураккаб, тобеъ, мушаххас имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, кулл метавонад объективӣ бошад, ки ба худи воқеият хос аст, инчунин намунаи инкишоф, вобастагии беохири падидаҳо, ҳодисаҳо, далелҳо аз якдигар бошад. Дар асоси ин тафсири кулл муҷаррад

бояд ҳамчун як шакли воқеияти объективӣ ифода карда шавад. Категорияи муҷаррад бояд на ҳамчун чизи нотакрор ва такрорнашаванда, на ҳамчун «муҷарради бад», балки ҳамчун муҷарради ифодакунандаи типи умумии худ ошкор карда шавад. Саъю кӯшиш кардан лозим аст, ки муҷаррад танҳо аз ҷиҳати умумияти он, дар муҷаррадии диалектикӣ бо он, ба воситаи шакли зарурии дар ҳақиқат дарк намудани кулл ошкор карда шавад.

Муҷаррад ҳамеша ҳамчун маҳсули равандҳое амал мекунад, ки тибқи қонунҳои кулл ба амал меоянд. Пайдо шудан, тағйир ёфтан ва аз байн рафтани як факт ҳамеша дар доираи шароити муайяни умумӣ, дар доираи таъсири мутақобилаи бисёр дигар фактҳои муҷаррад, дар доираи воқеияте, ки онро қонунҳои махсуси умумӣ идора мекунанд, сурат мегирад. Дар воқеияти гирду атрофи мо ҳамеша тағйирот, гузариши муҷаррад ба кулл ва баръакс вуҷуд дорад. Амали қонунияти умумӣ дар як факт ва ба воситаи як факт ифода меёбад ва ҳар як шакли кулл ё муқаррарии нав аксар вақт истиснои муҷарради қоидаи кулл мебошад.

Чун қоида, маҷмуи фактҳои муҷаррад гуногунрангии худро дар ягонагӣ дарк намуда, ҳатман ҳамчун шакли инкишофи худи воқеият амал мекунанд. Аммо дар баробари ин, дар раванди ин инкишоф танҳо чунин «хусусиятҳое» нигоҳ дошта ва такрор мешаванд, ки ба тамоюли умумии рушд мувофиқ буда, бо шартҳои он муайян карда шудаанд, ба талаботи дар тамоми маҷмуи шароит пешниҳодшуда ҷавобгӯ мебошанд, ин талаботро ба воситаи хусусияти онҳо, тавассути фарқияти онҳо аз дигар далелҳои муҷаррад амалӣ менамоянд. Ба воситаи фактҳои муҷаррад ва тасодуфӣ ин ё он зарурат, қонунияти умумӣ барои худ «роҳи худро мекушояд». Зиёда аз ин, чуноне ки Е.В. Иленков дуруст мешуморад, ҳар як шакли нави умумӣ (тартибӣ) ҳамеша дар воқеият маҳз ҳамчун истисно аз тамоюли умумӣ, аз қоидаи умумӣ пайдо мешавад [133].

Қайд мекунем, ки категорияҳои кулл ва муҷаррад аз ҷониби мо ҳамчун шаклҳои тақсимшавии як раванди муҷаррад ба таърифҳои муқобил баррасӣ карда мешаванд, ки шарти шинохти онҳо омӯзиши муҷаррадии онҳост. Дар категорияи махсус маҳз лаҳзаи ҳамин муҷаррадӣ собит буда, ҳамчун шакли муносибат амал мекунад, ки дар он яктарафа будани ҳар кадоми онҳо бартараф карда мешавад. Ҳам кулл ва ҳам муҷаррад танҳо моҳияти лаҳзаҳои ҳастии ашё мебошанд. Ҳастии воқеии онҳо на муҷаррад ва на кулл, балки муҷаррадии ҳар ду аст. Ин муҷаррадӣ, ба таври васеъ, дар категорияи махсус устувор аст, ки ҳамчун як чизи бешубҳа кулл ва муҷаррад амал карда, аз алоқаи воқеии ашё истисно нест. Дар чунин тарзи дарк махсус ҳам ягонагии эмпирикии ҳар як факт ва ҳам зарурати назариявии ин ё он қонунро дар бар мегирад.

Дар ин бобат раванди воқеӣ, ки дар тамомияти конкретии худ гирифта шудааст, пеш аз ҳама, раванди махсусе мебошад, ки аз бисёр ҷиҳат аз дигар равандҳо фарқ мекунад ва бо онҳо бо тарзи бисёртарафа алоқаманд аст. Фақат абстраксияи категориалӣ раванди мазкурро аз рӯи зарурат ва умумияти худ ё дар ҷудоӣ ва муҷаррадии худ ифода мекунад. Ва агар ин гуна абстраксияҳо шарти зарурии дарк бошанд, пас маънои аслии худро танҳо дар муҷаррадии худ мегиранд. Ин муҳимтарин нақши категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррадро дар шуур муайян мекунад.

Кулл чунин заминаи ибтидоист, ки муҷаррадро дар гуногунрангии падидаҳои гуногуни воқеият муайян мекунад. Яъне кулл томи гуногунрангии фактҳои муайяни воқеият аст, ки дар шакли тамоюл ба амал омада, бойигарӣ ва гуногунии падидаҳои воқеиятро дар як система, ба як куллии муҷаррад муттаҳид мекунад.

Кулл мақулаест, ки асоси аз ҷиҳати ирсӣ аслиро ифода мекунад, ки дар воқеият ҳамеша дар шакл ё усули махсус, дар падидаи воқеии конкретӣ ё дар воқеияти ҳиссӣ ба амал меояд. Хусусияти хоси ин факт барои системаи умумии инкишофи дигар (бо миёнаравии якум) факту омилҳои ҳиссии тартиби дуюм, сеюм ва дигар асосҳо хизмат мекунад.

Кулл, пеш аз ҳама, воқеияти табдилёбанда аст, ки дар муҳити атроф дар шакли воқеият амалӣ мегардад ва муҷаррадии гуногунрангии дигар далелҳои воқеияти атрофро муайян мекунад.

Дар диалектика кулл аз ду нигоҳ (ракурс) пешниҳод шудааст:

- аввалан, кулл дар худи падидаҳои воқеият дар шакли ҳақиқати объективӣ моҳиятан зарурӣ, сабабӣ, шартӣ, муҳим ба ҳисоб меравад;

- дуюм, кулл роҳи идеалии фаъолият барои миёнаравӣ ба падидаҳои воқеияти атроф мебошад. Кулл, дар ин ҳолат, чунин як унсури «тӯри категориявӣ» аст, ки мо тавассути он ба дарк ва биниши олам мерасем.

Махсус ин роҳест, ки кулл худро дар воқеияти объективӣ дарк мекунад. Махсус ҳамчун категория роҳи мавҷудияти кулл, воситаи худнамоиши ин кулл мебошад.

Муҷаррад шакли муҷарради мавҷудияти кулл дар воқеият аст. Ҳама гуна зарурати умумӣ ё қонун тавассути маҷмуи фактҳои алоҳидаи воқеияти атроф амалӣ мегардад.

Махсус ва муҷаррад на он қадар шаклҳои абстрактии тафаккур, балки «конкретии ҳиссӣ-воқеӣ» мебошанд, ки дар воқеият вуҷуд доранд. Махсус ва муҷаррад на абстраксияҳои умумиро аз гуногунрангии падидаҳои гуногун, балки ҷиҳатҳои муайяни худи воқеият, фактҳои объективии ин воқеиятро ифода мекунанд.

Дар асоси таҳлили анҷомшуда метавон ба чунин натиҷа расид, ки дар сатҳи онтологии тасвири фалсафии олам, се категорияи марказӣ: кулл, махсус ва муҷаррад, ҳамчун рукнҳои сохтордиҳандаи маърифат ва баёни воқеият амал мекунанд. Кулл тавассути мафҳуми ҳастӣ, махсус - ба воситаи субстансия ва муҷаррад - дар шакли маҷмуи мафҳумҳо оид ба ягонагӣ ва гуногунрангии объектҳои воқеият ифода меёбанд.

Ин категорияҳо на танҳо ҳамчун унсурҳои ҷудогона амал мекунанд, балки дар иртибот ва ҳамдигарпайвандӣ қарор доранд. Маҳз ҳамин иртибот ба онҳо имкон медиҳад, ки моҳияти воқеиятро дар тасвири

онтологӣ пурра ва мушаххас намоянд. Пайвастагии байни кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчун амсилаи мантиқии баёни ҳастӣ тавассути ду шакли асосии тафаккур - мантиқи ҳузур ва мантиқи тафсир - амалӣ мегардад.

Дар мантиқи ҳузур, кулл (ҳастӣ) дар зеҳн ва вуҷуди объектҳо ҳузур дорад, дар ҳоле ки дар мантиқи тафсир, мазмуни ҳақиқии субстансия ва гуногунрангии объектҳо ҳамчун зуҳуроти гуногуни ҳастӣ маънидод мешавад. Ҳамин тариқ, кулл, махсус ва муҷаррад на танҳо дар сохтори тасвири олам, балки дар равиши маърифатии инсонӣ низ нақши калидӣ мебозанд ва заминаи методологии дарки воқеиятро фароҳам месозанд.

1.2. Тасвири шаклҳои ҳастӣ тавассути мақулаҳои фалсафӣ дар таълимоти мутафаккирони Юнони Қадим ва пайравони шарқии он ҳамчун сарчашмаи ақидаҳо дар бораи тасвири илмии олам

Таваҷҷуҳи файласуфон, муҳаққиқони самтҳои гуногуни илм, олимонро аз даврони қадим мавзуи тасвири олам, он чӣ гуна бояд бошад, чиро бояд таҷассум намояд, вазифаҳои асосии он чӣ гунаанд ва амсоли он ба худ ҷалб менамояд. Асосҳои онтологӣ ва гносеологии тасвири оламро на танҳо илмҳои махсус, балки тамоюлҳои рушди он ҳамчун як воҳиди муҷаррад муайян менамоянд. Вобаста аз он, ки проблемаҳо ва масъалаҳои актуалӣ, таҳлили дақиқро талаб мекунанд, омӯхтани категорияҳо ва мафҳумҳои фалсафаи муосир таҷдиди назар мехоҳанд. Муайян намудани роҳҳои мушаххаси омӯзиши мақулаҳо ва мафҳумҳои фалсафаи муосир дар ҳамоҳангӣ барои боз ҳам амиқ намудани вазифа ва моҳияти онтология ва гносеология ҳамчун асоси рушди илми муосир хизмат мекунад ва мавзуъҳои баррасии фалсафаи илм ва методологияи онро муайян менамояд. Илова бар ин, таҳлили сохтори тасвири ҷаҳон дар баъзе ҳолатҳо шароит фароҳам меорад, ки масъалаҳои муайяни марбут ба хусусияти ҷаҳонбинии фалсафӣ ва илмӣ равшантар гарданд ва аҳамият ва мақоми калидии категорияҳои фалсафӣ дар ташаккул ва таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ возеҳтар муайян карда шаванд.

Ташаккули категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррадро баррасӣ намуда истода, бояд қайд кард, ки пояҳои ниҳоии ҳастӣ дар таърихи фарҳанги башарӣ на тавассути шарҳдиҳӣ ва шаклдиҳӣ кардани онҳо хамчун категорияҳо ташаккул меёбанд, балки ба воситаи диди муайяни ҳастӣ, ба воситаи фаҳмиши муайяни охирӣ ҳамчун «ҳастӣ»-и ба инсон ва ҷамъияти инсонӣ дахлдошта ташаккул меёбанд. Худи таърихи фалсафа аз он шаҳодат медиҳад, ки одамон дар баробари гуногунрангии ҳақиқати моро иҳотакунанда ба мавҷудияти як асос, нахустмабдаъ, сабаби

аввалин боварӣ доштанд. Ин, аз ҷумла дар кӯшишҳои суботкоронаи ёфтани асл, ибтидои олам зоҳир мегардад. Аллакай аз нуқтаи назари фалсафии Фалес, Анаксимандр ва Анаксимен асоси оламро ин ё он моддаи муҷарради ибтидоӣ ташкил медиҳад, ки он аналоги умумӣ буда, аз он тамоми гуногунрангии зуҳурот ва равандҳои воқеияти иҳотакунанда бармеоянд.

Вобаста ба ин, ба он бовар кардан комилан мантиқӣ аст, ки то гуногунии эҳсосии олам, то хосиятҳои алоҳида, муҷаррадӣ, беназирии ин олам бояд як чизе бошад, ки ҳамчун асоси онҳо амал мекунад. Аз нуқтаи назари онтологӣ, ин ё он моҳияти ибтидоӣ принсипи бунёдии олам ҳамчун як навъ аналоги умумият буда, худи гуногунии равандҳои воқеият бошад, ҳамчун як навъ зуҳуроти дуюмдараҷа, аз он ҳосилшуда амал мекунад. Аз нуқтаи назари гносеологӣ бошад, умумӣ ҳамчун принсипи асосӣ ба мо мустақиман дода нашудааст, мо бояд онро аз гуногунии чизҳои алоҳида ба даст орем. Ин гуна зиддият, ба назари мо, як навъ шартест, ки асоси тамоми мунозираҳои минбаъдаи юнониёни қадим мегардад.

Тибқи ақидаҳои фалсафии мактаби милетӣ, умумӣ ҳамчун нахустмабдаъ аз рӯи мазмун ё «маводи» худ, ин асосан ин ё он муҷарради ҳиссии додашуда мебошад. Аммо чуноне ки пифагориён дуруст қайд мекунанд, «аз рӯи моҳияти мантиқии худ умумӣ бевосита бо воқеияти объективии эҳсосшаванда рост омада наметавонад» [29, с.14]. Аз эҳтимол дур нест, ки маҳз дар асоси ҳамин идея пифагориён ба ташаккули ақидаҳои фалсафии худ шуруъ кардаанд.

Ба ақидаи пифагориён, агар умумӣ ҳамчун нахустмабдаъ нисбати муҷарради худ (нисбат ба гуногунрангии объектҳои додашудаи эҳсосшавандаи воқеияти атроф) ҳамчун «оғоз» амал кунад, пас онро ба ҳеҷ вақҳ ба ин ё он муайянии ҳисшаванда нисбат додан мумкин нест. Баръакс, мо пайдоиши объектҳои додашудаи ҳисшавандаро на дар мушаххоти ҳисшаванда, балки дар ақл бояд ҷустуҷӯ кунем. Пифагориён

ба хулосае меоянд, ки бояд як навъ «миёнараве» бошад, ки муҷаррад (гуногунрангии ашё) ва умумиро (муҷарради мавҷудияти ин гуногунрангӣ)-ро пайвандад. Пифагориён ин «миёнарав»-ро тавассути таносуби миқдорӣ муайян мекунанд [29, с. 14].

Дар баробари ин, таносуби миқдорӣ, инчунин рақамҳое, ки ин таносубҳоро ифода мекунанд, аз гуногунрангии ҳиссшаванда ба нахустмабдаъи олам на бо сабаби «миқдорӣ»-и худ, балки бо сабаби идеалӣ будани худ мегузаранд. Охирӣ, яъне идеалӣ будан объекти аслии таваҷҷуҳи элеатҳо мебошад. Мувофиқи таълимоти элеатҳо кулл ба воситаи идеалӣ будан моликияти шуури мо шуда наметавонад, он танҳо «умумии ҳақиқиро» метавонад инъикос намояд. Мувофиқан, худ аз худ чунин хулоса бармеояд, ки дар воқеияти умумӣ бояд муҷаррад, ҳамчун муҷарради комил вуҷуд дошта бошад. Бар хилофи умумие, ки дар шуури мо ифода ёфтааст, муҷаррад умумӣ дар воқеият аст. Муҷаррад ҳамчун умумӣ дар воқеият ин «камолот» аст, он тағйир ёфта наметавонад, бинобар ин, тамоми гуногунрангиииии равандҳои воқеият (муҷаррадӣ) ҷуз биниш ё зуҳур чизе нест.

Барои баррасии масоили таҳқиқи сохти тасвири ҷаҳон зарур аст, ки аҳамияти омӯзиши он аз нуқтаи назари мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад муайян карда шавад. Оне, ки мо категорияи муҷаррад номидем, дар бисёр китобҳои дарсӣ ҳамчун фард қабул шудааст, ки ба фикри мо мутобиқ ба амсоли русии он «единичное» - фард чандон мутобиқат намекунад. Ин ҳоло қадамҳои аввали омӯзиши мост ва айни ҳол дар чунин ақидаем, ки моҳияти ин категорияро калимаи «муҷаррад» хубтар инъикос мекунад. Қобили қайд мебошад, ки дар китоби дарсии «Асосҳои фалсафа»-и устоди зиндаёд, профессор Ғаффорова М.Қ. ин мафҳум ҳамчун калимаи «фард» баррасӣ мешавад. «Фард чиз, ашё, ҳодиса, раванд ва воқеаҳои алоҳидаест, ки аз ҳамдигар аз рӯи хосиятҳои замонӣ, маконӣ, ва ғ., аз чизу ашё ва падидаҳои дигар, аз ҷумла ҳамшабоҳат, фарқ мекунад» [97, с. 107].

Аз ин бармеояд, ки худи муҷаррад ҳамчун шакли умумӣ ва ҳамчун зуҳури ҳастии идеалии воқеӣ, наметавонад мустақиман гузариш ба воқеияти ҳисшаванда ва гуногунрангии оламро таъмин намояд. Дар ин раванд, таносуби миқдорӣ танҳо нақши восита ё миёнарави шарҳдиҳандаро мебозад, ки робитаи берунӣ байни умумӣ ва муҷаррадро ифода мекунад ва заминаи аслии пайванди воқеӣ ва вобастагии онҳоро ифода намекунад [185].

Минбаъд ба юнониёни қадим лозим омад, ки ба ғайр аз миқдор дар байни пифагориён ва муҷаррад дар байни элеатҳо, шакли нави миёнаравиро байни умумӣ ва муҷаррад пайдо кунанд. Демокрит дар муҷаррад муҷаррадӣ ва хусусияти бисёр чизҳои алоҳидаро дида, онҳоро «...бо моҳияти умумӣ - атомҳо» муайян кардааст [132]. Демокрит холигиро ҳамчун «пайванд», миёнарави байни муҷаррад ва умумӣ истифода бурдааст. Тавассути хало, омезиши мутақобилаи атомҳо имконпазир аст, ки ҳар дафъа ба муҷарради нав оварда расонад. Аммо чӣ тавр атомҳо дар худ ҷиҳатҳои умумиро дошта метавонанд? Пас аз элеатҳо юнониёни қадим дигар бо ин фикр розӣ шуда наметавонистанд. Зарурати на ин ки ҷустуҷӯ кардани ин ё он шакли ғайритабии миёнарави умумӣ ва муҷаррад, балки зарурати аз нав дида баромадани худи мушкилоти муносибатҳои умумӣ ва муҷаррад ва дар ин муносибат як чизи принсипан навро дидан ба миён омад.

Суқрот яке аз пешгомон дар баррасии мақоми назариявии масъалаи умумият ба ҳисоб меравад. Ӯ тавассути таҳлили фазилатҳои ахлоқӣ ва аъмоли ахлоқӣ [59], ба аҳамияти дарк кардани муҷаррад аз даруни худи кулл ва мафҳум ишора мекунад. Бо ин тарз, Суқрот табиати куллро ҳамчун ҷузъи зарурии раванди шинохт (гносеологӣ) таъкид менамояд. Ин андешаро шогирдаш Платон низ пайгирона рушд додааст [47].

Мутобиқи таълимоти Афлотун, муҷаррад дар моҳияти худ идеяи «ба ҳассосият додашуда» ва бо рӯйдодҳои тасодуфӣ «олудашуда» дар бораи мафҳуми ин муҷаррад мебошад. Қайд кардан муҳим аст, ки тибқи ақидаи

Афлотун муҷаррад танҳо ба он дараҷае муҷаррад аст, ки дар он умумӣ ифода ёфтааст. Агар предмет (ашё) умумият надошта бошад, он ҳамчун як чизи муҷаррад мавҷудияти худро қатъ мекунад. «Ман, мефаҳмонад Суқрот ба Гипий, - дар бораи худи зебоӣ пурсидам, зебоие, ки ҳама чизеро, ки ба он пайваст мешавад, зебо мекунад – ҳам сангро, ҳам дарахтро, ҳам одамро, ҳам Худоро, ҳама гуна амалиёт, ҳама гуна донишро».

Афлотун масъалаи муносибати умумӣ ва муҷаррадро дар доираи мақоми консептуалӣ, категорияи онтологӣ ва гносеологӣ ба миён мегузорад. Муҷаррад маводест, ки барои аз ҷониби субъект дарк кардани умумӣ дода шудааст ва маҳз дар ҳамин таъинот муҷаррад амалӣ мегардад. Муҷаррад шакли миёнаравест байни субъекти дарк ва умумӣ. Дар баробари ин, Афлотун дар асоси таълимоти худ дар бораи идеяҳо мақоми онтологии худи умумиро шарҳ медиҳад.

Афлотун бо ташаббуси худ дар таърихи фалсафа ҳамчун воқеияти ибтидоии онтологӣ консептуализатсияи универсалияҳоро пешниҳод намуд. Назарияи идеяҳои ӯ мавҷудияти ҷаҳони шаклҳои идеалӣ - мавҷудоти ғайримоддӣ, абадӣ ва тағйирнаёбанда, аз қабили Зебоӣ, Некуӣ, Адолатро тасдиқ мекунад. Ин ғояҳо универсалияҳои ҳақиқӣ мебошанд, ки новобаста аз ҷаҳони ҳиссиёт вуҷуд доранд.

Чизҳои алоҳида танҳо соя, инъикоси ин шаклҳои идеалист. Махсус гузариш байни идея ва объекти конкретӣ, тарзи зуҳуроти идея дар шароитҳои гуногун мебошад. Масалан, чизҳои зебоӣ инфиродӣ дар идеяи Зебоӣ иштирок мекунанд, аммо онро комил намекунанд.

Ҳамин тариқ, дар таълимоти Афлотун кулл баробар ба идея, шакл, воқеияти ибтидоӣ буда, махсус баробари мушаххасгардонии идея дар заминаҳои гуногун ва муҷаррад баробари зуҳури ҳиссиётӣ, гузаранда, номукаммалии идея пешниҳод шудааст.

Афлотун ба универсалияҳо афзалияти онтологӣ медиҳад, ки он дар муқоиса бо муҷарради гузаранда «дар воқеият» вуҷуд дорад.

Қайд кардан муҳим аст, ки ҳам Демокрит ва ҳам Афлотун умумиро ба ҳайси ибтидо, асоси нахусти маҷмуи ин ё он ашёҳои материалии ҳисшаванда шарҳ додаанд. Ҳар ду ҳам имконияти мавҷудияти умумиро дар шакли тоза раво донистаанд. Яъне, умумӣ ҳам дар худ ва ҳам дар муҷаррад вуҷуд дошта метавонад. Ба ақидаи Демокрит умумӣ (атомҳо) ҳамон сатҳи ҳақиқати ба ҳақиқати муҷаррад монанд мебошад. Худи атомҳо сифати муҷаррадро дар бар намегиранд, онҳо дар лаҳзаи гузариш ташаккул меёбанд. Яъне, хусусияти хоси муҷаррадро Демокрит ба худи махсусият, миёнаравӣ, лаҳзаи «ташкилии мутақобилаи» атомҳо байни худ тавассути хало асос медонад. Аммо дар сурати чунин шарҳдиҳӣ, ба фикри мо, худи мақоми консептулаии ташаккули муҷаррад аз умумӣ аз даст меравад. Моҳияти махсус – «холигист»; он нисбат ба умумӣ – «атомҳо» бегона аст [98].

Ба фикри Афлотун бошад, муҷаррад ин ҳодисаи хусусии умумӣ аст. Мақоми консептуалии умумӣ, ки асоси ин мантиқро ташкил медиҳад, зарурати мавҷудияти махсусияти «бегона», шакли бегонаи миёнаравӣ ва гузаришро истисно мекунад. Ба фикри Афлотун зарурати пайдоиши миёнаравӣ танҳо он вақте ба миён меояд, ки агар маълум гардад, ки худи гуногунрангии муҷаррад ба ҳеҷ вачҳ аз умумӣ бароварда намешавад. Агар муҷаррад ба ҳайси марҳалаи гузариш ба дарки мафҳуми умумӣ баромад карда тавонад, пас аз худи умумӣ, аз мафҳум ҳамаи гуногунрангии муҷарради намояндагони онро чӣ тавр баровардан мумкин аст? Ин мушкилот барои фалсафаи Юнони қадим ниҳоят ҷиддӣ ба миён омада буд [118].

Аммо ин мушкилот ҷанбаи дигаре низ дорад. Чуноне ки В. Винделбанд қайд мекунад, агар махсусияти муҷаррад аз умумӣ баровардашаванда бошад, пас «то кадом дараҷа умумӣ худ умумӣ аст?» [88]. Мумкин аст, ки умумӣ номида шуда истода, он, моҳиятан ҳамин тавр набошад ва абстраксияи якхелагии ашёҳои муҷаррад бошад? Чунин саволгузорӣ, эҳтимол, суботкории Арастуро мефаҳмонад, ки ӯ дар

метафизикаи худ кӯшиш намудааст, ки махсусияти муҷаррадро муайян намояд, онро барорад ва дар асоси охирӣ мантиқи гузариши умумиро ба муҷаррад муфассал ва аниқ асоснок намояд.

Дар омӯзиши ин мушкилот Арасту аввалин маротиба мушкилӣ ва фундаменталӣ будани мушкилоти гузариши умумиро ба муҷаррад ошкор намудааст [90]. Ба фикри мо, сабаби ин гуфтаҳо он мулоҳизаҳо ва хулосаҳои мухолиф оид ба робитаи мутақобилаи умумӣ ва муҷаррад, ки дар кори ӯ хеле зиёд дида мешавад, ба ҳисоб мераванд. «Агар чизе ғайр аз чизҳои алоҳида вуҷуд надошта бошад ва чунин чизҳо ниҳоят зиёд ҳастанд, пас чӣ гуна метавон дар бораи чӣ будани беохирӣ дониш пайдо намуд? Зеро мо ҳама чизро барои он дарк менамоем, ки онҳо аз ин ё он ҷиҳат ҳамон як чизанд ва ягон чизи умумӣ вуҷуд дорад. Аммо дар баробари ин, агар ин бояд чунин бошад ва ба ҷуз чизҳои алоҳида чизе вуҷуд дошта бошад, пас зарур аст, ки ғайр аз ин чизҳо наслҳо вуҷуд дошта бошанд - ё охирин ё аввал; дар айни ҳол душвориҳои мавҷударо фикр карда, мо навакак муқаррар намудем, ки ин имконнопазир аст». [96] ва баъдан: «Чунин ба назар мерасад, ки ҳеҷ гуна имкон вуҷуд надорад, ки ҳар чизе ки ба таври кулл гуфта мешавад, моҳият бошад. Моҳияти аввал он моҳиятест, ки хоси ҳар як чиз буда, ба чизи дигар хос нест, кулл бошад умумӣ аст: чунки кулл чизест, ки табиатан ба бисёриҳо хос аст. Аз ин рӯ, барои кадом чиз ин умумӣ моҳият буда метавонад? Ё барои ҳамаи чизҳо ё на барои ягон чиз. Аммо барои ҳама чиз ин умумӣ моҳият буда наметавонад. Агар барои як чиз буда тавонад, пас дигар чизҳо низ ҳамин чиз хоҳанд буд: чунки агар ягон чиз як моҳият дошта бошаду моҳияти ҳастӣ як бошад, пас худи ҳамин чиз ҳам як аст. Пас, агар бар асоси ин мулоҳизаҳо назар андозем, маълум мешавад, ки ҳама чизе, ки ба таври кулл вуҷуд дорад, моҳият нест ва ҳеҷ яке аз гуфтаҳои кулл ин чизро ифода намекунанд, балки ин ва ё онро ифода мекунад» [102].

Аммо дар баробари ин, Арасту ба таври равшан чунин пешниҳод мекунад, ки умумӣ тавассути шаклҳои алоҳидаи материалӣ вуҷуд дорад ва ҳар як чунин шакл ҳам ҳамчун муҷаррад ва ҳам умумӣ баррасӣ шуда метавонад. Умуман, Арасту муайянии сифатии ин ё он ашёро (ки аз муайянии сифатии дигар чизҳо фарқ мекунад) баррасӣ намуда истода, ҳар дафъа шакли ба он мувофиқро «аз боло» мебарорад ва ба шарофати охирӣ ин ё он чизи синфи дахлдорро «муайян мекунад» [213, с. 75].

Арасту дуализми Афлотунро интиқод карда, исбот мекунад, ки универсалияҳо ҷудо аз ашё вуҷуд надоранд, балки дар онҳо ҳамчун шакл амал мекунанд. Вай консепсияи дуибтидоии вуҷудро пешниҳод мекунад, ки ҳар як чиз аз материя (потенсиалият) ва шакл (воқеият) иборат аст.

Арасту меҳисобад, ки универсалияҳо он чизест, ки барои бисёр чизҳо умумӣ аст, вале он танҳо дар объектҳои алоҳидаи ҷудогона вуҷуд дорад.

Ин истилоҳ махсус ҳамчун категория ба таври возеҳ ҷудо карда намешавад, балки тавассути намудҳо, фарқиятҳо ва хосиятҳо зоҳир мегардад.

Универсалияҳо дар таълимоти Арасту воҳидҳои дараҷаи дуюманд, ки аз ҷониби ақл шинохта мешаванд, аммо мавҷудияти алоҳида надоранд. Вай бар хилофи Афлотун аҳамияти онтологии муҷаррадро ҳамчун зуҳури шакл эътироф мекунад.

Ин гуна ақидаҳоро пеш бурда истода, Арасту ба он наздик шудааст, ки як чизи муҷаррадро ҳамчун муҷарради умумии зарурӣ (шакл) ва муҷаррад (мазмуни тасодуфӣ) баррасӣ намояд. Дар шахсияти Арасту юнониёни қадим мушкилоти мавҷудияти онтологии умумиро то ба ҳадди имкон муайян намуда, ба таври умум мақоми консептуалии ин умумиро ошкор намуда, тахминӣ будани мантиқи гузариши «умумӣ - муҷаррад»-ро асоснок кардаанд [9].

Чун анъана мақулаҳои фалсафӣ ҳамчун мақулаҳои дугона ва ё сегона баррасӣ мешаванд. Мақулаҳои сегонаи баррасишавандаи мо -

кулл, махсус ва муҷаррад аз қадим омада дар фалсафаи классикии немис аз ҷониби Гегел ба низом дароварда шудаанд.

Дар Шарқ, дар ҷаҳони ислом, пайравони мактаби Арасту минбаъд ба ҳар васила зиёд шуданд. Ал-Киндӣ таҳрири тарҷумаҳои «Метафизика»-и Арасту, «Ҷуғрофиё»-и Батлимус (Птолемей) ва асарҳои Уқлидусро анҷом дод. Инчунин баёни мухтасари «Фанни шеър» («Поэтика»)-и Арасту ва «Сарсухан»-и Порфирийро ба забони арабӣ пешкаш намуд, ба «Категорияҳо» ва «Аналитикаи дуюм»-и Арасту, ба китоби «Ал Магест»- Батлимус ва «Унсурҳо»-и Уқлидус тавзеҳ навишт. Эҷодиёти ал-Киндӣ ба рушди на танҳо афкори фалсафии асрҳои миёнаи Шарқи мусулмонӣ, балки ба афкори илмӣ-фалсафии қарни миёнаи Аврупо низ таъсири бузург расонид [28].

А. Корбен ал-Киндиро аввалин пайрави фалсафаи машшоияи шарқӣ дониста, исрор менамояд, ки мутафаккир тавре дар фалсафаи ислом маъруф аст, ӯро бояд аввалин пайрави Арасту ном бурд. Ба андешаи ӯ, «мардуми Аврупои лотинӣ Киндиро бинобар сабаби чанд рисолае, ки дар боло зикр намудем, ҳамчун файласуф шинохта, дигарон бошанд ӯро ба ҳайси риёзидон ва устоди нуҷумшинос низ эътироф менамоянд» [39]. Ин асарҳо ба ҷаҳонбинии Ибни Сино таъсири бевосита дошт. Сарчашмаи назарии бевоситаи фалсафаи машшоиёни шарқӣ таълимоти Арасту ва пайравони вай мебошанд. Ибни Сино робитаи фалсафаи худро бо таълимоти Арасту худ таъкид кардааст. Дар «Мадхал» - мантиқи «Шифо» худаш навиштааст, ки «ҳангоми навиштани ин китоб корро аз «Мантиқ» оғоз кардам ва кӯшиш кардаам, ки дар он тартиби китобҳои возеҳи мантиқро риоя кунам» [2, с. 75].

Ҳамзамон, дар ин мавзуъ муҳаққиқон навиштаанд: «Таълимоти онтологии Ибни Сино мавзуи мобаъдуттабиа – илми куллии универсалиро ташкил мекунад. Ба ҳайси илми трансенденталӣ вай хосиятҳои олии Зотро баррасӣ мекунад, ки тавассути системаи категорияҳо ва қонунҳо ифода ёфта, вазифадор буд чун асоси

ҷаҳонбинии таҳқиқоти табиатшиносии олим, қабл аз ҳама, физикаи назариявӣ, хизмат намояд. Аз нуктаи назари мантиқ ва методологияи маърифати илмӣ, масъалаи моҳият ва вуҷуд умуман ва аз ҷумла инсонро наметавон асоснок ва баён намуд, агар пештар аз он масъалаи ҳастӣ, мавҷудият дар таҷрибаи таърихии одамон, таҳлили ақлонӣ гузаронида нашавад» [92;229].

Ҳақ ба ҷониби академик М. Диноршоев аст [122], ки дар асари «Матолиби фалсафии Ибни Сино» менависад, ки «Ибни Сино дар тадвини фалсафаи худ таҳлили бисёр масъалаҳои умдаи фалсафӣ, ба мисли сохти ҳаюло (модда) ва аҷсом, сабабият, сифатҳои модда ва моҳияти онҳо, азалияту абадияти олам, нафсу тан, робита ва таъсири мутақобилаи ашё, ҳавну фасод ва қонунмандии онҳо ба Арасту такя мекунад». [121;229].

Ибни Сино ба илми мантиқ аҳамияти хоса медод ва онро ҳамчун заминаи зарурии шинохти илмӣ ва бунёди ҳар гуна таҳлили назариявӣ арзёбӣ менамуд. Ба ақидаи ӯ, мантиқ воситаи раҳнамоест барои расидан ба ҳикмати назарӣ ва амалӣ, ки инсонро аз иштибоҳ ва каҷравиҳои фикрӣ дар раванди муҳокима муҳофизат мекунад.

Файласуф мантиқро аз нуҳ бахши асосӣ иборат медонист, ки ҳар яке ҷиҳати муайяни равиши маърифат ва фикрро ифода менамояд:

- таълимоти марбут ба мафҳумҳо ва сохтори тафаккур;
- омӯзиши маъқулот ё категорияҳои асосии тафаккур;
- таҳлили ҳукм ва сохти он;
- илм дар бораи маҷҳулот (силлогистика);
- омӯзиши исбот ва методҳои он;
- тубиқо - баҳсҳои мунозиравӣ;
- суфистиқо - таҳлили хатоҳои мантиқӣ ва софистика;
- риторика - санъати суханварӣ ва таъсир ба шунаванда;
- поэтика ё фаронитиқо - истифодаи қиёсҳо дар адабиёт ва шеър.

Таълимоти фалсафии Ибни Сино оид ба масъалаҳои вуҷуд ва ҳастӣ, ки бахши мобаъдуттабиаро дар бар мегирад, аз назари ӯ ҳамчун як илми куллии универсалӣ ба ҳисоб мерафт. Ба сифати як дониш трансценденталӣ, фалсафаи ӯ хосиятҳои умумии ҳастиро меомӯзад, ки тавассути низоми категорияҳо ва қонунҳои мантиқӣ ифода меёбанд ва барои ташаккули бунёди назариявии ҷаҳонбинӣ, хусусан дар соҳаи илмҳои табиӣ ва физикаи назариявӣ, заминаи устувор муҳайё месозанд.

Аз мавқеи мантиқ ва методологияи шинохти илмӣ, Ибни Сино таъкид менамуд, ки масъалаҳои марбут ба моҳият ва вуҷуди куллӣ, аз ҷумла инсон, наметавонанд дуруст ва амиқ фаҳмида шаванд, агар пеш аз он масъалаи ҳастӣ дар заминаи таҷрибаи таърихӣ ва таҳлили ақлонии инсон мавриди омӯзиш қарор нагирад.

Дар ин замина, файласуф мафҳуми ҷавҳар (субстансия)-ро чунин тафсир мекард: ҷавҳар он моҳиятест, ки ҳастии худро дар худ дорад ва барои мавҷудияти хеш ба чизе дигар ниёз надорад; он на дар чизе воқеъ аст ва на дар чизи дигар ҳал мегардад.

«...Ҳарчи араз набувад ва ҳастии вай андар мавзуъ набувад, балки вай ҳақиқате бувад ва моҳияте, ки ҳастии он ҳақиқат андар чизе, ки пазирофӣ бувад бад-он сифат, ки гуфта омад набувад, вай ҷавҳар бувад» [4]. Ҷавҳар чун ҷинси олии ҳастӣ аз ҷониби Ибни Сино ба чор навъ қисмат мешавад: модда (ҳаюло), сурат, бадан (тан) чун муҷарради модда ва сурат ва нафс (ақл)» [3, с. 59]. «Ва ба ҳайси қувваи билфеъл сурат, аз ҷониби Ибни Сино, чун «универсум» ё мояи куллии ҳастии ҷавҳарҳои алоҳида гирифташуда, баррасӣ мешаванд. Дар таъбири Ибни Сино универсалияҳо (умури куллӣ) умуман ду мазмун доранд: аз як ҷониб мафҳуми куллиро (ғояро) ифода мекунанд, ки тавассути қобилияти муҷарради ақл аз чизҳои ҷузъӣ бароварда шудааст ва танҳо дар ақли инсон мавҷуданд; аз ҷониби дигар, ба моҳияти ҷисмҳои мавҷудаи воқеӣ шариканд. Бинобар ин, мафҳумҳои куллӣ (универсалияҳо) ҳам дар ақл ва

ҳам берун аз мавзуи (субъекти) маърифаткунанда муаррифӣ шудаанд» [3, с. 67].

Дар доираи фалсафаи классикии немис, Иммануил Кант аз аввалинҳоест, ки зарурати истифодаи категорияҳои фалсафиро ҳамчун заминаи принсипи маърифатӣ барои ба даст овардани дониш дар бораи ҳастии воқеӣ таъкид мекунад. Ба андешаи ӯ, ин категорияҳо дар шакли муқобили ҷуфтшуда ифода меёбанд, ки таҳлилгари фалсафӣ вазифадор аст нисбат ба аксарияти падидаҳои воқеият ду ҳукми баръакси ҳамро, ки ҳар ду метавонанд дорои асоси мантиқӣ бошанд, баён намояд.

Ин гуна усул, ҳарчанд боиси эҷоди зиддиятҳо мегардад, як воқеияти муҳимро таъкид мекунад: ҷаҳони маърифатӣ наметавонад комилан пайваста ва яклухт бошад, балки бештар ҳамчун маҷмуи тамоюлҳои зид, падидаҳои муноқиз ва ҷанбаҳои номутобиқ зуҳур мекунад. Бо вуҷуди ин, худи тасвири олам бояд ҳамчун як бутуни муҷаррад дарк карда шавад - воситае, ки тавассути он инсон воқеияти объективиро дар шаклҳои мураттаби идеалӣ инъикос менамояд.

Аз ин лиҳоз, зарурат ба вуҷуд меояд, ки принсипи нави ташкили ин бутуниро пайдо кунем, яъне принсипе, ки имкон диҳад мухолифати таърифҳои гуногуни ҳастӣ дар тафаккур бартараф гардад ва дар ниҳоят, асоси назариявӣ ва методологии ташаккули тасвири аслии фалсафии ҷаҳон гузошта шавад.

Дар ин ҷо баъзе хусусиятҳои фалсафаи шарқиро низ баён намудан мумкин аст. Дар ин фалсафа он мафҳуми категориявӣ, чи хеле ки дар фалсафаи Аврупо ба мантиқи расмӣ баён гардидааст, тасвири худро наёфтааст, балки ҳамчун ҷузъи ҷаҳонбинии интуитивӣ ва яклухт вуҷуд дорад. Дар мантиқи ҳиндӣ (масалан, дар системаи няя) мафҳуми категорияҳо (падарта) низ вуҷуд дорад, аммо онҳо аз ҷиҳати онтологӣ ва гносеологӣ бештар мантиқи мутлақ доранд. Мақулаҳо дар ин ҷо роҳҳои дарк ва тавсифи воқеият мебошанд, аммо тақсимоти мантиқии он нестанд.

Дар даосизм ва буддоия равиш боз ҳам яктарафа аст: мақулаҳо дар муқоиса бо таҷрибаи мустақими мавҷудият дуюмдараҷа ҳисобида мешаванд. Ҳар як тақсимоти консептуалӣ мисли кулл ва муҷаррад хаёлест, ки ба фаҳмиши ҳастӣ халал мерасонад.

Бо сабабҳои болозикр баҳри дуруст муқоиса намудани таҳқиқи мақулаҳо дар мактабҳою ҷараёнҳои фалсафии Ғарб ва Шарқ зарурати он вуҷуд дорад, ки тафовути усулҳои тафаккур ҳангоми баррасии мақулаҳо дар тасвири олам ба назар гирифта шаванд.

Ҳангоми баррасии мақулаҳо дар тасвири олам маълум гардид, ки дар фалсафаи ғарбӣ он аз рӯйи мантиқ таҳлил ва низомсозӣ гардидааст, дар фалсафаи шарқӣ бошад, он бештар дар асоси синтез, тафаккур ва донишҳои интуитивӣ пешниҳод мегардад.

Дар диссертатсия мо усули таҳлили герменевтикӣ ва муқоисавиро истифода бурда, кӯшиш намудем, ки ба хусусиятҳои муайянкунандаи мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррадро дар тасвири тасвири олам дар

фалсафаи схоластикии асримиёнагӣ ва фалсафаи классикии олмонӣ инъикос намоем.

Ҳамин тариқ, заминаи методологии таҳлили мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад бояд ба эътирофи вазифаҳо ва нақшҳои гуногуни онҳо дар ҳар як анъанаи фалсафӣ асос ёбад. Ин амал дар инъикоси мустақими мафҳумҳо аз як фарҳанг ба фарҳанги дигар канорагирӣ мекунад ва роҳро барои дарки амиқтари байнифарҳангии тафаккури фалсафӣ мекушояд.

Бояд зикр кард, ки дар таърихи фалсафаи ғарбӣ мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар ташаккули мантиқ, онтология ва назарияи дониш нақши асосӣ доранд. Фаҳмиши онҳо аз идеализми афлотунӣ ва арастуӣ ба баҳсҳои схоластикӣ дар бораи табиати универсалӣ ва минбаъд ба фалсафаи диалектикии идеализми немис табдил ёфт.

2.3. Моҳияти тасвир ва дарки олам ба воситаи мафҳумҳо дар таълимоти файласуфони шарқию ғарбӣ

Тасвири олам ҳамчун як воҳиди ҳамаҷониба чунин ҷанбаҳоро дар бар мегирад, ки бо мурури замон онҳоро зери шубҳа гузоштан ё ҳатто аз нав дида баромадан мумкин аст, аммо он бояд чунин асосҳое ҳам дошта бошад, ки ҳамчун «дигар вариантҳо» амал кунанд ва «ба ҳеҷ ваҷҳ» аз нав дида баромада нашаванд. Ба сифати охирӣ, масалан, метавон эътироф кард, ки олами моро иҳотакунанда вуҷуд дорад ва он вуҷуд дорад на барои он ки мо онро чунин тасаввур мекунем, балки то мо ва пеш аз мо (аз насли башар) вуҷуд дошт ва пас аз мо мавҷудияти худро қатъ намекунад (пас аз марги ҳар як фард ё тамоми инсоният). Мо инчунин ҳаминро ба асос мегирем, ки инсоният наметавонад ин оламро дар маҷмуъ тағйир диҳад, яъне худи воқеияти объективӣ чуноне ки ҳаст, ҳамон хел вуҷуд дорад, он ба инсоният тобеъ нест, ба мантиқи насли башар итоат намекунад, аз рӯи қонунҳои худ вуҷуд дорад. Шахсият дорои қобилиятест, ки метавонад ба воқеияти объективӣ таъсир расонад ва дар раванди фаъолияти худ онро тағйир диҳад, вале ин имкон танҳо дар ҳолатҳое муяссар мегардад, ки инсон қонунҳои ҳаракат ва сохтори дохилии воқеиятро омӯхта, ба таври огоҳона аз онҳо истифода бурда бошад.

Дар маҷмуъ, муҳити воқеие, ки инсонро фаро гирифтааст, фақат ба андозае ба итоат медарояд, ки инсон худ ба он мутобиқ шуда, мантиқи ҳамзистӣ ва ҳамоҳангии ботинии онро пазируфта бошад. Ба ибораи дигар, ҷаҳон бо тамоми қонунмандии худ фақат дар натиҷаи итоати ақлона ва мутобиқшавии инсон ба ин низом, имкони дарки амиқтарро фароҳам меорад ва худи шахсро водор месозад, ки дар сатҳи мафҳумӣ ва мантиқӣ худшиносӣ кунад.

Дар ҳамин замина, қобилияти инсон ба дарку шинохти низоми қонунҳои ҳастӣ, метавонад ҳамчун як аломати умумии даркшавандагии воқеият арзёбӣ гардад. Яъне, худи воқеият дар сохтори зотии худ на

танҳо қобили дарк кардан аст, балки ин хосиятро ҳамчун як хусусияти ботинии худ низ ифода менамояд. Бинобар ин, ин хусусиятро метавон на танҳо ҷузъи муҳимми тасвири ҷаҳон, балки ҳамчун хусусияти бунёдии худи ҳастӣ маънидод намуд.

Ҷанбаҳои муайяни воқеият, аз қабили мавҷудият, холигии он аз хусусиятҳои сирф инсонӣ ва қобилияти дарк шудан дар муҳити мушаххас аз ҷониби ҳар гуна субъект, нишон медиҳанд, ки олам на танҳо ҳаст, балки дорои вуҷуди воқеии мустақил мебошад. Олам ба сифати воқеияти объективӣ зуҳур мекунад ва мавҷудияти он аз роҳи таҷриба ва мантиқи ақлонӣ на ба шубҳа, балки ба шинохти мустақим асос ёфтааст.

Бо такя ба ин, метавон хулоса кард, ки яке аз хусусиятҳои муҳимтарини тасвири фалсафии олам дар он аст, ки он ҳамчун воқеияти моддӣ ва объективӣ арзиш пайдо мекунад. Қобилияти инсон барои фаҳмиш ва таҳлили чунин воқеият дар сатҳи консептуалӣ ва зеҳнӣ аз худи табиати ин воқеият сарчашма мегирад, зеро инсон худ як унсури таркибии олам мебошад ва дар робитаи мустақим бо он қарор дорад.

Дар маънои умумӣ метавон зикр кард, ки маҳз ҳамин воқеияти моддӣ ва объективӣ, ки инсонро иҳота мекунад, заминаи асосии ташаккули қобилияти тафаккури мантиқӣ ва шинохти қонунҳои ҳастиро фароҳам овардааст. Яъне, инсоният на танҳо ҷаҳонро меомӯзад, балки ҷаҳон низ, ба маънои хос, тавассути шуури инсонӣ ва неруи шинохтии ӯ, имкони дарки хешро пайдо мекунад.

Ин навъи худдарки ҷаҳон, ки дар баъзе равияҳои фалсафӣ ҳамчун худшиносии ҷавҳар ё идеяи мутлақ шарҳ дода мешавад, дар сатҳи мафҳумҳо ва сохторҳои консептуалӣ таҷассум меёбад. Аз ин рӯ, дар тасаввури муосири фалсафӣ, ҷаҳонро метавон ҳамчун воқеият «дар худ ва барои худ» тавассути низоми мафҳумҳои мантиқӣ маънидод намуд.

Ба таври умум, илм ва фалсафа, ки зоҳироти фарҳанги маънавии инсонианд, махсусан тавассути методологияи илм ва шакли илмии

тасвири олам, низомҳои донишанд, ки роҳу усули шинохти воқеиятро дар асоси тафаккури мантиқӣ ва сохтори системавӣ таҳассум мекунанд.

Аммо савол ба миён меояд: оё ҳамаи ин равандҳоро метавон ҳамчун «шаклҳои ҷамъиятӣ» ва ё ҳамчун воқеияти муҷаррад баррасӣ кард, ки дар он принсипҳо ва мафҳумҳои умумӣ ҳамчун заминаи сохтории шинохт амал мекунанд? Ба ибораи дигар, барои фаҳмиши воқеияти муҷаррад зарур аст, ки он тавассути категорияҳои мантиқӣ ва дар қолаби тафаккури мафҳумӣ шакл гирад. Дар ин замина, нуқтаи назари М.М. Розентал ба андешаҳои Гегел ҳамнаво мебошад. Ӯ таъкид менамояд, ки мафҳум танҳо тасвири фишурдаи муҳтавои ашё нест, балки воситаи муҳимми инъикоси воқеият дар шуури инсон низ мебошад [198].

Муаллиф дар идомаи таҳлили масъала ба чунин хулоса меояд, ки мафҳумҳо дар раванди шинохти илмӣ на танҳо воситаи ифодаи муҳтаво, балки пояи сохтории тафаккури мантиқӣ мебошанд. Онҳо ҳамчун «элементи ибтидоии мантиқӣ» амал мекунанд, ки тавассути онҳо дигар шаклҳои мураккаби фикрронӣ ва маърифат ташаккул меёбанд. Ин андеша ба мавқеи Г. Гегел наздикӣ дорад, ки мафҳумро ҳамчун шакли олӣ ва фаъолонаи идея ва шинохт ба ҳисоб мегирад, зеро он ҳаракати ботинии худи модда ва зуҳуроти он дар зеҳнро таҷассум мекунад.

Дар ин росто, М.М. Розентал низ таъкид менамояд, ки мафҳум на танҳо шакли мухтасари таҷассумгари муҳтавои ашё аст, балки ҳамчун абзори муҳимми таҷассум ва танзими инъикоси воқеият дар шуури инсонӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, мафҳумро метавон ҳамчун нуқтаи ибтидоии таҳлили ақлонӣ ва ҳамзамон заминаи методологии маърифат арзёбӣ намуд. Маҳз тавассути мафҳум инсон қодир мегардад, ки воқеиятро на танҳо дар шакли зоҳирии он, балки дар сатҳи умумият, зарурат ва қонунияти ботинӣ шиносад.

Сохторҳои мақулаҳои афкор кулл, махсус ва муҷаррад таҳкурсии асосии таҳлили фалсафӣ ва донишҳои мантиқӣ мебошанд. Ин мақулаҳо на танҳо заминаи методологии бунёди донишҳои илмиро ташкил

медиҳанд, балки ақидаҳои бунёдиро дар бораи олам, инсон ва мавҷудият инъикос мекунанд. Дар фалсафаи Аврупо онҳо дар доираи мантиқи расмӣ, метафизика ва гносеология фаҳмида мешуданд. Фалсафаи Шарқ, бо вуҷуди шеваҳои баён ва тафаккури мухталифи худ, инчунин, ҳарчанд ба истилоҳҳои дигар бошад ҳам, ба сатҳҳои шабеҳи умумӣ ва тафовут низ ишора мекунад.

Ҷаҳони муосир муколамаи фарҳангҳо ва фалсафаҳоро тақозо мекунад. Дар пасманзари ҷаҳонишавӣ ва табодули зеҳнӣ муқоисаи системаҳои консептуалии тамаддунҳои гуногун арзиши хоса пайдо мекунад. Таҳқиқоти муқоисавии мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар фалсафаи аврупоӣ ва шарқӣ ба мо имкон медиҳад, ки на танҳо тафовутҳои методологӣ ва нуктаҳои робитаи онҳоро муайян кунем, балки инчунин дарки амиқи пайдоиши навъҳои гуногуни тафаккури танқидии мантиқӣ ва синтетикӣ, ақлонӣ ва интуитивӣ, субстансиалӣ ва мурофиавӣ пайдо кунем.

Барои дарки комили як падидаи мушаххас, зарур аст он дар сатҳи мафҳумӣ таҳлил ва фаҳмида шавад. Худ истиқрори мафҳум дар тафаккури субъект далели он аст, ки объект аллакай дар сатҳи муайяни системавӣ ва бо эътимод дарк гардидааст. Аммо агар раванди гузариши субъект аз ҳолати ноогоҳӣ ё дониши ноқис (яъне набуди мафҳум) ба дониши мураттаб ва мантиқии фаҳмидашуда дар шакли мафҳумҳоро мавриди таҳлил қарор диҳем, он гоҳ маълум мешавад, ки ин ҷараён ба маҷмуи қонунмандии муайяни объективӣ итоат мекунад.

Мутобиқ шудан ба ин қонунҳои объективии тафаккур, ки заминаи гузариши маърифат аз нофаҳмӣ ба сатҳи баланди шинохтро ташкил медиҳанд, барои самаранокии дарки мафҳумҳо нақши муҳим мебозад. Ҳар қадар шахс ба ин қонуниятҳо ва таносубҳои дохилии шинохт пайравӣ кунад, ҳамон қадар зудтар ва амиқтар қобилияти дарки мафҳумҳои воқеиятро дар худ таҳким мебахшад.

Ба сухани дигар, худи ин раванди гузариш аз ҷаҳолат ба дониш, новобаста аз муҳтавои ниҳоии маърифат, метавонад ҳамчун як навъи воқеияти хоси маърифатӣ ё «воқеияти раванди шинохт» баррасӣ шавад, ки дорои сохтор ва мантиқи дохилии худ мебошад, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ ва умумӣ даркшаванда аст ва мутаносибан метавон онро дар мафҳум баён кард. Ин гузаришро «дар худ ва барои худ» дар шакли холис дарк карда ва худи мафҳуми ин гузаришро «дарк» намуда, мо ба маънои муайян қонунҳои пайдоиши онро ба худ тобеъ мегардонем. Ин гуна воқеиятро дар консепсия ифода карда, мо қонунҳои онро дар хидмати худ мегузорем ва аз ин рӯ, ин навъи дониш ба мо кумак мекунад, ки оламро дар маҷмуъ чунин шиносем ва ин танҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки мафҳуми тасвири оламе, ки дар ҷустуҷӯяш ҳастем, ба даст оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, мантиқи биниш, дарк ва тафсири тасвири олам тавассути як қатор муқаррароти зерин муайян карда мешавад. Мо танҳо он вақт «ҳақиқат»-ро дар чизҳо дарк мекунем, ки охирӣ ба мо дар шакли консепсия дар бораи ин чизҳо ошкор шавад. Ё худ, чуноне ки Г. Гегел менависад, «мафҳум умумӣ аст ва бо ҳамин сабаб моҳияти муҷаррад, алоҳидаро ифода мекунад ва ба ин маъно умумӣ алоҳида аст; таҷҷасумгари тамоми бойигарии муҷаррадӣ буда истода, аз ягонагӣ ба умумӣ баромада истода, мафҳум бо ин сабаб на танҳо аломати муҷаррадиро, балки аломати умумиро ҳамчун моҳият, ҳамчун қонун ифода мекунад ва ба ин маъно муҷаррадӣ умумӣ аст» [11]. Ҳамзамон, мо қодирем дар худи консепсия (мафҳум) низ мантиқи гузариш аз дониши ғайриконсептуалӣ ба донишест, ки дар сатҳи консептуалӣ ташаккул меёбад, мушоҳида ва таҳлил намоем. Раванди дарёфти маънии мафҳуми ягон падида ё ҳодисаи воқеӣ дорои сохтори мантиқиест, ки, чунонки Г. Гегел таъкид мекунад, бояд худ дар шакли консептуалӣ баён гардад.

Фаҳмиши он ки чӣ гуна мафҳумҳо воқеиятро дар равандҳои гуногун таҷассум мекунанд, имкон медиҳад на танҳо ҷанбаҳои ҷудогонаи

воқеиятро дарк намоем, балки худи воқеиятро дар тамоми муҷаррадӣ ва ягонагии он бубинем. Ба ибораи дигар, имкони таҳлили ҷаҳони воқеӣ бе шинохти мафҳумҳо ва бе тафсири он дар шакли мантиқан созмонёфта вуҷуд надорад.

Аз ин рӯ, тасвири фалсафии ҷаҳон бояд ба тасаввурот дар бораи табиати мафҳум такя намояд, зеро маҳз мафҳум воситаи асосии пайванди зеҳн бо воқеият буда, сохтори маърифатро ба тартиби мантиқӣ ва низомманд мебарад.

Аз худ кардани ифодаи мафҳум маънои ошкор намудани умумӣ ва зарурӣ, чӣ тавр дарк кардани ин ё он ҷиҳати воқеият, чӣ гуна ноил шудан ба дониши ҳақиқӣ дар шакли «тоза» аз хусусияти ин донишро дорад. Доштани тасаввурот дар бораи консепсия маънои онро дорад, ки мо на танҳо натиҷаи шинохти ин ё он предметро дарёфт мекунем, балки равиши ташаккул ёфтани мафҳумро низ мефаҳмем. Яъне, мо тарзи ба даст овардани мафҳум, марҳалаҳои ташаккули он ва шакли умумии ин равандро ошкор месозем.

Дар ин замина, шинохти консепсия танҳо дарк кардани мазмуни мафҳум нест, балки фаҳмидани он аст, ки чӣ гуна тафаккур мафҳумро тавлид мекунад ва бо кадом қонуниятҳо он ба як тасвири мантиқии воқеият мубаддал мешавад.

Фаҳмидани мафҳум ҷуз як тарзи умумии фаъолият барои ба даст овардани дониши ҳақиқӣ чизе нест.

Чунонки аз таълимоти фалсафаи классикӣ бармеояд, ҳақиқат ҳамчун мутобиқати предмет ба мафҳуми он таъриф мешавад. Яъне, ҳар қадар як объекти воқеият ба мафҳуми худ наздиктар гардад, ҳамон андоза он ҳамчун чизи воқеӣ ва ҳақиқӣ пазируфта мешавад. Дар ин замина, метавон бо эҳтиёт чунин хулоса кард, ки мафҳуми ҳар падидаи воқеӣ ҳамзамон ифодагари ҳақиқати он мебошад.

Аммо суоли бунёдӣ матраҳ мешавад: оё худи воқеият ҳамчун як кулл дорои мафҳум аст? Яъне, оё мафҳуми «воқеият» ё «олам» дар маънои

фалсафии он воқеан вуҷуд дорад? Агар чунин мафҳум вуҷуд дошта бошад, пас фаҳмиши он на танҳо ифодаи механизми универсалии дарки ҳақиқат аст, балки худи он «ҳақиқати мутлақ»-ест, ки тамоми коинотро фаро мегирад.

Доштани тасаввурот дар бораи табиати мафҳум, дар асл, маънои дарёфти он механизми умумиест, ки инсоният тавассути он ба донишҳои воқеӣ ва мувофиқ ба воқеият ноил мегардад. Ин дониш метавонад соҳаҳои гуногунро дар бар гирад — қонунҳои табиат, принсипҳои рушди ҷомеа ва, муҳимтар аз он, қонуниятҳои худи шинохти ҳақиқат. Дар ҳар яке аз ин ҳолатҳо, натиҷаи маърифат мафҳумҳоянд: мафҳумҳои табиатшиносӣ, мафҳумҳои иҷтимоӣ ва, ниҳоят, мафҳумҳое, ки раванд ва механизмҳои тавлиди худи мафҳумҳоро дар бар мегиранд.

Таҳлили мантиқии ин марҳалаи охир, яъне шинохти консептуалии худи мафҳумҳо, имкон медиҳад, ки тарзи пайдоиши ҳамаи дигар мафҳумҳо ба таври назариявӣ ва методологӣ шарҳ дода шавад. Аз ин лиҳоз, дар сатҳи гносеологӣ, доштани тасаввурот дар бораи мафҳум на танҳо ҳамчун амали муҳимми шинохт, балки ҳамчун пояи аслии ташаккули тасвири фалсафии ҷаҳон баррасӣ мегардад.

Г.Гегел «Энсиклопедияи илмҳои фалсафа»-и худро эҷод намуда истода, аз ҷумла кӯшиш намуд, ки ин нуқтаи назарро ҳимоя намояд [56]. Ба андешаи Г. Гегел, агар фалсафа танҳо ба ҳайси шакли одии шуури ҷамъиятӣ баррасӣ гардад, яъне ҳамчун инъикоси стихиявии таҷрибаи амалӣ, ҷамъбасти хушки маълумоти илмҳои ҷудогона, ё хидматрасон барои дин, идеология ё ҳадафҳои иқтисодӣ, он гоҳ рисолати воқеии фалсафа ҳамчун низоми мустақили шуур аз байн меравад. Дар ин ҳолат, худи фалсафа, ба маънои аслӣ ва амиқи калима, дигар вуҷуд нахоҳад дошт ва танҳо ба як тасаввуроти хаёлӣ ва рӯйпӯшкунанда мубаддал мешавад.

Фалсафа танҳо дар он сурат қодир аст рисолати худро иҷро кунад, ки агар ҳамчун шакли мукаммали шуури назариявӣ ва ҳамчун таҷассуми

олии худшиносии маърифатӣ дарк карда шавад. Вагарна, он агар дар доираи вазифаҳои хориҷӣ ва практикии дигар низомҳо маҳдуд гардад, аз табиати фалсафии худ маҳрум мегардад.

Зимни таҳлили низоми фалсафии Гегел, К. Гулиан саволи муҳимро матраҳ месозад: «Оё дар фалсафа унсуре ҳаст, ки тамоми ин гуногунрангии таълимотро ба як низоми ягона табдил диҳад ва шаклҳои хусусии онро тобеъ намояд?» [108]. Ин савол ба худи моҳияти фалсафа ва зарурати таҳқиқи он ҳамчун як низоми мукаммал ва мантиқан мураттаб иртибот дорад.

Гегел дуруст ишора мекунад, ки фалсафа набояд ҳамчун зерсохтори идеология, дин ё илм баррасӣ шавад, балки бояд ба он ҳамчун маҷмуи олии шуури фарҳангӣ - квинтэссенсияи тамоми тамаддуни инсонӣ - нигоҳ кард. Танҳо дар ин сурат фалсафа қодир аст роҳҳои ҳалли мушкилоти амиқи маърифатӣ ва ҳастишиносиро пешниҳод намояд.

Мазмуни умумии таълимоти Гегелро як идеяи мутлақ фаро мегирад - идеяе, ки дар худ тамоми гуногунрангии зоҳирии фалсафа ҷамъ омада, дар шакли ягона ва яклухт таҷассум меёбад. Ин идея на танҳо ба марҳалаи муайяни таърихӣ маҳдуд намешавад, балки дар худ ва барои худ ҳамчун шакли софи худшиносии мафҳумӣ амал мекунад ва манзараи мантиқии шинохтро фаро мегирад.

Фаҳмиши мафҳумро ҳамчун асоси тасвири олам эътироф намуда, мо роҳи муайяни дарк ва тафсири охириро бароварда метавонем. Дар асоси фаҳмиши консепсия, метавон баъзе тезисҳоеро оид ба худи воқеият – он воқеияте, ки моро иҳота кардааст, пешниҳод намуд. Аввалан, бояд эътироф кард, ки олам на танҳо маҷмуи унсурҳои моддии объективӣ, мисли фактҳо, падидаҳо ва равандҳои табиӣ аст, балки аз ин ҳама фаротар меравад. Яъне, он на танҳо маҷмуи қонунҳои физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва геологӣ мебошад, балки чизи бештар, якпорчагӣ ва ягонагии муҳити тамоми мавҷудот аст.

Аммо масъалаи асосӣ дар он аст, ки оё ин якпорчагӣ ва умумиятро метавон ҳамчун хусусияти шинохти инсонӣ дарк кард? Оё воқеан ин ягонагӣ дар мафҳум ифодашаванда аст? Ва агар ҳа, пас чигуна метавон инро шинохт ва то худи мафҳуми олам, то ғояи куллӣ расид?

Зимни баррасии ин масъала, ба гуфтаи Г. Гегел, мафҳуми олам (ғояи ҷаҳон) бештар ҳамчун шакли таназзулёфтаи тасаввурот дар бораи мафҳум намоён мешавад, на ҳамчун шинохти ҳақиқии зотии воқеият. Аз ин рӯ, Гегел зарурати таҳқиқи мустақими «мафҳуми олам»-ро зери шубҳа мегузорад, зеро онро лаҳзаи гузаро ва абстракт мешуморад. Вале оё чунин муносибат дар муҳити фалсафии муосир якдилона қабул шудааст? Ин савол имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардааст.

Худи ифодаи «дарки олам ба воситаи мафҳум» бар он ишора мекунад, ки мафҳум ҳамчун шакли муҷаррад ва универсалии дониши инсон, роҳест ба дарки моҳияти воқеият. Мафҳумҳо инъикосгари қонуниятҳои зарурӣ ва умумӣ мебошанд, ки ҷаҳон тавассути онҳо амалӣ мегардад. Онҳо ба зеҳни инсон имкон медиҳанд, ки аз мундариҷаи эҳсосотӣ фосила гирад ва маънӣ ва сохтори воқеиятро дар сатҳи абстрактӣ ба даст орад.

Аммо дар худи воқеият, ин қонуниятҳо ба шакли поки мафҳумӣ намоён намешаванд. Онҳо танҳо дар фаъолияти зеҳнии инсон, дар раванди тафаккури мантиқӣ ва абстрактӣ зуҳур мекунанд. Яъне, қонуни умумии олам ҳамчун як навъ муҷарради гуногунрангӣ, танҳо дар сатҳи консептуалии фикр зуҳур мекунад, дар ҳоле ки воқеият худаш ба мо танҳо ҳамчун маҷмуи гуногунрангӣ намоён мегардад.

Аз ин рӯ, ягонагии ин гуногунрангӣ, пеш аз ҳама, дар шуури инсонӣ ва тавассути фаъолияти ақлонӣ ошкор мешавад. Гуногунрангӣ ҳамчун зоҳироти ҳиссӣ ва конкретӣ дар шакли пок ва воҳиди мантиқӣ вуҷуд надорад, аммо маҳз ин шакли мантиқӣ, яъне мафҳум, тавони бардошти мундариҷаи зарурии воқеиятро фароҳам меорад. Маҳз идея ҳамчун

шакли абстракт ва мантиқии фаъолияти шинохт, ҷанбаҳои гуногуни воқеиятро ба низом медарорад ва онҳоро бо қонуният таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, тавассути ташаккули мафҳумҳо ва категорияҳо, инсон қодир аст воқеиятро дар шакли мураттаб ва ақлонӣ дарк кунад. Ҳар як категорияи фалсафӣ ин таҷассумест аз сатҳҳои гуногуни муносибати зеҳн бо воқеият ва тавассути онҳо, инсон ҷаҳонро ҳамчун як низоми зоҳирӣ ва ботинӣ мешиносад.

Аммо худи фаъолияти абстрактии насли инсон ҳамчун воситае амал мекунад, ки гуногунрангии тамоми олами атрофро дар шаклҳои гуногуни охирӣ объективона инъикос мекунад. Фаъолияти абстрактии тафаккур дар шакли мафҳум таҷассум меёбад, ки он ҳамзамон ҳамчун хислати зотии кулл дар худи воқеият амал мекунад. Бо вуҷуди он ки мафҳум худ натиҷаи шуури инсонӣ аст, он дар баробари ин, тарзи умумии фаъолияти шинохтро низ таҷассум мекунад. Маҳз тавассути ҳамин шакли умумӣ инсон имкони тавлид ва ташаккули мафҳумҳоеро пайдо мекунад, ки ҷанбаҳои гуногуни воқеиятро фаро мегиранд.

Ба ибораи дигар, мафҳум бояд дар худ ҳам натиҷаи маърифати унсурҳои муҳимми воқеияти объективӣ ва ҳам худи раванд ё тарзи ташаккули ин маърифатро дар бар гирад. Он на танҳо зоҳиркунандаи воқеияти маърифатшуда мебошад, балки инъикосгари худи равиши маърифати он низ ҳаст.

Аз ин лиҳоз, мафҳумро метавон ҳамчун ягонагии раванд ва натиҷаи маърифати моҳияти объект ё падида арзёбӣ кард, новобаста аз он, ки он чӣ қадар мураккаб бошад. Шакли мафҳум дар худ якҷо ҳам ҷараёни шинохти зотӣ ва ҳам мундариҷаи ниҳоии онро таҷассум мекунад.

Бо таваҷҷуҳ ба гуфтаҳои боло, метавон ба чунин хулоса омад, ки мафҳум дар баробари хусусияти муҷарраду абстрактии худ, ҳамзамон ҳамчун шакли умумии дарки воқеияти муҳити атроф амал мекунад. Дар ин раванд, мафҳум на танҳо натиҷаи дарки ҷанбаҳои муҳимми ҳастӣ аст, балки худи равиши шинохти ин ҷанбаҳоро низ фаро мегирад. Ба

андешаи Е.Ф. Солопов, «фаҳмиши мафҳум муҷарради на танҳо равиши тавлиди дониш, балки худи натиҷаи он низ мебошад» [214].

Аз ин рӯ, ҳадафи ниҳоии шинохт ва тасвири воқеияти олам на танҳо ба маънои ифодаи тасвири гуногунранги олами воқеӣ дар шакли абстракт ва яклухти мафҳум, ва на танҳо ба маънои таҷассумёфтаи он дар зеҳн, балки ҳамчун ягонагии ҷанбаҳои зикршуда дар робитаи сохтории онҳо бо ҳам баррасӣ мегардад. Ба ибораи дигар, аз гуногуншаклии воқеияти мушаххас тавассути таҳлили абстрактӣ, ки ба ифодаи моҳияти сохторҳои воқеият дар мафҳумҳо мусоидат мекунад, мо ба фаҳмиш ва таҷассумгардонии умумии он расида метавонем, ки тамоми равандҳои инкишофи маърифатро фаро мегирад. Дар ниҳоят, чунин ҳаракат аз абстраксияи ибтидоӣ ба тасвири мукаммали олам дар заминаи мафҳумҳои умумифалсафӣ сурат мегирад.

Худи воситаи дарк, ҳамчун механизми инъикоси воқеият дар шуури инсон, дар шакли мафҳумҳои умумие чун фазо, замон, сабабият, зарурат, тасодуф, воқеият, моҳият ва падида зоҳир мешавад. Ин мафҳумҳо, ҳарчанд абстракт мебошанд, аммо на танҳо хислатҳои умумии падидаҳоро нишон медиҳанд, балки худи хусусиятҳои асосии ҳастиро таҷассум мекунанд – он хосиятҳое, ки ба худи олам мансубанд, на ба субъекти дарккунанда.

Ҳамзамон, ин категорияҳо наметавонанд берун аз шаклҳои ҳиссиёнии табиии инсон ошкор шаванд: онҳо самараи фаъолияти фикрии инсонианд. Вале бояд зикр кард, ки худи ин фаъолияти тафаккурӣ, ки мафҳумҳои ниҳоӣ ва шаклҳои бунёдии даркро эҷод мекунад, дар асоси қонуниятҳои муҳити табиӣ пешакӣ муайян шуда, барои инсон ҳамчун роҳи қобили шинохт ва истифода муайян гардидааст [221].

Метавон ба таври мантиқӣ хулоса кард, ки асосҳои амиқи ҳастӣ, ки дар шакли поки категорияҳо таҷассум меёбанд, маҳсули фаъолияти тафаккурии инсон мебошанд. Яъне, маҳз худи қобилияти абстрактии

инсон ҳамчун замина ва воситаи дарки хосиятҳои умумиву аслии ҳастӣ баромад мекунад. Бо вуҷуди ин, як нуктаи принсипиалӣ бояд таъкид гардад: фаъолияти маърифатии инсон дар равандҳои муайянкунии хосиятҳои умумии ҳастӣ на танҳо ҳамчун амали шинохти субъективӣ, балки ҳамчун амали объективикунонӣ, яъне мушаххаскунии худи ҳастӣ тавассути мафҳум, баромад мекунад. Маҳз ҳамин амали мушаххассозӣ заминаи ташаккули мантиқи минбаъдаи даркро ташкил медиҳад.

Дар асл, фаъолияти абстрактии инсон танҳо дар шароите имконпазир ва самаранок мегардад, ки субъект ба марҳалаи муайяни инкишофи таҷрибаву амал расида бошад. Дар ин ҳолат, шахс на аз рӯйи хоҳишу ҳадафҳои бевоситаи худ, балки тавассути фаҳмиши қонунмандии дохилии худи ашёҳои воқеӣ амал менамояд. Ба ибораи дигар, фаъолияти фикрӣ замоне воқеан тавлид мешавад, ки инсон дар раванди ҳамкорӣ бо олам на танҳо натиҷаҳои зоҳирии амалиёт, балки хусусиятҳои объективии ашёро ҳамчун манбаъ ва воситаи шинохт дарк мекунад ва дар асоси он амал менамояд.

Ва ин хосиятҳои олами материалии объективӣ (масалан, фазо ва вақт) асоси минбаъдаи он мебошанд, ки воситаҳои шинохти субъекти фаъолият инкишоф меёбанд ва тадриҷан фаҳмиши дигар хислатҳои маҳдудкунандаи ҳастӣ ҳамчун далели он, ки инсоният худи оламро дар шаклҳои умумию зарурии худ инъикос менамояд, ташаккул меёбанд. Дар ниҳояти кор, чунон ки П.В. Копнин дуруст қайд мекунад, ин шаклҳо «дар худ ва худашон ҳамчун мақулаҳои фалсафӣ ба амал меоянд» [146].

Мафҳумҳои мазкур ҳамчун «унсурҳои калидӣ» дар сохтори тасвири фалсафии олам нақши муайянкунанда мебозанд. Онҳо, аз як ҷониб, ҷараёни ташаккули мафҳумҳоро дар доираи соҳаҳои муайяни маърифатӣ равшан месозанд ва, аз ҷониби дигар, ҳамчун марҳалаи хулосавии таҳаввули фикрӣ ва мантиқӣ амал мекунанд, инкишофи минбаъдаи илмро мушаххас ва фарқ мекунонанд ва аз тарафи дигар, ин маҷмуи мақулаҳои фалсафӣ «мева»-и ҳаёти тамоми инсоният дар марҳалаҳои

пештараи инкишофи худ мебошад; ба воситаи онҳо ва тавассути онҳо ягонагии фаъолияти бисёр наслҳои насли башар, натиҷаи ба худ хос ва воситаҳои дарки минбаъдаи онҳо ҷамъбаст карда мешаванд. Ғайр аз ин, онҳо «ойина» мебошанд, ки моҳияти худро ба тафаккур нишон медиҳанд, ба таври объективӣ ошкор мекунанд, ки худи тафаккур чист ва барои инкишофи минбаъдаи тамаддуни башар чӣ гуна нақш мебозанд. Тафаккур, ки дар категорияҳо (ҳастӣ, хало, ташаккул, сифат, миқдор, ченак ва ғ.) амалӣ мешавад, худи мантиқи инкишофи насли инсониро дар шакли тозаи он «дар худ ва барои худ» ифода мекунад, дар баробари ин, тафаккур худро ба амал мебарорад ва «ба воситаи худ инкишоф меёбад». Г. Гегел вобаста ба ҳамин мушкилот менависад, ки категорияҳои фалсафӣ раванди объективии худтаъкидкунии тафаккурро муайян намуда, ҳамзамон аз конкретӣ ва мукаммал будани он ба охирӣ маълумот медиҳанд [16].

Агар муносибат ба тасвири ҷаҳон дар ибтидо аз сатҳи эҳсосӣ намоён оғоз гардад ва сипас ба сатҳи баланди абстрактӣ, аз ҷумла то фаҳмиши холигӣ ё «ҳеҷ чиз» ҳамчун шакли комили абстраксия бардошта шавад, пас ҳаракати минбаъдаи тафаккур бояд бар пояи механизмҳои мантиқӣ сурат гирад. Ин ҳаракат аз умумияти холии ибтидоӣ ба самти мушаххасгардонии мафҳумӣ танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки он тавассути низоми муайяни категориявӣ амалӣ шавад. Маҳз категорияҳо воситаҳое мебошанд, ки шароити гузариши пайдарпай, муназзам ва мантиқии фикрро аз абстраксияи умум ба мушаххасоти консептуалӣ таъмин мекунанд.

Ба ибораи дигар, категорияҳо ба сифати абзори миёнарав, шинохтро аз марҳалаи умумӣ ва каммуҳтаво ба сатҳи баланди таҳлили мафҳумӣ раҳнамоӣ мекунанд. Дар натиҷа, онҳо ба шаклгирии тасвири мукаммали ҷаҳон дар заминаи консептуалии мафҳумҳо мусоидат менамоянд ва донишро ба дараҷаи мушаххас ва назариявии он меоранд.

Инсоният олами атрофро (табиат), ҳодисаҳои иҷтимоиро (ҷамъият), худи раванди инъикоси воқеияти объективиро (тафаккур) ба таври идеалӣ инъикос мекунад (бо дараҷаҳои гуногуни объективӣ). Чунин равандҳоро ҳамчун шаклҳои «объективӣ», «мустақил» бевосита аз шуури инсон шарҳ додан мумкин аст. Ин намуди шаклро метавон ҳамчун шарҳи қонунҳои муайяни дарк муайян кард. Яъне, агар чизеро дарк кардан лозим бошад, пас маҳз ҳамин хел дарк кардан лозим аст, на ба таври дигар. Дар аввал чунин қолабҳое, ки мантиқи объективии даркро ифода мекунанд, дар худ ба амал меоянд; худи инсоният ба онҳо диққатро «тамаркуз» накарда, дар бораи онҳо фикр накарда, охириро ҳамчун шаклҳои мустақил ҷудо насохта, пайравӣ мекунад. Ва то андозае, ки башарият ин қонунҳоро риоя мекунад, воқеияти атрофро бо дараҷаи кофӣ ё дараҷаи камтаре инъикос мекунад. Ин тарзи фаъолиятро ба таври образнок ҳамчун тафаккури «дар худ» тавсиф кардан мумкин аст.

Инсоният худи қонуниятҳои зикршударо маърифат карда, онҳоро дар мафҳумҳо ифода намуда, онҳоро «барои худ» тавлид мекунад ва тавассути ин аллакай бошуурона итоат намуда, онро ҳидоят мекунад ва як зарра аз онҳо дур намешавад. Дар ин ҳолат худи мафҳум ҳамчун як қонуни кулл ба ҳайси роҳи таҳқиқоти минбаъдаи мафҳумҳои мушаххас амал мекунад. Ба мисли қонунҳои шинохти табиат, инсониятро «маҷбур» мекунанд, ки ба нафъи худ хизмат намояд, ба таври махсус ба онҳо итоат кунад, ба ҳамин тариқ, инсоният қонунҳои шинохтро ба мақсадҳои худ истифода бурда, бошуурона ба онҳо «итоат» менамояд. Дар ин ҳолат, мо як тарзи фаъолият дорем, ки онро ҳамчун тафаккур «дар худ ва барои худ» гуфтан мумкин аст.

Худи қонуни фаъолияти маърифатӣ чӣ гуна ба даст оварда шуд? Г. Гегел таъкид мекунад, ки он тавассути тафаккур дар бораи худи тафаккур, ё тавассути «тафаккури худ фикр кардан» ба даст меояд [18]. Натиҷаи ин тарзи фаъолияти фикрӣ қонунҳои дар боло зикршудаи тафаккур мебошанд, ки онҳо нисбат ба шинохти табиат ва дарки худи

усули дарк баробар татбиқ мешаванд. Аз ҷиҳати гносеологӣ, роҳи умумии фаҳмиши мафҳумҳо бояд комилан баробар бошад, ҳатто вақте ки он ба чизи дигар нигаронида шудааст: ба олам, ба табиат, ба ҷомеа – ва ин дигарро дар мафҳумҳо ифода мекунад ва вақте ки он ба худаш равона гардидааст, дар мафҳум худи усули ба даст овардани донишҳои ҳақиқӣ ифода карда мешавад.

Фаҳмиши мафҳуми «муҷаррадӣ» дар заминаи гносеологӣ ҳамчун шакли умумии фаъолияти шинохтии зеҳнӣ, ки дар муҳтавои гуногун бо тавозуни муайян таҷассум меёбад, дар асл, бояд ба муҷаррадияти дорои асоси онтологӣ такя кунад. Яъне, худи қонуни ниҳоии маърифат ва шинохт, ки дар сохтори мафҳум таҷассум меёбад, реша дар воқеияти муҷарради табиат ва гуногунрангии сохтори ҷаҳон дорад.

Ба сухани дигар, дар маънои фарох, қонуни маърифатро метавон ҳамчун яке аз қонунҳои умумии воқеияти объективӣ арзёбӣ кард, ки тавассути равандҳои мураккаби миёнаравии амалӣ дар шуури инсон таҷассум ёфтааст. Маҳз ҳамин хусусияти миёнаравии ин қонун аст, ки онро бо дигар шаклҳои воқеият ба таври органикӣ пайванд медиҳад. Чунон ки П.В. Копнин зикр мекунад, мафҳум ва сохтори маърифат на танҳо аз шуур сарчашма мегирад, балки ҳамчун бозтоб ё таҷассумгари сохти воқеият дар шакли назариявӣ низ амал мекунад «Диалектика ҳамчун мантиқ ва назарияи дониш» қайд мекунад, «ҷаҳон бо гуногунрангии шаклҳои алоҳида ва мавҷудияти муҷарради худ, дар ниҳоят, ин гуна қонунеро муайян мекунад, ки инсоният баъдан «барои худ» кашф мекунад» [146].

Худи ҷаҳон ҳамчун воқеияти объективӣ дорои қобилияти даркшавӣ мебошад, ки онро метавон ҳамчун хусусияти бунёдии ҳастии он арзёбӣ намуд. Ин хусусият, ки асоси шинохтро ташкил медиҳад, шароити аввалин барои ташаккули тасвири мантиқии ҷаҳонро фароҳам месозад. Ба таъбири дигар, қобилияти фаҳмида шудани олам ба сифати як дидани пешӣ (*a priori given*) дар раванди маърифат баромад мекунад. Тавре ки

Р.О. Қурбонов ишора мекунад, «ин заруратро мо бе ниёз ба асоснокқунии иловагӣ қабул менамоем», зеро он ҳамчун нуқтаи ибтидоии худогоҳии маърифатӣ хизмат мекунад» [153]. Ҷаҳон дорои дараҷаи муайяни тартиб ва низом аст, ки дар он тамоми унсурҳо бо ҳамдигар робита ва ҳамбастагӣ доранд. Ин робитаҳо хусусиятҳои объективии фазоӣ ва замонӣ дошта, дар сатҳи муайяни зарурат ва қонуният, аз қабили сабабият ва мураттабият зоҳир мешаванд. Ба таври шартӣ метавон изҳор дошт, ки дар доираи ҳамин воқеияти объективии моро иҳотакунанда, шаклҳои гуногуни мавҷудоти зинда, аз содатарин организмҳои якҳуҷайра то наботот ва ҳайвонот, хусусиятҳои хоси худро тавассути тарзи мавҷудияти хеш инъикос менамоянд.

Илова бар ин, метавон гуфт, ки ҳатто «қонуниятҳои дохилии» рафтор ва равандҳои ҳаётии ин мавҷудот, аз ҷумла дар сатҳи ҳайвонот ва инсон, ба таври муайян бозгӯкунандаи мураттабии қонунҳои ҳастӣ мебошанд. Ҳайвонот, масалан, эҳтиёҷоти худро бо шеваҳои махсусе қонеъ мегардонанд, ки мувофиқати онҳо бо табиат на танҳо таҷрибавӣ, балки идеалӣ низ арзёбӣ мегардад. Онҳо назар ба наботот ба қонунҳои ҳастӣ бештар мутобиқат доранд.

Аз ин нуқтаи назар, метавон фарз кард, ки қобилияти бозтоб додани воқеият дар шакли идеалӣ, ки дар инсон ба дараҷаи олии инъикос мерасад, дар асл, хосияти бунёдии худи ҷаҳон аст. Ин қобилияти потенсиалӣ дар худи сохти олам ниҳон аст ва шинохти инсонӣ танҳо онро ба марҳалаи камол расонида, ба шакли возеҳи шуур ва фаҳмиши консептуалӣ табдил медиҳад.

Вай дар аввал қонунҳои табиат ва ҷамъиятро объективона инъикос мекунад, баъдтар моҳияти донистани ин гуна қонунҳои ҳаёти табиию ҷамъиятиро дарк мекунад ва баъд ба воситаи дарки моҳияти худи фаҳмиш (ба воситаи фаҳмиши мафҳум) ҷанбаҳои асосии худи воқеиятро ошкор мекунад. Аз ҷумла, М.А. Мелюхин оид ба ин масъала ба таври куллӣ қайд мекунад, ки қонуниятҳои фаъолияти маърифатӣ дорои ҳамон

«табиати онтологиеанд», ки онҳоро қонуниятҳои рушди табиат ва ҷомеа доро мебошанд [171].

Бо дарназардошти муҳтавои зикршуда, мумкин аст воқеиятро ба се зинаи асосӣ табақабандӣ намуд, ки ҳар кадом сатҳи муайяни ҳастӣ ва шинохтро таҷассум менамояд:

1. Воқеият дар маънои онтологӣ, яъне худи олам бо тамоми қонуниятҳои табиию объективии он, ки мустақил аз шуури инсон вуҷуд дорад ва аз ҳеҷ гуна тафсири субъективӣ вобаста нест.

2. Инъикоси идеалии воқеият, ки дар анвои гуногуни тафаккур, илм, фарҳанг ва тамаддуни инсонӣ таҷассум ёфта, қонуниятҳои табиатро дар сатҳи амсилаҳои назариявӣ, сохторҳои мафҳумӣ ва тасвирҳои рамзӣ (симулякрумҳо) бозтоб менамояд.

3. Мафҳум ҳамчун унсури калидии фаъолияти маърифатӣ, ки дар заминаи он раванди шинохт ва тафсири воқеият сурат мегирад. Дар ин сатҳ мафҳум ҳамчун воситаи универсалӣ на танҳо натиҷаи шинохт, балки худи механизми таркибии шинохт ва усули методологии он низ мебошад.

Сатҳи якум ба ҷанбаҳои онтологии тасвири олам мутобиқат мекунад, яъне ба худи ҳастӣ ва қонуниятҳои мустақили он. Сатҳи дуюм бештар ба андешаи идеологӣ ва фарҳангӣ марбут аст, ки дар он ҷаҳонбинӣ ва таҷрибаи таърихии инсоният дар шаклҳои гуногуни тафаккур ифода меёбад. Сатҳи сеюм, ки ба фаъолияти маърифатии инсон бахшида шудааст, ду ҷанбаи муҳимми ҳамбаста – гносеологӣ ва методологиро дар бар мегирад.

Саволҳое ба миён меоянд, ба монанди оё ҷанбаҳои гносеологӣ ва методологӣ бояд дар як зинаи сохторӣ баррасӣ шаванд? Посух мусбат аст, аммо бо таъкиди асоснокии мантиқӣ. Мақсад дар он аст, ки шинохт (гносеология) ва усули шинохт (методология) дар марҳилаи фаъолияти мафҳумӣ аз ҳам ҷудо нестанд. Мафҳум дар айни замон ҳам натиҷаи маърифат ва ҳам абзори методологии маърифат мебошад. Яъне, онҳо ду паҳлуи ягонаи раванди фаҳмишро ташкил

медиҳанд: гносеология ҷавоб медиҳад ба саволи *«чӣ шинохта мешавад?»*, методология бошад – *«чӣ гуна шинохта мешавад?»*. Аз ин лиҳоз, мантиқан ва назариявӣ дуруст ва асоснок аст, ки онҳо дар як зинаи сохтории таснифи воқеият баррасӣ гарданд. Оё сохтори сеқабатаи мазкур воқеияти объективиро инъикос мекунад? Бале, чунин амсила на танҳо сатҳҳои маърифатро, балки тартиби мантиқии рушди фаҳмишро низ таҷассум мекунад. Он ҳаракат аз ҳастии худ (онтология), ба инъикоси он дар шуури инсон (идеология ва фарҳанг) ва минбаъд ба амали маърифатӣ ва таҳлилии инсонӣ (гносеология ва методология)-ро таҷассум менамояд. Ин сохтор имконият фароҳам меорад, ки тасвири ҷаҳон ба таври муназзам ва ҳамоҳанг бо сохтори воқеият ва сохтори тафаккур дар як замина мавриди баррасӣ қарор гирад.

Барои посухи якхела додан ба саволҳои боло, саволҳои дигар гузоштан мумкин аст: тарзи универсалии дарки қонунҳои олам дар мафҳумҳо бо қонунҳои дигари вокеияти атроф чӣ гуна мувофиқат мекунад? Оё ин гуна тарзи универсалии фаъолият мантиқи ифодаи қонунҳои дигари воқеиятро дар мафҳумҳо дар асоси муҷаррадии охирӣ ё бо роҳи пайвастани онҳо танҳо тавассути мафҳуми консепсия дар бар мегирад?

Умуман, оламро чӣ гунае ки ҳаст ҳамон тавр баррасӣ намуда истода, инсон, новобаста аз қобилияти идроки инсоният, тамоми гуногунрангии хосияту муносибатҳои он, танҳо яке аз шаклҳои ҳастии он мебошад. Нисбат ба ҳамаи шаклҳои дигари ҳастӣ, нисбат ба муҷаррадии охирӣ онро шартан ҳамчун як навъ абстраксия, «лаҳзаи нотамом»-и ҳастии воқеӣ тасвир кардан мумкин аст. Дар мавриди як қабати дигари воқеият низ - қобилияти инъикос ва дарки олам ҳамон тарзе ки ҳаст, ҳамин гуна мулоҳизаҳоро метавон баён намуд. Ин шакли воқеиятро ҳамчун лаҳзаи абстрактии ҳар чизе, ки мавҷуд аст, маънидод кардан мумкин аст. Мувофиқан, инъикоси объективии усулҳои дарк низ умуман дар «шакли соф» лаҳзаи абстрактӣ мебошад. Аммо ҳамзамон, дар баробари таҳлили

роҳҳои маърифат дар заминаи таҷрибавӣ ва мушаххас, зарурати дарки усулҳои шинохт дар шакли абстракт ва «холиси мантиқӣ» низ ба миён меояд. Маҳз ҳамин шакли холис, ки Г. Гегел онро дар таҳлили мантиқи диалектикӣ асоснок мекунад, баёнгари ҳаракати маърифат дар сатҳи категориявӣ ва консептуалӣ мебошад. Ба гуфтаи ӯ, фаҳмиши ҳақиқии равандҳои маърифат танҳо дар сурате имконпазир аст, ки худи тарзи ҳаракати фикр, яъне ҳаракат аз мафҳуми умум ба мушаххас, аз абстракт ба конкрет, дар сохтори дохилии худ, дар шакли мантиқии тоза, таҳлил гардад [19], ҳамчун нуқтаи ниҳоии раванди болоравӣ аз абстрактӣ ба мушаххас (конкретӣ) амал мекунад. Бо вуҷуди ин, ба назари мо, ҳатто ин дар бунёди олам воқеан мушаххас ва объективӣ нест. Ба ҳайси конкретӣ муҷаррадӣ дар гуногунрангӣ баромад мекунад, ки дар ин ҳолат дар худ мантиқи зарурати гузариши ҳам абстраксияи якум (олам дар объективияти худ ва умумияти қонунҳои он), ҳам абстраксияи дуюм (қобилияти инсон ба инъикоси объективии олам дар мафҳумҳо) ва абстраксияи сеюмро (инъикоси объективии усули умумии дарк умуман дар «шакли холиси» он) ба умумияти конкретии он дар бар мегирад.

Тарзи универсалии дарки «дар худ ва барои худ» дар шакли тозаи худ ҷанбаи методологии тасвири оламро нишон медиҳад ва худи ҳамин тарзи идрок (қонуни амалӣ гардидани воқеияти объективӣ дар мафҳумҳо) низ бо олам ба тарзи объективӣ алоқаманд аст ва бо қобилияти инсоният ба инъикос кардан дар мафҳумҳо ҷиҳати гносеологии тасвири оламро нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, дар тобеияти сохтории худ тасвири олам ҳамчун шакли идеалӣ бо иерархияи худи олам комилан алоқаманд буда, биниши гуногуни ракурсии ҳастии охириро ба назар мегирад ва ба таври объективӣ инъикос мекунад. Ё чуноне ки В.В. Илин менависад, «ба мақсад мувофиқ будани ба қисмҳои методологӣ ва гносеологӣ тақсим кардани усули дарк басо шартӣ аст, агар ҷиҳати асосии масъаларо ба назар гирем» [138].

Ба ғайр аз ин, тасвири олам ҳамчун шакли идеалии инъикоси худи олам ба ҳайси муҳимтарин хусусияти худ проблемаи муносибати ҳастӣ ва тафаккурро дорад. Ин масъала на танҳо аз ҷиҳати худи сохтори тасвири олам, балки аз ҷиҳати мазмуни он ҳам яке аз масъалаҳои муҳимтарин мебошад. Тасвири олам бояд ба мо равшан ва возеҳ нишон диҳад: таҷассуми олами гирду атрофи мо чист - ҳастии материалӣ ё идеяи ратсионалӣ?

Чунин проблемаҳое, ки Ф. Энгелс ба миён гузоштааст, яъне «Масъалаи бузурги фундаменталии ҳама, алалхусус фалсафаи навтарин, масъалаи муносибати тафаккур бо ҳастӣ аст» [283, с. 16] ва «Масъалаи иртиботи тафаккур бо ҳастӣ, дар бораи он чӣ ибтидоӣ аст: руҳ ё табиат, - ин савол, ки дар схоластикаи асримиёнагӣ нақши калон бозидааст, сарфи назар аз калисо, шакли тезтар гирифт: оламро Худо офаридааст ё аз абад вуҷуд дорад?» [283, с. 17] ҳоло ҳам аҳамияти худро гум накардаанд.

Ҳангоми таҳлили ин гуна масъалаҳо бо истифода аз таркиби пурмазмуни тасвири олам дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ мо ногузир ба чунин факт дучор мешавем, ки объектҳои материалии воқеияти гирду атроф тамоюли худмураккабшавӣ, тағйири бебозгашт ба сӯи шаклҳои торафт мураккабтари худташкилкуниро (чуноне ки илми синергетика механизмҳои ин равандҳоро таҳқиқ ва муайян мекунад) доранд. Пайвастҳои ғайриорганикӣ ба моддаҳои органикӣ мубаддал мешаванд ва онҳо дар навбати худ ба психикаи олии ҳайвонот ва эҳтимолан, ба одам печида мешаванд. Дар ин ҷо, албатта, дар худи ин раванд як тамоюли муайяни фундаменталӣ, як навъ қувваи пешбаранда мавҷуд аст. Аз тарафи дигар, комилан равшан аст, ки худи олам, чуноне ки вуҷуд дорад, аз раванди дар боло тавсифшудаи худмураккабшавӣ ва табдил ёфтани пайвастагиҳои ғайриорганикӣ ба моддаҳои органикӣ чизи бештаре мебошад. Ин гуна раванд, ба гуфтаи яке аз астрофизикҳои барҷастаи асри бистум В.Л. Гинзбург, метавонад на он қадар ҳамчун як мавҷудот, балки ҳамчун як флуктуатсия, як лаҳзаи тасодуфӣ, чунин

падидаи воқеият амал кунад, ки дар асл дигар ҳеҷ гоҳ рӯй дода наметавонад [101].

Пайдоиши мавҷудоти соҳибақл (дар ҳолати мо насли инсон) бо як қатор шарту шароитҳои зарурӣ ҳамроҳӣ мегарданд, аз ҷумла дар сатҳи физикӣ як қатор константаҳои фундаменталии физикӣ бояд қиматҳои қатъии муайян дошта бошанд, дар сатҳи химиявӣ давомоти пайдоиши баъзе пайвастагиҳои химиявӣ ва нобудшавии дигарашон қатъӣ бояд риоя карда шавад. Ин гуна шароитро қариб абадӣ давом додан мумкин аст. Дар ин ҷо қайд бояд кард, ки пайдоиш ва инкишофи шаклҳои зиндаи зеҳниро метавон бо як дараҷаи асоснокӣ ҳам ҳамчун як раванди тасодуфӣ ва ҳам ҳамчун раванди муқаррарӣ шарҳ дод. Дар ин бора, алалхусус, В. Гейзенберг дар асари худ «Физика ва фалсафа» зикр кардааст [99, с. 31]. Худи пайдоиш ва рушди шаклҳои оқилонаи ҳаётро метавон ҳамчун як шароити тасодуфӣ шарҳ дод, он гоҳ асоси идеалие, ки ҳамчун асоси олам (Худо) амал мекунад, ба хаёли инсонӣ мубаддал мешавад, вале онро бо дахолати қувваҳои зеҳнии беруна низ шарҳ додан мумкин аст. Худи факти тасодуфӣ, сарфи назар аз он, ки имконияти ба амал баровардани он амалан ночиз буд, агар бо вуҷуди он дар ҳақиқат ба амал меомад, пас ин бевосита ба дахолати қувваҳои берунӣ далолат мекард, зеро ин факт худ аз худ ба амал бароварда намешуд, бинобар ин, қувваҳои олӣ, гӯё, ба ҳар ҳол вуҷуд доранд [31].

Ба вуҷуд омадан ва инкишофи шаклҳои ҳаёти зеҳниро ҳамчун раванди табиӣ чӣ тавр шарҳ додан мумкин аст? Худи сарват ва нодиртарин омезиши маҷмуи шароитҳои зарурӣ ва кофии пайдоиши шаклҳои оқилонаи ҳаёт бигзор имкони нодир ва «ба эҳтимоли хеле кам» амалӣ шудани он бошад. Аммо нисбат ба беохирии ақаллан шаклҳои кайҳонии олами мо, нисбат ба беохирии ҳама шаклҳои имконпазири мавҷудияти охирӣ, ин фактро, гарчанде хеле нодир ва ногувор бошад ҳам, ҳамчун як навъ қонуният, зарурате, ки бояд дер ё зуд амалӣ шавад, шарҳ додан мумкин аст. Агар ба «қонунияти» пайдо шудани шаклҳои

оқилонаи ҳаёт ҳамчун худи зарурат ва майлияти пайдоиши он нигарем, пас чунин фактро бо таъсири «қуввaҳои олӣ» шарҳ додан мумкин аст. Агар ба ин «қонуният» танҳо ҳамчун шакли нисбӣ нисбат ба беохирии хусусиятҳои фазоӣ-вақтии ҳастӣ нигоҳ кунем, пас ин гуна «қонуният»-ро аллакай ҳамчун «хосияти ҷудонашавандаи худи табиат» тавсиф кардан мумкин аст [100].

То дараҷае метавон гуфт, ки ҳалли «масъалаи асосии фалсафа» ва мутаносибан, тафсири «материалистӣ» ё «идеалистии» тасвири олам аз он вобаста аст, ки мо ба таърифи беохирии тамоми олам чӣ гуна муносибат мекунем, аз ҷумла, аз он ки мо беохирии шаклҳои фазоӣ-вақтии ҳастии охиринро чӣ тавр шарҳ медиҳем. Умуман, беохирӣ дар назди шуури инсоният аз тарафи ӯ аксар вақт ҳамчун чизи манфӣ, ҳамчун як навъ образ, сохти идеалие, ки роҳи руфтани сарҳадҳоро муайян мекунад, маънидод карда мешавад. Эътироф накардани ягон маҳдудият идеал, абстраксияест, ки мо онро беохир дарк мекунем. Аммо оё чунин беохиреро тасаввур кардан имкон дорад, ки он чизе беш аз инкори марзҳост? М.А. Мелюхин мепурсад: «Оё чунин беохире ҳаст, ки бо беохирии худ моро ба чизи мусбате мебарад, на танҳо бо худи имкони инкор кардани сарҳад» [171]. Ба ибораи дигар, таърифи беохир ҳамчун тарзи фаъолияти инкори марзҳо ҳанӯз таърифи ин мафҳум нест, аммо дар баробари ин, маҳз дарки охирӣ (беохир дар мафҳуми худ) метавонад боиси дидани хосиятҳои аттрибутивии олам гардад ва мувофиқан, ба тафсири «идеалистӣ» ё «материалистии» охирӣ оварад.

Аммо чӣ тавр аз рӯи мафҳуми худаш «ба маънои ҳақиқии беохири он» беохирро ошкор ва муайян кардан мумкин аст? Оё тарзи универсалии фаъолияти тафаккури насли башар, ки бо инкори марзи ягон объективӣ алоқаманд аст, ба таърифи беохир ҳамчун мафҳум алоқае дорад? Тахмин кардан мумкин аст, ки таърифи беохир ҳамчун тарзи фаъолияти инсон дар инкори марзҳо «аз рӯи мафҳуми худ» беохир набуда, балки абстраксияи ибтидоии он мебошад. Ин гуна абстраксия

идеяи воқеан беохирро пурра муайян намекунад, аммо ба ҳар ҳол он таърифи ибтидоӣ, абстрактӣ ва яктарафаи хосиятҳои муайяни олам аст, зеро худи «симои» ӯ аз призмаи категорияҳо «ташкил» мешавад: «охир - беохир», ки тавассути он (тавассути роҳҳои муайяни фаъолияти фикрӣ) олами мусбат дар маҷмуъ равшан карда мешавад. Чунин абстараксия то охир ғояи беохири томро тасдиқ карда наметавонад [171].

Беохирӣ ҳамчун «тартиби фаъолият»-и муайяне барои инкор кардани сарҳади ҳар чиз ва ҳама чиз барои муаррифӣ ва пешакии дарки олам замина мегузорад, хусусияти намунавии тарзи дурусти баррасии онро муайян мекунад. Масалан, эълон кардани он, ки олам беохир нест, маънои эътирофи мавҷудияти ғайриҳастӣ ва ба ин васила, мафҳуми оламро дар маҷмуъ бемаънӣ кардан аст. Аз ин рӯ, мо маҷбурем эътироф кунем, ки беохир ҳамчун «роҳи фаъолият оид ба инкори марзҳо» таърифи мантиқии аввалиндараҷаи худи оламро, албатта, бо шарти қабули мавҷудияти охирӣ ифода мекунад. Ё мо дунёро ин тавр ва танҳо ҳамин тавр мебинему мефаҳмем, ё тамоман намефаҳмем, ё гуфтан, ки олам метавонад маҳдуд бошад ва берун аз он «олам нест», «нестӣ» вуҷуд дорад ё гуфтани он ки берун аз олами маҳдуд умуман чизе нест ва ба ин васила эътирофи мавҷудияти ин «чизе нест», ба ин васила мавҷудияти нестиро эълон кардан ин маънои як чизи тамоман бемаъниро дорад. Худи Парменид - яке аз кашфкунандагони мафҳуми ҳастӣ чунин ақида дошт [196].

Дар асоси гуфтаҳои боло савол гузоштан мумкин аст: фарқи куллии байни мафҳуми «ҳастӣ» ва мафҳуми «нестӣ» дар чист? Магар дар он нест, ки яке вуҷуд дораду дигаре вуҷуд надорад. Агар ин тавр бошад, пас мафҳуми ҳастӣ абстраксияест, ки оламро ба хусусияти аслии мавҷудияти худ меорад, ки ҳузури он моро ба қадами дигар водор мекунад, аз ҷумла ворид намудани беохир ҳамчун фаҳмиши минбаъдаи олам дар маҷмуъ, абстраксияи минбаъдаи мушаххасгардонии олам, муайян намудани роҳи дурусти баррасии он ва ба вуҷуд овардани тасаввуроти дақиқтарро дар

бораи он, ки он дар асл чӣ маъно дорад. Дарки олам умуман, офаридани тасвири умумии оламро метавон тавассути мақулаҳои ҳастӣ ва беохирӣ амалӣ кард. Охириҳо хосиятҳои ҷудонашавандаи оламро ифода мекунанд ва гӯё онро ба воситаи худ «конкретизатсия» ва «фасеҳ» мекунанд, категорияҳое, ки ба мо мегӯянд, ки олам, новобаста аз насли инсон чист.

Агар сухан дар бораи «масъалаи асосии фалсафа», ки онро Ф. Энгельс муайян кардааст, равад, барои мо қайд намудан принсипан муҳим аст, ки дар худи оламе, ки худ чӣ гунае бошад, ҳамон аст, ба фикри мо, дар он дар ибтидоаш пайдоиши шаклҳои оқилонаи худшиносӣ ва худдарккунӣ ба ҳеҷ ваҷҳ муқаррар карда нашудааст. Мавқеи «охирӣ» (ё ҳолати ниҳоии равand) дар сохтори маърифат ҳамчун омили дорои хусусияти ғайриқобили пешгӯӣ зоҳир мегардад. Яъне, худи ҷаҳон ҳеҷ гуна тамоюли зарурӣ ё табиии пешакӣ ба худдарккунӣ дар шаклҳои муайяни тафаккури ратсионалӣ надорад. Ин раванд ҷузъи аслии моҳияти олам нест, балки метавонад дар шароити муайян ва дар натиҷаи равandҳои мураккаби дохилӣ ба вуҷуд ояд. Вале ин зуҳури худдарккунӣ танҳо ба шарте амалӣ мешавад, ки он ҳамчун натиҷаи аломатии равandҳои тасодуфӣ ва пешгӯинашаванда баромад кунад, на ҳамчун зарурати сохтории худи ҳастӣ.

Бо ин маъно, имкони худдарккунии ҷаҳон тавассути шуури инсонӣ на аз зарурати дохилии олам, балки аз омилҳои шартӣ ва эҳтимолии таърихӣ ва маърифатӣ сарчашма мегирад. Яъне, ҷаҳон худ ба худ наметалабад, ки шинохта шавад - шинохти он амали инсон аст, ки дар он мафҳум ва тасодуф бо ҳам бармехӯранд [59].

Агар мо фарз кунем, ки метавонем ба ҳолати ибтидоии метагалактикаи худ, ба нуқтаи муҳимми муҷарраде дар таърихи космологӣ баргардем - ки ин амал танҳо дар сатҳи назариявӣ ва симулятивӣ қобили тасаввур аст - пас ин раванди баргаштро набояд ҳамчун бозгашт ба ҳолати аслии худи олам маънидод намуд. Зеро олам

дорои хусусияти детерминистии қатъӣ нест ва имкони такрори дақиқи раванди таърихии он вуҷуд надорад.

Дар чунин шароит, агар мо раванди эволютсияи оламро аз нав «оғоз» кунем, дар он ягон кафолат ё ҳатто эҳтимоле лозим нест, ки шакле, ки ба инсон ё ба шуури инсонӣ наздик бошад, шакл гирад. Эҷоди инсон дар ин низом як натиҷаи комплексии омили тасодуф, муҳит, мураккабшавии сохтор ва эмерҷентияи функсионалӣ мебошад ва на як зарурати куллии фалакӣ.

Ба ҳамин маъно, мавҷудияти инсонро бояд на ҳамчун натиҷаи ногузири инкишофи кайҳонӣ, балки ҳамчун як эҳтимолияти нодир ва шикастанашаванда дар майдони бесамти имконот арзёбӣ кард. Аз ин рӯ, ҳузури инсон дар ҷаҳон на бар пояи марказияти он дар тарҳи кайҳонӣ, балки бар асоси ҳодисаи тасодуфан созгор ва ғайрипешгӯишаванда сурат гирифтааст [58]. Ин гуна шакл на аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки моҳият ва ҳадафи олам чунин аст, балки аз он сабаб пайдо мешавад, ки олам ҳамеша вуҷуд дошт ва хоҳад буд. Худи олам нисбат ба ҳама чиз ва ҳама беохир аст ва аз ин рӯ, дер ё зуд имкони пайдоиши шаклҳои ратсионалии ҳаёт вуҷуд дорад. Ин гуна эҳтимолият маҳз ҳамчун дарк кардани гуногунии беохири мавҷудияти ашё, дар натиҷаи мавҷудияти беохири онҳо ба вуҷуд меояд, вале агар гӯем, ки ин бо зарурат рӯй медиҳад, пас ин маънои нодуруст афзалият додан нисбат ба олам, нисбат ба худи воқеият аст. Пайдоиши шаклҳои оқилонаи ҳаёт бо «зарурат» ҳамчун як навъ «тағйирёбӣ» ва маҳз ба қадри он, ки худи олам беохир аст, ба амал меояд. Агар ин «ҳозир» рӯй намедод, он метавонист дар вақти муайян ва дар ягон лаҳза рӯй диҳад, ин лаҳзаро ҳамчун пояи бунёдии олам, ҳамчун моликияти асосӣ ва умумии он муайян намудан маънои ба таври кофӣ инъикос накардани худи воқеияти атрофро дорад.

Дар ин сурат «идеализм», гуё эътирофи мавҷудияти қонунҳои назарияи эҳтимолиятро дар шакли «соф» сарфи назар аз материя талаб мекунад ва мувофиқи ин шаклҳо худи инсоният ҳамчун майл ба дарки

худ аз тарафи руҳи мутлақ (барои возеҳӣ мо маҳз системаи идеалистии гегелиро мегирем) бо зарурат ба вуҷуд меояд. Дар ин сурат, агар мавқеи «идеализм»-ро ҳимоя кунем, асоснок кардан ва нишон додан лозим аст, ки ин шаклҳо дар шакли қонунҳои назарияи эҳтимолият бо чунин категорияҳо, ба монанди вуҷуд, беохирии фазоӣ, замон, имкон ва воқеият ва як қатори дигар чӣ гуна робита доранд. Чӣ тавр, агар шаклҳои дар боло зикршуда ибтидоӣ бошанд, онҳо ҳам ҳастӣ, ҳам беохирӣ ва ҳам имкон ва ҳам воқеиятро муайян мекунанд? Ҳамзамон, чунон ки Б. Готт таъкид мекунад, дар доираи ҷаҳонбинии материалистӣ низ имкон мавҷуд аст, ки иллюзияи ҷудогонагӣ ва мустақилияти муайяни шаклҳои ҳастӣ, аз ҷумла зарурати пайдошавии шаклҳои зинда ва равандҳои зеҳнӣ, бо истифода аз воситаҳои назариявӣ асоснок карда шаванд. Ба ибораи дигар, ҳатто дар муҳити фикрие, ки мавҷудияти моддиро ҳамчун зербинои аслӣ эътироф мекунад, метавон ба тасвири назариявие роҳ дод, ки дар он шаклҳои мураккаби фаъолият - мисли шуур - ҳамчун дорои қонуниятҳои нисбатан мустақил баромад мекунанд.

Ин равиш, ба ақидаи Готт, имкон медиҳад, ки дар доираи принсипи материализм, зуҳури сохторҳои зеҳнӣ ҳамчун зинаи нави ташкилёбии материя баррасӣ гардад, ки дар айни замон хусусиятҳои тоза ва сатҳи баланди мураккабӣ пайдо мекунанд. Дар натиҷа, моддият ва шаклҳои руҳӣ ҳамчун ду ҷанбаи як раванди ягонаи таърихию табиӣ шарҳ дода мешаванд, ҳарчанд дар сатҳҳои гуногуни таҳлили фалсафӣ қарор доранд [106].

Мутаносибан, «нуқтаҳои умда»-и тасвири муосири оламро бо тартибе сохтан мумкин аст, ки вобастагии пайдоиши шаклҳои оқилонаи ҳаётро аз беохирии муносибатҳои фазоию замонии худи ҳастӣ дар назар дорад. Ҳамин тариқ, пайдарпайии асосҳои ниҳоии ҳастӣ, ки хусусияти худи оламро нисбат ба «масъалаи асосии фалсафа» ифода мекунад. Мафҳумҳои калидие, ки хусусиятҳои бунёдии воқеиятро дар бар мегиранд, мавҷудият, моддият ва бентиҳоӣ мебошанд. Мавҷудият -

ҳамчун шарти зарурии будани ҳар гуна ашё ё падида дар доираи низоми ҳастӣ. Моддият - яъне доро будани воқеият ба сифати моддӣ, ки дар муносибати мустақилона аз шуури инсон арзи ҳастӣ мекунад ва дорои қобилияти инъикоси шуур дар сатҳҳои гуногуни маърифат мебошад. Беинтиҳоӣ (беохирӣ), - ки дар шаклҳои мутааддиди ҳастӣ, робитаҳои фазоиву замонӣ ва низ дар равандҳои пайвастаи тағйироти миқдориву сифатӣ таҷассум меёбад.

Ин мафҳумҳо ҳамчун пояҳои таҳлили фалсафии олам ва ташаккули тасвири умумии воқеият хизмат мекунанд ва дар ҳар яке сатҳи муайяни онтологӣ, гносеологӣ ва методологӣ ифода меёбад, ки имкони пайдоиши шаклҳои оқилонаи ҳаёт, воқеияти пайдоиши шаклҳои оқилонаи ҳаёт, тасодуф ва зарурат ҳамчун аломатҳои муҳим, ки ба вуҷуд омадани шаклҳои оқилонаи ҳаётро тавсиф менамоянд, ба ном «қонуният»-и пайдоиши шаклҳои оқилонаи ҳаёт, детерминизми эхтимолӣ, ки механизми пайдоиши шаклҳои оқилонаи ҳаётро муайян мекунад ва ғайра [129,130].

Дар сурати чунин биниши тасвири олам, аксарияти хулосаҳо ва принсипҳои консептуалӣ дар табиатшиносӣ ба таври дигар дарк ва тафсир мешаванд. Масалан, принсипи антропикӣ дар кайҳоншиносӣ, агар он «тавассути призма»-и таърифҳои фалсафии тасвири олам дида шавад, каме дигар маъно хоҳад дошт. Инро метавон ба чунин як фанни илмӣ, ба монанди синергетика мансуб донист. Аз ҷумла, принсипи худидоракунии системаҳои моддиро на бо қувваҳои олии илоҳӣ, балки ба воситаи қобилияти материя ба инъикос муайян кардан мумкин аст.

Вобаста ба аҳамияти таърифҳои категориавӣ, фалсафии ҳастӣ, ки биниши оламро муайян мекунанд, мо қайд мекунем, ки тасвири худи оламро мисли ҳар дониши ҳақиқии дигар дар бораи қисмати ҷудогонаи он, бо роҳи муқоисаи ягон миқдори маҳдуди объектҳо ва гузариши ин умумият ба объектҳои дигар ба даст овардан мумкин нест. Инсоният дониши ҳақиқиро дар бораи ҳама гуна ашё тавассути фаҳмидани

мафҳуми онҳо ба даст меорад. Ва охирин, ба гуфтаи И.А. Акчурин, дар шаклҳои ниҳоии худ ҳамчун таърифҳои категориявии тафаккур ва худи олам, тамоми воқеияти гирду атрофамон пешниҳод карда мешавад [65].

Аз ин рӯ, роҳи ба даст овардани дониши ҳақиқӣ тавассути мафҳумҳо дар омӯзиши тасвири олам, ба назари мо, бештар умедбахштар менамояд. Дар баробари ин, худи «усули диалектикӣ» (усули дидани ҳақиқат тавассути мафҳумҳо), ба маънои васеи фаҳмиши худ, пайдоиш, афзоиш ва рушди он, на танҳо худро ҳамчун як роҳи худташаккули худ барои истифодаи минбаъда дар ҷое ва чӣ гуна амалӣ менамояд, балки ҳамчун як пайванди миёнаравӣ, «ҳастии дигар дар худ ва барои худ» амал мекунад, яъне ҳақиқати чизҳоро дар заминаи як раванди муайян дарк карда истода, мо (тамоми инсоният) худ инкишоф, худидоракунии ин усулро ба амал мебарорем. Ҳақиқати ягон чизро дарк намуда истода, мо на танҳо ҳақиқати даркро нисбат ба ягон чиз ба даст меорем, балки усули дарки ҳақиқатро умуман ба камолот «пеш мебарем». Усули дарки ҳақиқат, ки мо ба таври транссенденталӣ онро ҷудо кардаем, то чӣ андоза «объективона» ва дар кадом «инфрасохтори» илмӣ вуҷуд дорад? Ба ибораи дигар, тасвири олам дар моҳияти худ танҳо натиҷаи ба даст овардани дониши ҳақиқӣ дар бораи олам аст ё он роҳи ба даст овардани ин натиҷаро низ амалӣ мекунад ва худи «усул»-и гирифтани донишро дар бораи воқеияти объективӣ дар бар мегирад? Бешубҳа, назари охирин тасвири оламро аз ҷанбаи муҳимтарини он тавсиф мекунад.

Умуман, тасвири олам бояд чунин маҷмуа ё системаи категорияҳо бошад, ки моҳият, мантиқи инкишофи воқеиятро ба таври мувофиқ ва мушаххас инъикос намояд, дар баробари ин, хусусияти протсессуалии он, гузариши он аз шаклҳои пасттарини материя ба олитарин ва расидан ба шаклҳои категориявии худшиносии насли инсон, худи тасвири оламро аз рӯи мафҳум нишон диҳад. Аммо дар баробари ин, раванди ташаккули тасвири олам ҳамчун мафҳум беохир нест. Мафҳум аз рӯи моҳияти худ, ки як бор ба вуҷуд омадааст, аллакай ба камолоти худ мерасад, дигар

наметавонад аз будаш комилтар бошад; маҳз аз ҳамин сабаб он «шарафманди» он гардидааст, ки мафҳум номида шавад, на образи умумӣ, тасаввурот ва ҳатто идея бошад.

Мафҳуми тасвири олам аз сабаби мафҳум буданаш бояд дар асоси дастовардҳое, ки аллакай «аз худ кардааст» ба мо усули дарки ҳақиқии ҷиҳатҳои гуногуни воқеиятро нишон диҳад. Тасвири олам ҳамчун мафҳуми фалсафӣ ба сифати шакли универсалии шуур, имконият медиҳад, ки мафҳумҳои гуногун, ки ҷанбаҳои мухталифи воқеиятро таҷассум мекунанд, дар доираи низоми ягонаи маърифатӣ ташаккул ёбанд. [131,132]Ба ибораи дигар, он на танҳо натиҷаи маърифат аст, балки заминаи методологӣ ва назариявии тавлиди мафҳумҳо оид ба сохтор, қонуният ва равандҳои асосии олам низ мебошад. Аз ин рӯ, тасвири олам бояд дар мундариҷаи худ системаи категорияҳоро, ки комёбиҳои тамоми тамаддуни инсониятро то ҳамон сатҳи конкретият инъикос ва «ҷамъбаст намуда, аз худ дур мекунанд, ки онҳо «дар худ ва барои худ дарк карда мешаванд» ва роҳ, мантиқи «амал»-ро нисбат ба ин ё он ҷанбаи воқеият муайян мекунанд. Тасвири олам сарфи назар аз ҳама миёнаравӣ аз рӯи категорияҳо, ҳамаҷониба аст. Он, чуноне ки Ю.Ф. Аскин қайд мекунад, «худшиносии қонунияти умумӣ ва зарурии ташаккули худ, ки дар категорияҳо ифода ёфтааст, мебошад» [67].

Бо такя ба мулоҳизаҳои зикршуда, метавон хулоса кард, ки тасвири фалсафии олам бояд дар муҳтавои худ категорияҳое дошта бошад, ки мантиқи худшиносии маърифатро инъикос менамоянд. Инҳо категорияҳое мебошанд, ки дар сатҳи баландтарини абстраксия тарзи умумии ташаккул ва тавлиди мафҳумҳоро таҷассум мекунанд. Маҳз категорияҳои абстрактӣ ва конкретӣ ҳамчун шаклҳои бунёдии ҳаракати фикрӣ ва зинаҳои диалектикии рушди маърифат дар ин раванд нақши марказӣ доранд. Абстрактӣ ҳамчун ҷудошуда аз мушаххас, аз мазмуни ҳозира, ҳамчун умумии ниҳоӣ, ки дар тамоми гуногунрангӣ, беохирии муҷаррад ва алоҳида мавҷуд аст, вале дар баробари ин, онро принсипан

ҷудо кардан мумкин нест, зеро ба он пайванд нест. Оид ба масъалаи абстраксияҳо М.М. Розентал менависад: «Абстраксияҳо дар шакли мафҳумҳо, қонунҳо, муодилаҳои математикӣ ва ғайра, ин гузаргоҳи кӯҳест, ки аз он гузаштан лозим аст, то воқеияте, ки ба назари мо дар аввал бесарусомонӣ менамояд, дар пеши назари инсон ҳамчун муҷарради падидаҳо ва равандҳои ба ҳам вобаста ва ба ҳам алоқаманд дар назари мо рост ояд» [198]. Конкретӣ ҳамчун умумияти ҳама донишҳо муаррифӣ карда мешавад, он тасвири визуалии он аст, ки чӣ гуна ҳама донишҳои додашуда ҳатман ба даст оварда мешаванд. Аз ин нигоҳ, маҷмуи ҳамаи мазмунҳои ҷудогона, нафсонӣ, «ба чашм назаррас» дониши ниҳоят абстрактӣ, бадбахтона ва нотавон аст, ки моҳияти асосии конкретиро дарк намекунад.

Тасвири олам ҳамчун мафҳум бояд гузаришро аз абстрактӣ (ҳатто агар он маҷмуи далелҳои ҳиссӣ ва «чашмгир» бошад) ба конкретӣ муайян кунад (гарчанде ки ин конкретӣ дар шакли худ метавонад ба абстраксия монанд бошад). Тасвири олам мантиқи чунин гузаришро дар бар мегирад ва дар айни замон дар шакли системаи категорияҳо тамоми он шаклҳои фаъолиятро ба вуҷуд меорад, ки дар асоси онҳо худи ин гузариш, худи болоравӣ аз абстрактӣ ба конкретӣ амалӣ мешавад. Тасвири олам як усули «кулл»-и дарки на танҳо дар маҷмуъ воқеият, аз ҷумла ҷанбаҳои алоҳидаи он, балки усули умумии дарки худи дарк аст. Тавассути ин «механизм», ки дар тасвири олам мавҷуд аст, мо асосан методологияро ва тавассути он усулҳои ба даст овардани дониши ҳақиқӣ дар бораи воқеиятҳои биологӣ, химиявӣ, физикӣ ва шабеҳро, новобаста аз он ки мо аз он огоҳ ҳастем ё на, муайян мекунем. Чунин паёмҳои методологӣ танҳо дар сурате имконпазиранд, ки худи тасвири олам «дар худ ва барои худ» мантиқи баромадан аз абстрактӣ ба конкретиро амалӣ созад. Масалан, ҳар як фанни илмии мустақил, вобаста ба ҳадаф ва заминаи таҳқиқоти хоси худ, як соҳаи муайяни воқеиятро мавриди омӯзиш қарор медиҳад ва барои таҳлили он усулҳои махсуси

маърифатиро истифода мебарад. Ҳамин тариқ, ҳар илм на танҳо доираи мавзуии худро, балки низоми методологии хоси тафсири ҳақиқатро низ фароҳам меорад. Аммо худи мантиқи ин амал метавонад дар тасвири олам аз ибтидо дар шакли категорияҳои аз мазмуни ҷудогонаи худ абстрактишуда мавҷуд бошад, дар худ ва барои худ дар шакли холис ин гуна тартибро, ин амали мантиқиро эҷод кунад. Ин гуна тартиб, чунон ки М.Д. Ахундов дар асари худ «Физика дар роҳи муҷаррадӣ» қайд кардааст, тавассути мақулаҳои абстрактӣ ва конкретӣ ифода меёбад [70].

Умуман, мантиқи тасвири муҷарради худи олам (маҳалли предмети воқеият), дарки он (дониши мувофиқ, ҳақиқӣ дар бораи худ), дарки қонунҳои дарк тавассути категорияҳои абстрактӣ ва конкретӣ равшан ифода меёбад, аммо худи ин категорияҳо ба воситаи таҷассуми худ дар ҷиҳатҳои дар боло зикршудаи воқеият пурратар тавсиф карда мешаванд. Барои мисол, агар олам танҳо ҳамчун маҷмуае аз тасаввуроти субъективии инсон дарк карда шавад, дар он сурат чунин тасаввурот чизе ҷуз абстраксияи воқеиятро инъикос намекунанд ва наметавонанд моҳияти аслии оламро пурра ифода намоянд. Аммо, агар мо оламро ҳамчун идеяе шарҳ диҳем, ки дар асоси он худи мо он ақидаҳоеро қабул мекунем, ки бо таҷриба тасдиқ шудаанд, пас худи ғояи олам дар робита бо ақидаҳои мо дар бораи он конкретӣ (ки онҳо ҳамчун абстрактӣ пешниҳод мешавад) аст. Худи идеяи олам абстрактии он аст, аммо на он гуна абстрактии дар боло тавсифшуда (ақидаҳои инсон дар бораи олам). Идеяи олам он абстрактиест, ки дар рафти дарки объективии олам ҳатман ба вуҷуд меояд ва то як андоза ин даркро, яъне конкретиро муайян мекунад. Идеяи олам абстраксияест, ки моҳияти он иборат аз гузариш ба конкретӣ, яъне ин лаҳзаи дарки конкретӣ аст. Ин абстрактии аз ҷиҳати генетикӣ аслӣ аст, ки эҳтимолан шарти зарурии гузариши онро ба конкретӣ дар робита бо ин ё он ақидаҳои алоҳида дар бораи олам дар бар мегирад. Идеяи ҳақиқии олам, ки дар робита ба он ҳамчун абстрактии аз ҷиҳати генетикӣ аслӣ амал мекунад, ба эҳтимоли зиёд дар

мавҷудият ҳамчун як категорияи фалсафӣ, ба монанди мавҷудият ифода меёбад [279].

Фаҳмиши «конкретӣ» дар маънои аслии худ ба воқеият ҳамчун тамоми марҳалаи рушди абстраксияи генетикии ибтидоӣ то шакли мукаммал муносибат мекунад. Ин мафҳум, дар баробари ин, ҳамаи гуногунрангӣ ва бисёршаклии зуҳуроти воқеиро фаро мегирад ва ҳеҷ як унсури муҳимми онро сарфи назар намекунад. Конкретӣ ҳамчун натиҷаи комили ҳаракати фикр аз содатарин абстраксияҳо то ташаккули тасвири пурраи воқеият баромад мекунад, ки дар он тамоми ҷанбаҳои муҳимми ҳастӣ инъикос меёбанд. Ин тавассути дарки тамоми гуногунрангии дар мафҳум додашуда имконпазир аст. Илова бар ин, худи мафҳумҳои олам маҷмуи оддие нестанд, ки мафҳуми тасвири оламро ташкил медиҳанд, балки пайдарпайии қатъӣ ҳамчун тавсиф ва намоиши объективии «моҳияти» намоёни олам мебошанд, ки ба категорияҳо асос меёбанд, онҳо «паёмҳои мантиқии ҳастии» моҳиятро инкишофдиҳанда маҳсубанд. Ин гуна пайдарпаӣ рушди худи олами воқеиро инъикос мекунад, аммо аз нуқтаи назари идеалӣ, дар шуури насли инсон, он аз абстрактии аз ҷиҳати генетикӣ аслӣ (масалан, аз идеяи олам) «гирифта мешавад» ва ба воситаи мақулаҳои онро «конкретикунанда» то худи воқеияти ҳастӣ асоснок карда мешавад. Аз ин рӯ, идеяи олами дар боло зикршуда метавонад дар моҳияти худ пояи оламро ифода кунад, ки на танҳо ҳама гуна тасаввурот, балки дарки минбаъдаи объективии он, абстраксияи аз ҷиҳати генетикӣ аслии онро муайян мекунад. Категорияҳо ҷуз гузариш, рушди идеяи ибтидоии дар боло зикршуда чизе нестанд. Онҳо бавосита хусусиятҳои асосии ин идеяро дар марҳалаҳои минбаъдаи инкишофи он инъикос мекунанд.

Идеяе, ки ба «дигар»-и худ мегузарад, инкишоф меёбад, бо хосиятҳое, ки ифодаи визуалии он категорияҳо мебошад, «ғанӣ» мегардад. Тавассути ин гуна категорияҳо «мафҳуми тасвири олам»-ро фаҳмидан мумкин мешавад. Олам пас аз гузаштан аз системаи ғояҳо,

категорияҳо ва мафҳумҳо дар назди инсоният аллакай ҳамчун олам дар мафҳумҳо, олам ҳамчун дарк, олам ҳамчун конкретӣ пайдо мешавад. Ин конкретии на аз ҷиҳати ҳиссӣ даркшаванда, балки ҳамчун ифодакунандаи муҷарради тамоми гуногунии олам аст, ки бо мафҳумҳо ва категорияҳо муайян карда шудааст. Мо танҳо муҷарради мафҳумҳоро дарк намуда, оламро ҳамчун конкретӣ, ҳамчун худи тасаввурот дар бораи мафҳум, тасвири олам мешиносем, ки ғайр аз идеяи худҳаракаткунанда чизе дигаре буда наметавонад, дар ҳаракати худ тамоми хосиятҳои гуногунеро, ки дар мафҳумҳо ва категорияҳо ба амал меоянд, ба вуҷуд меоварад.

Агар мо тасвири алоҳидаи олам ё ягон намуди дигари тасвири онро гирем, пас он дониши ниҳоят абстрактии воқеиятро ифода мекунад. Қонуни ҷудогона ё хосиятҳои алоҳидаи он низ танҳо як паҳлуи абстрактии воқеиятро инъикос менамоянд ва худ ба худ дар бораи моҳияти аслӣ чизе намегӯянд. Аз ин ҷиҳат метавон хулоса кард, ки ҳар як фанни илмӣ, ки доираи омӯзишаш ба мавзуи муайян ва маҷмуи қонунҳо, мафҳумҳо ва назарияҳои хос маҳдуд аст, бештар ба тасвири абстрактии ҷаҳон наздик мешавад, на ба ифшои куллии моҳияти он. Ва мутаносибан, ба ҳеҷ ваҷҳ набояд тасвири оламро аз нигоҳи замони муосир ҳамчун маҷмуи оддии дастовардҳои ин илмҳои конкретӣ шарҳ дод, новобаста аз он ки онҳо чӣ қадар зиёд, дақиқ ва гуногунанд.

Асоси тасвири олам метавонад идеяе бошад, ки моҳияти оламро дар бар мегирад, ки дар асоси он системаи мафҳумҳое, ки оламро ҳамчун муҷарради гуногунранг равшан мекунанд, ба даст оварда мешаванд. Идеяеро, ки аллакай то ба хосиятҳои гуногунранги олам «пухта расидааст», худро ҳамчун системаи мафҳумҳо «инкишоф додааст», умуман ҳамчун олами конкретӣ маънидод кардан мумкин аст, зеро ин гуна «система», ки ба ягон категория ё идея асос ёфтааст, аслан хосияти навро пешгӯӣ ё пешбинӣ карда метавонад ва ин хосиятро метавонад пеш аз он ки худи олам онро «нишон диҳад», «барорад». Тасвири олам, аз

ҷумла, чунин системаи дониш ва усулҳои фаъолиятест, ки дар асоси он мо ба вуҷуд омадани хосиятҳои торафт бештар нави воқеияти атрофамонро пешгӯӣ карда метавонем, ё ба гуфтаи В.С. Библер, «худи ҳақиқати додашударо бештар дарк карда метавонем» [75].

Тавре ки дар боло қайд кардем, тасвири одии сохтори олам, тасвир ё ҳатто системаи тасвирҳо, ки ба ягон тасаввурот дар бораи олам асос ёфтааст, аммо умумияти онро дарк намекунад, қодир нест, ки ба таври мунтазам хосиятҳои ҳарчи бештари падидаҳои гуногуни ҳастиро пешгӯӣ кунад. Аз ин рӯ, ин системаи тасаввурот наметавонад дар консепсияи худ ҳамчун тасвири олам амал кунад [46]. Танҳо бо дарк намудани «дар худ ва барои худ» мантиқи аз абстракти ба конкретӣ баромадан, тасвири олам ба «усул»-и муайян ва пешгӯии ҳарчи бештари хосиятҳои нави воқеият табдил меёбад.

Абстрактӣ ҳангоми дарки олам аз ҷониби насли башар як лаҳзаи зарурӣ дар раванди дарки тартиботи ҷаҳонӣ ва хосиятҳои он мебошад. Умуман, дар ибтидо раванди дарки олам ба сифати дарки умум оварда мешавад, дар ҳоле ки субъекти дарк аксар вақт аз алоҳида ба тарафи дигар кашида мешавад. Минбаъд, раванди дарк ҳамчун раванди дарки ҳақиқат тавассути конструксияҳои махсус ифода меёбад, ки ба мо умумият ва зарурати дониш ё мафҳуми бадастомадаро кафолат медиҳад. Раванди мулоҳиза дар бораи он ки мо ин ё он ҷанбаҳои сохтори оламро чӣ гуна меомӯзем, чун қоида, бо раванди дарки олам алоқаманд нест, онҳо, муҷарради байни онҳо як тараф истад, гӯё ба ҳамдигар нарасида, бо «самти мутавозӣ, параллелӣ» мераванд. Дар ин ҳолат дарк ҳамчун абстраксия дарки олам «дар худ» аст, вале на «барои худ». Ин дарки олам бидуни «дарк» ва ҷудо кардани худи раванди дарк ба як навъи хоси воқеият аст, ки умуман даркшаванда аст ва бояд дар мафҳум ифода шавад. Ин намуди дарк инчунин аз он сабаб абстрактӣ аст, ки ба ин тариқ дарки олам, гӯё «бо ламс» амалӣ мешавад, дар ин ҷо, пеш аз ҳама, мушкилоти наздики дарк ҳал мешаванд ва худи рафти дарк, худи

мантиқи дарки воқеияти инсоният бо ҷаҳишҳо ва гузариш ба номукаммалии он, дурравиҳои давра ба давра аз «роҳи марказии» дарки ҳақиқӣ, мафҳуми дарки воқеият ба мо нишон дода мешавад. Мантиқи раванди дарки ҳақиқат, ки тавассути мафҳуми худ фаро гирифта шудааст, моро аз ҷаҳишҳои нолозим ва «канорагириҳо» озод мекунад ва дарки ҷиҳатҳои гуногуни сохтори олам, ки аз рӯи «мафҳуми худ» ба амал меояд, ба таври самарабахштар амалӣ мешавад. Ё худ, чӣ тавре ки П.П. Гайденко дар асари худ «Ақлонияти илмӣ ва ақли фалсафӣ» қайд мекунад, «мантиқи раванди дарки воқеият моро аз қадамҳои нолозим дар дарки он озод мекунад» [94].

Муҷарради дарки ашё дар мафҳум ва дарки мафҳумҳои ашё ҳамчун мафҳум ба мо конкретияти раванди даркро таъмин менамояд; маҳз дар ҳамин муҷаррадӣ ва танҳо дар он умумияти раванди дарк фаро гирифта мешавад ва дар асоси он хусусияти мафҳумҳои ашё ва тасаввурот дар бораи худи мафҳумҳо ба вуҷуд меоянд. Мафҳумҳои ашё ва худи мафҳумҳоро дар асоси умумияти онҳо аллакай ҳамчун шакл ҷудо кардан мумкин аст, гарчанде ки ҳам худи шаклҳо ва ҳам тафовути онҳо нисбат ба муҷаррадии онҳо як чизи ҳосилшуда мебошанд. Худи шакл ҳамчун шакли дарк ба дараҷае маъно дорад, ки умумияти он маълум аст. Маҳз дар ҳамин пуррагӣ шакли ашё ва шакли мафҳумҳо дар назди мо на ҳамчун умумияти одии ҳодисаҳо, балки ҳамчун зуҳуроти умумӣ, ҳамчун хислати умумӣ пайдо мешаванд. Шакли мафҳум ҳамчун мафҳум, ҳамчун зуҳуроти умумӣ, на ҳамчун умумияти одӣ, ба воситаи мақулаҳои абстрактӣ ва конкретӣ дар назари мо зоҳир мегардад.

Ҳамин тариқ, худи фаҳмиш, дарки олам ҳамчун болоравии аз абстрактӣ ба конкретӣ барои мо зуҳур мекунад ва мутаносибан, дарки худи мантиқи ба даст овардан, «истеҳсоли» мафҳумҳо ҳамчун марҳалаи ин болоравӣ зоҳир мегардад. Дарки умумӣ ҳамчун шакли мураккаби шуури фалсафӣ худ як раванди гносеологӣ мебошад, ки гузариш аз сатҳи абстрактӣ ба сатҳи конкретиро фаро мегирад. Абстракт, дар ин замина,

на танҳо шакли ибтидоии фаҳмиши илмӣ, балки ифодаи яктарафаи дониш дар бораи воқеият аст, ки тавассути ҷудо кардани як ҷанбаи муайяни он ба даст меояд. Аммо маҳз ҳамин яктарафагӣ дар худ потенсиали ҳаракат ба сӯи конкретро дар бар мегирад, зеро он дар дохили равандҳои диалектикӣ ба сӯи пуррагардонии маънӣ ва тафсири умумӣ роҳ мекушояд.

Конкрет, дар навбати худ, на танҳо маҷмуи донишҳои ҷузъӣ аст, балки таҷассуми ҳамбастагии дохилии онҳо, шакли мукаммали дониш мебошад, ки дар он тамоми лаҳзаҳои абстрактӣ ҷамъбаст шуда, ба таври таҳлилӣ ва синтетикӣ ҳамдигарро пурра месозанд. Аз ин рӯ, конкретро метавон ҳамчун шакли олӣ ва мураттаби маърифат фаҳмид, ки дар он унсурҳои абстрактӣ дар низоми ягонаи консептуалӣ таҷассум меёбанд.

Дар ин раванд, худи абстракт, дар муқоиса бо конкрет, ҳамчун шакли нисбатан нопурраи ифодаи дониш зоҳир мегардад, зеро ҳар як дониш ё мафҳуми ҷудогона, ки воқеиятро аз нуқтаи назари муайяни функсионалӣ ё назариявӣ ифода мекунад, танҳо ба таври шартӣ метавонад тамоми паҳлуҳои ҳастиро инъикос намояд. Маҳз ба ҳамин далел, гуногунрангии донишҳои ҷузъӣ нисбат ба конкрет ҳамчун маҷмуи умумӣ ва таҳлилшуда, хусусияти абстрактӣ пайдо мекунанд.

Абстрактӣ ҳамчун абстрактӣ, ҳамчун хусусияти худ, нисбат ба худ аз ҳама имконот конкретитар аст, барои ҳамин ҳам он абстрактӣ ҳамчун марҳалаи дарки конкретӣ буда, нисбат ба он абстрактияти худро ташкил медиҳад. К. Маркс дар ин бора менависад: «… дар тафаккур он (конкретӣ) аст, аз ин рӯ, ҳамчун раванди пайвастшавӣ, ҳамчун натиҷа, на ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ ифода меёбад, гарчанде он нуқтаи ибтидоиро дар воқеият ифода мекунад ва аз ин рӯ, низ нуқтаи ибтидоии тафаккур ва муаррифӣ аст. Дар роҳи аввал, тасаввуроти кулл то нуқтаи таърифи абстрактӣ бухор мешавад; дар мавриди дуюм таърифҳои абстрактӣ бо роҳи фикр ба таҷдиди конкретӣ меоранд» [41, с. 213]. Ё худ: «Конкретӣ аз

он сабаб конкретӣ аст, ки он мувофиқати мафҳумҳои сершумор аст ва дар баробари ин муҷарради гуногунрангист» [41, с. 213].

Дар илм мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад барои ташкили дониш, таҳлили маълумот ва сохтани назарияҳои илмӣ нақши асосӣ мебозанд. Масалан, дар соҳаи химия, мафҳуми умумии «модда» ба ҳама шаклҳои мавҷудоти ҳастӣ ишора мекунад, мафҳуми махсус – ба «малекула» ё «реаксия» ва мафҳуми ягона – ба «ин як зарфи об», ки дар як таҷриба истифода мешавад.

Ҳамин гуна, тартиб ва танзими дониш ба олимон кумак мекунанд, ки падидаҳои табииро тасниф намуда, хулосаҳои умумӣ бароранд ва дастовардҳои мушаххасро ба даст оваранд. Ба воситаи умумисозӣ ва махсусгардонӣ, системаи илмӣ сохта мешавад, ки тавассути он инсон ҷаҳони атрофро мефаҳмад ва тағйир медиҳад.

Дар технология мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар раванди тарроҳӣ, муҳандисӣ ва истеҳсолот истифода мешаванд. Барои мисол, мафҳуми умумӣ, монанди «дастгоҳ», тамоми навъҳои воситаҳои техникӣ ва электронӣ, ки барои иҷрои амалҳои муайян истифода мешаванд, дар бар мегирад. Дар сатҳи мафҳуми хос, ин мафҳум маҳдуд шуда, ба мисли «дастгоҳи ҳисоббарорӣ» (барои мисол, компютер) шакли муайянро мегирад. Ҳамин тавр, муҳандисон ва мутахассисони технологӣ имкони таҳлили пурраи ҳар як навъи таҷҳизотро бо риояи категорияҳои фалсафӣ доранд.

Тасвири олам тавассути категорияҳои абстрактӣ ва мушаххас шакл мегирад ва ҳамчун як усули умумии шинохти воқеият маънидод мешавад. Дар ин замина, масъалаи бартарии ин ё он нуқтаи назар ба олам матраҳ мегардад, ки на ҳамеша бар асоси далелҳои мантиқӣ муайян мегардад, балки бештар ҳамчун натиҷаи як равиши методологии қаблан қабулшуда шарҳ дода мешавад. Маҳз ҳамин зербинои методологӣ барои ташаккули ҷанбаҳои дигари муҳимми тасвири ҷаҳон асос мегардад, ки

ҳар яке дар заминаи он равиш тафсир ва тавсеа меёбанд. Чунин навъи дастурҳоро дар муқаррароти асосии зерин баррасӣ менамоем:

Олам, пеш аз ҳама, на он қадар маҳсули фаъолияти созандаи ин ё он субъект, балки як намуди объективии воқеият аст, ки дорои як навъи асосии «хусусиятҳои» зерин аст: мавҷуд будан, вуҷуд доштан, воқеияти объективӣ будан. Олам дар дараҷаҳои гуногун даркшаванда аст, мавҷудияти инсоният, пешрафти иҷтимоию таърихии он, худи амалия инро ҳазорҳо сол боз ба мо исбот мекунанд (М.Н. Руткевич) [201].

Мутафаккири машҳури тоҷику форс Саъдии Шерозӣ низ дар бораи олам ақидаи ҷолиб дошт. Саъдӣ дар масъалаи офариниши олам назарияи қуръониро тарафдор аст, яъне олами ҳастӣ зимни офариниш аз адам ба вуҷуд омадааст. Саъдӣ ҳар чизе, ки аз шакли билқувва ба шакли билфеъл дар варақи дафтари офариниш омадааст, аз маърифати Кирдгор медонад, ишқро сарчашмаи офариниш ва маърифат меҳисобад. Саъдӣ ба ҳама олам ишқ меварзад, зеро ки ин олам ҳама аз ӯст: «Ошиқам бар ҳама олам, ки ҳама олам аз ӯст» . Аз ин ҷост, ки асоси зебопарастии Саъдиро ақидае, ки ҳаёт ҳамчун офаридаи Худо зебост, ташкил мекунад, зеро худи Худо зебост. Бинобар ин, ҳаётдӯстии ӯ бо худоҷӯии ӯ ба ҳам омехтааст.

Азбаски Саъдӣ адиби воқеъбин аст, ҷаҳондидаву дунёозмуда ва аз ҷараёни зиндагии халқу миллатҳо бохабар буда, диди диалектикии сода низ дорад ва оламро дар гардиш, таҳаввул ва бозгаштан ба ҳолати аввал низ дар назар дорад:

Басе сурат бигардидаст олам,

Аз ин сурат бигардад оқибат ҳам [236, с.16].

На танҳо худи воқеият, балки раванд ва роҳи дарки он низ объекти шинохт буда метавонад. Аз дидгоҳи гносеологӣ, фалсафа ҳамчун низоми маърифатӣ имкони дарки амиқ ва муназзами оламро фароҳам месозад. Маҳз фалсафа ҳамчун шакли олии шуури назариявӣ имконият медиҳад,

ки на танҳо моҳияти падидаҳоро, балки роҳи шинохти онҳоро низ мавриди таҳлил ва фаҳмиш қарор диҳем.

Ҳам худи воқеият ва ҳам равандҳои дарки он, аз ҷумла роҳҳои шуурманд, универсалӣ ва мақсадноки маърифат, шаклҳои муайяни абстраксия мебошанд, ки аз зуҳуроти гуногун гузашта, ба таври мушаххас моҳияти аслии оламро таҷассум менамоянд. Чунин намуди воқеиятро дар таълимоти файласуфони бузург бо мафҳумҳое чун «ҷавҳар» (Б. Спиноза), «модда» (В.И. Ленин), ва «рӯҳи мутлақ» (Г. Гегел) ифода намудаанд [Ниг.248].

Ҳамин тариқ, тасвири олам ҳамчун шакли идеалии инъикоси худи олам як қатор хусусиятҳои муҳимтарини муносибати ҳастӣ ва тафаккурро асоснок мекунад. Таносуби ҳастӣ ва тафаккур дар фалсафа тавассути принсипи муҷарради охирӣ амалӣ мешавад. Ин муҷаррадӣ метавонад ё тавассути категорияи ҷавҳар амалӣ карда шавад, дар ҳоле ки тафаккур ва давомнокӣ ҳамчун шаклҳои ҳастӣ ҳамчун сифатҳои худи ҷавҳар амал мекунанд, ё ба воситаи идеяи мутлақи гегелӣ, ки дар табиат таҷассум меёбад, ё ба воситаи материя «худ инкишоф меёбад».

Сониян, аз нуқтаи назари материалистӣ бармеояд, ки «механизм»-и амалӣ гардидани муҷарради тафаккур ва ҳастӣ метавонад ба таври мантиқӣ ба таври зайл ривоҷ ёбад. Масалан, мавҷудият (ҳастӣ) амалӣ мешавад, пас ин мавҷудият дар «материалӣ будан»-и он (яъне дар хусусияти махсуси воқеияти объективӣ будан, на ба шуури насли башар ва доштани қобилияти тафаккур) сурат мегирад, минбаъд дар ҳастӣ беохирӣ амалӣ мешавад (ки дар шаклҳои гуногуни мавҷудият, дар муносибати фазою замон, дар тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ ва ғайра ифода меёбад). Дар натиҷаи ташаккули муайяни сохторҳои ҳастӣ, заминаи имконпазири зуҳури шаклҳои оқилонаи ҳаёт ба вуҷуд меояд. Пас аз ин, воқеияти худи равандҳои ташаккули ҳаёти дорои сохти оқилона амалӣ мешавад. Дар марҳалаи минбаъда, тасодуф ва зарурат ҳамчун ду унсури калидии раванд баромад мекунанд, ки дар таълимоти

фалсафии классикӣ ва муосир пайдоиши шаклҳои ақлонии ҳаётро тавсиф менамоянд.

Ин ду мафҳум - тасодуф ва зарурат - дар ин замина ҳамчун ифодаи қонунияти муайян баромад карда, ба шакли равиши эҳтимолии детерминизм табдил меёбанд. Маҳз ин равиши эҳтимолии детерминистӣ баёнгари механизми ташаккули шаклҳои ақлонии ҳаёт мебошад, ки дар худ ҳам мураттабии қонунманд ва ҳам унсурҳои эҳтимолӣ ва озодии имконотро дар бар мегирад.

Дар равандҳои иҷтимоии ҷомеаи муосир, ки бо бисёргунагии равандҳо ва муносибатҳо тавсиф меёбанд, истифодаи дурусти мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад имкони таҳлили равандҳои иҷтимоӣ ва фаҳмиши амиқи онҳоро фароҳам меорад. Масалан, мафҳуми умумии «миллат» тамоми халқиятҳоро фаро мегирад, мафҳуми махсус - «тоҷик» ва «духтар» ва мафҳуми муҷаррад - «Каёндухт, ҳамсояи мо духтари Шарифа».

Фаҳмиши ин муносибат барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ, хусусан дар соҳаи иҷтимоӣ, маориф, тандурустӣ ва фарҳанг зарур мебошад. Дар таҳлили раванди сиёсӣ ё иқтисодӣ низ татбиқи чунин мақулаҳо аҳамияти таҳлилӣ ва амалӣ дорад.

Бо ин роҳ, мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад ба сифати воситаҳои шинохти илмӣ ва иҷтимоӣ амал мекунанд, ки бе онҳо таҳлили мукаммал ва таҳияи қарорҳои мутавозин номумкин аст.

Сеюм, тасвири олам дар моҳияти худ на танҳо натиҷаи ба даст овардани дониши ҳақиқӣ дар бораи олам аст, балки роҳи ба даст овардани ин натиҷаро низ ба амал мебарорад, худи «усул»-и ба даст овардани донишро дар бораи воқеияти объективӣ дар бар мегирад. Тасвири олам бояд дар мазмуни худ низоми категориявие дошта бошад, ки мантиқи худшиносии раванди маърифатро ифода намояд. Ин тасвир на танҳо маҷмуи донишҳои пароканда аст, балки системаи консептуалиест, ки дар он тарзи тавлид ва ташаккули мафҳумҳо, ё худ

«усули истеҳсоли маънӣ», таҷассум ёфтааст. Дар ин росто, нақши категорияҳои абстрактӣ ва конкретӣ калидӣ мебошад, зеро маҳз онҳо шароити гузариши маърифатро аз сатҳи номухтассар ва якҷониба (абстрактӣ) ба сатҳи мукаммалу синтетикӣ (конкретӣ) таъмин мекунанд.

Тасвири фалсафии олам бояд дорои мантиқи дохилии гузариш аз абстрактӣ ба конкретӣ бошад, ки ҳамчун асоси методологӣ барои тарҳрезӣ ва фаҳмиши ҳақиқии воқеият хизмат мекунад. Дар ин раванд, категорияҳо на танҳо бозтобдиҳандаи мазмуни олам, балки василаи амалии шинохт ва таҳаввул мебошанд. Ҳамин тариқ, тасвири олам бояд чунин низоми категориявиро дар бар гирад, ки дар он на танҳо натиҷаи маърифат, балки худи раванд, яъне ҳаракат аз абстраксия ба конкрет, таҷассум ёфта бошад.

Ин тасвир, ҳамчун системаи фалсафӣ, фаъолияти маърифатиро дар шакли марҳалавӣ ва мантиқӣ ташаккул медиҳад ва шароити гузариши назариявӣ аз донишҳои яктарафа ба донишҳои мукаммалро таъмин месозад. Дар ҳамин сурат, тасвири олам ба маҷмуи сохторёфтаи шаклҳои шуури назариявӣ табдил меёбад, ки дар асоси онҳо раванди болоравӣ аз абстракт ба конкрет амалӣ мегардад.

Дар асоси таҳлилҳои боло бояд чунин хулоса намоем, ки тасвири олам чунин навъи воқеиятест, ки моҳияти онро танҳо тавассути мафҳум дарк кардан мумкин аст, мутаносибан худи тасвири олам дар даврони муосир ҳамчун «дар худ ва барои худ» тавассути мафҳум ифода карда мешавад.

Дарки воқеияти таҳқиқшуда дар мафҳум ё дар кадом мазмуни конкретие ифода наёбад, ба қонунҳои муайяни объективӣ вобаста аст, ки мо бояд онҳоро риоя кунем. Яъне, худи мантиқи аз худ кардани мафҳуми ин ё он ҳодисаи воқеият дар мафҳум ифода ёфта метавонад ва бояд ифода шавад. Мафҳуми тарзи дарки мафҳумҳои марбут ба равандҳо ва падидаҳои ҷудогонаи воқеият, дар асл, шакли мураттаби дарки ҳамзамон ҷанбаҳои парокандаи воқеият ва низ худи воқеиятро ҳамчун маҷмуи

низомманд ифода мекунад. Ин раванд тавассути шаклҳои муҷаррад ва яклухти тафаккур амалӣ гардида, заминаи консептуалии ташаккули тасвири оламро фароҳам меорад. Ба ибораи дигар, худи имкони офариниши тасвири олам танҳо дар асоси низоми мафҳумҳо ва сохтори консептуалии онҳо имконпазир аст.

Аз ин ҷо хулоса мешавад, ки ҳадафи ниҳоии шинохт ва тасвири воқеияти олам на дар таҷассум дар худи олам ҳамчун маҷмуи зуҳуроти гуногун, на дар мафҳуми яклухти абстрактие, ки тасвирро сохтааст ва на танҳо дар мантиқи зоҳирии тафаккур аст. Балки ин фаҳмиш танҳо дар робитаи сохтории ҳамаи ин унсурҳо, яъне воқеият, мафҳум ва мантиқ, ҳамчун низоми ягонаи маърифат муяссар мешавад.

Дар ин иртибот, муҷаррадӣ ҳамчун шакли гносеологии шуур, тарзи умумии фаъолияти маърифатии инсонро ифода мекунад, ки қобилияти татбиқ шудан ба муҳтавои гуногунро дорад. Аммо худи ин шакли гносеологӣ бояд ба асли онтологии худ асос ёбад. Яъне, шинохти мафҳумҳо танҳо замоне дорои эътибори фалсафӣ аст, ки он ба сохтори воқеии олам ва қонуниятҳои объективии он мутобиқат дошта бошад.

Бо такя ба ин мантиқи назариявӣ, метавон тасвири воқеиятро ба се сатҳи асосӣ тақсим кард:

1. Сатҳи якум - воқеият ҳамчун ҳастии объективӣ, ки бо тамоми қонуниятҳои дохилии худ, новобаста аз шуури инсон вуҷуд дорад (сатҳи онтологӣ);

2. Сатҳи дуюм - таҷассум ва инъикоси воқеият дар шаклҳои фарҳангӣ ва маънавии ҳаёти инсон, ки он ба табақаи идеалӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ тааллуқ дорад (сатҳи идеологӣ);

3. Сатҳи сеюм - мафҳум ҳамчун абзори маърифати ақлонӣ, ки воситаи таърифи воқеият ва таҳлили назариявии он мебошад (сатҳи гносеологӣ ва методологӣ).

Мутаносибан, сатҳи якум ба ҷанбаҳои онтологии тасвири олам ишора мекунад; сатҳи дуюм, бо дарназардошти арзишҳо ва маъноҳои

фарҳангӣ, ҷанбаи идеологиро ташкил медиҳад ва сатҳи сеюм, ки ба тарзу шеваҳои маърифат марбут аст, ба соҳаҳои гносеология ва методология мувофиқ меояд.

Дар маҷмуъ, сохтори фалсафии тасвири олам, ки бо ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ, методологӣ ва идеологӣ ташаккул меёбад, ба иерархияи дохилии воқеият ва мантиқияти сохтории он такя мекунад. Маҳз ҳамин тобеияти зинавии унсурҳо шароити фаҳмиши низомманди ҷаҳонро дар дискурси фалсафӣ фароҳам месозад.

БОБИ 3. ҶАНБАҲОИ ОНТОЛОГИЮ ГНОСЕОЛОГӢ ВА МЕТОДОЛОГИЮ ҶАҲОНШИНОХТИИ ТАСВИРИ ИЛМИИ ОЛАМ ТАВАССУТИ ШАКЛҲОИ ҲАСТӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФӢ

3.1. Ҷанбаҳои онтологии тасвири шаклҳои ҳастӣ ва тасвири илмии олам

Ҷузъи асосии тасвири олам ҷанбаи онтологии он мебошад. Охирӣ ҷузъи куллро, ки тасвири оламро дар сатҳи худ ҳамчун худ асоснок мекунад, ҷузъи махсусро, ки тасвири оламро ба сатҳи ифодаи субстансионалии ҳастӣ мерасонад ва ҷузъи муҷаррадро, ки ҳастии ашё ва обеъктҳои алоҳидаро миёнаравӣ мекунад, дар бар мегирад.

Ҷанбаи онтологии тасвири олам мантиқи фаҳмиши умумии моро дар бораи масъалаҳои зерин муайян мекунад: Ин олам чист? Оё воқеияти объективиеро (универсумеро), ки насли инсон дар он мавҷуд аст, ба ҷузъҳои физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва иҷтимоии он якҷо кардан дуруст аст? Агар ҳа, пас чӣ гуна ин соҳаҳои мавзуъ метавонанд бо ҳам алоқаманд бошанд, агар не, воқеияти ҳақиқӣ бояд чӣ гуна бошад, ки воқеан он чизеро, ки мо воқеияти объективӣ меномем, ифода кунад? Барои ҷавобҳои дақиқу возеҳ ба ин гуна саволҳо барои инсон танҳо иттилооти илмии соҳаи физика, химия, биология, антропология ё умуман илм кофӣ нест. Дар ин ҷо ба таври дақиқ чунин тарзи дарки олам, монанди мулоҳизаи фалсафӣ, тафаккури фалсафӣ, биниши фалсафӣ талаб карда мешавад. Тафсири чунин усули дарки олам категорияи ҳастӣ аст. Оид ба масъалаи мазкур Н. Гартман чунин менависад: «... мулоҳизаҳо дар бораи муҷаррадии олам, ки тавассути он вуҷуд доштани ҳастиро мефаҳмем, наметавонад бо ягон дониши мушаххаси илмӣ иваз карда шавад» [96].

Ҳамин тариқ, аз ин мулоҳизаҳо комилан маълум мешавад, ки ҷузъи онтологии тасвири олам ҳамчун ҷузъи таркибӣ ҳам барои дарки худи воқеияти объективӣ ва ҳам барои таҳияи системаи донишҳои ҳақиқӣ оид

ба он амал мекунад. Ҷанбаи онтологии тасвири олам аз он вобаста аст, ки худи воқеияти объективӣ ва «тасвири кашидаи он» бояд як навъ муҷаррадие бошад, яъне худи тасвири олам дар шакли идеалии худ, ки ҳамчун квинтэссенсияи тамаддуни инсонӣ пешниҳод шудааст, бояд сохтори воқеияти объективӣ, мантиқи онро ба таври маънавӣ инъикос намояд. Ҷузъи онтологии тасвири олам, ки дар сатҳи ҳастӣ, ҷавҳар ва ашёҳои ҷудогона, моддӣ, муҷаррад пешниҳод шудааст, ба як навъе «болотар аз ҷисм», «болотар аз табиат»-и олам ишора мекунад.

Ҷанбаи онтологии тасвири олам як ҷузъи умумиро дар бар мегирад, ки дар робита ба худи мазмуни тасвири олам барои ба мақсад мувофиқ будан муайян кардан категорияи худи ҳастиро тақозо мекунад. Ҳастӣ ҳамчун категорияи фалсафӣ, аз як тараф, маънои «ҳузури» оламро дар «ҳадди мавҷудияти худ», дар сатҳи худи ҳастӣ ва аз тарафи дигар, категорияи воқеии фалсафиро мефаҳмонад, ки падидаи ҳастиро инъикос мекунад. Пас ҳастӣ чун категорияи фалсафӣ мафҳуми умумитарин буда маҷмуи кулли мавҷудот - табиату инсон, маҳсули фаъолияти ӯ - ҷамъият ва шууру тафаккур, тамоми соҳаи маънавиёт мебошад [97].

Воқеан ҳастӣ «дар худ ва барои худ» умумии ҳам воқеияти объективӣ ва ҳам табиат ва ҳам падидаи «воқеиятҳои виртуалӣ»-и гуногунро ифода мекунад. Насли инсонӣ, баъзе мушкилотро дарк карда истода, онҳоро ҳамеша дар заминаи худи ҳастӣ мефаҳмад. Махсусият, мазмуннокӣ ва объективияти ҳар як саволи фалсафӣ (ва на танҳо фалсафӣ) ҳамчун сарҳади ниҳоии худ мақоми категорияи ҳастӣ ва маҳдудияти муайяне дорад, ки берун аз он ҳеҷ гуна объективӣ «амалӣ» намешавад. Барои чӣ? Шояд аз он сабаб, ки «нестӣ» дар ҳақиқат вуҷуд надорад ва мо метавонем дар бораи «воқеият»-и падидаи «нестӣ» танҳо вақте сухан ронем, ки охириро мавҷудият ато карда, бо ин кор хатои мантиқӣ содир менамоем. Ин ҷо, дурусттар мебуд, агар чунон ки Парменид дуруст қайд мекунад, ибораи «нестӣ»-ро умуман истифода набарем, чунки «ин гуна воқеият вуҷуд надорад, ҳама чиз ҳастӣ аст [180].

Ҳастии чизҳо пояю заминаи фаъолияти инсон буда, ҳамеша новобаста ба инсон вуҷуд дорад. Табиати мазкурро табиати якум меноманд. Бо мақсади таъмин намудани талаботи амалии худ инсон табиати сунъӣ (дуюм)-ро меофарад, ки дар он тамоми донишу малакаи инсон таҷассум ёфтаанд. Ба табиати дуюм дохил мешаванд: олотҳои меҳнат, воситаҳои нақлиёт, истеҳсолот ва энергетика, сохтмон, заминҳои корамшаванда ва ғ. Хусусияти махсуси табиати дуюм ин аст, ки он ҳастии иҷтимоӣ-таърихӣ мебошад.

Он кайҳоне, ки дар он насли инсон вуҷуд дорад, он сайёрае, ки дар он қонунҳои табиии ба мо маълум ва ҳанӯз кашфнашуда амалӣ мешаванд, он дар маҷмуъ ва тамоми воҳидҳои материалие, ки аз ҷониби мо эҳтимолан баррасӣ ва муаррифӣ мешаванд, ба ҳастӣ тобеанд, тамоми маҷмуи онҳо худи ҳастиро ташкил намекунад, аммо онҳо, ба қавли В.И. Столяров, ба охирӣ тобеъ буда, аз ҷиҳати онтологӣ, мантиқӣ ва методологӣ онҳоро муайян мекунанд [221].

Бо боварии комил тахмин кардан мумкин аст, ки метагалактикаи мо ҳастӣ аст, воқеияти объективӣ ҳастӣ аст, табиат ҳастӣ аст, вале ба ҳеҷ ваҷҳ мо наметавонем бигӯем ва ё аз ҷиҳати онтологӣ чунин тезисро ҳимоя карда наметавонем, ки ҳастӣ танҳо сайёрае ҳаст, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, ҳастӣ танҳо табиат аст ва ғайра. Метавон гуфт, ки тамоми инфрасохтори олами физикӣ танҳо паҳлуҳои гуногуни ҳастиро ба мо ошкор мекунад, танҳо онҳоро инъикос мекунад, вале ба ҳеҷ ваҷҳ моҳияти онро ба мо нишон намедиҳад. Новобаста аз шаклҳои зуҳури он ҳастӣ чист?

Вобаста ба масъалае, ки мо меомӯзем, саволи болозикрро метавон чунин баён кард: оё тасвири олам дар лаҳзаҳои асосӣ ва зарурии худ худи воқеияти объективиро «ба таври кофӣ» инъикос мекунад? Фарз кунем, ки хусусияти куллӣ ва асосии олам ҳастӣ аслан ё ҳастӣ ҳамчун мавҷудият аст. Мутобиқан, хусусияти кулл, бунёдии тасвири олам бояд худи сатҳи ҳастӣ «дар худ ва барои худ», сатҳи ҳастӣ аз рӯи мафҳуми он бошад. Дар

ин ҳолат худи ҳастӣ чист ва мутаносибан дар худи тасвири олам чӣ чизе умумӣ аст?

Тавре дар боло қайд кардем, ҳама падидаҳои мавҷудаи воқеиятро метавон ҳамчун далели ҳастӣ қабул кард, аммо ҳастӣ дар худ маҷмуи ин далелҳо нест. Он бештар, тамоми гуногунрангии дар воқеият, дар муҷаррадии худи гуногунрангӣ вуҷуддоштаро ифода мекунад. Мо аз он фикр дур ҳастем, ки ҳастӣ мавҷудияти пок аст. Баъзан тасвияҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки дар он гуфта мешавад, ки ҳастӣ як категорияи фалсафӣ буда, пеш аз ҳама, падидаи буданро дар гузашта, ҳозира ва оянда ифода мекунад [202].

Дар ҳақиқат, ҳар чизе, ки мо бо он «рӯ ба рӯ мешавем» танҳо дар сурате мақоми ҳастӣ дорад, агар он ба назари мо мавҷуд бошад. Мафҳуми воқеӣ будан ё доштани ҳастӣ ҳамчун хислати атрибутивӣ чунин хусусиятест, ки маҳз тавассути он метавон ҳастии ашёро аз набудани воқеии он, яъне аз ҳолати ғайриҳастӣ ё ғайривуҷудӣ, фарқ намуд. Аммо оё ин гуна паёмҳо ба мо имкон медиҳанд чунин хулоса барорем, ки ҳастӣ «вуҷудияти пок» аст, аслан вуҷудият аст. Ҳастӣ чун мавҷудияти «луч», пок, чун ҳастӣ дар худ ҳеҷ аст, аммо дар баробари ин, чуноне ки Г. Гегел қайд мекунад, ҳастӣ ҳамчун мавҷудияти пок, ки ҳамчун «ҳеҷ чиз» амал мекунад, ташаккул ва баъдан - сифат, миқдор ва ченакро ташкил медиҳад [207].

Мавҷудияти пок, мавҷудият «аслан» ҳамчун паёми бунёдии ҳастӣ, меъёр ва марзи худи ҳастӣ амал мекунад, аммо боз метавон гуфт, ки дар баробари ин паёми ҳастӣ, гӯё, дигар «ракурсҳои тасвир»-и худро заиф мекунад. Ҳамон гузариши мантиқӣ, ки лаҳзаи воқеии ташаккулро ҳангоми «тағйирёбӣ»-и ҳастӣ ба ҳеҷ ба миён меорад, мисоли равшани чунин тасвир аст. Тавсифи ҳастӣ ҳамчун мавҷудияти худ ва тавсифи ҳастӣ ба сифати заифии ҳеҷ чиз, ташаккул, сифат, миқдор ва ченак баробар нестанд. Якум аломати атрибутивии ҳастӣ аст, дуюм паёмҳои бунёдие мебошад, ки дар худ ва барои худ мантиқи дохилии худи

ҳастиро ё тавре ки П.П. Гайденко дуруст қайд мекунад, ҷойгузини ғайриаслӣ ҳастиро амалӣ месозад [94].

Аз ин рӯ, то андозае бо дарки ҳастӣ ҳамчун категорияе, ки моҳияти ҳастиро ифода ва муайян мекунад, розӣ шудан мумкин аст, вале дар баробари ин, бояд дар хотир дошт ва дарк кард, ки моҳияти мавҷудият маънои на танҳо мавҷудияти «урён», худи мавҷудиятро дорад, балки чунин ҷойгузини ғайриаслӣ, монанди ташаккул, сифат, миқдор, ченак ва ғайраро низ дар бар мегирад, ки бевосита, ба таври аёнӣ, «бо чашми худ» дар худи мавҷудият пайдо намешаванд.

Ҳастӣ моҳияти мавҷудиятро ифода мекунад, вале дар баробари ин, он на танҳо мавҷудияти «соф»-ро дар бар мегирад, балки ҳамчунин «эрсатзи мавҷудият»-ро ифода мекунад, ки мантиқи миёнаравии дигар пояҳои ниҳоии ҳастӣ, принсипҳои мантиқӣ, ки аз рӯи онҳо ин асосҳои ниҳонӣ, ҳудуди татбиқи худи принсипҳои мантиқии додашуда ва ғайра «кушода мешаванд». Ҳастӣ, албатта, дар сатҳи феноменалӣ низ дар шакли ашё ва мушаххасоти гуногун зуҳур мекунад - аз санги сари роҳ то тамоми олам, аз зарраҳои «кӯтоҳмуддат»-и оддӣ то мавҷудияти «абадӣ»-и баъзе ҷисмҳои моддӣ, аз қонунҳои асосии табиат то мавҷудияти одамӣ дар инсон ва ғайра. Ҳастӣ ҳамчун асоси кулл амал мекунад, ки ба воситаи он шахс ба фаҳмидани оламе, ки дар он зиндагӣ мекунад, нақш ва аҳамияти ӯ дар ин олам чӣ гуна аст, худи шахс чӣ гуна аст, оғоз мекунад. Мувофиқан, чунин тахмин кардан комилан мантиқӣ аст, ки дар тасвири олам бояд категорияи ҳастӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои бунёдии мазмуни сохтории онро дар бар гирад.

Категорияи ҳастӣ ҳамчун унсури сохторӣ, ки ҷанбаи умумии онтологии тасвири оламро инъикос мекунад, дигар на бештар маҷмуи худи воқеияти объективӣ, балки як категорияи фалсафӣ мебошад, ки ин умумиятро дар мафҳум ифода менамояд ва биниши илмӣ ва дарки воқеияти объективиро акнун ба воситаи «категорияи» худи ҳастӣ муайян мекунад. Ба сифати категорияи фалсафӣ ва ҳамчун ҷузъи кулл ва

онтологии тасвири олам ҳастӣ ба ҷомеаи илмӣ, ба ҷаҳони воқеияти ҳақиқӣ, ба олами воқеият, ё чунон ки Н. Хартман менависад, « ба олами воқеияти аз мазмуни предмети мафҳумҳои илмии хусусӣ «озодбуда» «равзана» мекушояд...» [66, с. 112-113].

Худи категорияи ҳастӣ ҳамчун унсури сохтории тасвири ҷаҳон ҳудуд ва заминаи методологии тафсири воқеияти объективиро муайян менамояд. Он бо фарогирии тасвирҳои илмии ҷаҳон, аз ҷумла физикӣ, кимиёвӣ, биологӣ, иҷтимоӣ, синергетикӣ, антропологӣ ва ғайра, ба ташаккули заминаи ягонаи фаҳми воқеият мусоидат мекунад. Категорияи фалсафии ҳастӣ, ки моҳияти вуҷуди воқеиро таҷассум менамояд, на танҳо будани холии ашёро инъикос мекунад, балки бо кушодани муҳтаво ва маънии он, доираи таъсир, марзҳо ва рисолати маънавие, ки инсон бояд онро эҳсос ва тавассути он ҷаҳонро фаҳмад ва тасвир намояд, муайян месозад. Чуноне ки М. Хайдеггер қайд мекунад, «Ҳастӣ бе маъно муаррифӣ намешавад» [256].

Категорияи ҳастӣ дар сохтори тасвири олам, дар ҷанбаи онтологии худ ба он дараҷае, ки худи ҳастӣ ҳамчун моҳияти кулл дар воқеият, дар воқеияти атрофамон, дар воқеияти объективӣ амал мекунад, мақоми кулл дорад. Бо дараҷаи муайяни муқаррарӣ метавон гуфт, ки худи мантиқи сохтори тасвири олам ба мақоми категориявии ҳастӣ тобеъ аст; ҳастӣ ҳамчун категория бо тамоми асосаш худи сохтор ва тобеияти тасвири оламро муайян мекунад. Ин ба андозаи муайян бо он алоқаманд аст, ки ҳам сохтори олами мо ва ҳам тобеияти унсурҳои алоҳидаи он нисбат ба ҳамдигар тавассути ҳастӣ ба амал меоянд; мавҷудият сохторӣ буда, ба он предметҳо ва ашёҳои ҷудогона тобеанд, бинобар ин, ба қавли М.А. Мелюхин, бояд гуфт, ки «мавҷудият ҳам сохтори ҷузъҳои он ва ҳам тобеияти онҳо ба ҳамдигарро миёнаравӣ мекунад» [171].

Ҳамчун мавҷудият ҳастӣ ба махсусияти он оламе миёнаравӣ мекунад, ки дар робита ба он, метавон гуфт, ки сохторӣ ва тобеъ аст, бинобар ин, категорияи фалсафии ҳастӣ то андозае амсилаи сохторӣ,

мушаххасоти унсурҳои алоҳида ва тарзи фаъолияти ин гуна мавҷудиятро ҳамчун тасвири олам муайян мекунад. Ҳамчун категорияи фалсафӣ ҳастӣ бо тамоми мазмунаш муносибати хос ва дурусти фалсафиро нисбат ба тафсири олам ифода менамояд. Чунин ақида вуҷуд дорад ва ҳоло хеле мӯд ба ҳисоб меравад, ки муносибати дар боло зикргардида маънои ҳақиқӣ ва нақши асосии худро танҳо дар доираи чунин шакли шуури ҷамъиятӣ, монанди фалсафа нигоҳ медорад. Мувофиқан, дар илм ҳангоми тавзеҳи асосҳои муҳимтарини олам муносибати фалсафӣ, ки моҳияти ҳар чизи дар худ ва барои худ мавҷудбударо бо мазмуни консептуалии ҳастӣ муайян мекунад, зиёдатӣ ба назар мерасад. Фалсафа гӯё ҳақ надорад, ки ба мантиқи дарки илм дар бораи асосҳои бунёдии олам «дахолат» кунад. Овардани мисолҳои сершумор дар бораи он, ки фалсафа, асосан дар нимаи аввали асри XX ба таҳқиқоти илмии олимони бузурги табиатшиносӣ айнан «зарар» расонидааст, далели кофии ин андеша дониста мешавад [146,147].

Вобаста ба гуфтаҳои боло қайд кардан зарур аст, ки ба илмҳои табиатшиносӣ на фалсафа ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ, балки «идеологияи фалсафии» он замон «зарар» расонидааст. Аз як равзанаи дигар, фалсафа ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги инсоният дар тули инкишоф ва эволютсияи таърихи худ ҳамеша мекӯшид, то шаклҳои асосӣ ва умумиқабулшудаи ҳастии воқеияти объективиро, ки берун аз шуури инсон вуҷуд доранд, шиносад, таҳлил намояд ва шарҳ диҳад. Фалсафа дар ин замина ба унвони фишурдаи маънавӣ ва тафаккурии таҷрибаи фарҳангии инсонӣ баромад мекунад, ки дар ҷараёни робита бо воқеият шакл гирифтааст.

Тамаддуни башарӣ, ба воситаи фалсафа, тасвири абстрактӣ ва умумии пояҳои ҳастиро ба вуҷуд меорад, ки фақат дар сатҳи тафаккури фалсафӣ ва тавассути истифодаи категорияҳои асосии фалсафӣ, барои муҳаққиқон қобили дарк ва таҳлил мегарданд. Аммо ин мақулаҳои

фалсафӣ ғайр аз роҳҳои умумӣ ва асосии фаъолияти худи насли башар ҳамчун як бутуни муҷаррад нисбат ба воқеияти атрофи он чизе нестанд.

Яке аз чунин усулҳои фаъолият, ки моҳияти муносибати одамро ба олам, мантиқи ин муносибат, асосҳои муҳимми чунин муносибат ва ғайраро инъикос менамояд, шаклест, ки дар «шакли соф, дар сатҳи фаҳмиши фалсафӣ, дар категорияи ҳастӣ» амалӣ мегардад.

Бо тамоми шаклу тарзҳои баёни он, аз ҷумла ҷиҳатҳои «мустақилият ва ҷудошавӣ» аз предмети маърифат, ҳастӣ тамоми мазмуни худро (дар мантиқи таносуб бо сохтори тасвири олам) ҳамчун ҷанбаи онтологии воқеият эълон мекунад. Ҷанбаҳои амиқи ҳастӣ, ки дар худ моҳият ва ҷавҳареро таҷассум мекунанд ва ҳамчун усули бунёдии ифодаи ҳастӣ баромад мекунанд, дар айни замон ҳамчун «сабаби худ» маънидод мешаванд. Дар ин замина, муҷаррадии ҳастӣ, ки ҳамчун шаклҳои

гуногуни ашёи моддӣ ва маҷмуи онҳо зуҳур меёбад, ҳатман робита ё вобастагӣ ба субъекти эҳтимолии маърифатро дар бар намегирад. Баръакс, ин шаклҳо аксар вақт мустақилияти комил ва «ҷудошуда»-и ин мундариҷаи мушаххасро аз ҳама гуна робита бо ҳар як субъекти эҳтимолии фаъолияти маърифатӣ таъкид мекунанд (масалан, таърифи ленинии материяро, ки онро аҳли ҷамъияти илмӣ, фалсафӣ то ҳол эътироф мекунанд, ба хотир овардан мумкин аст).

Баръакс, мазмуни хоси қолабҳо ва тамоюлҳои умумии фаъолият ва инкишофи худи мавҷудият, ки дар шакли қонунҳои умумии ҳастӣ ифода меёбад, ҳатман лаҳзаи пайвастшавиро бо субъекти потенсиалии фаъолияти маърифатӣ дар бар мегирад. Чӣ тавр? Метавон гуфт, ки ҳастӣ, ҷавҳар ва гуногунии ашёи материалӣ ҳамчун шакли баёни ҳастӣ худро ҳамчун он чизе, ки ҳаст, тавассути мавҷудият, ба воситаи мавҷудият ифода мекунанд. Қонуниятҳо ва тамоюлҳои умумии фаъолият ва рушди мавҷудият худро ҳамчун он чизе, ки ҳаст, пеш аз ҳама, ба воситаи шакли идеалии худ ифода мекунанд, яъне, дар муқоиса бо субъектҳои онтологии дар боло зикршуда барои ҳамоҳангӣ бо субъекти потенсиалии дарк имкониятҳои сифатан гуногун доранд. Чуноне ки қонуни физикии ҷозибаи умумиҷаҳонӣ моҳияти худро на танҳо дар худи воқеият, балки дар шакли идеалии худ ифода намуда, мафҳуми софи абстрактиро талаб мекунад ва мувофиқан, ҳадди ақалл мавҷудияти эҳтимолии субъекти эҳтимолии маърифатро пешниҳод мекунад, ба ҳамин монанд қонуниятҳои умумии амал ва инкишофи ҳастӣ таносуби муайянеро бо субъекти потенсиалии фаъолияти маърифатӣ пешбинӣ мекунанд. Аз ин рӯ, қонуниятҳои фаъолият ва инкишофи ҳастӣ бояд то андозае ба ҷузъи гносеологии тасвири олам нисбат дода шаванд. Чуноне ки К.Н. Любутин менависад, «масъалаи шаклҳои инкишофи ҷиҳатҳои гуногуни ҳастӣ аслан масъалаи гносеологӣ мебошад» [156].

Агар қонуниятҳо ва тамоюлҳои умумии раванди фаъолият ва инкишофи ҳастӣ мазмуни сатҳи умумии ҷанбаи гносеологии тасвири

оламро таҷассум кунанд, пас қонунҳои хоси фаъолияти табиӣ ва инкишофи он, ки ба ҳастии моддӣ марбутанд, ҳамчун моҳияти зоҳири дараҷаи махсуси гносеологии тасвири олам баромад менамоянд. Дар бобҳои гузашта қайд карда будем, ки махсус усули асосии дарк кардан ва ба амал баровардани умумист. Дар ҷанбаи онтологӣ ҷавҳар ҳамчун махсус, ҳамчун сабаби худ, бо мазмуни хоси худ, ҳастиро ҳамчун умумӣ тарзе ба асос мегирад, ки ҳастӣ худро тавассути ҷавҳар ошкор мекунад. Дар қисмати гносеологӣ ин мантиқи муносибати умумӣ ва махсус комилан нигоҳ дошта мешавад, танҳо он бо мазмуни андаке дигар алоқаманд аст.

Қонуниятҳои умумиамали фаъолияти табиат, сарфи назар аз хусусиятҳои ба худ хос, заминаи муайянкунандаи равандҳои умумии ташаккул ва таҳаввули ҳастиро ташкил медиҳанд. Ҳар як падидаи воқеият дорои хусусиятҳои сифатии мушаххасе мебошад, ки тавассути таҳлили онҳо метавон мазмун ва сохтори умумии қонуниятҳои ҳастиро дарёфт.

Дар асоси таҳлили мантиқии чунин қонуниятҳо, ки тавассути мазмуни хоси онҳо ифода меёбанд, шаклҳои идеалии мунтазами инкишофи ҳастӣ ба таври назариявӣ барқарор карда мешаванд. Ин шаклҳои идеалӣ, ки натиҷаи шинохти назариявӣ ва таҷрибавии воқеиятанд, ба андозае бо худи қонуниятҳои табиат ҳамбастагӣ доранд. Зеро маҳз тавассути онҳо метавон шаклҳои воқеан умумии амал ва рушди ҳастиро муайян кард.

Дар ин замина, қонуниятҳои табиӣ ҳамчун воситаи муайянкунандаи қонуниятҳои умумии инкишоф баромад мекунанд. Яъне, эътирофи чунин шаклҳои идеалӣ ҳамчун таҷассум ва таҷдиди назариявии воқеият, бевосита дар заминаи омӯзиши ҳамон қонуниятҳои табиат имконпазир аст.

Бояд гуфт, ки қобилият ва тамоюли умумии амал ва инкишофи ҳастӣ дар мавҷудияти табиӣ на он қадар зоҳир мешаванд, балки дар он зоида

мешаванд. Онҳо дар як мантиқи хоси «хоҳиши кӯр» таваллуд мешаванд, ки дар аввал ҳамчун воқеияти табиии объективӣ амалӣ карда мешаванд. Худи мантиқи қонунҳои умумии амал ва инкишофи ҳастӣ дар ин ҷо, гӯё дар аввал бо объективияти табиӣ «равонтар» мешавад. Аммо метавон гуфт, ки қонуниятҳои умумии инкишофи ҳастӣ аллакай дар худи зуҳурот ва шаклҳои табиӣ вуҷуд доранд, вале онҳо «бо ранги» ин шаклу ҳодисаҳои конкретӣ, алоҳида зиннат дода шуда, бо воқеияти объективии ҷисмонӣ «маҳдуд карда шудаанд». Минбаъд бо инкишофи ҷамъияти инсонӣ шаклҳои гуногуни маданият ин қонунҳоро аз пиллаи физикии «ибтидоии» худ «тоза» карда, ба дараҷаи мазмуни идеалии худ меоваранд. Ҳамин тариқ, дар фалсафа қонунҳо ва принсипҳои диалектикӣ, дар илмҳои табиатшиносӣ қонунҳо, мафҳумҳо, фарзияҳо ва назарияҳо ва ғайра кашф карда мешаванд (ва ба маънои муайян таваллуд мешаванд).

Аммо намояндагони илмҳои табиатшиносӣ мазмуни донишро аз қабати предметӣ аз падида ва шаклҳои алоҳида «тоза» намуда истода, онро ба сатҳи идеалӣ расонида истода, аксар вақт дониши худро ба инсоният маҳз дар объективияти табиии худ, дар объективияти «маъноҳои табиӣ» эълон мекунанд», гарчанде ки охирӣ бо шаклҳои идеалӣ, рамзӣ ифода ёфта, аз хусусиятҳои хоси ҳодисаҳои табиат «тоза» шудааст. Аз як тараф, қонуниятҳои умумии инкишофи ҳастии табиӣ низ «тозашавӣ»-ро аз маъноҳои табиӣ ва объективияти табиӣ талаб мекунанд, вале аз тарафи дигар, худи моҳияти қонунҳои умумиинсонии инкишофи ҳастӣ дар муҷаррадӣ бо предмету маъноҳои табиие, ки онҳоро «маҳдуд мекунанд», дар оғӯши факту ҳодисаҳои табиӣ, дар вуҷуди табиии гуногунранги чизу ҳодисаҳои алоҳида тавлид меёбанд. Хусусияти таносуби кулл ва махсус дар ин масъала, ба ақидаи П.В. Копнин, тобеияти муайян ва муҷарради ба ҳам пайвастани қонунҳои умумии инкишофи ҳастӣ ва қонунҳои сирф умумии инкишофи ҳастии табииро (табиат), «дар муҷаррадии хосиятҳо ва муносибатҳои охирӣ» дар назар дорад [149].

Қонуниятҳо ва равияҳои умумии фаъолият ва рушди ҳастии табиӣ (табиат) мазмуни ибтидоӣ мебошанд, ки дар он қонунҳои умумии фаъолият ва рушди худи ҳастӣ ҳамчун мавҷудият «таваллуд» мешаванд; ба дараҷае онҳо мавҷуд будани қонунҳои умумии фаъолияти ҳастиро ифода мекунанд, хусусияти пурмазмуни онҳо қонуниятҳои умумии инкишофи онро ошкор ва ифода менамояд. Саволе ба миён меояд, ки агар асосҳои ниҳоии ҳастӣ, масалан, сабабият, муваққатӣ ва як қатор дигар чизҳоро ба асос гирем, пас асоси мавҷудияти худи қонунҳои табиатро чӣ ташкил медиҳад? Худи онҳо бо роҳи ошкор кардани моҳият, воқеияти ҷавҳар (ва бисьёр шарҳу эзоҳоти онро) ба воситаи мазмуни худ ва ё ба ҳар ҳол қонунҳои умумии инкишофи ҳастӣ асосҳои аввалиндараҷаи қонунҳои табиат мебошанд?

Ҳангоми таҳлили ин мушкилот як қатор нуктаҳои принсипан муҳимро қайд кардан лозим аст. Оё мумкин аст (ва то кадом андоза он аз ҷиҳати методологӣ асоснок хоҳад шуд) қонуниятҳои умумии амал ва инкишофи ҳастиро бо қонунҳои умумии амал ва инкишофи ҳастии табиӣ ба муҷаррадӣ оварда, изҳор намоем, ки инҳо бо як навъе ду шакли ҳамон ҳастиро ташкил медиҳанд? Бо қиёс бо он, ки ҳам моҳият ва ҳам ҳастӣ, ба гуфтаи одилонаи Е.В. Илйенков, моҳияти «як воқеияти муҷаррад» мебошанд [135,136]. Дар доираи таҳлили фалсафӣ, ҳастӣ ҳамчун мафҳуми муҷаррад ва куллӣ, моҳияти умумии воқеиятро таҷассум мекунад, дар ҳоле ки ҷавҳар ҳамчун роҳи амалии зуҳур ва татбиқи ин моҳият баромад менамояд. Дар ин замина, айнан ҳамон тавре ки дар равиши диалектикии фаҳмиши воқеият мавҷуд аст, ҳам қонуниятҳои умумии инкишофи ҳастӣ ва ҳам қонуниятҳои хоси инкишофи ҳастии табиӣ метавонанд шакли муҷарради ифодаи моҳияти мавҷудиятро дошта бошанд.

Бо ибораи дигар, ин қонунҳо дар худ на танҳо равиши воқеии инкишофро таҷассум мекунанд, балки худ ба ҳайси таҷассуми мантиқии

моҳият, ҳамчун унсурҳои абстракт ва куллӣ, дар сохтори фаҳмиши илмӣ ва фалсафии олам зоҳир мегарданд.

Ба ақидаи Б.М. Кедров, ҳатто шартан муайян кардан мумкин аст, ки қонунҳои умумии фаъолият ва инкишофи ҳастӣ ба ҷуз қонунҳои умумии фаъолият ва инкишофи ҳастии табиӣ чизе беш нестанд, ба шарте ки мо худи табиатро ҳамчун шарҳу тавсифи худи ҳастӣ бинем ва дарк кунем [141].

Мувофиқан қонунҳои умумии фаъолият ва инкишофи ҳастӣ шарҳу тафсири қонунҳои умумии амал ва инкишофи ҳастиро ифода карда метавонанд. Бо қайду эзоҳи муайян метавон гуфт, ки табиат шарҳи моҳияти ҳастӣ аст, аммо инчунин гуфтан мумкин аст, ки табиат ҳамон ҳастӣ аст, ба шарти «хаста шудан» аз худи табиати объективию маҳдудияти хоси худ. Яъне, қонунҳои умумии фаъолият ва рушди ҳастии табиӣ наметавонанд моҳияти чизеро ҷуз қонунҳои умумии фаъолият ва рушди худи ҳастӣ ифода ва баён кунанд, агар ҳам он ва ҳам қонунҳои дигарро ҳамчун шаклҳои воқеияти муҷаррад ва абстрактӣ аз предмети хусусияти қонунҳои табиӣ шарҳ диҳем.

Дар оғӯши кӯшиши «ҳал»-и масъалаи асосии фалсафа ҳаминро метавон қайд кард, ки тобеияти хусусиятҳои мазмунии ҷанбаҳои гуногуни воқеият, ки дар мақулаҳои ҳастӣ ва ҷавҳар ифода ёфтаанд, муҷаррадии охириро истисно не, балки тахмин карда метавонад ва ин муҷаррадиро ҳамчун моҳияти вокеияти муҷаррадие, ки дар шаклҳои гуногуни он амалӣ мегардад, шарҳ додан комилан мумкин аст. Ҳаминро, шояд, ба қонуниятҳои умумии инкишофи ҳастӣ ва ҳастии табиӣ низ нисбат додан мумкин аст. Муносибат ва тобеияти охириро танҳо аз он ҷиҳат муайян кардан мумкин аст, ки онҳо як бутуни муҷаррад буда, дар мазмун, шакл ва баёни мухталифи худ инкишоф меёбанд.

Қонуниятҳои умумии амал ва инкишофи табиат моҳияти аслии ҳастии табиӣ, самти инкишофи охирӣ, итминон ва ташкили сифатии онро ҳамчун роҳи мавҷудияти худ муайян мекунанд. Илова бар ин,

қонунҳои амал ва инкишофи табиат то андозае мазмуну қонунҳои хоси фаъолият ва инкишофи инфрасохтори «ғайритабиӣ»-ро муайян карда метавонанд. Новобаста аз сатҳи баланди миёнаравӣ, ки метавонад байни қонунҳои инкишофи табиат ва қонунҳои рушди иҷтимоӣ мавҷуд бошад, моҳияти робитаи мантиқии онҳо бар заминаи унсурҳои воқеии воқеияти объективӣ устувор аст. Яъне, иртибот ва ҳамбастагии мазмунии ин ду маҷмуи қонуниятҳо на дар сатҳи зоҳирӣ, балки бар пояи асосҳои воқеии ҳастӣ қарор дорад. Ин ҳолат дар сурате дуруст дарк мешавад, ки агар принсипи диалектикии ҳамбастагии умумии унсурҳои ҳастиро ҳамчун муҷаррадии ягона ва мукаммал қабул намоем.

Бо вуҷуди ин, намунаи пешниҳодшуда набояд боиси он гардад, ки принсипҳои диалектикии ёдшуда ҳамчун ақидаҳои пешакӣ муайяншуда ва берун аз сохтори худи робитаҳои воқеии қонунҳои инкишофи табиат ва ҷомеа тафсир ёбанд.

Ин гуна принсипҳои диалектикӣ, боз ҳам, танҳо ҳамчун як навъ баёни маҷмуи муҷаррад - ҳастӣ амал карда метавонанд. Онҳо робитаҳои ба таври объективӣ мавҷудбудаи байни сатҳҳои сифатан ва аз ҷиҳати сохтор гуногун ташкилёфтаи ҳастиро на он қадар муайян, балки ошкор мекунанд. Мо принсипҳо ва қонунҳои диалектикиро худ аз худ ҳамчун алоқаҳои муҳимтаре, ки мантиқи муносибати байни қонунҳои инкишофи табиат ва ҷамъиятро муайян мекунанд, шарҳ дода наметавонем. Ин гуна принсипу қонунҳо, чуноне ки Ж.М. Абилдин дуруст қайд мекунад, «абстраксияҳое» мебошанд, ки хусусияти хоси воқеиятро ба таври объективӣ инъикос мекунанд [62]. Худи хусусияти воқеият, ки қонунҳо ва принсипҳои диалектикӣ онҳоро ифода мекунанд, объективӣ инъикос менамоянд, ошкор мекунанд, на ҳамчун зуҳуроти худкифояи ҳастӣ амал мекунад, балки бо худи «моҳияти ҳастӣ» муайян карда мешавад, ки он ҳатман қонунҳои умумии амал ва инкишофи табиатро дар бар мегирад. Қонунҳои инкишофи табиат ба андозаи муайян ҳамчунин як намуди махсуси абстраксияро ифода мекунанд, ки моҳияти ҷисми мушаххаси

объективии ҳастии табииро ифода мекунанд. Боз ҳам ин навъи абстраксия ба далели вижагиҳои хоси худ, аз як тараф, объективияти умумии ҳастии табииро дарк мекунад, аз тарафи дигар бошад, худи онҳо моҳияти умумӣ, тамоюли умумии мавҷудотро муайян, дохил ва ба воситаи худ ошкор мекунанд.

Умуман, робитаи объективии мавҷудаи сатҳҳои гуногуни сохтории ташкили ҳастӣ на бо баъзе сабабҳои фавқутабиӣ ё тамоюлҳои «аз боло» додашуда, балки бо маҷмуи худи мавҷудият, ки ҳам принсипҳои умумии диалектикӣ ва ҳам қонунҳои муҷарради диалектикӣ ва ҳам қонунҳои умумии амал ва инкишофи ҳастии табиӣ, қисман асосҳои ниҳоии худи мавҷудиятро аз худ «сарф» мекунанд, муайян карда мешавад. Алоқаи дар боло зикршуда, гарчанде чун абстраксияи алоҳида ифода ёфта бошад ҳам ва ҳарчанд ҷанбаи муҳимтарини «дар шакли холис» буданро ифода кунад ҳам, вале дар баробари ин, он умуман ҳамчун ҷавҳари худкифоя ва худтаъминкунандаи «ҳама ва ҳама чиз» амал намекунад ва ё чунон ки З.М. Абдилдин қайд мекунад, «масъулияти худи ҳамон ҳастӣ буданро ба душ гирифта наметавонад» [63].

Бо такя ба тавзеҳу таҳлилҳои мазкур метавон ба чунин натиҷа расид, ки қонуниятҳои амал ва рушди табиат дорои хусусияти низомманд буда, асоси ҳамбастагии онҳо дар он аст, ки ин қонунҳо ҳамчун зуҳуроти муҷарради пурра ва ифодаи ягонагии умумии ҳастӣ фаъолият мекунанд. Имрӯз дар байни табиатшиносон тамоюли гузаштан аз қонуниятҳои гуногуни фаъолият ва инкишофи мавҷудияти табиӣ ба умумиятҳои консептуалӣ оид ба моҳияти худи ҳастӣ вусъат ёфта истодааст. Торафт чунин ақидаҳо имкон дорад бештар шаванд, ки гӯё ҳастӣ ҳамчун субъект ба қонунҳо ва принсипҳои машҳури синергетика «итоат мекунад», принсипи эволютсионии глобалӣ барои худи субъект аҳамияти асосӣ дорад ва ғайра. И.Т. Фролов дар кори худ «Этикаи илм: мушкилот ва муколама» мисолҳои зиёде аз чунин ақидаҳо меорад [249]. Бояд гуфт, ки дар замони мо дар ин ё он тасвири конкретии илмии олам

чунин қонунҳои инкишофи табиат вуҷуд дошта метавонанд, ки аз рӯи мазмуни худ як қатор қонунҳои дигари ба охирин «тобеъ»-ро муайян мекунанд. Чунин қонунҳо метавонанд ҳамчун заминаи системавӣ барои сохтани ҳама гуна амсилаи назариявӣ, эҷоди назарияи илмӣ ё донишҳои бунёдии консептуалӣ амал кунанд. Фарз кардан мумкин аст, ки идеяҳои консептуалие, ки дар заминаи ин қонунҳо қарор доранд, метавонанд биниш ва фаҳмиши як «қисм»-и воқеиятро муқаррар созанд, худро тавассути мазмуни предметии худ аз мавқеи тасвири муайяни олам ошкор созанд. Бо вуҷуди ин, таъкид кардан ба таври куллӣ муҳим аст, ки новобаста аз аҳамиятнокии ғояи илмии алоҳида дар тасвири алоҳидаи илмии олам, новобаста аз асоснокунии заминаҳои консептуалии назарияҳое, ки аз он бармеоянд, онро ҳаргиз ба дараҷаи қонунҳои умумии амал ва инкишофи ҳастӣ нисбат додан мумкин нест.

Ин гуна идеяи фундаменталии илмӣ «аз қадимулайём» муҳри он пардаи предметиро дорад, ки он имкони расидан ба сатҳи мазмуни воқеан умумиии онтологӣ ё гносеологии худи тасвири оламро намедиҳад. Аз тарафи дигар, тавассути мазмуни муҷарради мушаххаси идеяи бунёдии илмӣ ин ё он принсип ё қонуни «диалектикӣ»-ро, ки аллакай ҳамчун як қонуни умумӣ мавҷуд аст, ошкор кардан, дидан ва ҳатто дарк кардан мумкин аст, ки нақш ва аҳамияти воқеиро дар бораи идеяе, ки ба воситаи он худро ифода мекунад, ошкор мекунад. Шояд пурра будани аҳамияти эстетикии ақидаҳои илмӣ дар он бошад, ки ба воситаи онҳо моҳияти умумӣ ифода карда мешавад, гарчанде ки он дар амал умумӣ нест.

Дар ин гуна мулоҳизаҳо мо бори дигар ба тобеияти сатҳҳои кулл, махсус ва муҷарради ҷузъҳои мухталифи (онтологӣ, гносеологӣ ва ғайра) тасвири олам боварӣ ҳосил мекунем. Гузашта аз ин, дар мантиқи мазмуни муайяни предметӣ қарор дошта истода, имконнопазирии «ҷаҳидан» аз сатҳи қонунҳои умумии табиат ба сатҳи қонунҳои умумӣ, принсипҳо ва асосҳои ниҳоии ҳастӣ баръало фаҳмо мешавад. Асосҳои

категориявии ниҳоии илм (ки мазмуни предмети онҳоро дар бар мегиранд) худ аз худ наметавонанд ҳамчун пояи ниҳоии ҳастӣ баромад кунанд, аммо ба қавли одилонаи П.П. Чупин, ба воситаи онҳо «мантиқи дарки ин хосиятҳои ниҳоии ҳастиро фикр карда истода» ин асосҳоро фаҳмидан ва қисман баровардан мумкин аст [263].

Ин мантиқ «заифшавии» доимии мазмуни соф муҷарради он системаи далелҳо, хосиятҳо, падидаҳоро дар назар дорад, ки ба воситаи онҳо ҳар як андешаи илмӣ қабул карда мешавад. Гузашта аз ин, чунин мантиқ ҳатман «заифшавии» мазмуни предмети як фанни алоҳидаи илмиро пешбинӣ мекунад, ки бо он ақидаи муайяни бунёдии илмӣ «пур шудааст». Худи ҳамин мантиқ ҷустуҷӯи алоқаҳои характерноки мавҷудаи байни идеяи муайяни илмӣ ва тамоми бойигарии муносибатҳои категориявии ҳастиро, ки дар гуногунрангии тамоми «ҷисм»-и тамаддуни инсонӣ таҷассум ёфтаанд, пешбинӣ мекунад.

Ҳамаи ин, умуман, шартҳои заруриеро муайян мекунад, ки дар асоси онҳо принсипан аз сатҳи таркибии махсуси гносеологии тасвири олам ба сатҳи умумии он гузаштан мумкин мебуд. Масъалаи шароити зарурӣ ва кофӣ барои чунин гузариш масъалаи муҳимтарин аст, вале, ба назари мо, онро танҳо дар таҳқиқоти махсуси илмӣ ва танҳо баъд аз ошкор шудани мазмуни ҳамаи сатҳҳои таркибии худи тасвири олам ҳал кардан мумкин аст. Ҳангоми аз як сатҳи ҷанбаи муайяни тасвири олам ба сатҳи дигар гузаштан ба назар чунин менамояд, ки мазмуни ҳамаи ҷузъҳо ва тамоми сатҳҳои тасвири олам ошкор карда мешавад, ки диди дуруст ва дарки худи коинот ва сохтор, инчунин моҳияти тасвири худи оламро таъмин менамояд.

Агар сатҳи умумии сохтори гносеологии тасвири олам қонуниятҳои умумии раванди фаъолият ва инкишофи ҳастиро инъикос намояд ва, ба гуфтаи Г.И. Маринко, қобилият дошта бошад, ки қонунҳои ба истилоҳ маъруфи диалектикиро таҷассум кунад, пас дар сатҳи махсус, ки алоқаҳои умумии рушди табиатро ифшо мекунад, ин қонуниятҳо аллакай

дорои хусусияти объективӣ ва мустақил аз шуури инсон мебошанд [167]. Ба сифати мисол барои суханони боло мо қонунҳои кантӣ (асосҳо)-и доимии ҷавҳар, пайдарпайии замонро дар асоси принсипи сабабият ва қонуни таъсири мутақобила пешниҳод мекунем. Ҳамчун намунаи таъйидкунандаи гуфтаҳои боло, метавон ба қонунҳои бунёдии фаҳмиши кантиёнӣ ишора кард, ки дар заминаи ҷавҳар, замон ва сабабият ташаккул ёфтаанд. Аз ҷумла, идеяи устувории ҷавҳар бар он асос ёфтааст, ки новобаста аз ҳама гуна тағйироти зоҳирӣ, ҷавҳар дар табиат ҳамеша доимӣ боқӣ мемонад ва на меафзояд ва на кам мегардад. Ба ҳамин тартиб, ҳар гуна тағйирот дар ҷаҳони воқеӣ тибқи принсипи пайванди сабабу натиҷа ба вуқуъ меояд. Ғайр аз ин, тамоми ҷавҳарҳо, ки ҳамчун модда дар фазо ҳамзамон даркшаванда мебошанд, дар як низоми таъсири мутақобилаи комил қарор доранд. Ба фикри мо, ҳамаи ин принсипҳои асосиро комилан ба сатҳи махсуси қисми гносеологии тасвири олам нисбат додан мумкин аст.

Ҳамчун мисоли рӯшани татбиқи категорияи муҷаррад дар шинохти воқеият, метавон ба қонунҳои маърифати илмии Кант ишора кард, ки дар «Критикаи ақли холис» [34] ба сифати принсипҳои априории таҷрибаи мумкин баррасӣ шудаанд. Дар ин замина, се қонуни асосӣ ҳамчун заминаи методологии фаҳмиши воқеияти устувор ва пайваста зикр мегарданд:

1. Қонуни доимии ҷавҳар: «Ҳангоми ҳар як тағйирёбии ҳодисаҳо, ҷавҳар доимӣ боқӣ мемонад. Миқдори он дар табиат на меафзояд ва на коҳиш меёбад» Ин қонун бар пояи идеяи устувории модда қарор дорад ва нишон медиҳад, ки шинохти илмӣ на ба падидаҳои муваққатӣ, балки ба сохтори пойдори воқеият такя мекунад.

2. Қонуни пайдарпайии замон бар асоси сабабият: «Ҳар тағйирот бо риояи қонуни пайванди сабабу натиҷа сурат мегирад». Дар ин ҷо, категорияи сабабият ҳамчун абзори методологии фаҳм ва шарҳи

ҳодисаҳо амал мекунад ва пайванди зарурии байни падидаҳоро муайян месозад.

3. Қонуни таъсири мутақобила: «Ҷавҳарҳо, ки дар фазо ҳамчун ҳамзамон мавҷуд дарк мешаванд, дар робитаи мутақобилаи доимӣ қарор доранд». Ин қонун равобити сохтории унсурҳои воқеиятро баён мекунад ва имкони барқарорсозии тасвири мукаммали ҷаҳони моддиро фароҳам меорад.

Бо ин тартиб, ин қонунҳо, ки Кант онҳоро дар асоси категорияҳои априорӣ бунёд кардааст, заминаи як диди нави методологии шинохти оламро фароҳам месозанд. Онҳо на танҳо тарзи тафаккури илмии муосирро муайян мекунанд, балки дар ташаккули тасвири илмии ҷаҳон нақши муайянкунанда доранд.

Ба сатҳи ҷузъи гносеологии тасвири олам мо бояд ҳатман тамоми гуногунии қонунҳои махсуси илмиро дохил намоем. Муҷаррадии ҷанбаи гносеологии тасвири олам ҳар дафъа мазмуни нав, мушаххас ва беназир аст, ки дар ин ё он робитаи муҳим, муносибати муайяни байни фактҳои воқеият ифода ёфтааст. Мазмуни хоси қонуни алоҳида, ки алоқаи назаррасро дар ин ё он таъсири мутақобилаи «унсурҳои ҳастӣ» бо ҳамдигар ифода мекунад, ба ақидаи М.Г. Чепиков, ҳамчун муносибати муҷарради гносеологӣ ба худи ҳастӣ ва моҳияти кулл нисбат ба он таъсири устувори мутақобилаи шаклҳо ва ашёҳои мувофиқи воқеияти атроф, ки ҳар дафъа ҳар ҳел ба миён меоянд, амалӣ мегардад [261].

Мантиқи ҳар як қонуни илмии мушаххас дар асоси ифодаи робитаҳои муҳимми байни унсурҳо, хосиятҳо ва объектҳои гуногун ташаккул меёбад. Ин қонунҳо муносибатҳои таъсири мутақобила ва пайванди сохториро ифода мекунанд, ки дар асоси робитаи «унсурҳои ҳастӣ» дар муҳити воқеӣ амалӣ мешаванд ва ҳамчун таҷассуми умумияти воқеӣ баромад менамоянд. Вале худи қонуни алоҳидаи илмӣ, агарчи дорои муҳтавои мушаххаси назариявист, танҳо дар доираи шарҳи як ҷанба ё алоқаи ҷудогонаи воқеият амал мекунад. Он, дар асл, бозтоби

муҷаррад ва маҳдуди муносибатҳои бешумори ҳастӣ мебошад, ки ҳар яки онҳо дар шакли хоси худ зарурат ва мантиқи умумии инкишофи ҳастиро ифода мекунанд. Бо ин роҳ, қонунҳои илмӣ, новобаста аз хусусиятҳои инфиродии худ, воситаи дарк ва инъикоси таносуби мутақобилаи унсурҳои гуногуни воқеият мегарданд ва дар маҷмуъ, ба фаҳми низомманд ва методологии олам мусоидат мекунанд.

Аз нуқтаи назари муҷаррадӣ дар гуногунрангӣ ва аз нуқтаи назари муҷаррадии умумии комил, ҳар як қонуни алоҳидаи илмӣ бояд ҳамчун шакл ё алоқаи муҷарради мушаххаскунанда амал кунад, ки тавассути он худи ҳастӣ хусусияти худро тавассути таъсири мутақобилаи ҷисмҳои материалии алоҳида «нишон медиҳад». Тавре ки худи ҷисми материалӣ ҳамчун шарҳи муҷаррадии мавҷудияти кулл дар ҷузъи онтологӣ амал мекунад, ба ҳамин тариқ, дар сатҳи баррасии гносеологии ҷиҳатҳои ҳар як қонуни алоҳидаи илмӣ худро ҳамчун баёни муҷарради муҷаррадии умумии қонуниятҳои амал ва инкишофи ҳастӣ амалӣ месозад. Худи муҷаррадии ҷанбаи гносеологии тасвири олам метавонад на танҳо ин ё он қонуни хусусии илмӣ, балки маҷмуи гуногуни чунин қонунҳоро дар бар гирад. Маҷмуи робитаҳои муҳимми байни хосиятҳои муайян ё муносибатҳои объектҳои гуногун ҳамеша маҷмуи пайвандҳои алоҳида, нодир ва муҷарради муҳим мебошанд ва бинобар ин, аз сатҳи муҷаррадии ҷиҳати гносеологии тасвири олам берун намеравад.

Агар сатҳи махсуси таҳлили гносеологии тасвири олам ифодаи принсипҳо ва қонуниятҳое бошад, ки дар асоси онҳо раванди инкишофи табиат ҷараён мегирад, пас сатҳи муҷаррад дар навбати худ ифодаи умумият ва куллиятро дар шакли мутлақ таъмин намекунад. Дар ин сатҳ мо на бо принсипҳои мукаммали низоми умумӣ, балки танҳо бо намунаҳои алоҳида ва маҳдуди ифодаи қонунҳои инкишоф рӯ ба рӯ мешавем.

Ба ибораи дигар, сатҳи муҷарради ҷанбаи гносеологии тасвири олам танҳо маҷмуи намунаҳои мушаххасро дар бар мегирад, ки наметавонанд

пурра ҷойгузини маҷмуи воқеии принсипҳо ва қонуниятҳои куллие гарданд, ки инкишофи ҳастии табииро танзим менамоянд. Маҷмуи миқдории чунин намунаҳо ҳарчанд муфид ва иловагӣ бошанд, қобилияти ифодаи сохтори аслии қонуниятҳои инкишофи умумиро надоранд.

Аз ин лиҳоз, агар дар сатҳи махсуси гносеологӣ мо метавонем дар паси мазмуни қонунҳои табиӣ зуҳури принсипҳои умумии фаъолият ва инкишофи ҳастиро мушоҳида намоем, пас дар сатҳи муҷаррад танҳо нишонаҳои алоҳида ва маҳдуд, яъне зуҳуроти хусусии тамоюлҳои умумӣ намоён мегарданд. Ин гуна зуҳурот, гарчанде дорои аҳамияти назариявӣ бошанд ҳам, танҳо баёнгари равандҳои умумӣ ба таври ғайримустақим мебошанд ва наметавонанд табиати куллии онҳоро пурра инъикос намоянд.

Масалан, чунин қонунҳои илмии хусусӣ, монанди қонунҳои якум, дуюм ва сеюми Нютон, қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ ва як қатор қонунҳои дигар дар шароити муайян моро ба дарки принсипи асосии инкишофи ҳастии табиӣ, ки тибқи он «ҳама гуна ҷисмҳои материалӣ бо якдигар алоқаи мутақобила доранд», оварда мерасонад. Аммо мазмуни қонунҳои зикршуда дар худ ба ҳеҷ ваҷҳ моро ба дарки принсипҳои инкишофи ҳастӣ водор намекунад. Чунин гузаришро танҳо дар сурате ба амал баровардан мумкин аст, ки агар принсипҳои асосии ташкили мазмуни қонунҳои алоҳидаи илмӣ асосҳои ниҳоии ҳастӣ, ақаллан худи ҳамон шарҳу эзоҳоти кулл, махсус ва муҷаррад бошанд.

Умуман, гузаштан аз сатҳи муҷарради ҷанбаи гносеологии тасвири олам ба сатҳи махсус ва минбаъд ба сатҳи умумии он бо мантиқи болоравӣ ва гузаштан аз абстрактӣ ба конкретӣ тааллуқ дорад, дар баробари ин, ҳамон принсипҳои бунёдӣ ва хосиятҳои ниҳоии ҳастӣ метавонанд ба сифати асос ва ҳадафи ниҳоии боло рафтан хизмат кунанд. Дар вақти гузаштан аз муҷаррад ба махсус аз мазмуни қонуну қонуниятҳои алоҳидаи илмӣ абстракт карда, ҳамзамон принсипҳои асосии инкишофи ҳастии табииро ба таври идеалӣ «фаҳмидан» лозим

аст. Заифшавии мазмуни муҷарради қонунҳои алоҳидаи илмӣ ҳамзамон бо роҳи синтези категориявӣ интихоб кардани тамоюли асосиро, ки дар ниҳояти кор алоқаи куллии инкишофи худи табиатро ошкор мекунад, пешбинӣ менамояд.

Ҳангоми гузариш аз хусуси ба умумӣ, инчунин аз мазмуни ҳар гуна қонунҳои умумии инкишофи табиат, «дар худ ва барои худ», дар шакли соф бо роҳи дарки алоқаи амал ва рушди худи ҳастӣ ҳамчун мавҷудият абстраксия кардан зарур аст. Ва дар ин ҷо, ба ҳамин тариқ, заифшавии мазмуни муҷаррадии қонунҳои умумии инкишофи ҳастии табиӣ бо роҳи синтези категориявӣ, на ҷудошавӣ, балки инъикос ва миёнаравии қонунҳои асосиро, ки худро ба ҳастӣ «мефароранд» ва асоси амал ва инкишофи охирӣ ба ҳисоб мераванд, пешбинӣ мекунад. Аммо қонуниятҳои асосии фаъолият ва рушди ҳастӣ дар аввал дар худи худ амалӣ мешаванд, бинобар ин, ҳангоми гузаштан аз сатҳи махсус ба умумӣ на он қадар аз хусусияти хос (аз мазмуни қонунҳои инкишофи ҳастии табиӣ) бармеоянд, балки дар он ҳангоми заифшавии мазмуни махсус худро ошкор мекунанд.

Мазмуни қонунҳои хусусии илмӣ, ки ҷанбаи гносеологии тасвири ҷаҳонро дар сатҳи муҷаррад ифода мекунанд, дар асл бозтобдиҳандаи шаклҳои гуногуни зуҳуроти қонунҳои умумии ҳастӣ ва инкишофи он мебошанд. Чунон ки ҳар як падида ё объект дар табиат дорои хосиятҳои махсус аст, ҳамин гуна қонунҳои инфиродӣ низ робитаҳои муҳимеро миёни объектҳо ва хусусиятҳои онҳо ифода мекунанд, ки ҳар дафъа бо хусусиятҳои нотакрорӣ ва асолати худ ба шарҳи принсипҳои умумии инкишофи ҳастии табиӣ мусоидат менамоянд.

Он чӣ дар сатҳи мушаххаси маърифати гносеологӣ ҳамчун «пайвандҳои пок ва умумӣ, ки шаклҳои гуногунро фаро мегиранд» таъриф мешавад, дар сатҳи муҷаррад ҳамчун маҷмуи робитаҳое фаҳмида мешавад, ки моҳияти умумии ҳастиро дар гуногунии зуҳуроти мушаххас таҷассум мебахшанд. Ҳамин сатҳи муҷаррад ба маърифати илмӣ имкон

медиҳад, ки мантиқи умумии амалӣ шудани қонунҳои ҳастӣ тавассути мазмуни мушаххасу беназир ва шаклҳои инфиродии онҳо ошкор гардад.

Гуфтан одилона мебуд, ки мазмуни қонунҳои алоҳидаи илмӣ то андозае моҳияти робитаҳои умумии амалисозии табиатро ба тартиб медарорад, «ранг мекунад» ва махсусияти муайян медиҳад. Комилан мумкин аст, ки қонунҳои умумии амал ва инкишофи ҳастии табиӣ дар шакле, ки аз ягон мазмуни алоҳидаи илмӣ «тоза» шуда бошанд, танҳо дар шакли идеалии худ вуҷуд дошта бошанд. Дар худи воқеият, дар воқеияти атрофамон, дар худи ҳамин гуна ҳастӣ алоқаҳои зарурӣ танҳо ба воситаи мазмуни конкретии қонуну принсипҳои алоҳидаи илмӣ зуҳур карда метавонанд. Муҷаррад ҳамчун бозтоб ё таҳаққуқи ниҳоии кулл зоҳир мегардад, ки ҷудо шудан аз он дар матни воқеият имконнопазир аст.

Шакли соф, моҳияти «ҳастии идеалӣ», ки дар он кулл ҳамчун «алоқаи умумии аз муҷаррад покшуда» ифода меёбад, аллакай моликияти шуури ҷамъиятӣ мебошад, ки онро, албатта, метавон ҳамчун қабули муайяни баёноти ҳастии иҷтимоӣ баррасӣ намуд ва он мутаносибан дар худ насли инсонро дар бар мегирад. Аммо мавҷудияти насли башар (масалан, ҳамчун субъекти дарк) ҳамчун унсури зарурии «амалисозии мавҷудият дар як ҷанбаи идеалӣ» ва мувофиқан дар «шакли тоза аз ҳама гуна мундариҷа», ки гуё имконияти мавҷудияти ҳастии табииро маҳз ва танҳо ҳамчун воқеияти материалӣ истисно мекунад; охир, материя воқӯеияти объективист, ки «сарфи назар аз шууре, ки дар он фикр мекунад» вуҷуд дорад. Дар асл, қолибҳои умумии фаъолияти табиат ва рушди ҳастии он, ки тавассути гуногунрангии фарҳанги инсонӣ дар шакли нисбатан пок ифода меёбанд, натиҷаи фаъолияти амалӣ, маърифатӣ ё дигар намудҳои фаъолияти насли инсонӣ мебошанд. Бо вуҷуди он ки қонунҳои умумии амал ва инкишофи ҳастии табиӣ дар худи воқеият дар шакли комилан пок вуҷуд надоранд, онҳо худ воқеият мебошанд, зеро маҳз ҳамин қонунҳо заминаи ташаккули онанд. Онҳо

ҳамчун моҳияти ҳастии холис амал мекунанд ва дар шаклҳои муҷаррад таҷассум меёбанд [216].

Мантиқи таҷассуми «қонунҳои пок»-и умумии фаъолият ва рушди худи ҳастӣ, ки ҳамеша худро дар шаклҳои муҷаррад ва нотакрори худ амалӣ менамояд, чун қоида, тавассути махсуси худ амалӣ мегардад. Чи тавре ки дар боло қайд карда шуд, махсусияти ҷиҳати гносеологии худи тасвири олам роҳи «умум»-ро муайян мекунад, ки ба воситаи онҳо қонуниятҳои умумии амал ва инкишофи ҳастӣ дар ҳақиқат ба амал меоянд. Қонунҳои умумии инкишофи табиат роҳи асосии ба амал баровардани қонунҳоеро ифода мекунанд, ки моҳияти худи ҳастиро муайян месозанд. Қонунҳои умумии инкишофи ҳастӣ воқеияти объективӣ буда, дар ҳақиқат ҳам мисли қонунҳои ҳастии табиӣ ҳамеша дар шаклҳои хусусӣ ва муҷарради худ ифода меёбанд. Дар воқеияте, ки моро иҳота мекунад, кулл ҳамеша ба воситаи муҷаррад, аммо тавассути махсус амалӣ мешавад.

Қонуниятҳои умумии фаъолияти ҳастӣ, гарчанде дар воқеият ҳамчун шаклҳои куллӣ ва умумибазавии инкишоф амал мекунанд, аммо худи онҳо дар моҳият танҳо ҳамчун сохторҳои абстрактӣ зуҳур менамоянд. Яъне, онҳо на дар шакли моддӣ, балки дар шакли мафҳумии тоза, ҳамчун як навъи инъикоси муҷаррад, фаъолият мекунанд. Маҳз тавассути тасаввури идеалӣ аз ҳастӣ, ки ба воситаи категорияҳои фалсафӣ ва қонунҳои бунёдии тафаккур сурат мегирад, ин қонуниятҳо маънӣ ва мазмун пайдо мекунанд.

Дар асл, ин қонунҳо худ таҷассуми «квинтэссенсия» ё моҳияти фишурдаи таҷрибаи фарҳангии тамоми тамаддуни башарист. Онҳо дар натиҷаи шинохти таърихии инсон ва тафаккури фалсафӣ ташаккул ёфта, ҳамчун василаи баён ва фаҳмиши ҳастии объективӣ хизмат мекунанд. Аз ин рӯ, моҳияти онҳо танҳо дар сатҳи маърифат ва дар заминаи шуури назариявӣ ошкор мегардад.

Қонунҳои умумии амал ва инкишофи табиат воқеан ҳамчун шаклҳои умумӣ ва фарогири ҳастии табиӣ зуҳур мекунанд ва дар айни замон, худ ифодаи принсипи амалии асосӣ ва мантиқи татбиқи қонуниятҳои умумии рушди ҳастӣ ба шумор мераванд. Қонунҳои умумии амал ва инкишофи ҳастии табиӣ (махсус) бо мазмуни хоси табиии худ моҳияти умумии худи ҳастиро пур мекунанд ва бо ҳамин ба охирӣ аз «роҳи умумии» худнамоишдиҳии он хабар медиҳанд.

Механизми худнамоишдиҳии ҳастӣ, ки ҳамчун раванд «дар худ ва барои худ» зуҳур мекунад, метавонад ҳамчун шакли махсуси абстраксияи умумӣ маънидод гардад. Ин намуди абстраксия, дар асл, шакли фаҳмиши моҳияти қонуниятҳои умумии инкишофи ҳастиро ифода мекунад. Яъне, абстрактӣ будани он на боиси маҳдудияти маърифатӣ, балки худи зуҳури мафҳумҳои бунёдӣ дар шакли пок мебошад.

Мисли он ки самтҳои асосии фазо (дарозӣ, паҳнӣ ва баландӣ) шаклҳои абстраксияи мафҳумии худи фазоро ифода мекунанд, қонунҳои умумии фаъолияти ҳастӣ ва қонунҳои инкишофи табиат низ ба таври муҷаррад ва махсус моҳияти воқеиятро дар сатҳи гносеологӣ таҷассум менамоянд. Дар ин замина, қонунҳои умумии ҳастӣ ба сатҳи умумии тасвири олам ва қонунҳои рушди табиӣ ба сатҳи махсуси он тааллуқ доранд, дар ҳоле ки қонунҳои илмии мушаххас ифодаи муҷаррадии ин ду ҷанба маҳсуб меёбанд.

Қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ ҳамчун намунаи барҷастаи фаҳмиши муҷаррад ва ифодаи умумият дар сатҳи мушаххаси муносибатҳои байни ашёи моддӣ баромад мекунад. Он на танҳо инъикоси қонуниятҳои умумии ҳастӣ мебошад, балки ҳамчун робитаи мантиқии миёни умумӣ (қонуни фаъолияти ҳастӣ), махсус (равандҳои табиӣ) ва муҷаррад (шакли илмии тафсир) хизмат мекунад.

Гуфтаҳои болоро чунин хулоса намудан мумкин:

– дар сатҳи гносеологии тасвири ҷаҳон, ифодаи умумӣ тавассути қонунҳои умумии фаъолияти ҳастӣ, ифодаи махсус – тавассути

қонуниятҳои рушди табиат ва ифодаи муҷаррад – тавассути маҷмуи қонунҳои мушаххаси илмӣ ба амал меояд;

– мақулаҳои умумӣ, махсус ва муҷаррад ҳамчун василаҳои аслии ифодаи воқеият дар системаи гносеологии тасвири олам амал мекунанд. Онҳо дар алоқаи танготанги зиёд бо ҳам қарор доранд ва якбора се сатҳи маърифат – умумӣ, мушаххас ва абстрактиро дар бар мегиранд;

– муносибати байни ин мақулаҳо ду шаклро фаро мегирад: шакли муҷаррад, ки тавассути қонунҳои мушаххаси илмӣ ҳамчун тафсири қонунҳои умумӣ ва махсус зуҳур мекунад; ва шакли махсус, ки бо ёрии мафҳумҳои умумӣ фаҳмида мешавад ва қонуниятҳои рушди табиатро ҳамчун зуҳуроти мушаххаси умумияти ҳастӣ ифода менамояд;

– мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад ба ҳайси абзори пуриқтидори маърифатӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии муосир нақши калидӣ мебозанд. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки пур аз ихтилофҳо ва тағйироти шадид аст, истифодаи ин мафҳумҳо ба таҳқиқоти фалсафии назариявӣ ва ҳамзамон ба ҳалли масъалаҳои амалӣ дар бахшҳои маориф, сиёсати ҷамъиятӣ, фарҳанг ва муносибатҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад;

– дар оянда, таҳқиқи амиқтари таърихӣ-фалсафии ин категорияҳо, бахусус дар заминаи анъанаҳои фикрии Шарқ ва нақши онҳо дар фазои фикрии постмодерн, муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

3.3. Тасвири шаклҳои ҳастӣ ва тасвири илмии олам ҳамчун ҷузъи ҷаҳонбинӣ

Ҷузъи идеологӣ, мафкуравӣ, ҷаҳоншинохтӣ дар тасвири олам, ба монанди ҷанбаҳои онтологӣ ва гносеологӣ, дорои се сатҳи таҳлилӣ мебошад: умумӣ, махсус ва муҷаррад. Дар сатҳи умумии идеологияи тасвири олам, мо бо маҷмуи донишҳо ва ақидаҳои нисбатан устувору тағйирнопазир рӯ ба рӯ мешавем, ки ин «нақши умумии воқеият»-ро ташаккул медиҳад ва тавассути наслҳо интиқол меёбад. Ин навъи тасвирро метавон ҳамчун ҷаҳонбинии универсалӣ ё умумӣ тавсиф намуд.

Сатҳи махсуси ҷузъи идеологӣ, дар навбати худ, бо ҷаҳонбинии хусусӣ ифода меёбад. Чунин ҷаҳонбинӣ ба табақаҳо ё гурӯҳҳои иҷтимоии муайян тааллуқ дошта, хусусияти маҳдуд ва таърихӣ дорад. Он аз ҷаҳонбинии умумӣ сарчашма гирифта, онро дар заминаи замону макони мушаххас ва шароити иҷтимоии муайян бозтоб медиҳад.

Сатҳи муҷарради тасвири идеологии олам бештар ба ҷаҳонбинии инфиродӣ марбут аст. Ин навъи ҷаҳонбинӣ бо хусусияти фардии худ фарқкунанда буда, дар баробари он, унсурҳои ҷаҳонбинии умумӣ ва хусусиро низ дар худ таҷассум мекунад. Он арзишҳо, идеалҳо ва меъёрҳоро дар бар мегирад, ки дар марҳалаҳои муайяни таърихӣ дар доираи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Ҷаҳонбинии инфиродӣ метавонад таҷассумгари донишҳои амалӣ, рӯзмарра, касбӣ ва илмӣ бошад, инчунин тасаввуроти шахсиро дар бораи гузаштаи таърихӣ, лоиҳаҳои эҳтимолии оянда, тарзҳои зиндагӣ ва муносибати шахс ба масъалаҳои ахлоқӣ, ба мисли фаҳмиши некӣ ва бадӣ фаро гирад. Ҳамин тариқ, ҷаҳонбинии инфиродӣ ҳамчун ифодаи фардии ҷаҳоннамоии инсон, на танҳо ба сатҳи муҷарради идеология, балки ба таркиби динамикии арзишҳо ва ҷаҳоншинохтию ҷаҳонфаҳмии иҷтимоӣ шомил аст.

Сатҳи ҷузъии муҷарради ҷаҳонбинии тасвири олам метавонад дар шакли ҷаҳонбинии инфиродӣ ифода ёбад, ки барои он нотакрорӣ ва нодирӣ хос аст. Бо вуҷуди ин, он дар баробари хусусияти фардӣ, арзишҳои мушаххаси гурӯҳҳои иҷтимоии давраҳои муайяни таърихӣ (ҷаҳонбинии хусусӣ), инчунин идеалҳо, меъёрҳо ва арзишҳои умуминсонӣ (ҷаҳонбинии умумӣ), низ таҷассум менамояд. Ҷаҳонбинии фардӣ низ дар худ ба дараҷаҳои гуногун баъзе инвариантҳои як қатор давраҳои ҷамъиятию таърихиро амалӣ намуда, зуҳуроти ҷаҳонбинии умумибашарӣ, транссенденталӣ, умумиро фаро гиифта метавонад. Ба унсури муҷарради ҷаҳонбинии тасвири олам метавон маҷмуи гуногуни донишу арзишҳоро шомил донист, ки аз таҷрибаи ҳаррӯза ва фаъолияти амалӣ сар карда, то сатҳи донишҳои касбӣ ва илмӣ фаро мегиранд. Ин ҷузъ ҳамзамон низоми муайяни арзишҳоро дар бар мегирад, аз ҷумла тасаввурот дар бораи некию бадӣ, бозтоби фарҳангии таҷрибаҳои гузашта, назариёти эҳтимолии оянда ва амсилаҳои муайяни зиндагӣ ва рафтори инсон. Ҳамаи ин унсурҳо якҷоя ҷаҳонбинии инфиродии шахсро шакл медиҳанд ва онро амалӣ месозанд.

Дар сатҳи ҷанбаи ҷаҳонбинии умумии тасвири олам охирӣ дар мундариҷаи ҷаҳонбинии универсалӣ ё умумӣ ба амал меояд. Ҷаҳонбинии умумибашарӣ ғояҳои кулл, умумибашарӣ, дониш, меъёрҳо, идеалҳо ва арзишҳоро дар бар мегирад. Охириҳо осори фардӣ, супершахсӣ, умумии фарҳанги инсонӣ мебошанд. Бо як дараҷаи муайяни шартӣ метавон хулоса кард, ки хусусиятҳои зикршуда ҳамчун унсурҳои сохтории ҷаҳонбинии умумибашарӣ амал мекунанд. Маҳз тавассути ин унсурҳо ҷиҳатҳои муҳимми маънавию маърифатии ҷаҳонбинии умумӣ ошкор мегарданд.

Ҷаҳонбинии умумибашарӣ наметавонад ҳамчун як маҷмуи анҷомёфтаи ақидаҳо тасаввур шавад, ки танҳо бо роҳи ҷамъбасти ғояҳои алоҳида ташкил ёфтааст. Баръакс, он як системаи сохторӣ ва

мураккабест, ки шаклҳои гуногуни маърифат, арзишҳо ва таҷрибаи фарҳангии башарро дар сатҳи умумияти муҷаррад муттаҳид месозад.

Тавре ки В.Г. Горохов ишора мекунад, чунин ҷанбаҳои сохторӣ чун донишҳо, ғояҳо, меъёрҳо ва идеалҳо дар маҷмуъ ба тавсифи олам ҳамчун як тасаввуроти устувори фалсафӣ ва маърифатӣ мусоидат менамоянд ва «симои тафаккур ва фаҳмиши оламро»-ро ташаккул медиҳанд [103, с. 296-299].

Ба гуфтаи В.В. Илйин, ҷаҳонбинӣ на танҳо маҷмуи ақидаҳои муайян дар бораи олам ва ҷойгоҳи инсон дар он аст [137, с. 155], балки низоъи фаҳмиши тафаккур ва эҳсоси ботинӣ дар он таҷассум меёбад. Агар мафҳуми «тасвир»-ро ҳамчун шакли инъикоси визуалӣ ва эҳсосии ашё ва воқеият дар шуури инсон фаҳмем [81, с. 134], пас возеҳ мегардад, ки дар доираи ҷаҳонбинии умумибашарӣ худи идея – яъне тарзи пайдоиш ва ҳадафи он – аз ҳама гуна маҳдудиятҳои шахсӣ, замонӣ ва таърихӣ пок мегардад.

Ба ибораи дигар, чунин ҷаҳонбинӣ хусусияти ғайришахсӣ ва умумиинсониро соҳиб буда, аз доираи танги таҷрибаи инфиродӣ берун меравад ва дар сатҳи муҷарради маърифат ва арзишҳои умумибашарӣ амал мекунад. Он ҳамчун шакли умумии шуури маърифатӣ ва арзишгузории ҷомеаи муосир зуҳур мекунад, ки аз замон ва макони мушаххас фаротар меравад.

Ин ҷо қайд намудан хеле зарур аст, ки ба ҳама файласуфони гузаштаи маъруф нисбат додани он, ки тасаввурот танҳо ба шакли инфиродии шуур вобаста аст, чандон дуруст нест. Иммануил Кант бар он назар буд, ки тасаввурот ҳамчун як навъи фаъолияти ақлӣ худ тамоми муҳтавои шуурро фаро мегирад ва онро ташаккул медиҳад [34]. Фридрих Шеллинг бар он таъкид кардааст, ки тасаввурот дар сатҳи шуур танҳо шакли муҷаррад нест, балки ҳамчун хусусияте амал мекунад, ки худи воқеияти шуурро дарк ва таҷассум менамояд [276].

Бисёре аз файласуфон, ки ба таҳқиқи масъалаи тасаввурот машғуланд, бар онанд, ки онро набояд танҳо ба ҳайси тасвири инфиродӣ дар зеҳни шахс фаҳмид. Баръакс, тасаввурот бештар ҳамчун қобилият ё неруест, ки шароити пайдоиши чунин тасвирҳоро дар раванди маърифат фароҳам месозад. Тавре ки ишора мешавад, ин неру на хоси шахси алоҳида, балки хусусияти умумии инсоният ба шумор меравад. Чунонки И.Г. Фихте таъкид мекунад: «Қобилияти тасаввур кардан дар инсон ҳамчун неруи умумии башарият амал мекунад, на ҳамчун амали шахсии ҷудогона дар раванди шинохт ва дарки воқеият» [53; 52].

Ин андешаҳо ба чунин хулоса меоранд, ки агар идея на ҳамчун натиҷаи бевоситаи фаъолияти як субъекти фардӣ, балки ҳамчун заминаи ибтидоии ҷаҳонбинӣ баромад кунад (ҳарчанд дар зоҳир метавон чунин таассур пайдо кард), пас худи ҷаҳонбинӣ низ бояд дар ҳайси шакли муайяни идеалӣ бар асоси мафҳумҳои умуминсонӣ дарк ва тавзеҳ дода шавад.

Яъне, ҷаҳонбинӣ на ҳамчун таҷрибаи шахсии ҷудогона, балки ҳамчун маҷмуи мафҳумҳои таърихӣ-тамаддунӣ ва фарҳангии инсонӣ зуҳур мекунад, ки дар шуури инсон тавассути тасвир ва инъикоси мафҳумӣ амалӣ мешавад.

Танҳо баъдан он метавонад, тавассути шаклҳои махсус ва муҷаррад, ҳамчун ҷаҳонбинии маҳдуд ва шахсӣ зуҳур намояд.

Агар хулоса намоем, мебинем, ки ба андешаи Г. Гегел, тасаввурот «сарҳади андозаашро убур карда, дар консепти ҳақиқат ва мафҳум амалӣ шуда, метавонад дониш гардад» [21, с. 172] «Дониш як шакли хотираи иҷтимоӣ ва фардӣ, нақшаи тобхӯрдаи фаъолият ва муошират, натиҷаи таъинот, сохторбандӣ ва дарки предмет дар ҷараёни дарк мебошад» [21, с. 51]. Дар таҳлилҳои фалсафии муосир, дониш аксар вақт дар муқоиса бо афкор ва тасаввуроти роиҷ баррасӣ мешавад. Ба таври мушаххас, дониш ҳамчун шакли мукаммал ва амиқи маърифат, ки ба муҳтавои воқеии объект мувофиқ аст, бо дониши пароканда, сатҳӣ ва дур аз воқеияти

ҳақиқӣ муқоиса мешавад, ки охирӣ бештар ба гумроҳӣ ва нодурустфаҳмӣ шабоҳат дорад.

Дар асл, дониш танҳо натоиҷи равандҳои пассиви дарк нест, балки шакли мураккаби ҳамкории дуҷониба миёни субъект ва объекти маърифат ба шумор меравад. Ин раванд на танҳо дар сатҳи инфиродӣ, балки асосан дар заминаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ амалӣ мегардад. Аз ҳамин дидгоҳ, дониш хислати иҷтимоӣ ва универсалӣ дошта, ҳамчун шакли муштараки фаъолияти маърифатии ҷомеа зуҳур мекунад.

Дар ин замина, ҷаҳонбинӣ низ метавонад ҳамчун системаи ҳамгирои дониш, эътиқод, бовар ва қиматҳои илмӣ, фалсафӣ, идеологӣ ва ғайра фаҳмида шавад. Яъне, ҷаҳонбинӣ на танҳо маҷмуи тасаввуроти фардӣ, балки таҷассуми таҷрибаи маърифатии иҷтимоии насли башар аст, ки дар он дониш нақши меҳвариро мебозад.

Танҳо дар марҳалаҳои баъдӣ ин дониш метавонад ба шаклҳои шахсӣ, инфиродӣ ва хусусӣ табдил ёбад, ки ин ҳам натиҷаи таъвили шахсии донишҳои умумӣ мебошад.

Ҳамчун далели иловагӣ ба тасдиқи ин андеша, метавон қайд кард, ки субъекти маърифат ё шинохт, ки худ донишро ҳамчун шакли умумии инъикоси воқеият ташаккул медиҳад, наметавонад танҳо ба ҳайси як воҳиди инфиродии ҷудогона амал кунад.

Ба ибораи дигар, шинохти воқеият ҳамеша дар муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сурат гирифта, субъект дар он танҳо дар иртибот ва ҳамгироӣ бо дигарон, бо анъанаҳои маърифатӣ ва низоми арзишҳои ҷамъиятӣ фаъолият мекунад.

Субъект дар ин раванд ҳатман ҳамчун иштирокчии шуури дастаҷамъӣ ва фаъолияти иҷтимоӣ амал мекунад. Мутаносибан, дониш низ, ки дар натиҷаи чунин ҳамкории фаъол тавлид меёбад, дорои хусусияти маҷмуӣ, универсалӣ ва умумӣ мебошад, ки баъдан дар сатҳи фардӣ ва инфиродӣ дар шакли мазмуни шахсии шуур таҷассум меёбад.

Ин дониш, ки реша дар таҷрибаи умумибашарӣ дорад, на танҳо аҳамияти амалӣ пайдо мекунад, балки низоми ҳадафҳо ва воситаҳои ба даст овардани онҳоро барои фаъолияти минбаъдаи инсон муайян месозад. Дар ин замина, дониш ба меъёри муайяни фарҳанги иҷтимоӣ мубаддал мегардад. Агар мо дар ин ҷо меъёрро ҳамчун ҷузъи муҳимми ҷаҳонбинӣ баррасӣ кунем, равшан мегардад, ки он хусусияти инфиродӣ ё маҳдуд надорад, балки маънои умумбашарӣ ва наслӣ (авлодӣ)-ро ифода мекунад.

Ба ин тартиб, дониш на танҳо ҷанбаи когнитивӣ, маърифатӣ, балки вазифаи созандаи иҷтимоиро низ иҷро мекунад: он ҳамзамон заминаи ҳамгироии фарҳангӣ ва интиқоли маърифат тавассути наслҳо мебошад. Дониш, ки дар зери таъсири замон, муҳит ва таҷрибаи муштараки инсоният ташаккул меёбад, ба омили асосии ташаккули ҳувият ва худшиносии фарҳангӣ табдил меёбад. «Меъёр ин стандарти муқарраршуда, стандарти баҳодиҳии объектҳои мавҷуда ва бунёди нав мебошад. Меъёр ҳолати махсуси ченак - фосилаест, ки дар он объекти миқдори тағйирёбанда сифати худро нигоҳ медорад. Баъзан ҳадди тадбир ва ҳадди меъёр ба ҳам мувофиқ меоянд. Дар баъзе мавридҳо меъёрро бо идеал ҳамсон кардан мумкин аст, масалан, дар фармудаи «накуш» идеал ва меъёр аз ҳам ҷудонашаванда мегарданд» [19].

Меъёр ҳамчун унсури сохтории ҷаҳонбинии умумибашарӣ вазифаи муайянсозии ҳадафро нисбат ба як стандарти умумии маърифатӣ ва амалӣ иҷро менамояд. Вале бо дарназардошти сохтори фалсафии масъала, метавон гуфт, ки худи стандарт бештар ҳамчун падидаи дуюмдараҷа ё артефакти иҷтимоӣ ба миён омада, бар асоси меъёри қаблан ташаккулёфта, ки нақши ибтидоии ҳадафгузорро мебозад, шакл мегирад.

Ҳадафҳои асосии фаъолияти инсон, одатан, на аз ҷониби шахси ҷудогона, балки аз сӯи субъектҳои дастаҷамъии маърифат, яъне ҷамоа, ҷомеа ва фарҳанг муайян карда мешаванд. Дар ин росто, шахсият

бештар ҳамчун воситаи интиқол ва амаликунии ҳадафҳои ҷамъиятӣ ва умумбашарӣ амал мекунад, ки онҳо дар шакли меъёрҳо ва стандартҳои фарҳангӣ таҷассум ёфтаанд.

Дар ҳолатҳое, ки муайянкунии ҳадаф на танҳо ба объектҳои беруна, балки ба худи субъектҳои ҷамъиятии маърифат ва амал равона мешавад, сохторҳои маънавии мураккабе ташаккул меёбанд, ки онҳоро метавон ҳамчун конструктҳои идеалии ҷаҳонбинии фарҳангӣ таъриф дод. Ин конструктҳо - ҳамон идеалҳо мебошанд, ки ҷанбаи амиқи арзишӣ ва ҳидоятгар доранд.

Дар фаҳмиши фалсафии мафҳуми «идеал» онро ҳамчун сатҳи олии комилият ва арзиши ниҳоии падидаҳо маънидод мекунанд. Барои мисол, идеали таҳқиқоти илмӣ метавонад ҳақиқат бошад, дар ҳоле ки дар зебошиносӣ он зебоӣ ва дар ахлоқ - камолот аст. Аз ин рӯ, дар соҳаҳои гуногуни тафаккур - илм, ахлоқ, сиёсат ва иҷтимоиёт - мафҳуми идеал васеъ истифода мешавад: аз ҷумла, идеалҳои ҷомеаи комил, баробарӣ, озодӣ ва ҳамдилӣ.

Идеал метавонад на танҳо ҳамчун ҳадафи ниҳоии фаъолияти инсонӣ баромад намояд, балки ҳамчун фазои ҳидоятгар барои тамоми тамаддуни башарӣ хизмат кунад. Тавре муҳаққиқи маъруф Е.В. Илйенков ишора мекунад, идеал ба сифати як арзиши олии фалсафӣ ҳамеша ҳамчун як ормони дастнорас ва доиман ҷустуҷӯшаванда зуҳур мекунад [129, 207].

Аз ин дидгоҳ, идеалҳо на танҳо шаклгирии низоми универсалии дониш ва ақидаҳоро таъмин мекунанд, балки инчунин ба фаъолияти маънавию иҷтимоии инсон моҳияти амиқи ҳадафманд ва арзишманд мебахшанд. Тавассути онҳо, ҷаҳонбинӣ на танҳо зинаи маърифат, балки равияи мазмунсозии эмотсионалӣ ва маънавии тамаддуни инсонӣ мегардад.

Ба ибораи дигар, идеалҳо ҷаҳонбиниро аз доираи донишу фактҳои холӣ берун мебаранд ва ба он неруи барҳақи ҳидоятӣ ва таъсиргузор

мебахшанд. Онҳо донишро маънӣ мебахшанд ва идеяҳоро ба сатҳи арзишҳои олии фаҳмиш ва камол мекашанд, ки дар ҳама давру замонҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги башар будаанд.

Дар ин росто, метавон ба андешаҳои И. Кант муроҷиат кард, ки дар фалсафаи ахлоқии худ мафҳуми идеалро ҳамчун меъёри нормативӣ ва универсалӣ муаррифӣ менамояд. Ба назари И. Кант, идеал бояд на дар шакли воқеии таҷриба, балки ҳамчун «мафҳуми ақлии хулосавӣ» амал кунад, ки рафтори инсонро ҳидоят мекунад. Ӯ идеали ахлоқиро дар шакли «императиви категориявӣ» баён менамояд, яъне чунин амал намо, ки рафтори ту метавонист ба қонуни умумии ахлоқ табдил ёбад. Ин маънои онро дорад, ки идеал ҳамчун меъёр на ба ҳолати ҳастии мавҷуда, балки ба он чӣ, ки бояд бошад, такя мекунад. Аз ҷониби дигар, дар фалсафаи Г. Гегел, идеал мақом ва мантиқи дигар пайдо мекунад. Ба ақидаи ӯ, идеал на танҳо ҳадафи олии инсоният, балки марҳалаи мукаммали таҳаввули Руҳ мебошад, ки тавассути ҳаракати диалектикӣ аз мавҷудияти муҷаррад ба воқеияти ақлонӣ табдил меёбад. Г. Гегел, идеалро шакли пурраи иттиҳоди озодӣ, ақл ва воқеият медонад, ки дар давлат, ҳуқуқ, ахлоқ ва фарҳанг ифодаи худро меёбад. Ӯ дар «Эстетика»-и худ менависад, ки идеал «воҳидии мафҳум ва зуҳурот» аст [52], яъне зоҳиршавии маънии ботинӣ дар шакли ҷисмии пурра ва зебо.

Ҳамин тариқ, дар пайвастагии назариявӣ миёни таълимоти И.мКант ва Г. Гегел, мафҳуми идеал ҳамчун пояи меъёр ва ҳадаф дар ҷаҳонбинии умумибашарӣ на танҳо ҳамчун ормон ва арзиши баланд, балки ҳамчун воситаи маънавии ташаккули худогоҳии шахсӣ ва иҷтимоӣ шинохта шудааст. Идеал дар маънои аслии худ на танҳо намунае аст, ки ба он бояд расид, балки инчунин имкониятҳои воқеии будан ва самтҳои зарурии ташаккулро муайян мекунад.

Идеал ҳамчун унсури муҳимми сохтории ҷаҳонбинии авлодӣ (таърихӣ-тамаддунӣ) дар муқоиса бо низоми муқаррарии дониш, ақида ва меъёрҳо, на танҳо самти муайяни арзишҳоро муайян мекунад, балки

маълумоти иловагӣ дар бораи мақом ва дараҷаи такомули худи ҷаҳонбинӣ низ фароҳам меорад. Ба ибораи дигар, идеал ҳамчун навъе аз вектори маънавии шуур, нишондиҳандаи дараҷаи камолоти маърифатии як ҷомеа дар марҳалаи муайяни таърихӣ ба ҳисоб меравад.

Дар заминаи таърихии ташаккули тафаккур, мавҷудияти идеалҳои рушдёфта нишондиҳандаи тамомият, камол ва мукаммалшавии ҷаҳонбинии ҷомеа дар як давраи мушаххаси таърихист. Идеалҳо, дар навбати худ, муносибатҳои мушаххаси арзишии субъектҳои фаъолиятро нисбат ба муҳити атроф ва нисбат ба якдигар ба вуҷуд меоранд. Ин муносибатҳо, аслан, ҷуз муносибатҳои арзишӣ нестанд, ки дар онҳо инсон на танҳо ҳамчун шиносандаи воқеият, балки ҳамчун арзишгузор ва арзишсоз баромад мекунад.

Арзишҳо, ки метавонанд ба сифати унсури ҷамъбастии сохтори ҷаҳонбинӣ шинохта шаванд, ҳамон гуна ки Н.Н. Семёнов дар асари худ «*Наука и общество как факторы детерминации мировоззрения личности*» (М.: МПИ, 1973. — С. 271) таъкид мекунад, «пеш аз ҳама, аҳамияти муайяни мусбатро дар ҳар як падида инъикос менамоянд; илова бар ин, ин аҳамият худи инсон, мақсад ва идеалҳои асосии ӯро ҳамчун манбаи маънавӣ фаро мегирад».

Аз ин таҳлил бармеояд, ки мафҳумҳои «арзиш» ва «идеал» дар заминаи фалсафии ҷаҳонбинӣ ба таври танготанг алоқаманданд ва дар бисёре аз ҳолатҳо онҳоро аз ҳам ҷудо кардан душвор аст. Зеро ҳарду мафҳум на танҳо муҳтавои шуури фардӣ, балки зуҳуроти шуури иҷтимоӣ ва таърихӣ мебошанд.

Дар ниҳоят, арзишҳо ҳамчун ифодаи самтгирии маънавӣ ва тамоюлҳои афзалиятнок, таҷассуми манфиатҳо ва эҳтиёҷоти субъектҳои коллективии фаъолиятро фаро мегиранд. Ташаккул ва зуҳури муносибатҳои арзишӣ, пеш аз ҳама, дар доираи форматсияи иҷтимоии муайян ва дар заминаи фаъолияти субъектҳои таърихии муштарак сурат мегиранд.

Арзишҳо тавассути шуури инфиродӣ таҷассум ёфта, ҳамчун арзишҳои шахсӣ амалӣ мегарданд. Онҳо на ҳамчун падидаҳои ҷудогона, балки ҳамчун натиҷаи интернализатсияи арзишҳои иҷтимоӣ амал мекунанд.

И. Кант дар фалсафаи ахлоқии худ меъёр ва идеалро на ҳамчун тасвир ё воқеияти таҷрибавӣ, балки ҳамчун рукнҳои нормативии ақл тасвир мекунад. Ба назари ӯ, идеал рамзи ҳадафмандии ахлоқӣ мебошад ва дар шакли императиви категориявӣ ифода меёбад, ки тавре болотар ҳам зикр гардид, инсон бояд тавре амал кунад, ки рафтораш метавонад ҳамчун қонуни умумиахлоқӣ қабул шавад. Идеал, аз ин дидгоҳ, шакли олии аҳамият ва арзиши универсалӣ буда, инсонро ба самти камол ва озодӣ раҳнамоӣ мекунад.

Г. Гегел бошад, идеалро ҳамчун марҳалаи комили инкишофи руҳ мефаҳмад, ки дар он ақл ва озодӣ бо воқеият муттаҳид мегарданд. Дар фалсафаи ин мутафаккир, идеал танҳо як орзу нест, балки зуҳури зарурии маънӣ дар шакли пурраи моддӣ, зебоӣ ва озодии сиёсӣ мебошад. Ба қавли Г. Гегел, чунонки аллакай сухан рафт, идеал иттиҳоди мукаммали мафҳум ва зуҳурот аст, ки дар давлат, ахлоқ ва фарҳанг таҷассум меёбад.

Ҳамин тавр, ҷаҳонбинии умумибашарӣ дар баробари худ маҷмуи унсурҳои сохтории муҳимро, аз қабили тасаввурот, дониш, меъёрҳо, идеалҳо ва арзишҳо дар бар мегирад. Ҳар яке аз ин унсурҳо дар ҷараёни инкишофи таърихӣ, тавассути равандҳои мураккаби иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ ташаккул ёфта, маҳсули қобилияти умумии инсоният дар дарки воқеият ва арзёбии он мебошад.

Онҳо дар тасвири умумибашарии тасвири олам баён мегарданд.

Дониш дар бораи воқеият, ки дар шуури субъектҳои коллективии фаъолият (насли инсон) ташаккул меёбад, бар пояи таҷрибаи мустақими воқеият ва дар сатҳи гносеологӣ таркиб меёбад. Сатҳҳои умумӣ (қонунҳои умумии ҳастӣ), сатҳҳои махсус (қонунҳои табиат) ва сатҳҳои

муҷаррад (қонунҳои хусусии илмӣ) ҷанбаҳои асосии ин тасвирро ташкил медиҳанд.

Меъёрҳо, идеалҳо ва арзишҳо низ дар ҳамин росто баррасӣ мешаванд: меъёрҳо ҳамчун натиҷаи иҷтимоии дониш, идеалҳо ҳамчун амали мантиқии ҳадди ниҳоии он ва арзишҳо ҳамчун объекти абстрактии ин арзишмандсозии дониш.

Ҳамин тавр, мо метавонем ба хулосае оем, ки ҷаҳонбинии умумибашарӣ, ҳамчун сохтори идеалӣ ва маънавии шуури инсон, дар асоси тасвири фалсафии олам ташаккул ёфта, дар якҷоягӣ бо таҷрибаи таърихӣ ва маърифатии тамаддуни инсонӣ пойдор мегардад [210, 162]. Дар асоси таҳлили муосир метавон ба чунин натиҷа расид, ки мафҳуми «арзиш» бо мафҳуми «идеал» пайванди танготанге дорад. Ин алоқамандӣ ба андозае зич аст, ки дар баъзе мавридҳо нисбат додани падида ба яке аз ин ду мафҳум - ё арзиш ё идеал - душвор мегардад. Ин ҳолат махсусан дар заминаи ҷаҳонбинии умумибашарӣ возеҳ зуҳур мекунад, ки дар он арзишҳо ва идеалҳо ҳамчун унсурҳои бунёдии сохторӣ баромад менамоянд.

Арзиш, ҳамчун ҷанбаи муҳимми ҷаҳонбинӣ, самтҳои афзалиятнок, манфиатҳо ва шаклҳои донишро таҷассум мекунад, ки аз ҷониби субъекти коллективии фаъолият, яъне ҷомеаи таърихӣ, ташаккул ёфтаанд. Муносибатҳои арзишӣ, ҳамчун зуҳуроти таърихӣ-таҷрибавии шуури инсон, маҳз дар дохили форматсияҳои муайяни иҷтимоӣ ва бо иштироки субъектҳои муштараки таърихӣ ба вуҷуд меоянд. Ин арзишҳо, дар навбати худ, тавассути таҷрибаи фардӣ аз нав таҷассум ёфта, дар шуури шахсият дар шакли арзишҳои инфиродӣ (шахсӣ) амал мекунанд.

Арзишҳои шахсӣ метавонанд ба сифати «ошёнаи дуюм» ё тафсири инфиродии арзишҳои иҷтимоӣ фаҳмида шаванд. Онҳо гарчанде дар сатҳи инфиродӣ зуҳур кунанд ҳам, аз ҷиҳати онтологӣ ва гносеологӣ, ба шуури ҷамъиятӣ ва манзараи маърифатии умумибашарӣ тааллуқ доранд.

Хулоса, ҷаҳонбинии умумибашарӣ унсурҳои зеринро дар бар мегирад: тасаввурот, дониш, меъёрҳо, арзишҳо ва идеалҳо. Ҳар яке аз ин унсурҳо дар раванди таърихӣ ва фарҳангӣ ташаккул ёфта, ҳамчун таҷассуми қобилияти умумии инсоният баромад мекунад. Ин қобилият, тавассути тамоми динамикаи тамаддуни башарӣ, аз насл ба насл интиқол ёфта, дар шакли таҷрибаҳои мафҳумӣ ва амсилаҳои маърифатӣ, арзишӣ ва иҷтимоӣ мукаммал мегардад.

Мо кӯшиш мекунем, ки асосҳои ибтидоии сохтори ҷаҳонбинии умумибашариро дар худи тасвири фалсафии олам муайян намоем ва онро ҳамчун натиҷаи ҷамъбастшудаи инкишофи таърихии тамаддуни инсонӣ тафсир кунем.

Дар ин раванд, суоли асосӣ ин аст: ақидаҳо ва тасаввуроти инсон дар бораи падидаҳо ва ҳодисаҳои воқеият чӣ гуна ташаккул меёбанд? Агар субъекти коллективӣ (ҷомеа, инсоният) ҳамчун ҷавҳари хоси алоқаманд бо худи воқеият фаҳмида шавад, яъне инсон ҳамчун марҳалаи инкишофи идеяи мутлақ, ё ҳамчун шакли олии худташкилёбии материя ва ё ҳамчун субъекти транссенденталӣ, ки дар иртибот бо коинот қарор дорад, дар ин сурат, сарчашма ва заминаи асосии ҳама гуна тасвири фалсафӣ наметавонад дигар чизе бошад, ҷуз худи воқеият.

Ин воқеият бошад, дар шакли категорияҳои фалсафӣ, монанди ҳастӣ, ҷавҳар ва объектҳои моддӣ таҷассум меёбад. Яъне, тасвири ҷаҳон дар зеҳни инсон ба воситаи ин категорияҳои бунёдӣ сурат мегирад ва дар ин раванд, на танҳо шинохт, балки низоми арзишу идеалҳо низ мавқеи марказӣ пайдо мекунад.

Яъне, худи сайёра, ки онро мо дар ҷанбаи онтологии тасвири олам муаррифӣ мекунем, ҳамчун сарчашмаи аслӣ ва ҳақиқии ҳама андешаҳо дар бораи олам баромад мекунад.

Саволи асосӣ дар баррасии гносеологии тасвири олам чунин аст: дониш дар бораи падидаҳо ва равандҳои алоҳидаи воқеият чӣ гуна дар шуури субъекти коллективии фаъолият, яъне инсоният, шакл мегирад?

Ба монанди тасаввурот, заминаи ибтидоии ташаккули дониш худи воқеият аст. Дониш ҳамчун натиҷаи мураккаби фаъолияти маърифатӣ, дар баробари худ қонунҳо ва механизми шинохти оламро низ таҷассум мекунад.

Дар ҷанбаи гносеологии тасвири олам, ки сатҳҳои умумӣ (қонунҳои фаъолияти ҳастӣ), махсус (қонунҳои фаъолияти табиат) ва муҷаррад (қонунҳои илмии мушаххас)-ро фаро мегирад, фаъолияти маърифатӣ амалӣ шуда, натиҷаи он ба ташаккули дониш меорад. Маҳз дониш ҳамчун сарчашма ва заминаи бунёдии гносеология, тамоми сохтори тасвири фалсафии оламро таъмин менамояд.

Баъзе унсурҳои дигари сохтории ҷаҳонбинӣ – монанди меъёрҳо, идеалҳо ва арзишҳо – низ аз ҳамин замина бармеоянд. Онҳо, чунон ки аз таҳлилҳо бармеояд, аллакай тавассути дониш муайян ва шакл дода мешаванд. Ба таъбири дигар:

– меъёрҳо ҳамчун ифодаи натиҷаи иҷтимоӣ-муҳимми дониш амал мекунанд;

– идеалҳо меъёрҳоеанд, ки ба дараҷаи ниҳоии мантиқии худ расидаанд;

– арзишҳо бошад, ҳамчун идеалҳои абстрактӣ ва объективӣ зуҳур мекунанд [210].

Агар мо ин се унсур - меъёр, идеал ва арзишро ҳамчун шаклҳои мушаххаси ифодаи дониш дар сатҳҳои гуногуни шуур қабул намоем, пас муяссар мегардад, ки онҳоро аз ҷиҳати онтологӣ ва гносеологӣ ба худи тасвири олам нисбат диҳем. Яъне, онҳо низ бояд реша дар ҳамон сохтори маърифатӣ дошта бошанд, ки донишро тавлид мекунад.

Дар тафсири фалсафӣ арзиш ҳамчун аҳамияти мусбати падидаҳо, идеал ҳамчун дараҷаи олии арзиш ва меъёр бошад, ҳамчун стандарт ва амсилаи муайян тафсир мешаванд. Ва дар ҳамаи ин ҳолатҳо, ба гуфтаи Л.А. Микешина [173], раванд ё «модуси муайянсозӣ» метавонад ё ба тарафи объективӣ (инъикоси худи падидаҳо), ё ба тарафи субъектӣ

(нақши субъект дар маърифат), ва ё ба буриши ин ду ишора кунад. Зеро дониш ва дарки воқеият наметавонад бидуни иштироки фаъоли субъекти шинохт сурат гирад.

Ҳамин тавр, тамоми гуногунрангии унсурҳои сохтории ҷаҳонбинӣ – аз тасаввуроту дониш то меъёрҳо, арзишҳо ва идеалҳо – дар маҷмуъ ҳамчун сохтори мантиқии ташаккули тасвири олам амал мекунанд. Онҳо на танҳо бо дониш алоқамандand, балки худ низ шаклҳои муайяни таҷассум ва системасозии дониш мебошанд.

Аз ин лиҳоз, метавон чунин хулосаи муҳим бароварد, ки ҷаҳонбинии умумии инсон ҳамчун як навъи махсуси воқеияти идеалӣ, дар заминаи худи тасвири фалсафии олам ташаккул ёфтааст. Яъне, ҷаҳонбинӣ на ба таври худҷудо ва стихиявӣ, балки маҳз ҳамчун ифодаи мантиқии муносибати инсон ба воқеият ва ба худи маърифат арзи ҳастӣ мекунад.

Яъне, тасвири олам дар лаҳзаҳои умумӣ ва зарурии худ мавҷудияти чунин воқеияти идеалиро ба мисли ҷаҳонбинии умумӣ тахмин менамояд.

Дар асоси сохтори ҷаҳонбинии умумибашарӣ, ки дар боло мавриди баррасӣ қарор гирифт, асосҳои онтологии охириро дар худи тасвири олам муайян намуда, мо тафсири муаллифиро дар бораи он медиҳем. Зери мафҳуми ҷаҳонбинии универсалӣ (кулл) мо маҷмуи муташаккили ғояҳо, донишҳо, меъёрҳо, идеалҳо ва арзишҳоро дар назар дорем, ки натиҷаи раванд ва фаъолияти маърифатии субъекти коллективии дарк, яъне инсоният, мебошанд.

Ҷаҳонбинии кулл дар ин замина на танҳо ифодаи фардии шуури инсон, балки як артефакти фарҳангии ҷамъиятиест, ки натиҷаи ҷамъбасти таърихии таҷрибаи маънавӣ ва маърифатии ҷомеаи башариро дар бар мегирад. Он ҳамчун заминаи консептуалии ташаккули тасвири олам баромад намуда, дар натиҷа, ба ҳайси унсури сохтории муҳим ва мушаххаси ин тасвир амал мекунад.

Ҷаҳонбинии универсалӣ (кулл) дар фарҳангҳои гуногуни башарӣ ҳамчун маҷмуи андешаҳо, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури умумии инсонӣ зуҳур

мекунад. Ин ҷаҳонбинӣ, ки дар заминаи таҷрибаи таърихии коллективӣ ташаккул ёфтааст, дар шароити мушаххаси замон ва макон, дар сатҳи ҷаҳонбинии махсус, шакл мегирад ва амалан худро ба сифати шаклҳои хусусии маърифат ва арзёбии воқеият ифода мекунад.

Дар асл, тамоми раванди таърихии инкишофи фарҳанги инсонӣ тавассути шаклҳои гуногуни тафаккур, дониш, ғояҳо, арзишҳо, меъёрҳо ва идеалҳо таҷассум меёбад. Вале ин унсурҳои сохторӣ на дар шакли поки абстрактӣ, балки маҳз ба воситаи призмаи шароити мушаххаси иҷтимоӣ-таърихӣ зуҳур мекунанд. Яъне, онҳо аз таҷрибаи таърихии воқеии ҷомеа ҷудо нестанд ва ҳамеша дар заминаи фазо ва вақти муайян ифода меёбанд.

Мафҳумҳо ва донишҳои умумии инсонӣ дар бораи олам, ки ҳамчун ҷамъбасти тафсири фарҳангии таърихӣ ташаккул меёбанд, дар ҳар давраи мушаххаси таърихӣ шаклҳои махсуси зуҳури худро пайдо мекунанд. Ҳамин раванд ба унсурҳои умумибашарии меъёрӣ, арзишӣ ва идеалӣ низ дахл дорад. Онҳо низ дар таҷрибаи иҷтимоии мушаххас, тавассути таносуб бо замон ва шароити мушаххас, таҳаввул ва ифода мешаванд.

Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки ҷаҳонбинии кулл ё универсалӣ на дар шакли пок ва мустақил, балки ҳамеша ба воситаи намудҳои мушаххаси ҷаҳонбинии хусусӣ зуҳур мекунад. Яъне, ҷаҳонбинии умумии инсоният ҳамеша дар қолаби ҷаҳонбинии таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии замон амал мекунад.

Дар заминаи ин таҳлил, саволи асосии фалсафӣ ин аст: агар ҷаҳонбинии умумӣ дар сатҳи умумӣ ва ҷаҳонбинии махсус дар сатҳи алоҳида амал кунанд, пас кадом як умумӣ дар хусусӣ ё хусусӣ дар умумӣ ҷойгоҳи бартарӣ дорад? Ба ибораи дигар, кадом падида манбаи ибтидоӣ маҳсуб мешавад: хусусӣ ҳамчун зуҳури умумӣ, ё умумӣ ҳамчун таҷассуми хусусиятҳои таърихии маърифат?

Ё маҷмуи ақидаҳои тағйирёбанда, ки бо шароити гуногуни иҷтимоию таърихӣ дар давоми тамоми мавҷудияти башар ислоҳ шудаанд, Ин ҷо саволи назариявии амиқ ба миён меояд: оё маҳз шароити мушаххаси таърихию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба вуҷудоварандаи идеяҳо, меъёрҳо, идеалҳо ва арзишҳои умумибашарӣ мебошад? Яъне, оё таҷрибаи таърихии мушаххас зуҳури унсурҳои ҷаҳонбинии умумиро тавлид мекунад, ё баръакс, мантиқи куллии инкишофи универсалии тамаддуни инсонӣ, ки аллакай дар худ (дар марҳалаи ибтидоии «дар худ будан») потенсиали идеяҳо, донишҳо ва арзишҳоро ҳамчун воқеиятҳои додашуда дар бар дорад, худаш зуҳури шаклҳои таърихиро пешгӯӣ ва муайян месозад?

Бо ибораи дигар, умумӣ натиҷаи махсус аст, ё махсус ифодаи умумии амиқ ва ниҳонӣ, ки ба воситаи таърих ва шароити иҷтимоӣ зуҳур мекунад? Посух ба ин савол, моҳияти муносибати байни ҷаҳонбинии универсалӣ ва ҷаҳонбинии хусусиро, ҳамчун ду сатҳи ифодаи маърифат ва арзиш дар тасвири олам, муайян мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки агар мо куллро ҳамчун қонуни муайянкунандаи маҷмуи падидаҳои гуногуни воқеият фаҳмем ва дар зери мафҳуми умумӣ категорияеро дар назар дошта бошем, ки асоси ибтидоӣ ва генетикии ин падидаҳоро ифода мекунад, пас дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки ин асос худ дар воқеият на ба таври мустақил, балки маҳз дар шакли махсус зуҳур мекунад.

Ба ибораи дигар, умумӣ, ки заминаи мантиқии вуҷуд ва инкишоф мебошад, ҳамеша худро тавассути махсус таҷассум мекунад. Яъне, умумӣ танҳо дар абстраксия вуҷуд дорад, аммо дар воқеият шакли зуҳури он танҳо ба таври махсус амалӣ мешавад. Ин ҷанбаи диалектикӣ, ки умумӣ танҳо дар алоқамандӣ бо махсус ва тавассути он ифода мешавад, барои фаҳмиши муносибати байни категорияҳо дар сохтори тасвири олам аҳамияти калидӣ дорад.

Махсус ҳамчун категория ба роҳи дарке меоварад, ки кулл худро дар воқеияти объективӣ дарк мекунад. Яъне, махсус як роҳи бунёдии амалисозии кулл дар воқеият аст.

Мутобиқи таҳлилу хулосаҳои дар боло зикршуда, ҷаҳонбинии кулл, ки ҳамчун моҳияти умумии фарҳанги умумибашарӣ арзи ҳастӣ мекунад ва дар тамоми гуногунии таҷрибаи маънавию маърифатии инсоният таҷассум меёбад, дар амал маҳз тавассути шаклҳои мушаххаси ҷаҳонбинии махсус, яъне ҷаҳонбинии хусусӣ, зуҳур ва амалӣ мегардад. Ҷаҳонбинии махсус ҳамчун ҷаҳонбинии табақа ё гурӯҳи муайяни иҷтимоии давраи муайяни таърихӣ роҳи асосиест, ки тавассути он ҷаҳонбинии умумӣ ба вуҷуд меояд. Дар партави таҳлили муосир метавон ба ин натиҷа расид, ки ҷаҳонбинии хусусӣ дар маънои муайян зери таъсири ҷаҳонбинии кулл шакл мегирад. Ҳарчанд ки ин ду навъи ҷаҳонбинӣ дар зоҳир аз ҳам ҷудо метобанд, ҷаҳонбинии хусусӣ дар асл як тарзи мушаххаси тафсири унсурҳои бунёдии ҷаҳонбинии умумӣ ба шумор меравад, ки дар доираи фазо ва замони муайяни иҷтимоӣ-фарҳангӣ шакл гирифтааст.

Ҷаҳонбинии умумӣ, ки ифодакунандаи маҷмуи идеалҳо, арзишҳо ва ақидаҳои универсалӣ буда, кулли раванди таърихии маърифат ва фарҳанги инсонро дар бар мегирад, худаш тавассути таҷассум дар шаклҳои гуногуни ҷаҳонбинии маҳдуд ва мушаххас ифода меёбад. Аз ин ҷост, ки ҷаҳонбинии хусусиро метавон шакли мушаххасшудаи фаҳмиши ҷаҳонбинии умумӣ донист, ки дар сатҳи иҷтимоӣ ва таърихии муайян хусусияти тоза ва мушаххас пайдо мекунад.

Дар ин замина, метавон сохтори ҷаҳонбинии хусусиро чунин тавсиф намуд: он гуногунии унсурҳои маърифатӣ ва арзишмандро ифода мекунад, ки хоси гурӯҳҳо ё синфҳои иҷтимоии муайян ва ё давраҳои муайяни таърихӣ мебошанд. Ба ин унсурҳо тасаввурот, дониш, меъёрҳо, арзишҳо ва идеалҳое шомиланд, ки ҳар кадом дорои хусусияти «хусусӣ»

буда, бо тарзи махсуси худ ба шаклгирии маърифат ва худшиносии инсон дар доираи муайян мусоидат мекунанд.

Ин гуна унсурҳо тавассути механизмҳои гуногун метавонанд ба артефактҳо ва шаклҳои моддӣ ва рамзии шуури ҷамъиятӣ мубаддал гарданд. Ба таври мушаххас, арзишҳо ва мафҳумҳои ҷаҳонбинии хусусӣ дар доираи мифология, дин, илм ва дигар шаклҳои шуури иҷтимоӣ ифода мешаванд.

Агар мифологияро ҳамчун шеваи хоси таҷассум ва фаҳмиши воқеият баррасӣ намоем, метавон ба таҳқиқоти А.Ф. Лосев такя кард, ки нишон медиҳад, ривоятҳои мифологӣ дар асоси таҷрибаҳои ҷамъшудаи фарҳангӣ ва фикрии одамон ташаккул ёфтаанд. Ин ривоятҳо шакли синкретикии донишро таҷассум намуда, бо истифодаи образҳо ва афсонаҳои таърихию рамзӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии даврои муайянро инъикос мекунанд.

Аз ин рӯ, мифология на танҳо як навъи дониш, балки низоми пинҳонии арзишҳои тарбиявӣ, муносибатҳо ва идеалҳои иҷтимоӣ мебошад. Мифҳои Юнони Қадим, масалан, намунаи равшани чунин ҷаҳонбинӣ ҳастанд, ки тавассути онҳо меъёрҳои рафтор, системаи арзишҳои инсонӣ ва симои идеалии инсон таҷассум ёфтаанд. Ин арзишҳо дар адабиёти классикӣ ва санъати асрҳои баъдӣ, аз ҷумла дар осори А.С. Пушкин, бозтоб ёфтаанд.

Дар шакли дигари шуури ҷамъиятӣ - дин - унсурҳои ҷаҳонбинии хусусӣ на танҳо тавассути эътиқод ба мавҷудияти неруҳои ғайримоддӣ зоҳир мешаванд, балки дар шакли низоми қоидаҳо, урфу одат ва расму оинҳо ҳам мавҷуданд. Афсонаҳои динӣ, ки қисми таркибии динҳои ҷаҳонӣ ба шумор мераванд, системаи арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии қадимаро бо забони рамзӣ инъикос мекунанд.

Шакли эътиқод ба Худо ҳамчун неруи олӣ ва нозири умумӣ, ки ба сифати муҳофиз ва муқарраркунандаи арзишҳо амал мекунад, хусусияти фарққунандаи дин аст. Парастиши Худо, ки бо ҳисси масъулият, тақво ва

хоҳиши мутобиқ шудан ба намунаи идеалӣ ҳамроҳ аст, заминаи ташаккули ахлоқи динӣ ва системаи меъёрҳои рафторро фароҳам меорад.

Дин дар доираи шуури ҷамъиятӣ ҳамчун системаи низоммандшудаи арзишҳо ва афкор амал мекунад, ки тавассути маросим, идҳо ва расму оинҳои анъанавӣ на танҳо таҷрибаи эҳсосии инсон, балки инчунин муносибати ӯро ба масъалаҳои адолат, шафқат, меҳрубонӣ ва муҳаббат ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, парастиш, маросимҳои динӣ ва симои Худо ҳамчун анвои зуҳури ҷаҳонбинии хусусӣ дар фарҳанги динӣ амал мекунанд.

Ниҳоят, дар доираи илм низ, ҷаҳонбинии хусусӣ ифодаи худро меёбад. Дар ин ҷо муҳимтарин унсур - ақидаи илмӣ - бар асоси арзиши ҳақиқат қарор дорад. Дониш танҳо дар он сурат илмӣ ҳисобида мешавад, ки ба воқеияти объективӣ мувофиқат кунад.

Ҳақиқат дар илм ҳамчун арзиши олӣ амал намуда, ҳамаи андешаҳо, назарияҳо, меъёрҳо ва идеалҳои илмиро шакл медиҳад. Ин гуна шеваи арзишмандии дониш дар сохтори ҷаҳонбинии илмӣ инъикос ёфта, ба унсурҳои асосии маърифати илмӣ - аз ҷумла принсипҳои мантиқӣ, қонунҳои табиӣ ва таҳлили таҷрибавӣ, асос ёфтааст.

Дар доираи маърифати илмӣ, яке аз самтҳои калидии арзишмандӣ ин тамоюл ба густариши пайвастаи дониш маҳсуб меёбад. Ба даст овардани иттилооти нав ва такмил додани заминаи дониш ҳамеша вазифаи ҷудонопазир ва фаврии илм боқӣ мемонад. Ин хусусият ба таври возеҳ дар маҷмуи меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти илмӣ инъикос ёфтааст. Тавре ки И.Т. Фролов ишора мекунад, ҷилавгирӣ аз асардуздӣ, фароҳамсозии муҳити баррасии интиқодӣ нисбат ба таҳқиқот, инчунин талабот ба нашри натиҷаҳои илмӣ ва дастрас намудани онҳо ба ҷомеа, яке аз шароити муҳимми пешрафти доимии донишҳо ва фаҳмиши навъи объектҳои воқеият мебошанд [249].

Идеалҳо, қоидаҳо ва арзишҳое, ки системаи илмро ташкил медиҳанд, дар сатҳи ҷаҳонбинии хусусӣ амал мекунанд ва дар муҳити ахлоқии махсусе, ки бо номи этикаи илмӣ маъруф аст, таҷассум меёбанд. Дар ин росто, меъёрҳои этикаи илмӣ дорои хусусиятҳои умумибашарии ахлоқӣ мебошанд, ки ба сатҳи ҷаҳонбинии универсалӣ иртибот доранд. Аммо дар худи илм як меъёри махсус ва хоси ахлоқӣ вуҷуд дорад – ин талаботи ҷустуҷӯи холисонаи ҳақиқат ва ҳифзи он мебошад, ки арзиши олӣ барои ҷомеаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Ин меъёр дар шакли навоварӣ ва асосноксозии илмӣ ифода мегардад.

Бояд таъкид кард, ки меъёрҳои ахлоқии илм тамоми ҷанбаҳои фаъолияти маърифатиро дар бар мегиранд: аз таҳияи лоиҳаҳои илмӣ то амалисозии таҳқиқот, аз интишори натиҷаҳо то тарзи бархӯрди муҳаққиқ бо ҷомеа ва муҳити касбӣ. Инчунин онҳо тартиби гузаронидани муҳокимаҳои илмӣ, тарзи муошират олим бо дигарон ва муносибати ӯ бо воқеиятро низ фаро мегиранд [249].

Дар соҳаи идеология, унсурҳои сохтории ҷаҳонбинии хусусӣ бо як шакли хоси худ зоҳир мегарданд. Идеология, чун таҷассум ва бозтобии воқеияти иҷтимоӣ аз нуқтаи назари гурӯҳи муайяни манфиатдор (синф ё табақа), низоми муносибатҳои арзиширо нисбат ба воқеият ба вуҷуд меорад. Асоси чунин равандро принсипи руҳияи ҳизбӣ ё идеологияи ҳизбӣ ташкил медиҳад, ки ба сифати барномаи амал ва системаи ҷаҳонбинии гурӯҳи иҷтимоии муайян амал мекунад.

Бо дарназардошти ин, ҳизбӣ будан ё мансубият ба идеологияи муайян ба маънои эътимод ва ҷонибдории меъёрҳои иҷтимоӣ, ҳадафҳо ва манфиатҳои синфӣ аст. Маҳз тавассути чунин дидгоҳ, муносибати арзишманд ба воқеият ташаккул меёбад: идеалҳои иҷтимоӣ муайян, қоидаҳои рафтор, назариёт ва донишҳои марбут ба воқеият ба вуҷуд оварда мешаванд.

Яке аз механизмҳои калидии ташаккули ин сохтор - ташвиқоти идеологӣ мебошад. Тавассути ин восита тарзи ҷаҳонбинии идеявӣ ба

вуҷуд меояд, ки дар он арзишҳо ва манфиатҳои гурӯҳҳои муайян ҳамчун арзишҳои умумибашарӣ ва ҳақиқатӣ муаррифӣ карда мешаванд. Дар чунин ҳолат, идеология бо забони рамзии худ эҳсоси умумият ва дурустии арзишҳои хоси гурӯҳро афзоиш медиҳад, то онҳо ба сифати ҳақиқати умумибашарӣ пазируфта шаванд.

Умуман, ба таври мухтасар шарҳи унсурҳои сохтории ҷаҳонбинии хусусиро дар шаклҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ баррасӣ намуда, мо механизмхои асосии муайян кардани ҷаҳонбинии алоҳидаи илмиро нисбат ба тамоми гуногунии шаклу омилҳои воқеияти иҷтимоӣ муайян ва ошкор намудем. Шаклҳои мухталифи ифодаи ҷаҳонбинии хусусӣ дар доираи шуури ҷамъиятӣ асосан тавассути намудҳои гуногуни афсона ва образҳои рамзӣ амалӣ мегарданд. Ин намудҳо метавонанд қиссаҳои зиндагӣ, тасвирҳои рамзӣ, ривоятҳои таърихӣ, афсонаҳо, эпосҳо ва асарҳои бадеӣ бошанд, ки дар онҳо воситаҳои гуногуни ифодаи эстетикӣ, аз қабили ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, мусиқӣ ва адабиёт, нақши муассир мебозанд.

Дар доираи шуури динӣ бошад, чунин ифодаҳо бо тасвири симои Худо, амалияи парастиш, низоми эътиқодот, маҷмуи қонунҳо, расму ойинҳо ва анъанаҳои динӣ ифода меёбанд.

Дар доираи илм бошад, ҷаҳонбинии хусусӣ дар шакли стандартҳо ва меъёрҳои хоси дониш зоҳир мегардад. Ин гуна меъёрҳо, аз ҷумла меъёрҳои ахлоқии илмӣ ва арзишҳои шинохти илмӣ, ҳамчун асоси методологӣ ва назариявии фаъолияти маърифатӣ амал мекунанд.

Дар соҳаи идеология бошад, ифодаи ҷаҳонбинии хусусӣ бештар тавассути ташвиқ ва таблиғоти ғоявӣ амалӣ мешавад, ки дар он идеяҳо, арзишҳо ва меъёрҳои синфӣ ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ ҳамчун ҳақиқати умумӣ муаррифӣ мешаванд.

Ҳамин тавр, ҷаҳонбинии хусусӣ тавассути тамоми шаклҳои шуури ҷамъиятӣ - аз мифология то илм ва идеология - ифода ёфта, бо роҳҳои

гуногун дар тасаввури одамон ҷой мегирад ва дар фарҳанг нуфуз пайдо мекунад.

Ин навъ артефактҳо робитаҳо ва вобастагии асосии ҷаҳонбинии хусусӣ ва ҷузъҳои асосии сохтории онро дарк мекунанд. Аз ҷумла, мо ин робитаҳоро дар мисоли мифология, ҳунар, дин, илм, идеология ошкор намудем.

Тафсири унсурҳои сохтории ҷаҳонбинии мушаххасро баррасӣ намуда, асосҳои онтологии охириро дар ҷаҳонбинии кулл муайян намуда, мо тафсири муаллифии ин мафҳумро пешниҳод мекунем. Инак, зери мафҳуми ҷаҳонбинии хусусӣ чунин низоми ғоявӣ, донишӣ, арзишӣ ва меъёриро дар назар дорем, ки дар заминаи воқеиятҳои муайяни иҷтимоӣ ва таърихӣ ташаккул ёфта, мавқеи худро дар шаклҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ, аз қабили мифология, дин, идеология, санъат, илм ва дигар зуҳуроти фарҳангӣ баён менамояд. Ҷаҳонбинии хусусӣ ҳамчун роҳи бунёдии тафсири ҷаҳонбинии кулл амал мекунад, худро ҳамчун воситаи гузаштани ҷаҳонбинии умумибашарӣ (ҷаҳонбинии универсалӣ) ба муҷаррад (ҷаҳонбинии инфиродӣ) амалӣ менамояд.

Агар дар сатҳи таркиби идеявии тасвири олам ҷаҳонбинии универсалӣ ё умумибашарӣ амал кунад ва дар сатҳи ҷаҳонбинии махсус ҷаҳонбинии хусусӣ зоҳир гардад, пас дар сатҳи муҷаррад ҷаҳонбинии инфиродӣ ба вуҷуд меояд, ки онро метавон ҳамчун ҷаҳонбинии як фард ё шахси алоҳида дарк намуд. Ҷаҳонбинии инфиродӣ дар худ унсурҳои ғоявӣ, донишӣ, арзишӣ ва меъёрии ҷаҳонбинии хусусиро таҷассум мекунад, вале бо эътиқодҳо, мақсадҳо, ормонҳо ва таҷрибаҳои шахсӣ фарқ карда мешавад. Он бештар ба таҷрибаи шахсии инсон такя мекунад ва аксар вақт ҳамчун пояи арзёбӣ ва тарзи дарки воқеият нақши асосӣ мебозад.

Чунин ҷаҳонбинӣ аз тариқи он ки як фард чӣ гуна дастовардҳои фарҳанги ҷаҳониро қабул ва дарк мекунад, муайян мегардад. Тавре ки муҳаққиқ Р.О. Қурбонов қайд кардааст, ҷаҳонбинии инфиродӣ ифодаи

дараҷаи шахсии қабули мероси маънавӣ ва фарҳангии тамаддуни умумибашарист [153]. Он дар ормонҳо, эътиқодҳо, арзёбӣ, таҷрибаҳо ва ҷаҳонбинии шахсӣ инъикос меёбад.

Ҷаҳонбинии шахсии инфиродӣ тарзи махсуси дарки ҳаёт, муносибат ба вазъиятҳои хоси шахс ва муайянсозии роҳу барномаи зиндагӣ дар асоси ин вазъиятҳоро фаро мегирад. Яъне, унсурҳои таркибии чунин ҷаҳонбинӣ танҳо замоне аҳамият доранд, ки онҳо дар амал, дар кирдор ва рафтори воқеӣ собит гарданд. Дар ин замина, сухани маъруфи Афлотун ба ёд меояд: «Касе ки худ беадолат аст, ҳақ надорад барои адолат мубориза барад» [169].

Дар ҷаҳонбинии инфиродӣ тавассути призмаи рафтор ва амал ғояҳо, донишҳо, меъёрҳо, идеалҳо ва арзишҳои шахсӣ дар воқеият амалӣ мешаванд. Ҷаҳонбинии инфиродӣ дар заминаи эҳсоси масъулияти шахсӣ нисбат ба амалҳо ташаккул меёбад. Агар дар сатҳи ҷаҳонбинии кулл ё хусусӣ субъект тавонад бе ҳисси масъулияти мустақим амал кунад, пас дар сатҳи инфиродӣ шахс ҳамчун субъекти фаъоли маърифатӣ ва ахлоқӣ, масъулияти пурраи шахсиро барои кирдорҳои худ ба уҳда мегирад. Аз ҳамин сабаб, ҷанбаи арзишии чунин ҷаҳонбинӣ аксар вақт бо ҳадафҳо, манфиатҳо ва ниёзҳои фардӣ ҳамоҳанг мешавад ва онро ҳамчун як низоми худогоҳонаи арзёбӣ ва интихоб тавсиф кардан мумкин аст. Натиҷаи ҳамаи ин ташкилаҳои махсусе мебошад, ки ба ҷаҳонбинии инфиродӣ хос буда, ҳаёт номида мешавад. Меъёрҳо ва идеалҳо дар ҷаҳонбинии инфиродӣ ҳамчун артефактҳои худкифоя амалӣ намешаванд, чун қоида, онҳо ҳамеша бо баҳодиҳии рӯйдодҳо алоқаманданд. Ҳамчунин, ақидаҳо ва донишҳои фард бетафовут набуда, балки бо таҷриба ҳамроҳ шуда, дар таҷрибаи фардии инсон «асос»-и худро пайдо карда, на бештар чун донишу ақида, балки ҳамчун принсип, ақида ва эътиқод амалӣ мегарданд.

Дар бораи ҷаҳонбинии инфиродӣ, дар бораи ҷаҳонбинии шахс сухан ронда, таҳти мафҳуми охирӣ ҷаҳонэҳсоскунӣ, ҷаҳондарккунӣ,

ҷаҳонбиниро ҷудо кардан мувофиқи мақсад мебуд. Тавре И.Т. Фролов қайд мекунад, дар ин шаклҳо дараҷаи «сершавии эҳсосотӣ»-и муносибати шахс ба олам ба таври гуногун ифода ёфтааст: «Аз эҳсосоти бештар дар ҷаҳонбинӣ, то эҳсосоти камтар дар ҷаҳонбинӣ» [249]. Аммо ҷузъи эҳсосотӣ ҳамеша дар ҷаҳонбинии инфиродӣ ба ин ё он дараҷа мавҷуд аст.

Ҳамин тариқ, қайд намудан зарур аст, ки чунин ҷанбаҳои сохтории ҷаҳонбинии хусусӣ, аз қабили тасаввурот, дониш, меъёрҳо, идеалҳо ва арзишҳо дар ҷаҳонбинии инфиродӣ ба эътиқод, орзуҳо, таҷрибаҳо, назари шахсӣ ва ба арзёбии инфиродӣ табдил меёбанд. Мувофиқан ҷаҳонбинии инфиродӣ ҳамчун осори муҷаррад, шакли баёни ҷаҳонбинии хусусӣ амал мекунад. Ҳамин тавр, зери мафҳуми ҷаҳонбинии хусусӣ мо маҷмуи ақидаҳо, эътиқодҳо, саъю кӯшишҳо, арзёбиҳои инфиродии шахсро дар назар дорем, ки ҳамчун шаклҳои тағйирёбии унсурҳои сохтории ҷаҳонбинии хусусӣ амал мекунанд, ки дар чорроҳаи шароитҳои инфиродӣ ва ҳолатҳои хос ба амал меоянд. Ҷаҳонбинии хусусӣ худро ҳамчун роҳи амалӣ гардондани ҷаҳонбинии универсалӣ (умумӣ) ифода мекунад ва дуюмӣ ҳамчун роҳи шарҳ додани тасвири олам амал мекунад.

Мо ин бобро чунин хулоса намуда метавонем:

1. Ҷанбаи умумии тасвири олам ба се сатҳи ҷаҳонбинӣ мувофиқ мебошад: сатҳи ҷаҳонбинии универсалӣ (кулл), ки умумияти оламро ифода мекунад; сатҳи ҷаҳонбинии хусусӣ (махсус), ки дар доираи муҳити иҷтимоӣ-таърихии муайян шакл мегирад; ва сатҳи ҷаҳонбинии инфиродӣ (муҷаррад), ки таҷассумгари таҷрибаи фардии инсон мебошад.

2. Зери мафҳуми ҷаҳонбинии универсалӣ (кулл), маҷмуи муназзами ғояҳо, донишҳо, меъёрҳо, арзишҳо ва идеалҳо фаҳмида мешавад, ки на ҳамчун ҳосили фаъолияти як шахси алоҳида, балки ҳамчун натиҷаи амалиёти маърифатии инсоният дар умум шакл мегирад. Ин ҷаҳонбинӣ ҳамчун заминаи онтологӣ ва гносеологии тасвири олам амал мекунад.

3. Ҷаҳонбинии хусусӣ бошад, дар шароити мушаххаси таърихию иҷтимоӣ ташаккул ёфта, тавассути шаклҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ, ба монанди мифология, дин, идеология, санъат ва илм, ифода меёбад. Он ҳамчун воситаи тавсиф ва тафсири унсурҳои ҷаҳонбинии кулл баромад мекунад ва нақши миёнабурро дар гузариш аз универсалӣ ба муҷаррад иҷро менамояд.

4. Ҷаҳонбинии инфиродӣ (муҷаррад) маҷмуи таҷриба, арзёбӣ, эътиқод ва андешаи шахсиро фаро гирифта, шакли фардӣ ва шахсии ифодаи унсурҳои ҷаҳонбинии хусусӣ мебошад. Он зери таъсири ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ ва эҳсосоти дохилии инсон ташаккул ёфта, дар сатҳи таҷрибаи шахсии маърифат ифода меёбад.

5. Ба сифати механизмҳои ташаккул ва муайянсозии ҷаҳонбинии хусусӣ метавон афсонаҳо, ривоятҳои таърихӣ, эпосҳо, осори адабӣ, суннатҳои динӣ, қонунҳо, расму ойинҳо, арзишҳои ахлоқию фарҳангӣ, меъёрҳои илмӣ ва равандҳои идеологӣ (тарғиботу ташвиқот)-ро ном бурд. Артефактҳои фарҳангӣ, ки ин унсурҳоро таҷассум мекунанд, пайванди устуворро миёни сохторҳои ҷаҳонбинии хусусӣ ва шаклҳои зуҳуроти он таъмин месозанд.

БОБИ 4. МАҚУЛАҲОИ ФАЛСАФӢ ҲАМЧУН ҶУЗЪҲОИ СОХТОРИИ ТАСВИРИ ИЛМИИ ОЛАМ ДАР ФАЛСАФАИ ДАВРОНИ МУОСИРИ ҒАРБ

4.1. Умумияти мақулаҳо ҳамчун ҷузъҳои сохтории шаклҳои ҳастӣ ва тасвири илмии олам дар фалсафаи охири асри XIX-нимаи якуми асри XX

Муносибати байни мақулаҳои «кулл», «махсус» ва «муҷаррад» бо заминаҳои ахлоқӣ ва фарҳангии таҷрибаи инсон дар ташаккули тасвири олам, на танҳо дорои аҳамияти маърифатшиносӣ мебошад, балки аз дидгоҳи онтологӣ низ реша мегирад. Ин мақулаҳо ҳамчун абзорҳои таҳлилии тафаккур, на танҳо сохтори маърифатро ифода мекунанд, балки бо арзишҳо ва меъёрҳои фарҳангии ҷомеа робитаи сохторӣ доранд, ки дар натиҷа ҷаҳонбинии инсонро аз ҷиҳати ахлоқӣ низ шакл медиҳанд.

Дар фалсафаи қадим ба мақулаҳо ҷойгоҳи асосӣ дода мешуд. Афлотун байни идеяҳо (эйдосҳо) ҳамчун мавҷудоти олами абадӣ ва бетағйир ва ашёи олами эҳсосӣ, ҳамчун зуҳуроти муваққатии онҳо - намунаҳои махсус ва инфиродӣ фарқият мегузорад. Категорияи «кул» дар Афлотун идеал аст ва «муҷаррад» сояи идея аст.

Арасту мантиқи бештар систематикие бунёд кард, ки мутобиқи он мафҳумҳои ҷавҳар, араз, наслҳо ва намудҳоро пешниҳод мекунад. Барои ӯ мақулаи «кул» ин насл, «махсус» намуд ва «муҷаррад» чизи мушаххас аст. Масалан, «ҳайвон» кулл, «одам» махсус, «Суқрот» муҷаррад аст.

Анъанаи арастуӣ дар асрҳои миёна низ идома дошт. Баҳси асосӣ байни реалистҳо ва номиналистҳо аст: оё универсалияҳо дар воқеият вуҷуд доранд ё танҳо дар ақл. Фомаи Аквинӣ мавқеъҳоро ба ҳам

мепайвандад: универсалӣ дар тафаккури Худо, дар ашё ва дар тафаккури инсонӣ вуҷуд доранд.

Намояндагони фалсафаи даврои нави Аврупо Р. Декарт, Б. Спиноза ва Г. Лейбнитс ғояи универсалиро ҳамчун сохтори ақлонии олам инкишоф медиҳанд. Дар системаҳои худ мақулаҳоро тибқи сахтгирии математикӣ ба даст меоранд. Эмпирикҳо (Ҷ. Локк, Ҷ. Беркли, Д. Юм), баръакс, ба объективияти умум шубҳа мекунанд ва ҳамаи донишҳоро дар асоси дарки муҷаррадӣ, куллият медиданд ва танҳо натиҷаи абстраксия мепиндоштанд.

Намояндагони фалсафаи классикии олмонӣ, чи тавре ки дар зербобҳои гузашта нишон додем, мисли И. Кант равиши транссенденталиро пешниҳод мекунанд ва мақулаҳоро шаклҳои ақл мепиндоштанд, ки мо бо ёрии онҳо падидаҳоро мешиносем. Кул ва муҷаррад хулосабарорӣ мебошанд, на худи ҳастӣ. Г. Гегел диалектикаеро инкишоф медиҳад, ки дар он мақулаҳо дар ҳаракатанд, умумӣ ба махсус ва махсус ба муҷаррад ба тариқи синтез мегузаранд.

Ҳамин тариқ, фалсафаи Ғарб мақулаҳоро ҳамчун унсурҳои бунёдии сохтори воқеият мешуморад. Ҳама чиз бояд ба мантиқ, ақл, моҳият ба мувофиқат оварда шавад. Ин инъикоси раванди ташкили олам, муайян кардани доимии тағйирёбандаро инъикос мекунад.

Ҷомеа ва фарҳанг на танҳо муҳити зисти инсонро ташкил медиҳанд, балки низоми арзишҳо ва меъёрҳои рафторро муайян месозанд. Дар ин замина, фаҳмиши мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад аҳамияти ахлоқӣ ва маънавӣ низ пайдо мекунанд. Ин се мафҳум дар ташаккули худшиносии инсон, шинохти дигарон ва таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозанд.

Дар замони муосир низ кул ҳамчун заминаю пояи ахлоқи универсалӣ амал кунад. Масалан, мафҳумҳои умумӣ мисли «инсон», «хубӣ», «адолат», «каромат» ва «озодӣ» дар тамоми фарҳангҳо ва тамаддунҳо бо арзишҳои умумии ахлоқӣ пайванд доранд. Ин арзишҳо новобаста ба

миллат, нажод ва дин барои ҳар инсони бофарҳанг қобили қабуланд. Ба ҳамин маъно, фаҳмидани мафҳуми умумии «инсон» ҳамчун махлуқи соҳибақл ва соҳиби ҳуқуқҳои бунёдӣ, асоси ташаккули ҷомеаи одил ва инсондӯст мегардад.

Мақулаи махсус ҳамчун заминаи фарқият ва ҳувият баромад менамояд. Аммо ҳар як инсон ва ҷомеа дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд. Ин хусусиятҳои хос, ки метавонанд миллӣ, фарҳангӣ, забонӣ, ё эътиқодӣ бошанд, манбаи гуногунандешӣ ва ғановати фарҳангӣ мегарданд. Фаҳмидани мафҳуми махсус имкони эҳтиром гузоштан ба дигаргуниҳо ва фарқиятҳоро ба вуҷуд меорад. Масалан, мафҳуми хоси «фарҳанги тоҷикӣ» моро водор месозад, ки дарк намоем, ки ҳар як халқ таърихи хос, арзишҳои хос ва таҷрибаи хоси зиндагӣ дорад, ки бояд эҳтиром ва ҳифз карда шавад.

Муҷаррад бошад ҳамчун изҳори шахсият ва масъулияти инфиродӣ баромад мекунад. Ин мақула бештар ба шахсияти ҳар фард марбут аст. Ҳар як инсон, новобаста аз он ки ба кадом гурӯҳи иҷтимоӣ ё миллат тааллуқ дорад, як мавҷуди ягона ва нотакрор аст. Дарк ва эҳтироми шахсият ҷавҳари ахлоқи муосир аст. Ҷомеае, ки инсонро ҳамчун як мавҷуди мушаххас, бо эҳсосот, арзишҳо ва орзуҳои худ мебинад, метавонад сатҳи баланди инсондӯстӣ ва ҳамзистии фарҳангиро таъмин намояд.

Яъне, фаҳмиши ин се мақула ба инсон кумак мекунад, ки на танҳо оламро шиносад, балки ҷойгоҳи худашро дар он муайян кунад, дигаронро дарк намояд ва муносибати ахлоқиро бо муҳити атроф ба роҳ монад. Кул заминаи ҳамбастагӣ, махсус заминаи гуногунӣ ва муҷаррад асоси шахсият ва масъулияти инфиродии инсон аст.

Таҳқиқи мафҳумҳои фалсафии муосир дар партави мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад, бо ҷудо кардани унсурҳои онтологӣ, гносеологӣ ва ҷаҳонбинӣ, имкон медиҳад, ки фарқияти дараҷаи таҷассум ва аҳамияти ин мақулаҳо дар мактабҳо ва равияҳои гуногуни фалсафӣ муайян карда

шавад. Дар баъзе равияҳо мақоми кулл ҳамчун заминаи маърифат ва ҳастӣ мавқеи марказӣ пайдо мекунад, дар ҳоле ки дар дигарҳо мақоми муҷаррад ва субъективӣ аҳамияти хоса касб менамояд.

Бо дарки шартӣ ва то ҳадде догматикӣ будани таснифи равияҳои фалсафии муосир, чунин як шеваи таҳлил, ки на танҳо аз нигоҳи таърихӣ, балки тавассути таҳлили тарзи ба тасвир даромадани мафҳумҳо дар ҳар як равияи мушаххас сурат мегирад, ногузир менамояд. Ин усул ба мо имконият медиҳад, ки равияҳоро бо дарназардошти таносуби ҷанбаҳои умумӣ ва муҷаррад дар онҳо, инчунин бо таҳлили сохтории консептуалии унсурҳои онтологӣ, гносеологӣ ва ғоявии онҳо низ ба таври низомманд тасниф намоем.

Мақулаҳо мафҳумҳои бунёдӣ мебошанд, ки тавассути онҳо шахс мавҷудият ва сохтори воқеиятро дарк мекунад. Аз нигоҳи фалсафӣ онҳо умумитарин шаклҳои тафаккур буда, сатҳҳо ва ҷанбаҳои гуногуни ҳастиро фаро мегиранд. Дар анъанаи аврупоӣ, аз Арасту сар карда, мақулаҳоро асоси мантиқ ва тавсифи олам дониста, баъдтар дар фалсафаи классикии олмонӣ ба унсурҳои ҳаракати диалектикии мафҳумҳо табдил доданд. Дар фалсафаи Шарқ мақулаҳо аксар вақт интуитивӣ, контекстӣ ва рамзӣ буда, на он қадар барои низомсозии мантиқӣ, балки барои тавсифи таҷрибаи мавҷудияти ғайридугона ва тақсимнашаванда хизмат мекунанд.

Тавре қаблан зикр гардид, аз миёни ҳамаи ҷанбаҳои таҳлили тасвири олам, ҷанбаи онтологӣ бояд ҳамчун зербинои мантиқӣ ва нуқтаи ибтидоии асоснок гардонида шавад. Бештари муҳаққиқони таърихи фалсафа низ бар ин ақидаанд, ки маҳз фаҳмиши ҳастӣ ва сохтори он ҳамчун асос барои ташаккули дигар ҷанбаҳои маърифатӣ, аз ҷумла гносеологӣ ва ҷаҳонбинию методологӣ, хизмат мекунад [234]. Дар доираи гуфтори онтологӣ, дар ниҳоят, тамоми масъалаҳои гносеологӣ ва ҷаҳонбиниро низ метавон фаҳмид ва арзёбӣ кард. Аз ин рӯ, дар таҳлили фалсафии тасвири олам, маҳз ҷанбаи онтологӣ ба ҳайси зербинои

ибтидоӣ ва асосгузор баромад мекунад. Дар робита ба ин, сатҳи кулл ҳамчун зинаи марказии ҷиҳати онтологии тасвири олам аҳамияти вижа касб менамояд. Мо маҳз ҳамин сатҳи умумиро, ки тавассути категорияи «ҳастӣ» ифода меёбад, ҳамчун нуқтаи ибтидоии таҳқиқ интихоб мекунем.

Масъалаи фалсафии ҳастӣ дар асрҳои XIX ва XX тавассути як қатор андешамандони барҷаста мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ба ҷуз аз Мартин Ҳайдеггер, ки фаҳмиши ҳастиро на танҳо тавассути усули категориявӣ, балки бештар дар партави будан ва ҳастии инсон тафсир менамояд ва ба таҳлили бавуҷудоии фардӣ ва мушкилоти муҷаррад муроҷиат мекунад, метавон аз Сэмюэл Александр, Ҷорҷ Сантаяна, Макс Шелер [244] ва дигар файласуфони таъсиргузори он давра ёдовар шуд.

Гарчанде ки онҳо пеши худ ҳадафҳои таърихӣ-фалсафии муназзами мукаммал нагузоштаанд, вале андешаҳояшон дар мавриди ҳастӣ ҳамчун заминаи методологӣ ва консептуалии равишҳои нави метафизикӣ аҳамияти назаррас доранд. Дар ин замина, мо ба таври мушаххас ба таҳлили мафҳуми ҳастии Николай Ҳартман таваҷҷуҳ хоҳем кард, зеро маҳз ӯ дар осораш унсурҳои бунёдии таълимоти он файласуфони зикршударо дар шакли мураттаб ва возеҳ баён намудааст.

Дар асари худ «Метафизикаи шинохт», Николай Ҳартман ба таври бунёдӣ таъкид мекунад, ки субъекти маърифат дар берун аз худи амали шинохт қарор дорад ва маҳз ӯест, ки ҳастии воқеиро асос мебахшад. Дар таҳқиқоти дигараш - «Имконият ва воқеият» - ӯ фаҳмиши ҳастиро дар партави мафҳуми «воқеият» таҳлил мекунад ва таъсирбахширо ҳамчун хусусияти ҷудонопазири он муаррифӣ менамояд. Аз нигоҳи ӯ, таъсирбахшӣ ҳамчун заминаи табдили имкон ба воқеият амал мекунад ва хислати муайянкунандаи вуҷуди воқеиро ифода мекунад.

Ҳартман дар асараш «Дар бораи асосҳои онтология» менависад, ки дар ҷараёни шинохт, хусусан шинохти илмӣ, қабатҳои гуногуни воқеият (ё объектҳои объективӣ) танҳо ба таври бавосита ифода меёбанд, яъне худи ҳастӣ ва таъсирбахшӣ танҳо дар шакли таҷассумҳои миёна ба дарк

меоянд. Аммо дар амалҳои эмотсионалӣ ва таҷрибаи транссенденталии инсон, таъсирбахшӣ худро мустақиман зоҳир мекунад ва аз ҳамин лиҳоз, маънии аслии воқеият ошкор мегардад [9, с. 113].

Дар маҷмуъ, амалҳои эмотсионалӣ-транссенденталӣ, ба назари Ҳартман, шаҳодати онанд, ки воқеият, ҳақиқат ва ҳастӣ, пеш аз ҳар гуна фаъолият ва ҳузури субъекти шинохт, мавҷуд буда, мавҷудияташ хосияти объективии ғайримантиқӣ дорад. Яъне, воқеият ҳамчун падидаи берун аз худи шуури инсон зуҳур мекунад ва аксар вақт дар шакли воқеияти ғайриратсионалӣ таҷассум меёбад [9, с. 125].

Дар таҳқиқоти бунёдии худ «Сохтори ҷаҳони воқеӣ» Ҳартман идеяи табақабандии иерархии ҳастиро матраҳ месозад. Ба гуфтаи ӯ, ҷаҳони воқеӣ дорои сохтори сатҳманд (дараҷанок) мебошад, ки табиати ғайриорганикӣ, ҳаёт, шуури равонӣ ва шуури маънавиро фаро мегирад. Муносибати байни ин сатҳҳо тавассути қонунҳои махсуси онтологӣ танзим мешавад.

Ҳартман се қонуни калидиро дар ин раванд таъриф мекунад:

- қонуни бозгашт, ки дар сатҳҳои боло нишонаҳои сохтории сатҳҳои поёнро таъмин мекунад;

- қонуни нав, ки баръакс, таъсири ҷанбаҳои болоро дар сатҳҳои поёнӣ ошкор месозад;

- қонуни масофа, ки нишон медиҳад ҳар як сатҳи ҳастӣ дорои хосияти истиқлоли шартӣ аст ва наметавонад пурра ба воситаи сатҳҳои дигар фаҳмида шавад.

Ҳартман ҳамчунин бар ин назар аст, ки эҳсосот ва таҷрибаҳои арзишии инсон, ҳарчанд тавассути ҷаҳонбинии ботинӣ таҷассум меёбанд, моҳиятан ба тартиботи объективии ҳастӣ мансубанд ва аз доираи амали субъективии инсон берун меистанд [10, с. 361]. Дар ниҳоят, ин таҷрибаҳо чизи дигаре ҷуз арзишҳои объектившуда нестанд, ки муносибати байни субъекти арзёбанда ва воқеияти мустақилро дар шакли «объектҳои қасдӣ» (intentional objects) муайян мекунанд.

Н. Ҳартман хоҳиши муайян кардани тамоми махсусияти фалсафаро тавассути «асосноккунии таҳкурсии ибтидоӣ, ки ҳастӣ бояд ба ҳайси он баромад намояд» [10, с. 364] равшан нишон медиҳад. Беш аз ин, Н. Ҳартман дар осори худ пайваста бар зарурати «онтологизатсияи фалсафа» таъкид менамояд, яъне эҳёи равиши метафизикии тафаккур, ки ҳадафи он дарки моҳияти умумии ҳастӣ мебошад [10, с. 378]. Ба андешаи ӯ, як нуктаи нигаронкунанда дар фалсафаи муосир он аст, ки назарияи маърифат (гносеология) ба таври тамом аз онтология рӯ гардонида, онро канор гузоштааст.

Ҳартман чунин хулоса мекунад, ки имрӯз мо дубора ба масъалаҳои бунёдии онтология баргаштаем — ба илм ва таҳқиқоте, ки дар гузашта ба хотири гносеология канор гузошта шуда буд ва баъдан аз он куллан даст кашиданд. Ба гуфтаи ӯ: «Ҳеҷ кас ба хотири тафаккур танҳо тафаккур намекунад — ин навъи тафаккур бефоида хоҳад буд. Баръакс, худи тафаккур ба хотири чизи дигар амал мекунад. Ва он чиз ҳастӣ аст» [10, с. 146].

Яке аз принсипҳои бунёдии ислоҳотии фалсафаи Николай Ҳартман дар шакли формулаи фалсафии ӯ чунин садо медиҳад: «Аз онтологияи умумӣ ба онтологияи нав тавассути танқиди гносеологӣ» [10, с. 271]. Маҳз тавассути онтология, ба назари Ҳартман, имконпазир мегардад, ки мо на танҳо назарияи маърифат ва арзишҳоро, балки тамоми методологияи инкишофи илмро низ бознигарӣ намоем ва таҳким бахшем.

Барои мо муҳим аст таъкид намудан, ки Ҳартман таҳкурсии ҳама гуна арзишҳо, таҷрибаи шинохти ратсионалӣ ва ирратсионалиро ба такя ба он чизе мегузорад, ки худ онро «сентенсияи умумии онтология» меномад. Дар риштаи истилоҳоти таҳқиқотии мо, ин ба сатҳи умумии онтологии тасвири олам мутаносиб аст. Маҳз тавассути ин сентенсияи универсалӣ, ӯ имкони дарёфти на танҳо қонунҳои умумии инкишофи ҳастӣ (ба монанди қонуни бозгашт, қонуни нав ва қонуни масофа), балки

пояҳои идеологии ҷаҳонбинӣ ва методологияи маърифатро низ нишон медиҳад.

Ҳартман саволи асосии фалсафиро ба таври рӯшан матраҳ мекунад: «Ҳастӣ чист?» Ва хулоса менамояд, ки роҳи классикии фалсафа, яъне баррасии ҳастӣ танҳо дар шаклҳои абстрактӣ, дигар кофӣ нест. Ба ақидаи ӯ, барои дарки воқеии ҳастӣ, лозим аст ба сохтори воқеии бисёрқабатаи он муроҷиат шавад [10, с. 6].

Ба андешаи Ҳартман, ҷаҳон сохтори мураттаби пайдарҳамӣ дорад ва аз чор қабати асосӣ иборат аст: ҷисмонӣ-моддӣ, органикӣ-зинда, равонӣ-маънавӣ, таърихӣ-маънавӣ.

Ҳар яке аз ин қабатҳо дорои қонунҳои худ ва принсипҳои мустақил мебошад. Қабатҳои болоӣ бар пояи поёнии худ бунёд меёбанд, вале таъсири онҳо бар қабати зер ҳамеша қисман аст ва на комилан муайянкунанда [10, с. 139].

Ҳарчанд Ҳартман тамоми қонунҳо ва хусусиятҳои ин қабатҳоро ба таври муфассал таҳлил намекунад, вай ба ду принсип таваҷҷуҳи амиқ зоҳир менамояд:

– принсипи детерминизм, ки дар сатҳи моддии ҳастӣ амал мекунад;

– принсипи детерминантҳои экстракаузалӣ, ки дар сатҳи равонии ҳастӣ таҷассум меёбад ва муҷаррадиёти маънавиро ифода мекунад.

Бо вуҷуди ин, дар асоси мантиқи умумии баррасии мафҳуми ҳастӣ ва таҳлили фалсафии сохтори он, метавон хулоса кард, ки мафҳумҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар сатҳҳои гуногуни шинохти онтологӣ на танҳо ҳамчун шаклҳои таҷзияи назариявӣ, балки ҳамчун унсурҳои сохторӣ ва иерархии ҳастӣ амал мекунанд. Н. Ҳартман, ба таври сохторӣ «унсурҳои» асосии онтологияи ӯро муайян кардан мумкин аст. Мафҳуми ҳастие, ки аз ҷониби Н. Ҳартман тафсир шудааст, дар доираи таҳқиқоти мо ба сатҳи умумии ҷанбаи онтологии тасвири олам мансуб дониста мешавад. Қабатҳои ҳастӣ, ки ӯ ба таври мураттаб таҳлил мекунад - аз қабили ҷисмонӣ-моддӣ, органикӣ-зинда, равонӣ ва маънавию таърихӣ -

метавонанд ба сатҳи махсуси ҷанбаи онтологии тасвири олам иртибот дошта бошанд. Ҳамзамон, се қонуни марказии он - қонуни бозгашт, қонуни нав ва қонуни масофа - бо дарназардошти хусусияти умумияшон, ба сатҳи умумии ҷанбаи гносеологии ҷаҳонбинӣ нисбат дода мешаванд. Дар муқоиса, принсипи детерминизм ва принсипи «детерминантҳои экстракаузалӣ» ба сатҳи махсуси ҷанбаи гносеологӣ марбут буда, пайванди мустақим бо тарзи дарки зинавии воқеият доранд.

Зикр кардан зарур аст, ки мафҳуми кулл дар онтологияи Н. Ҳартман, ки тавассути категорияи ҳастӣ муҷассам мешавад, дар ташаккули яке аз равияҳои бонуфуз ва асосгузори фалсафаи асри XX - феноменология - нақши муассир бозидааст. Эдмунд Гуссерл, ки ба ҳайси муассиси асосии ин равиши фалсафӣ эътироф шудааст, феноменологияро ҳамчун усули ҳамаҷонибаи таҳлили фалсафии падидаҳо тавассути шуури субъект муайян менамояд.

Феноменология дар заминаи хос ҳамчун майдони густурдаи таҳқиқоти онтологӣ, гносеологӣ, методологӣ ва маъноӣ зуҳур мекунад. Дар маркази он идеяи аслӣ қарор дорад, ки «ҳар тафаккури ибтидоӣ худ манбаи воқеии маърифат аст» ва ин, ба гуфтаи худи Гуссерл, «принсипи ҳамаи принсипҳои фалсафаи муосир» мебошад [22]. Дар ин замина, Гуссерл изҳор медорад: «Танҳо тавассути бозгашт ба сарчашмаҳои аслии тафаккур ва дарки мустақими моҳиятҳо метавон анъанаҳои бузурги фалсафаро ҳифз ва аз нав эҳё намуд» [26, с. 14].

Фалсафа, тибқи чунин муносибат, бояд таҳлили амиқи феноменологиро тавассути мушоҳидаи бевоситаи моҳияти падидаҳо анҷом диҳад ва худро ба тарзи фикрронӣ ва муносибати содаи зиндагии ҳаррӯза ва парадигмаҳои илмҳои табиатшиносӣ муқобил гузорад. Маҳз дар ҳамин равиш, таҳлили феноменологӣ, ҳанӯз дар марҳалаи ибтидоии худ, ба мушкилоти дода шудани ҷаҳон ҳамчун воқеияти объективӣ шубҳа ворид мекунад.

Шарҳи чунин равандҳо нишон медиҳад, ки муносибатҳои табиии шуури инсон танҳо як шеваи эҳтимолии дарки ҳастӣ мебошанд. Барои расидан ба шинохти софи фалсафӣ, лозим меояд, ки тавассути редуксияи феноменологӣ, шуури субъект аз тамоми анвои муносибатҳои ғайриинтиқодӣ ва ё «табиӣ» тоза карда шавад. Ин раванд шарти зарурии таҳлили бевоситаи моҳиятҳои воқеӣ дар фалсафа ба шумор меравад.

Тавре ки Эдмунд Гуссерл таъкид мекунад, дар раванди татбиқи усули редуксияи феноменологӣ, «мо тезиси умумии марбут ба муҳити табииро аз таъсирбахшӣ маҳрум месозем ва, ҳамзамон, тамоми унсурҳо ва падидаҳоро, ки дар таҳлили фалсафӣ ҳамчун заминаи ҳастӣ баррасӣ мешаванд, низ аз таъсири маъноии худ маҳрум мегардонем. Дар натиҷа, мо тамоми «олами табииро» аз аҳамияти фалсафӣ берун мебарем» [23].

Ҳамин гуна редуксия, яъне поксозии шуур аз тамоми пешдоварӣ ва табиияти дарки ҳаррӯза, ба он оварда мерасонад, ки таҳқиқот ба сатҳи «шуури соф» гузаронида мешавад - ба шинохти бетаасуб ва мустақими падидаҳо, бидуни арзи онҳо ҳамчун ашёи воқеият.

Гуссерл кӯшиш мекунад, ки хосиятҳои муҳимми шуури покро тавсиф кунад, ки онҳоро «контрибутсияҳо» меномад. Дар маркази ин таҳлил ду хусусияти бунёдӣ қарор доранд, якум «ҷараёнӣ будан» - шуур ҳамеша дар ҳаракат аст, он равандест бебозгашт, ки дар фазои вақтӣ-мантӣ ба амал меояд ва дуюм «феноменологӣ будан» - шуур ҳеҷ гоҳ холӣ нест, он пайваста пур аз падидаҳост ва ҷараёни рӯйдодҳоро дар бар мегирад, яъне ҳеҷ гуна шуури «бетаҷриба» вуҷуд надорад.

Феноменология ҳамчун таълимоти фалсафии шуур бар он асос ёфтааст, ки дар ҷараёни таҳлил, гузариш аз падидаҳои додаи бевосита дар таҷриба (таассурот) ба шакли «тафаккуршуда» ё «тавзеҳдодашуда»-и онҳо бояд сурат гирад. Яъне, барои дарки воқеии маъно ва моҳияти чиз, на танҳо таҷрибаи аввалиндараҷа, балки тавзеҳи фалсафии сатҳи умқи он зарур аст. Ин гузаришро метавон ҳамчун ҳаракат аз зуҳурот ба моҳият шарҳ дод - ҳаракате, ки дар заминаи шуури пок ва таваҷҷуҳи

нозуки феноменологӣ амалӣ мешавад. «Ҳар як таассуроти равонӣ дар роҳи редуксияи феноменологӣ ба падидаи пок мувофиқат мекунад, ки моҳияти имманентии онро ҳамчун воқеияти объективии мутлақ нишон медиҳад» [25]. Дар осори минбаъдаи худ Эдмунд Гуссерл мафҳуми «функсияи ташаккулдиҳандаи шуур»-ро ба миён мегузорад, ки ба воситаи он на танҳо чизҳо ва ашё, балки «муваффақияти соф», байнисубъективияти *Ман*-ҳои дигар, шаклҳои гуногуни ҳаёти ботинии онҳо ва ҳамкориҳои мутақобилаи зеҳнии онҳо низ ба вуҷуд меоянд [24].

Бо ин, Гуссерл нишон медиҳад, ки шуур на танҳо бозтобкунандаи олам аст, балки ҳамчун неруи созанда амал мекунад, ки падидаҳои таҷрибавиро шакл мебахшад. Шуур на танҳо маънои оламро дарк мекунад, балки онро дар заминаи робитаи пайвастаи субъект бо муҳтавои шинохтӣ низ месозад. Яке аз муҳимтарин хусусиятҳои шуур, ки дар фалсафаи феноменологӣ нақши марказӣ дорад, ин самтгирии шуур (интенсионалият) мебошад. Интенсионалият ҳамчун тамоюли доимии шуур ба сӯи мазмун ва муҳтавои муайян фаҳмида мешавад. Ба сифати чунин муҳтаво на танҳо ашё ва объектҳои моддӣ, балки мафҳумҳои абстрактӣ, рақамҳо, сохторҳо ва шаклҳои гуногуни идеалӣ низ дохил мешаванд. Яъне, шуур ҳамеша ба чизе равона шудааст ва дар ҳолати холӣ ё бемазмун вуҷуд дошта наметавонад.

Интенсионалият ҳамчун тамоюли пайвастаи шуур ба сӯи «моддаҳо» ва муҳтавои мушаххас фаҳмида мешавад. Ба сифати чунин муҳтаво (ё «моддиёти интенсивӣ») на танҳо ашё ва объектҳои ҷисмонӣ, балки сохторҳои абстрактӣ, рақамҳо, меъёрҳо ва шаклҳои мухталифи идеалӣ низ дохил мешаванд. Яъне, шуур наметавонад «бетааллуқ» ё «бемазмун» бошад; он ҳамеша бо чизе равона шудааст ва доимо дар муносибат бо маъное қарор дорад.

Дар осори минбаъдаи худ, Эдмунд Гуссерл ба ташаккул ва рушди мафҳуми «функсияи ташкилкунандаи шуур» пардохта, онро яке аз вазифаҳои бунёдии шуур мешуморад. Ба ақидаи ӯ, маҳз тавассути ин

функсия на танҳо объектҳои моддӣ ва ҷисмонӣ, балки мафҳумҳои мураккаби ғайриҷисмонӣ, ба монанди «муваққатии соф», байнисубъективият (муштаракоти зеҳнии субъектҳо), шаклҳои гуногуни зиндагии ботинии субъектҳо ва ҳолатҳои мутақобилаи иртиботии онҳо низ ба вуҷуд меоянд ва мавқеи маърифатӣ пайдо мекунанд [24].

Ҳамин тавр, функсияи ташкилкунандаи шуур ҳамчун неруи созанда ва ташаккулдиҳандаи олам баромад мекунад, ки дар он на танҳо шуури инфиродӣ, балки низоми умумии маърифат, муҳити иҷтимоӣ ва олами таҷрибавии байнисубъективӣ низ инъикос меёбад. Гуссерл бо ин тасдиқ мекунад, ки шуур на танҳо оламро таҷассум мекунад, балки ба маъное, онро *меофарад* - дар заминаи иртиботи доимӣ байни субъекти шинохт ва муҳтавои он.

Э. Гуссерл пайравони зиёде дошт, ки андешаҳои ӯро идома дода, дар равандҳои гуногун инкишоф, тафсир ва амиқсозӣ намуданд. Баъзе аз онҳо ба осори Гуссерл муносибати эҷодӣ зоҳир намуда, бо истифода аз пояҳои назариявии ӯ равияҳои мустақили фалсафӣ бунёд гузоштанд. Ба ғайр аз Мартин Ҳайдеггер ва Жан-Поль Сартр, ки фарзияҳои онҳоро дар қисматҳои минбаъдаи таҳқиқот баррасӣ хоҳем кард, метавон ба Макс Шелер ишора намуд, ки низ зери таъсири амиқи идеяҳои Гуссерл қарор дошт.

Ба андешаи Макс Шелер, феноменология ҳамчун як навъи махсуси низоми нигоҳ ё биниши руҳӣ фаҳмида мешавад. Ба воситаи чунин нигоҳ, субъекти шинохт на танҳо маълумоти ҳиссӣ ё таҷрибавиро қабул мекунад, балки «фактҳои феноменологӣ»-ро низ дарк мекунад, ки онҳо ба ҷаҳони маънавӣ ва ботинии инсон тааллуқ доранд [278].

Дар натиҷаи татбиқи ин усул, шаклҳои гуногуни воқеият ба даст меоянд, ки Гуссерл ва пайравонаш онҳоро ҳамчун ду навъ тавсиф менамоянд: якум, воқеияти «табиӣ», яъне он чизе ки бевосита дар таҷрибаи зиндагии ҳаррӯза дода шудааст (худмаълумот, ҳаёт, таҷриба) ва дуюм, воқеияти «илмӣ», ки дар натиҷаи равандҳои маърифатӣ ва

коркарди мантиқӣ ҳамчун фактҳои вобаста ба объект тавлид мешаванд. Тавассути «мантиқ»-и ошкор намудани далелҳои феноменологӣ М. Шелер феноменологияи эҳсосоти инсонӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва инсонро дар инсон инкишоф додааст.

Фикру ақидаҳои феноменологиро дар ақидаҳои фалсафии М. Мерло-Понти бо мафҳуми дарки феноменологӣ ва асосҳои масъалаҳои марбут ба олами ҳаёт, ҳастӣ дар олам ва гайра [245], Е. Левинс, ки масъалаи сохти феноменологии дигарро меомӯзад ва М. Дюфрен, ки масъалаҳои эстетикаи феноменологиро таҳия мекунад, мушоҳида кардан мумкин аст[246,247,244].

Дар нимаи дуюми асри XX дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико равияи феноменологӣ бо таҳқиқоти намояндагони маъруф васеъ рушд ёфт. Аз ҷумла, А. Гурвич бештар ба таҳлили феноменологияи шуур машғул шуда, онро дар заминаи иҷтимоиву фалсафӣ амиқтар кард. Ҷ. Уайлд консепсияи «феноменологияи реалистӣ» ва назарияи сохтори олами феноменологиро ташаккул дод.

А. Шутс бо баррасии ҷанбаҳои иҷтимоии таҷриба, асосгузори сотсиологияи феноменологӣ дониста мешавад. Дар навбати худ, М. Натанзон ба таҳқиқи масъалаҳои эстетикаи феноменологӣ пардохта, падидаҳои зебоишиносӣ ва санъатро аз дидгоҳи шуури пок таҳлил намудааст. Намояндагони дигари муҳимми мактаби амрикоӣ, аз ҷумла Д. Смит ва Р. Мак Интайр, ба таҳқиқи феноменологияи аналитикӣ ва масъалаи интенсионалият диққати махсус додаанд.

Дар Олмони муосир низ афкори феноменологӣ ҷараён дорад. Аз ҷумла, Б. Валденфелс ва К. Хелд ба рушди феноменологияи экзистенсиалӣ машғуланд, ки дар он таҷрибаи зинда ва ҳастии шахсӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Ҳамчунин, Л. Эли ва П. Янсен ба масъалаҳои марбут ба шуур ва сохторҳои таҷрибавии он таваҷҷуҳ зоҳир карда, ҷанбаҳои навини фаҳмиши шуури инсонро дар равшанӣ қарор додаанд.

Феноменологияро ҳамчун яке аз барҷастатарин ҷараёнҳои фалсафии қарни XX ба кадом «ҷанбаи сохтории» тасвири олам мутобиқ кардан мумкин аст ва дар маҷмуъ чунин баёни савол то кадом дараҷа қонунӣ аст? Сарчашмаҳои методологии худи феноменологияро муфассалтар дида мебароем. Дар аввал субъекти дарк бояд «муносибатҳои содалавҳона дар ҳаёти рӯзмарра ва илмҳои табиатшиносиро» бартараф намояд. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки марҳалаи ибтидоии ҳаракати феноменологӣ бар ду фарзияи асосӣ такя мекунад. Фарзияи аввал он аст, ки ҳар як субъект ҳангоми шинохт зери таъсири муносибатҳои «табиӣ»-и шуури худ қарор дорад. Фарзияи дуюм бар ин аст, ки ин гуна муносибатҳои табииро метавон тавассути гузаштан ба сатҳи шуури «пок» ва «равшан» бартараф кард.

Аммо суоли калидӣ ин аст: муносибатҳои табиии ибтидоии шуури субъект чӣ гунаанд? Гуссерл ба ин савол посух медиҳад: «Муносибатҳои табиии шуури мо ҳамеша ба падидаҳо равона мебошанд» [22, с. 4]. Вале чунон ки маълум мегардад, падидаҳо на танҳо нуқтаи ибтидоии раванди феноменологӣ ҳастанд, балки дар айни замон, то ҳадде, натиҷаи ин раванд низ ба ҳисоб мераванд.

Ҳангоми бартараф кардани муносибатҳои содда ва табиии шуур тавассути редуксияи феноменологӣ, субъект аз марҳалаи таҷрибаи мустақими падидаҳо ба марҳалаи таҷрибаи редуксияшудаи феноменологӣ мегузарад, яъне, ба маънои том, ба шуури пок. Ба қавли Гуссерл: «Ба ҳар як таассуроти равонӣ, падидаи соф мувофиқ меояд» [26].

Аз ин бармеояд, ки тамоми ҳаракати феноменологӣ - аз ибтидо то марҳалаи комил - метавон ҳамчун пайдарпайии зоҳиршавии падидаҳо фаҳмида шавад: аз зуҳуроти ибтидоии шуури табиӣ то шаклҳои редуксияшудаи таҷриба, ки шуури покро пур мекунанд. Агар ба «контрибутсияи» асосии шуур назар афканем, ки худи Э. Гуссерл онро тавсиф намудааст, мебинем, ки дар ҳама ҷанбаҳо принсипи феноменологӣ амал мекунад.

Масалан, худи ҷараёни шуур. Шуур ҳамеша ҷараён аст, вале ҷараёни чӣ? Ҷараёни падидаҳо. Шуур, тибқи фаҳмиши феноменологӣ, ҳамеша пур аз мазмун аст ва ин мазмун падидаҳои шинохтӣ мебошанд. Шуур ҳамеша самт дорад, вале самт ба куҷо? Самт ба феноменҳо равона шудааст. Ҳатто функсияи ташкилкунандаи шуур, ки яке аз пояҳои асосии назарияи Гуссерл мебошад, бидуни падидаҳо амалӣ шуда наметавонад, зеро ташкил кардан - маъно додан ва дарк кардан - маҳз тавассути падидаҳои редуксияшуда сурат мегирад.

Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки тамоми имконият, сарват ва гуногунии таҳқиқоти феноменологӣ - аз равияҳои асосии мактабҳои фалсафӣ то редуксияи инфиродии таҷриба - ҳамеша бо падидаи муайян иртибот дорад ва бидуни он муҳити таҳлили феноменологӣ вуҷуд надорад. Моҳияти охириро қатъиян ошкор намуда, имкони ба ин ё он «шуъбаи сохтории» тасвири олам нисбат додани феноменологияро асоснок мекунем.

Зикр намудан ба маврид аст, ки худи Э. Гуссерл байни шарҳи табиӣ ва шарҳи илмии падида фарқ мегузорад. Дар ин замина, падида ҳамчун «мавод ё воқеиятест, ки дар таҷрибаи эҳсосӣ ба таври мустақим бо хусусиятҳо, алоқаҳо ва муносибатҳои мушаххас зоҳир мегардад» арзёбӣ мешавад. Гузашта аз ин, зуҳури чизҳо дар тафаккури нафсонӣ бо он аст, ки онҳо дар худи онҳо чӣ гунаанд, зеро чизҳои ҳисшаванда танҳо зуҳуранд ба он маъно, ки табиати ҳақиқӣ худро тавассути онҳо эҳсос мекунад» [24, с. 512]. Зикр кардан ҷоиз аст, ки Э. Гуссерл дар талоши кашфи маънии аслии падида, онро на танҳо ҳамчун ҷиҳати алоҳидаи чизи дар идрок додашуда тавсиф мекунад, балки ба он мазмуни муҷарраде нисбат медиҳад, ки ба тағйироти тафаккур, шуури пок ва сохтори абстрактии шуур марбут мебошад. Ба андешаи ӯ, чунин падидаҳоро метавон берун аз иртиботи мустақим бо воқеияти физикӣ мавриди баррасӣ қарор дод, зеро онҳо дар шуур ба таври равшан, эътимодбахш ва бо шинохти мустақим зуҳур мекунанд [23].

Бо чунин тафсири падида, ки таваҷҷуҳи хос ба равшанӣ, эътимоднокӣ ва шафофияти таҷассуми он дорад, метавон хулоса кард, ки зуҳуроти падида (ҳамчун худи ашё, ки тавассути онҳо падида возеҳ мегардад) дар ибтидо дар заминаи тафаккури муҷаррад ва мустақил инъикос меёбад. Ба забони дигар, дар партави фаҳмиши мазкур, падидаро бояд маҳз бо категорияи муҷаррад шарҳ дод, зеро он дар шакли як воҳиди мафҳумии мустақил зоҳир мешавад.

Худи феноменология ҳамчун таълимот оид ба падидаҳо, имкони таҳлили маҷмуи густурдаи зуҳуроти шуурро фароҳам оварда, онҳоро дар қолаби алоқа ва вобастагии мутақобил бо воситаи категорияи муҷаррад мефаҳмонад. Аз ин рӯ, падида дар ин раванд, пеш аз ҳама, ҳамчун ифодаи абстрактӣ ва маърифатии шуур ба ҳисоб меравад. Мутаносибан, худи феноменологияро метавон ба унсурҳои сохтории тасвири муҷаррад ва маърифатии олам шомил кард.

Ҳамин тавр, савол матраҳ мешавад: феноменологияро дар сохтори умумии тасвири илмии олам ба кадом ҷанбаи методологӣ ё гносеологӣ нисбат додан мумкин аст? Дар посух бояд зикр кард, ки фаҳмиши «падидаи соф» дар доираи феноменология, танҳо ба ашё ва воқеиятҳо маҳдуд набуда, балки ба робитаҳо, алоқаҳо ва муносибатҳои байни маъниҳо ва унсурҳои маърифатӣ низ дахл дорад. Ин ҳолат маҳз ба фазои муҷарради шинохт тааллуқ дорад, ки тавассути он ҷаҳон ҳамчун низоми маърифатӣ таҷассум меёбад. Яъне, ба мундариҷаи падидаҳо на танҳо тафсири объектҳои гуногуни моддӣ ва маҷмуъҳои онҳо (ҷанбаи онтологии тасвири олам), балки робитаҳои бепоёни байни онҳо дохил мешаванд, ки эҳтимолияти инъикоси онҳоро нисбат ба предмети фаъолияти маърифатӣ (ҷанбаи гносеологии тасвири олам) муайян мекунад.

Ба андешаи мо, фаҳмиши Э. Гуссерл дар бораи «мавҷудияти» махсуси падида - «падидаҳоро берун аз робитаи имконпазири онҳо бо олами воқеии ҷисмонӣ ҳамчун воҳидҳои худдода омӯхтан мумкин аст»

[24, с. 501]; тафсири феноменология дар бораи аҳамияти махсуси онтологии падидаҳо - «падидаҳоро бо тамоми аҳамияти худ воқеияти охирини ба мо додашуда ҳисоб кардан мумкин аст» [24, с. 503]; бо дараҷаи кофии асоснокӣ имкон дорад, ки феноменология ҳамчун илми «ҳодисаҳои соф» ба ҷанбаи онтологии тасвири олам нисбат дода шавад. Ҳамин тавр, феноменологияро ҳамчун илми «ҳодисаҳои соф» мо ба сатҳи муҷаррадии ҷанбаи онтологии тасвири олам мансуб медонем. Ин, дар навбати худ, ба мо имкон медиҳад, ки худи проблемаҳои ҷиҳати онтологии тасвири олам дар сатҳи муҷаррадии он конкрет карда шавад. Мафҳумҳои маҷмуи бепоёни объектҳои материалиро акнун ҳамчун падида шарҳ додан мумкин аст.

Аммо агар асоси консептуалии тамоми феноменология падида ҳамчун додаи худдарккунанда бошад ва он дар сатҳи ҷанбаи муҷаррадии онтологии тасвири олам амалӣ шавад, магар ин гуна самти фалсафиро ба ҷараёнҳои фалсафӣ нисбат додан бо бартарии пазируфтани кулл тазод нест? Аммо дар ин ҷо қайд мекунем, ки феноменология ҳамчун таълимоти яклухт тезиси зеринро дар бар мегирад: «мутлақан ҳамаи осори воқеият падидаҳо мебошанд», аммо худи дастур вобаста ба табиати феноменологии худи воқеият аз куҷо пайдо мешавад? Бояд қайд кунем, ки худи Э. Гуссерл менависад: «Шарти умумии далелҳои воқеият аз рӯи падидаҳо ҳамон замоне, ки мо табиати феноменологии онро дар худи кулл равшан дарк мекунем, ба мо аён мегардад» [22, с. 4]. Ҳамин тариқ, барои Э. Гуссерл кулл феноменологӣ, бо падидаҳо миёнаравӣ мешавад, ки дар билохира бо ҷудоӣ, муҷаррадӣ, далелҳо муайян карда мешаванд. Аммо дар ин маврид бо худи феноменология дар як саф қарор дошта истода, метавон гуфт, ки на танҳо умумӣ падида аст, балки инчунин метавон гуфт, ки падида (ақаллан дар тафсири Э. Гуссерл) умумист [26]. Шояд аз ҷумла ҳамин сабаб бошад, ки пайрави Э. Гуссерл М. Ҳайдеггер барои пайдо кардани заминаи онтологии худи падидаҳо талош карда, онтологияи машҳури феноменологии худро ба вуҷуд овард.

Инчунин бояд гуфт, ки феноменология на танҳо бо сатҳи муҷаррадии ҷанбаи онтологии тасвири олам маҳдуд мешавад, балки тавассути коҳиши худи падидаҳо ба проблематикаи мазмуни шуури субъекти дарк меояд, ки аллакай бевосита ба ҷанбаи гносеологии тасвири олам алоқаманд аст. Феноменология инчунин ба масъалаҳои ҷаҳонбинӣ дахл дорад, ки, пеш аз ҳама, ба маъно ва ҳадафи фаъолияти маърифатии инсон алоқаманданд. Умуман, метавон чунин хулоса кард, ки равиши феноменологӣ, бо такя ба таҳлили таҷрибавии падидаҳо дар доираи қолабҳои нисбатан маҳдуд ва танг, имкони баррасии масъалаҳои печидаи шинохт (гносеологӣ) ва арзишгузорӣ (идеологӣ)-ро фароҳам меорад. Ин равиш тавассути рӯшансозии тарзи зуҳури падидаҳо дар шуури субъектӣ, муҳити муносибатҳоро барои фаҳмиши амиқи низоми маърифатӣ ва заминаҳои арзишии тафаккур фароҳам месозад.

Дар маҷмуъ, равиши феноменологӣ, бо маҳдуд кардани воқеият ба қолабҳои муайян, масъалаҳои шинохт ва арзишҳоро ба таври печида матраҳ менамояд.

Тавре дар боло қайд кардем, феноменология «сарчашмаи фалсафӣ» маҳсуб мешавад, ки дар заминаи он онтологияи феноменологӣ ба вуҷуд меояд. Намояндаи асосии ин равия М. Ҳайдеггер мебошад. Эҳтимол дорад, ки М. Ҳайдеггер аз худи аввал маҳдудиятҳои шадиди таҳқиқоти феноменологиро дарк мекард, замоне ки охиринҳо падидаҳоро ҳамчун воқеияти объективии охирӣ асоси ҳама чиз ва ҳама чиз мегузоштанд. Аз ин рӯ, ӯ масъала мегузорад, ки оё «шуури пок»-и аз ҷиҳати феноменологӣ ихтисоршуда масъалаи асосии феноменология аст ва оё «факти ҳақиқати» асосӣ ва фарогирро чунин мушкилот ҳисобидан мумкин аст ё не [256].

Ба ақидаи М. Ҳайдеггер предметҳое ҳастанд, ки одам «молики» онҳо нест, аммо онҳо «вуҷуд доранд». Ба инҳо, масалан, таърих, фалсафа ва ҳастии худи инсонро дохил кардан мумкин аст. Ҳамзамон, М. Ҳайдеггер байни маънои истилоҳи «ҳаст» ва маънои худи ҳастӣ хеширо мебинад.

Яъне, саволи «ҳастӣ чист»-ро то андозае бо суоли «ҳаст, вуҷуд дорад», мешавад чист?» иваз кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, М. Ҳайдеггер дар бораи фарқи куллии байни ҳастӣ (ки дар он гӯё аз аввал масъалаи дар бораи маънои он тайёр карда мешавад, вале масъалаи маъно дар ҳақиқат масъалаи инсонист) ва вуҷуд (ки комилан новобаста аз инсон аст) сухан меронад.

Аз ин комилан мантиқи «дастури ҳайдеггерӣ» вобаста ба вуҷуд доштани тафаккури махсуси фалсафӣ дар одам (дар ҳама ҷо ва ҳамеша ҷустуҷӯи маънии ҳастӣ ва шаклҳои онро дар назар дорад) бармеояд, ки ин шарти ҳатмии ҳар як тафаккури амалист. «Тавассути ин тафаккур ман бояд махсусиятҳои оламро дарк кунам, то дар бораи он андеша кунам» (Хайдеггер М. Работы и размышления разных лет / М. Хайдеггер. - М. : Прогресс, 1993.-382 с.) Мутобиқан, илми М. Ҳайдеггер танҳо ҳамчун воситаи амсиласозӣ, сохтан, тафсири воқеият амалӣ мешавад. Илм танҳо мавҷудиятро объектӣ кунонида, вазифаҳои хоси (асосан амалии) онро ҳал мекунад, аммо ин гуна бархӯрд барои дарки моҳияти (маънои) худи ҳастӣ то куҷо қонунӣ аст?

М. Ҳайдеггер ба хулосае меояд, ки ҳастиро тавассути илм дарк кардан ғайриимкон аст. Онро танҳо ба воситаи «фазо»-и махсуси маънӣ, ки моҳияти тафаккури ҳақиқии фалсафиро ташкил медиҳад, дарк кардан мумкин аст. Танҳо фалсафа метавонад дар бораи маънӣ ба таври «сазовор» андеша кунад, зеро он барои азхудкунии ҳастӣ талош намекунад, балки метавонад ба дарки маъноҳои ҳастӣ нигаронида шавад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки фалсафа, ба қавли М. Ҳайдеггер, набояд аз шеър, аз калима, аз забон «дур» равад. «Забон хонаи ҳастӣ аст» [256].

Ҳангоми дарки маънои ҳастӣ файласуф худро дар он дарк мекунад. М. Ҳайдеггер таъкид мекунад, ки файласуф ва умуман инсон «барои ворид шудан ба маънои ҳастӣ дода нашудааст», балки худи ҳастӣ метавонад бисёр асрори худро ба инсон ифшо кунад. Ҳастӣ ба инсон

тавассути «инсонии инсонӣ» зоҳир мешавад. Яъне маънии ҳастӣ тавассути ҳастии хоси инсонӣ (ҳастӣ-дар ин ҷо, ҳастӣ – дар он ҷо) дарк мешавад. «Ифшои конститутсияи мана-ҳастӣ онтология аст. Азбаски асоси имкони метафизика бояд дар он гузошта шавад – асоси он мана-ҳастӣ аст, онро онтологияи бунёдӣ меноманд» [256, с. 135].

Барои Мартин Ҳайдеггер, омилҳои асосии вуҷуд доштани инсон (экзистенсиалҳо) на танҳо ҷузъҳои сохтории зиндагии ӯянд, балки марҳалаҳои калидии шинохт ва дарки маънои ҳастӣ низ ба шумор мераванд. Аз миёни онҳо, муҳимтарин марг аст. Аммо марг ҳамчун поёни биологӣ танҳо анҷом ё қатъ гардидани ҳаёт аст. Баръакс, худи ҳолати «ба сӯи марг равон будан» (Sein-zum-Tode), яъне дарк ва эҳсоси доимии ногузирии марг, ҳамчун заминаи воқеии «вақти ҳаёт», ё худ вуҷуди Дазайн (Dasein), зуҳур мекунад. Мафҳуми муваққатӣ, интиҳои ҳаёти инсон (худи инсон ҳамчун таҷассуми ин мафҳум) барои дарки маънои ҳастӣ бояд ҳамчун асос амал кунанд. Тафсири аввалиндараҷаи Дазайн (Dasein) ин «мавҷудияти ҳамарӯза»-и инсон аст, мутаносибан онтологияи бунёдӣ бояд аз таҳлили «ҳаррӯза» Дазайн (Dasein), аз ҳаёти ҳаррӯза оғоз шавад. Тавассути Дазайн (Dasein) «ҳаррӯза» метавон тамоми гуногунии мавҷудияти инсониро шарҳ дод, ки ба воситаи онҳо одам ҳастиро «ранга», «бой» мебинад, мефаҳмад ва дарк мекунад. Ҳайдеггер ба инҳо «тарс», «ғамхорӣ», «гуноҳ», «виҷдон», «азият» ва ғайраро дохил мекунад.

М. Ҳайдеггер таъкид мекунад, ки «ин ҳастӣ» муваққатист, аммо на дар тафсири ҷисмонии ин истилоҳ. Умуман, муваққатӣ ҳамчун маънои ҳастии вуҷуд, ҳамчун уфуқи биниш ва дарки худи ҳастӣ амал мекунад. Муваққатӣ мантиқан минтақаҳои гуногуни мавҷудиятро «муайян» мекунад. Мавҷудияти муваққатӣ воқеӣ аст: равандҳои табиӣ ва рӯйдодҳои таърихӣ; он берун аз мавҷудияти замонӣ вуҷуд дорад: муносибатҳои миқдорӣ ва шаклҳои фазоӣ; моҳияти фаромарзӣ - ҷовидонӣ вуҷуд дорад. Ҳастӣ танҳо ба воситаи «призма»-и муваққатӣ, ба

воситаи «дараҷаи озодии» мантиқии Дазайн (Dasein) дарк карда мешавад.

Бояд зикр кард, ки Мартин Ҳайдеггер, бо матраҳ сохтани масъалаи контекстҳои маъноии ҳастӣ, онро ҳамчун «асоси ҳама чиз» ва, ба таври умум, ҳамчун зербинои умумии ҳама гуна воқеият шарҳ медиҳад. Аз ин рӯ, ҳастӣ барои ӯ ба унсури марказии ҷанбаи онтологии тасвири ҷаҳон табдил меёбад. Ҳайдеггер таъкид менамояд, ки ҳастӣ на як маънои абстрактӣ, балки тавассути таҷрибаи зиндагии инсонӣ, яъне Дазайн (Dasein), дар шакли муваққатӣ ва таърихӣ ошкор мешавад.

Ҳарчанд ӯ мустақиман намегӯяд, ки ҳастӣ ба таври возеҳ ба воситаи муваққатияти Дазайн ифода меёбад ва дар он шакл «таъкид» мешавад, ӯ ба ин нукта ишора мекунад, ки инсон метавонад, маҳз тавассути экзистенсиалҳои худ ва дар заминаи вуҷуди Дазайн, ба «садои ҳастӣ» гӯш диҳад, маънои онро дарёбад ва амиқии онро (ё «зичии онро») дарк кунад.

Бо такя ба ин андешаҳо, метавон ба чунин натиҷа расид, ки дар доираи онтологияи асилии М. Ҳайдеггер, мафҳуми *Дазайн* (Dasein) на танҳо ифодаи зуҳури будубоши инсон аст, балки ҳамчун унсури муҳимми сохтории ҷанбаи махсуси онтологии тасвири ҳастӣ ва ҷаҳон фаъолона амал менамояд. Он дар ин замина на танҳо нақши маърифатӣ, балки низоми муайянкунандаи муносибати инсон бо ҳастиро ифода мекунад. Илова бар ин, М. Ҳайдеггер зикр мекунад, ки маъноро на танҳо дар робита бо ҳастӣ, балки дар робита бо худи ашё низ дидан лозим аст. Чизҳое, ки дар худ, яъне дар моҳияти худ зуҳур мекунанд, ҳамчун падида пайдо мешаванд. «Тавассути усули феноменологӣ мо метавонем моҳияти падидаҳои софро дарк намоем» [256, с. 182]. М. Ҳайдеггер ҳамзамон таъкид мекунад, ки падида «моҳияти ҳастии худкушодист», «падида барои ҳастии мо аёнро баён мекунад» [256, с. 184]. Ҳамин тариқ, феноменология биниши ошкор ва мустақими тафарруҷ мекунад, ки тавассути онҳо ҳастии вуҷуд худро ошкор месозад. Дар натиҷа,

онтологияи муосир «танҳо ҳамчун феноменология имконпазир аст». Он вазифаи методологии тафсири ҳама гуна падидаҳоро амалӣ мекунад ва аз ин рӯ, нисбат ба матн аз нигоҳи герменевтика амал мекунад. Герменевтика шартҳои гуногуни «имконияти ҳар як таҳқиқоти онтологиро» ба назар мегирад. Герменевтика инчунин «таърихӣ будани «ин ҷо - ҳастӣ»-ро ҳамчун шарти онтикии имконияти таърих аз ҷиҳати онтологӣ таҳия мекунад» [256].

М. Ҳайдеггер таъкид месозад, ки «падидаҳо» моҳияти «биниш ва баёни ҳастӣ» мебошанд, аммо падидаҳо инчунин «фарқиятҳои гуногун»-ро ифода мекунанд. Вақте ки мо дар бораи гуногунӣ ва тафовут сухан меронем, мо одатан миқдори зиёди чизҳои гуногунро, ё ки ҳамон як чиз, маҷмуи чизҳои алоҳидаро дар назар дорем. Илова бар ин, падидаҳои М. Ҳайдеггер «ҳамчун мавҷудияти худнамоӣ ва барои мо аён», ҳам «объектҳои аз ҳам ҷудошуда» ва ҳам «таъкиди маънои муайян» ва шояд ҳатто фактҳои алоҳидаи воқеият ва худи мавҷудиятро ифода мекунанд. Ҳамаи ин ба андозаи муайян имкон медиҳад хулоса намоем, ки ба сатҳи муҷаррад мансуб донистани падидаҳо ба мақсад мувофиқ аст. Аз тарафи дигар, М. Ҳайдеггер ҳамчун пайрав ва шогирди Э. Гуссерл аз мақоми онтологии худи падидаҳо сухан меронад: «падида моҳияти мавҷудияти худбин аст», «падида чизеро, ки барои мо аён аст, тавзеҳ медиҳад» [256, с. 261]. Яъне, дар консепсияи М. Ҳайдеггер падидаҳо сатҳи муҷаррадии ҷанбаи онтологии тасвири оламро ифода мекунанд.

Ҳамин тавр, дар таълимоти М.Ҳайдеггер се мафҳуми асосиро ҷудо кардан мумкин аст, ки аз ҷиҳати сохторӣ асосҳои онтологияи бунёдии ӯ мебошанд. Дар сатҳи кулл худи ҳастӣ муҳимтарин унсури онтологияи М. Ҳайдеггер аст, дар сатҳи махсус ҷанбаи муҳимтарин ва дар сатҳи муҷаррад худи падидаҳои М. Ҳайдеггер унсурҳои муҳимтарин мебошанд. М. Ҳайдеггер дар таҳқиқоти худ масъалаҳоеро, ки бо қонунҳои объективии дарки ҳастӣ ё табиат алоқаманданд, махсус баррасӣ намекунад; инчунин ба саволҳои марбут ба баёни илм дар

проблемаҳои ҷаҳонбинӣ кам таваҷҷуҳ дорад. Дар асоси ин муайян намудани унсурҳои сохтории марбут ба ҷанбаҳои гносеологӣ ва ҷаҳонбинӣ оид ба тасвири олам дар онтологияи М. Ҳайдеггер барои мо имконнопазир мегардад.

Онтологияи бунёдии Мартин Ҳайдеггер яке аз заминаҳои муҳимтарини ташаккули яке аз равияҳои таъсиргузори фалсафии асри XX - экзистенсиализм - ба шумор меравад. Шояд ба ин сабаб бошад, ки аксари муҳаққиқон, бо дарназардошти равияи шинохти ҳастӣ тавассути таҷрибаи шахсии инсон, онро ба экзистенсиализм наздик мешуморанд. Худи экзистенсиализм ҳамчун равияи фалсафӣ кӯшиш мекунад, ки роҳҳои дарки мустақими ҳастиро тавассути инсон муайян намояд. Бо вуҷуди ин, намояндагони мактаби мазкур бар он назаранд, ки шинохти воқеии ҳастӣ бояд бе миёнаравӣ ва ба таври мустақим анҷом гирад. Аз ин рӯ, ба андешаи онҳо, дар ҷараёни чунин шинохт инсон бояд аз доираи зеҳнгароии анъанавӣ - новобаста аз он ки он дар қолаби фалсафаи ратсионалистӣ ифода ёфтааст ё дар шакли донишҳои илмӣ - берун рафта, онро ё канор бигузорад, ё паси сар намояд. Танҳо дар ҳамин ҳол шинохти воқеии ҳастӣ ҳамчун таҷрибаи бевоситаи будан имконпазир мегардад [256, с. 4]. Намояндагони экзистенсиализм эътироф мекунанд, ки чунин муносибат маъмулист. Онҳо худро пайравони «Фалсафаи ҳаёт» муаррифӣ мекунанд, ки таҷрибаи интуитивиро чун нуқтаи ибтидоӣ дар дарки ҳастӣ муқаррар кардааст. Аммо экзистенсиалистҳо аслан аз байн бурдани «ҷузъи равонии таҷриба ва пояи маънои онтологии охирин, ки тамаркузро ба чизи транссендентӣ барои таҷрибаи худ таҷассум мекунад» [207, с. 17] исрор меварзанд. Агар шарти охиринро ба назар гирем, ҳастӣ аллакай ба мо ҳамчун ҳастии худӣ зоҳир мешавад, ки «акнун экзистенсия номида мешавад» [207, с. 24].

Муҳимтарин заминаи онтологии ҳастӣ ниҳоии он аст, яъне худи инсон ҳамеша миранда аст. Мутаносибан, экзистенсия ҳамеша ҳамчун экзистенсияи муваққатӣ амал мекунад. Намояндагони экзистенсиализм

(аз ҷумла М. Ҳайдеггер) муваққатияти ҳақиқии экзистенсиалиро аз муваққатияти ҷисмонӣ, аз инъикоси оддии хусусияти протсессуалии равандҳои гуногуни физикӣ фарқ мекунанд. Дар экзистенсиализм маънои оянда ҳамчун як чизи муҳим бартарӣ дорад, ки боиси экзистенсиалҳои инсонӣ, аз қабили «умед», «лоиҳа», «ҷасорат» мегардад, ки бо ин васила, мазмуни хусусӣ-таърихии замонро ифода намуда, онро ҳамеша бо вазъи инсонӣ ва амал мепайвандад. Замони экзистенсиалӣ низ худро ҳамчун таърихӣ будани мавҷудияти инсон муайян мекунад. Одам ҳамеша худро ба вазъияти муайян «партофта» мебинад ва маҷбур мешавад, ки онро ба эътибор гирад. Ба ибораи дигар, марги инсон, гӯё, ҳатман муваққатӣ, таърихӣ ва «шартӣ» будани мавҷудияти ӯро муайян мекунад.

Аммо дар баробари ин, экзистенсияи инсонӣ фаротар мешавад, яъне худи инсон қодир аст, ки ҳамеша аз болои худ ғолиб барояд, аз ҳадди худ берун равад. Аммо дар мавриди асоси онтологии фаромарзии экзистенсияи инсон дар байни экзистенсиалистҳо нуктаи назари муҷаррад вуҷуд надорад. Дар экзистенсиализми мазҳабӣ ин Худост, аз нигоҳи Ҷ.П. Сартр [207] ва А. Камю [31], асоси фаромарзӣ «ҳеҷ» аст ва дар баробари ин, худро ҳамчун «амиқтарин асрори ҳастӣ» амалӣ мегардонад. Барои К. Ясперс ин руҳияи рамзӣ ва мифопоэтикист. Гузаштан аз ҳастии инсонӣ, қобилияти инсон аз доираи имкониятҳои худ берун рафтан экзистенсиалистонро ба мушкилоти озодӣ мебарад. Бо эътирофи воқеияти фаромарзӣ онҳо воқеияти озодии инсонро эътироф мекунанд. Асоси онтологии охирӣ, боз бо табиати онтологии худи транссендент муайян карда мешавад.

Дар ақидаҳои фалсафии Г. Марсел ва К. Ясперс озодӣ дар Худо дида мешавад. Дар фалсафаи Ж.П. Сартр шахс метавонад озод бошад, ба он маъно, ки худро дарк мекунад, худро меофарад, «ба ғайр аз субъективияти худ, ки моҳияти он дар мустақилияти комил аз чизи дигар аст, муайян карда мешавад» [208, с. 371]. Ба ақидаи Сартр шахс ҳамчун

як шахси танҳо зоҳир мешавад, вай «асоси онтологиро танҳо дар худ дорад, на дар дигараш» [208, с. 417]. Аз ин рӯ, ҳар як инсон на танҳо ҳамчун як шахси озод, балки ҳамчун як шахс амал мекунад. Инсон метавонад аз шахсияти худ даст кашад, мисли дигарон шавад, аммо бо нархи хеле баланд, ба ивази аз даст додани худ ҳамчун шахсият.

Агар дар таълимоти Ж.П. Сартр танҳоии шахс асоси онтологии худро ҳамчун «ба ҳеҷ чиз гузаштан» дошта бошад, пас Г. Марсел чунин мешуморад, ки чунин шахс «як ҳастии предметӣ, объективӣ месозад», ки аксар вақт ҳамчун муҷаррад имконпазир қабул карда мешавад. Ҳастии ҳақиқӣ моҳияти транссендентист, он худро ҳамчун ҳастии хусусӣ дарк мекунад, мувофиқи он муносибати ҳақиқӣ ба ҳастӣ аз тарафи инсон бояд ҳамчун муколама ба амал бароварда шавад. Аз ин рӯ, прототипи муносибати воқеии инсон бо ҳастӣ бояд муносибати шахсии шахс бо шахси дигар бошад. Аммо дар баробари ин, муошират байни одамон ҳамеша бо ҳастии предметӣ, объективӣ ба шарти «муомилоти экзистенсиалӣ пайваста таҳдид мекунад» [209, с. 319-344] ва муайян карда мешавад

Дар маҷмуъ, метавон ба хулоса омад, ки аксари намояндагони экзистенсиализм то ҳадде пайрави мантиқи бунёдии тафаккури Мартин Ҳайдеггер мебошанд. Онҳо низ маъно ва моҳияти ҳастиро тавассути муваққатӣ будани вуҷуди инсон дарк мекунанд. Бо вуҷуди ин, дар таълимоти онҳо мафҳуми Дазайн (Dasein) шакли дигар гирифта, ҷойи онро истилоҳи «экзистенсияи инсонӣ» ишғол мекунад. Агар дар назари Ҳайдеггер Дазайн ҳамчун шакли вуҷуд доштани инсонӣ, ки дорои таҷриба аст, вале аз ҳад инфиродӣ арзёбӣ мешавад ва маҳз тавассути он инсон метавонад «даъвати ҳастӣ»-ро бишнавад ва ба маънои он таваҷҷуҳ кунад, пас дар фалсафаи Жан-Пол Сартр экзистенсияи инсонӣ на дар робита бо чизе берун аз инсон, балки маҳз дар худи ӯ ташаккул меёбад. Ба назари Сартр, инсон на зоҳиран ба маънои ҳастӣ гӯш медиҳад, балки ӯ худаш эҷодгари он аст. «Экзистенсия, - менависад Сартр, - ҳамеша экзистенсияи инсонӣ аст» [207, с. 84]. Моҳияти замонӣ дар фалсафаи М.

Ҳайдеггер хусусияти асосии онтологии ҳастӣ мебошад; ба ақидаи Ж.П. Сартр, ин яке аз шаклҳои мавҷудиятҳои инсонӣ буда, бинобар марги инсон ва аз ин рӯ, боиси «партофтани ӯ дар ин ё он ҳолат» мегардад. Он чизеро, ки дар таълимоти Ҳайдеггер одам танҳо ҳамчун «дигар, вале дар худаш» дарк мекунад (ба мисли Дазайн (Dasein) барои одам дигар аст, вале дар худаш аст), дар таълимоти Сартр худи экзистенсиалияти инсонӣ, худи шахс мегардад.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, фавти одам муваққатияти мавҷудияти ӯ, таърихӣ будани худи шахс, «шартӣ» будани экзистенсияи инсониро муайян мекунад (инсон ҳамеша худро ба ин ё он вазъияти мушаххас мепартояд; аз сабаби марговар буданаш, ӯ аз нуқтаи назари ин вазъият озод нест, зеро вай барои баромадан аз он шояд вақти кофӣ надошта бошад. Аммо дар таълимоти М. Ҳайдеггер ба воситаи худи мирандагӣ (муваққатӣ ва таърихӣ) инсон маънои мавҷудиятро дарк мекунад, ки дар моҳияти худ ба таври ғайриинсонӣ (футури инсонӣ, ҳарчанд шахсӣ – мавҷудиятӣ) мегардад; дар таълимоти Ж.П. Сартр бошад, инсон тавассути мирандагӣ будани худ маънии ҳастии худро дарк мекунад, ки ба ҷуз «умуман ҳастӣ» чизи дигаре нест [258]. Бинобар ин, метавон таъкид намуд, ки барои аксари намояндагони экзистенсиализм (аз ҷумла Ж.П. Сартр) худи ҳастӣ ҳастии инсон аст, аз ин рӯ (чунон ки бисёре аз намояндагони экзистенсиализм мегӯянд), дар робита ба ҳастӣ ҷудо кардани сатҳи кулл ё сатҳи махсус ва ё сатҳи муҷаррад ғайриқонунӣ аст. Охирӣ метавонад чун «метафизикаи ифлос» пайдо шавад. Ба ибораи дигар, ба назари намояндагони экзистенсиализм, дар ҷанбаи онтологии тасвири олам, дараҷабандии осори муайян ба сатҳҳои кулл, махсус ва муҷаррад маъно надорад. Бо вуҷуди ин, бояд гуфт, ки худи ҳастии инсон, ки асоси ҳамаи тафаккуру тафсирҳо, равияҳои фалсафии аксари намояндагони экзистенсиализм мебошад, ба назари мо, он бояд ба сатҳи муҷаррадии ҷанбаи онтологии тасвири олам нисбат дода шавад. Шартӣ будани мансубияти ин ҷараён бо муқаррароте, ки, пеш аз ҳама, бо

бартарии кулл алоқаманд аст, аз як тараф, бо иртиботи бунёдӣ бо онтологияи бунёдии М. Ҳайдеггер (ки дар заминаи мафҳуми кулл ҳамчун асоси тамоми фалсафа асоснок қарор дорад) ва аз тарафи дигар, номумкин будани нодида гирифтани худи мантиқи проблемаҳои таърихию фалсафӣ, дахл кардани экзистенсиализм махсусан ба ҷиҳати онтологии муколамаи фалсафӣ муайян карда мешавад.

Яке аз ҷараёнҳои муҳимми фалсафие, ки дар шаклгирии тафаккури илмӣ ва назариявии асрҳои XIX ва XX таъсири амиқ гузошт, равияи позитивизм ба ҳисоб меравад. Ин равия марҳалаҳои гуногунро фаро мегирад, аз ҷумла позитивизми классикӣ, эмпириокритисизм, неопозитивизм ва постпозитивизм. Аз ҷумла, Огюст Конт ҳамчун яке аз бунёдгузорони позитивизми классикӣ баромад намуда, зарурати асосноккунии донишҳои воқеан мусбати илмиро, ки бояд берун аз ҳар гуна фарзияҳои метафизикӣ қарор дошта бошанд, таъкид намудааст. Ба андешаи ӯ, чунин донишҳо метавонанд ҳамчун заминаи устувори пешрафти иҷтимоии инсоният хизмат намоянд.

Огюст Конт, бо рад кардани эътибори фикрҳои метафизикӣ ва баён доштани бефоида ва ҳатто хатарнок будани онҳо, зарурати парастиши донишҳои «позитивӣ» ва эмпирикиро асоснок менамояд. Дар доираи ин мавқеъ, ӯ асосҳои онтологӣ ва методологии консепсияи худро муайян мекунад. Конт ин дидгоҳи худро дар асари маъруфи худ «Курси фалсафаи позитивӣ» ба таври равшан баён намудааст ва таъкид мекунад, ки воқеияти ҳақиқӣ ин танҳо падидаҳо ва фактҳоянд, бидуни ҳар гуна «такягоҳи метафизикӣ» ё мафҳуми ҷавҳари пинҳон.

Дар заминаи таҳқиқоти мавзуии мо метавон қайд кард, ки ба назари Конт, мафҳумҳои классикии фалсафӣ, ба мисли «ҷавҳар» ва «ҳастӣ», дар асл чизе ҷуз маҷмуи мушоҳидашавандаи далелҳо, падидаҳо ва робитаҳои миёни онҳо нестанд. Ӯ бар ин назар аст, ки дар воқеият низоми устувори пайванди падидаҳо амал мекунад. Яъне, сохтори табиат ба тавре танзим ёфтааст, ки пас аз зуҳури як гурӯҳи муайяни падидаҳо, гурӯҳи дигари

падидаҳо ба таври қонунманд ва пайдарпай ба вуҷуд меоянд. Дар доираи илм, чунин раванд ҳамчун ифодаи қонунҳои табиат тавсиф карда мешавад.

Огюст Конт, ҳамчун бунёдгузори асосии позитивизми классикӣ, бар он ақида аст, ки қонунҳои табиат хислати устувор ва тағйирнопазир доранд. Ба назари ӯ, низоми муайяне вуҷуд дорад, ки имкон медиҳад ин гуна падидаҳо ва воқеиятҳо ба таври мантиқӣ ҷамъоварӣ, низомманд ва умумигардонӣ шаванд. Конт чунин зерсохторро илм меномад ва онро ҳамчун воситаи асосии фаҳм, таҳлил ва маърифати ҷаҳон мешуморад.

Аз ин рӯ, дар таҳлили фалсафии худ, ӯ гуногунрангии падидаҳо ва далелҳои воқеии гирду атрофро - новобаста аз он ки онҳо писанданд ё не - ба сатҳи абстрактии онтологии тасвири олам мегузорад, яъне табиатро ҳамчун низоми қонуниятдор мефаҳмонад. Ҳамзамон, тавассути шарҳи равобити байни падидаҳо ва далелҳои таҷрибавӣ, Конт ба сатҳи гносеологии маърифати илмӣ мегузарад. Ӯ илмро ҳамчун «анбор ва муҳити кашфи на танҳо худи далелҳо, балки робитаҳои муҳимми байни онҳо» тавсиф мекунад, ки дар ин ҷо аллакай ҷанбаи махсуси идеологии тасвири олам падид меояд [37].

Дар ҳамин замина, намояндаи дигари барҷастаи позитивизми классикӣ - Ҷон Стюарт Милл, дар асари маъруфи худ «Системаи мантиқи силлогистӣ ва индуктивӣ», иддаоҳои Контро идома медиҳад. Ӯ низ шинохти воқеиятро бар асоси таҷриба ва мантиқи индуктивӣ асоснок намуда, зарурати барқарорсозии донишҳои илмии собитшуда ва тасдиқгардидаи таҷрибавиро таъкид менамояд.

Ҷон Стюарт Милл бар он назар аст, ки худи ҳастӣ чизе ҷуз маҷмуи падидаҳо ва далелҳо нест. Ба андешаи ӯ, ҳар як дониши воқеии илмӣ бояд аз омӯзиши ҳолатҳои мушаххас ва ҷудогона оғоз гардад. Маълумоти умумӣ, бар хилофи дидгоҳи метафизикӣ, на ҳамчун нуқтаи ибтидоии шинохт, балки ҳамчун натиҷаи умумисозии таҷрибаи мушоҳидавӣ ба вуҷуд меояд. Ҷ.Ст. Милл бар он аст, ки танҳо бо роҳи

ҷамъбасти мушоҳидаҳои ҷузъӣ ва таҷрибаи мушаххас метавон ба дониши куллӣ ва умумӣ даст ёфт. Ба андешаи ӯ, маҳз чунин шакли дониш, ки бар асоси таҷрибаи эмпирикӣ бунёд ёфтааст, дорои арзиши амалии баланд дар илм буда, татбиқпазир ва судманд аст.

Зикр кардан зарур аст, ки Милл дар осори худ андешаҳои методологии Огюст Контро бо эътимод пазируфта, аз нигоҳи мантиқӣ ва назариявӣ асоснок намудааст. Мисли Конт, ӯ низ ба ҷудо кардани се ҷанба дар равиши шинохти илмӣ қоил аст, якум, ҷанбаи онтологӣ - таваҷҷуҳ ба худи падидаҳо ҳамчун воқеиятҳои мушоҳидашаванда; дуюм, ҷанбаи гносеологӣ - дарк ва таҳлили робитаҳои қонунманди миёни ин падидаҳо; сеюм, ҷанбаи идеологӣ (ҷаҳонбинӣ) - фаҳмидани илм ҳамчун низоми умумисозӣ ва маърифати ҳақиқӣ.

Ба ин тартиб, Милл низ, мисли Конт, илмро на танҳо воситаи тавсифи воқеият, балки абзоре барои фаҳмиши сохтори қонуниятноки ҳастӣ медонад. Дидгоҳи ӯ дар ин замина ба эҷоди заминаи методологӣ барои таҳаввули минбаъдаи позитивизм, хусусан дар шаклҳои нео- ва постпозитивистӣ, мусоидат кардааст.

Намояндаи барҷастаи сеюми позитивизми классикӣ Ҳерберт Спенсер, аз як ҷониб, андешаҳои Огюст Конт ва Ҷон Стюарт Миллро пайгирӣ намуда, онҳоро инкишоф медиҳад, вале аз ҷониби дигар, ба самтҳои методологии онҳо дар дарки воқеият тағйироте ворид месозад. Ба андешаи ӯ, асоси маърифати инсониро падидаҳое ташкил медиҳанд, ки табиати эҳсосӣ доранд ва ба инсон имкони шинохт ва систематизатсияи воқеиятро дар сатҳҳои гуногуни умумият фароҳам меоранд.

Спенсер таъкид мекунад, ки дониш аз маҷмуи падидаҳо шакл мегирад ва онро метавон вобаста ба дараҷаи умумияти он тасниф кард [216]. Ӯ донишро ба се шакли асосӣ ҷудо менамояд:

1. Дониши оддӣ (муқаррарӣ) - донишҳои пароканда ва таҷрибавӣ, ки бо консепсияҳои назариявӣ ҳамоҳанг нестанд;

2. Дониши қисман муҷаррад, ки ба сатҳи илмӣ тааллуқ дорад ва тавассути қонунҳои умумӣ ба низом медарояд;

3. Дониши комилан муҷаррад, ки фалсафаро ташкил медиҳад ва умумияти олитарини маърифатро фаро мегирад.

Спенсер инчунин ишора мекунад, ки барои расидан ба тасвири мукаммали ҳар гуна падидаи воқеӣ, зарур аст, ки қонунҳои универсалии таҳаввул ва ташкили модда муайян карда шаванд. Ӯ бар он назар аст, ки чунин қонунҳо бояд бар асоси устувории қувваи амалкунанда дар табиат асос ёбанд. Яке аз чунин қонунҳои универсалӣ, ки ба ақидаи ӯ асоси фаҳмиши воқеиятро фаро мегирад, қонуни умумии эволютсия мебошад.

Ба ин тартиб, дар назари Спенсер шинохти илмӣ ва фалсафӣ дар як тамоюли возеҳ қарор мегиранд: аз таҷрибаи эҳсосии мустақим ба сӯи системаи донишҳои умумӣ ва муҷарради фалсафӣ, ки дар он равобити қонуниятноки воқеият дар пояи принсипҳои эволютсионӣ шарҳ дода мешаванд. «Эволютсия ҳамгиро шудани материя ва ҳамроҳшавии ҳаракат аст, ки дар раванди он материя аз ҳолати номуайянии нисбӣ, якхелагии ба ҳам алоқанадошта, ба ҳолати гетерогении нисбатан муайяни ҳамбастагӣ мегузарад; ва дар баробари ин, ҳаракати нигоҳдошта ба тағйироти мувозӣ дучор мешавад» [216, с. 65].

Г. Спенсер, ҳимоя намуда аз дидгоҳи хоси худ, зарурати вуҷуд доштани на танҳо робитаҳои алоҳида, локалӣ ва муҷарради таҷрибавӣ дар воқеиятро (яъне қонунҳои хусусии илмӣ), балки қонунҳои умумии инкишофи худи табиатро низ таъкид мекунад. Ба андешаи ӯ, яке аз чунин қонунҳои фарогир қонуни умумии эволютсия мебошад, ки шарҳи ҳаракат ва тағйироти муттасили сохторҳои табиатро дар бар мегирад.

Бо ин равиш, агар дар фалсафаи Огюст Конт ва Ҷон Стюарт Милл мо воҳидҳои зеринро мушоҳида кунем, муҷаррад дар ҷанбаи онтологӣ – маҷмуи падидаҳо, фактҳо ва ҳодисаҳои воқеӣ ва муҷаррад дар ҷанбаи гносеологӣ – маҷмуи қонунҳои хусусии илмӣ. Махсус дар ҷанбаи идеологӣ – тасвири илмии ҷаҳон ҳамчун низоми маърифатӣ нишон дода

мешавад, пас Г. Спенсер бо илова намудани ақидаи қонунҳои умумии инкишофи табиат доираи фаҳмиши анъанавии ин се ҷанбаро васеъ намуда, зарурати шомил намудани як ҷанбаи иловагии сохториро пешниҳод мекунад. Ӯ чунин қонунҳоро берун аз сохторҳои классикӣ медонад ва онҳоро ҳамчун асоси ташкили сатҳи махсуси гносеологии тасвири ҷаҳон маънидод мекунад, ки на танҳо фаҳмиши воқеиятро, балки равандҳои мутараққии дохилии онро низ дар бар мегирад.

Илова бар ин, Спенсер дар асарҳои худ, аз ҷумла «Асосҳои равоншиносӣ», «Асосҳои биология» ва «Асосҳои ҷомеашиносӣ», зарурати таснифи дохилии худи илмро низ таъкид мекунад. Ба назари ӯ, илм як маҷмуи унсурҳои пароканда нест, балки низоми мутаносиби илмҳои инфиродиест, ки дар як воҳиди умумитарини маърифатӣ ба таври мушаххас ташаккул ёфтаанд. Ӯ чунин мефаҳмонад, ки илм бояд на танҳо маҷмуи фактҳо ва қонунҳои ҷудогона бошад, балки сохтори мураккаби дорои низоми дохилӣ ва сатҳҳои гуногунро низ фаро гирад [216, с. 69].

Аз дидгоҳи методологии Спенсер, дар худи илм метавон чунин сатҳҳоро фарқ кард, ки дар сатҳи умумӣ ба воситаи тасвири умумии илмии ҷаҳон таҷассум меёбад; дар сатҳи махсус, ки ба илмҳои фундаменталии инфиродӣ иртибот дорад; дар сатҳи муҷаррад, ки илмҳои махсуси соҳавиро дар бар мегирад, ки ҳар кадом дар асоси фактҳо, фарзияҳо ва назарияҳои хоси худ амал мекунанд ва сохтори маърифатии мустақилро ташкил медиҳанд.

Бо чунин муносибат, Спенсер ба рушди методологияи илм ва таснифи фалсафии донишҳои инсонӣ саҳми арзишманд мегузорад ва пайванди байни шинохти илмӣ, сохтори маърифатӣ ва эволютсияи табииро дар асоси қонуниятҳои умумӣ нишон медиҳад.

Умуман, намояндагони позитивизми классикӣ ҷузъҳои сохтории зеринро ҷудо мекунанд: далелҳо, падидаҳо ва падидаҳои воқеият (ки мо тавассути онҳо ба сатҳи муҷаррадии ҷанбаи онтологии тасвири олам

ишора мекунем); алоқаҳои устувори ин факту падидаҳои воқеият (сатҳи муҷаррадии ҷанбаи гносеологии тасвири олам); қонуниятҳои умумии инкишофи табиат, «болотар аз ҳар қонунҳои алоҳидаи илмӣ» (масалан, қонуни умумии таҳаввулоти Г. Спенсер), ки мо онҳоро ба сатҳи махсуси ҷанбаи гносеологии тасвири олам нисбат медиҳем; илм ҳамчун воқеияти ниҳоии муттаҳидкунандаи тамоми далелҳо ва қонунҳо ва аз ҷумла форматсяҳои махсуси илмии хусусӣ (ҷанбаи махсуси ҷаҳонбинӣ дар бораи тасвири олам).

Равияи фалсафии эмпириокритисизм, бар хилофи позитивизми классикӣ, диққати худро на ба табиати берунии падидаҳо, балки бевосита ба таҳлили сохтор ва механизмҳои худи тафаккури илмӣ равона мекунад. Яке аз вазифаҳои калидии намояндагони ин мактаб кӯшиши муайянсозии механизмҳои умумӣ ва универсалии ташаккули дониш аст. Мантиқи асосии ин равия дар зарурати таҳлили интиқодии ҳамаҷонибаи раванди маърифатӣ зоҳир мегардад. Он талош мекунад муайян намояд, ки дар кадом ҳолатҳо ва дар кадом соҳаҳо пайванди таҷриба, ки меъёри аслии донишҳои илмӣ мебошад, ба воситаи ҷаҳишҳои беасоси метафизикӣ халалдор мегардад.

Ба ин тартиб, ҳадафи марказии фалсафаи эмпириокритикӣ дар он ифода меёбад, ки таҷрибаро аз ҳар гуна унсурҳои метафизикӣ поксозӣ намуда, заминаи тоза ва беғараз барои шаклгирии тафаккури илмӣ фароҳам оварад. Дар ин замина, эмпириокритикҳо мекӯшанд тафаккури илмиро аз таъсири тафсирҳои метафизикии анъанавӣ раҳо намуда, онро ба шинохти соф ва таҷрибавӣ такя диҳанд.

Дар натиҷаи кӯшиши «поксозии таҷриба» аз таъсирҳои метафизикӣ, эмпириокритикҳо ба он андеша мерасанд, ки «ҷараёни ҳиссиёт» бояд ҳамчун сарчашмаи аслии ҳамаи донишҳои мусбат пазируфта шавад. Ба назари онҳо, фалсафаи позитивӣ, маҳз дар доираи чунин муносибат, метавонад раванди ташаккули объектҳои таҷрибаро, ки ҳамчун «комплексҳои ҳиссиёт» тасвир мешаванд, ба таври объективӣ таҳқиқ

кунад ва тавассути ин таҳлил, роҳи универсалии ташаккули мафҳумҳои илмиро муайян созад.

Яке аз намояндагони барҷастаи ин равия, Эрнст Мах, таъкид мекард, ки ҳар гуна раванди маърифатиро метавон ба таҷрибаи ҳиссӣ (сенсорӣ) баргардонд. Ба андешаи ӯ, маҳз тавассути ҳиссиёт инсон қодир аст мафҳумҳои илмиро бидуни дахолати унсурҳои метафизикӣ ва мутобиқ ба принсипи муттасилии таҷриба дарк намояд [169]. Дар ин замина, мафҳум танҳо ҳамчун идеяи умумӣ баррасӣ мешавад ва дар натиҷа, фарқи қатъӣ миёни донишҳои ақлонӣ ва донишҳои эҳсосотӣ рад мегардад.

Ҳарчанд чунин баробарсозӣ ба таври шартӣ ба назар мерасад, аммо аз ҷиҳати методологӣ асоснок аст: «ҷараёни ҳиссиёт» метавонад якҷоя бо манбаъҳои пайдоиши он ҳамчун падидаҳои махсуси шуур маънидод гардад. Ба ин тартиб, эмпириокритисизм мекӯшад маърифати инсонро дар асоси таҷрибаи холис ва анализи ҳиссиётӣ тавзеҳ диҳад ва бо ин роҳ аз ҳама гуна унсурҳои фалсафаи анъанавии метафизикӣ канораҷӯӣ намояд. Охирӣ, чуноне ки дар боло зикр гардид, бояд ба сатҳи муҷаррадии ҷанбаи онтологии тасвири олам мансуб дониста шавад. Намояндагони равияи эмпириокритикӣ - на танҳо Э. Мах, балки ҳамчунин Р. Авенариус, Р. Вилли, Г. Корнелиус, К. Пирсон ва дигарон - мавҷудияти ҳам қонунҳои илмии хусусӣ (ки ҳамчун муҷаррад дар ҷанбаи гносеологӣ маънидод мешаванд) ва ҳам иерархияи сохтории дохилии илмро (ки ба ҷанбаи идеологии тасвири ҷаҳон иртибот дорад) эътироф мекунанд. Ба гуфте, онҳо бо ин тарз, методологияи маърифати илмиро дар асоси таҷрибаи ҳиссӣ ва таҳлили сохтории дониш мустаҳкам месозанд.

Дар маҷмуъ, намояндагони эмпириокритисизм андешаҳои фалсафӣ ва умумии илмии Огюст Конт, Ҷон Стюарт Милл ва Ҳерберт Спенсерро идома ва равшантар инкишоф медиҳанд. Онҳо консепсияҳои марказии позитивизм, аз ҷумла муносибат ба падидаҳо, фактҳо ва ҳодисаҳои

воқеӣ, ҷанбаҳои ибтидоии ҳиссӣ, принсипи пайдарпайии таҷриба ва принсипи сарфаи фикрро таҳким бахшида, ба таҳлил ва тасвири амиқтари методологияи илмӣ кӯшиш менамоянд.

Бо вуҷуди ин, эмпириокритисизм аз ҷиҳати таълимоти сохтории ҷаҳонбинии фалсафӣ тавсеаи сифатан нав ворид намекунад. Тавре ки таъкид шудааст: «эмпириокритисизм худи предмети фаъолияти таҳқиқотии намояндагони позитивизми классикиро васеъ намекунад» [204, с. 244], ё, ба ибораи дигар, он ягон ҷанбаи нав ва мустақили сохтории тасвири илмии ҷаҳонро дар муқоиса бо позитивизми классикӣ ошкор намекунад.

Дар муқоиса бо ин равия, намоёндагони неопозитивизм (махсусан намояндагони Доираи Вена) равиши фалсафӣ ва илмии худро ба таври васеътар ва амиқтар ташкил медиҳанд. Агар мавзуи марказии омӯзиш дар позитивизм ва эмпириокритисизм ба масъалаҳои ибтидоии фалсафии илм ва асосҳои методологии он равона шуда бошад, пас дар неопозитивизм, доираи масъалаҳо бо истифода аз воситаҳои мантиқи формалӣ, таҳлили забон ва усулҳои ташаккули маърифати илмӣ тавсеа меёбад. Неопозитивизм фундаменталӣ будан ва бузургии аксарияти масъалаҳои бамиёномадаро ошкор намуд. Неопозитивизм ҳамчун ҷунбиши фалсафӣ нақши мусбати (аз бисёр ҷанбаҳо ва бетарафи) метафизикаро дар фаъолияти маърифатии инсоният инкор мекунад. Неопозитивизм бартарии бечунучарои донишҳои махсуси илмиро нисбат ба донишҳои ба истилоҳ «фалсафӣ» тасдиқ мекунад. Агар позитивизми классикӣ вазифаи асосиро дар системаноксозии донишҳои илмӣ медонист, пас дар ин ҷо вазифа ин кор карда баромадани усулҳои таҳлили дониш аст. Ҳарчанд фалсафаи эмпириокритикӣ низ ба таҳлили сохтори дониш ва методологияи илмӣ машғул буд, аммо он ин вазифаҳоро бештар бо такя ба психологияи тафаккури илмӣ ҳал мекард.[129,131,132] Баръакс, неопозитивизм бо истифода аз мантиқи формалӣ ва семантикаи муосир, донишҳои илмиро тавассути таҳлили

имкони ифодаи онҳо дар забон меомӯзад. Дар ин раванд, марказият ба таҳлили забон ва шаклҳои баён дода мешавад.

Дар андешаи намояндагони неопозитивизм, метафизика на танҳо ҳамчун таълимоти дур аз ҳақиқат (чуноне ки дар позитивизми классикӣ қабул шуда буд), балки ҳамчун таълимоти бемаънӣ мавриди интиқод қарор мегирад - агар он аз нигоҳи меъёрҳои мантиқии забон баррасӣ шавад. Ин равиш имкони нави фаҳмиши тасвири фалсафии ҷаҳонро мекушояд, ки дигар бар асоси воқеиятҳои эҳсосӣ ё таҷрибавӣ не, балки дар заминаи сохтори забонӣ ва мантиқи маърифати илмӣ таҳлил мешавад.

Яке аз намояндагони барҷастаи ин равия - Людвиг Витгенштейн, ки ба ташаккули заминаи назариявии неопозитивизм таъсири амиқ гузоштааст, бар он ақида аст, ки: «Ҷаҳон аз фактҳо иборат аст, на аз ашё» [91].

Ба андешаи ӯ, воқеият аз фактҳои элементарӣ (атомарӣ) таркиб ёфтааст ва ин фактҳо дар забон ба воситаи ҷумлаҳои атомарӣ ифода меёбанд. Фалсафаи ҳақиқӣ, аз нигоҳи Витгенштейн, бояд ба ташреҳи амали истифодаи рамзҳои мантиқӣ равона гардад. Ӯ таъкид мекунад, ки тафаккури илмӣ бояд бо забон ҳамгиро (идентификатсия) шавад, яъне ҳудуди забон баробар ба ҳудуди ҷаҳон аст. Дар ин замина, фалсафа на ҳамчун низоми назарияҳои умумӣ, балки ҳамчун танқид ва таҳлили забон амал мекунад.

Витгенштейн таъкид менамояд, ки фактҳои атомарӣ ба таври мустақил арзи ҳастӣ доранд ва онҳо метавонанд асос барои сохтани тамоми ҷумлаҳои мураккаб бошанд. Ҳар ҷумлаи мураккаб, ба гуфтаи ӯ, дар асл аз тавсифи мантиқии ҷумлаҳои содда иборат аст [90].

Комилан равшан аст, ки намояндагони неопозитивизм гуногунрангии фактҳоро ҳамчун шакли ибтидоии ифодаи воқеият дарк мекунанд. Ба андешаи онҳо, гуногунии фактҳо, ки манбаи асосии маърифат мебошанд, ба сатҳи муҷарради ҷанбаи онтологии тасвири

олам мутаносиб аст. Ин фактҳо ба таври мустақил ва элементарӣ арзи ҳастӣ доранд ва дар забон тавассути ҷумлаҳои атомарӣ ифода меёбанд.

Ҷумлаҳои атомарӣ на танҳо фактҳои алоҳидаро дар бар мегиранд, балки алоқаҳои байни онҳоро низ баён месозанд. Агар чунин робитаҳо хусусияти устувор ва такроршаванда пайдо намоянд, дар доираи илм зарурат пеш меояд, ки пешниҳодҳои махсуси назариявӣ барои муайянсозии чунин робитаҳо тарҳрезӣ гарданд [216, с. 244]. Ин робитаҳо, гарчанде ҳамчун далел маънидод мешаванд, на ҳамчун объекти бевоситаи таҷриба пешниҳод мегарданд, балки натиҷаи таҳлили идеалӣ ва мантиқии шуур мебошанд. Яъне, онҳо на додаи таҷриба, балки маҳсули амали маърифатии инсонӣ ва натиҷаи коркарди ақлонӣ мебошанд.

Эътирофи мавҷудияти чунин робитаҳои устувор ва такрорёбанда аз ҷониби намояндагони неопозитивизм имкон медиҳад, ки дар сохтори тасвири онҳо аз ҷаҳон на танҳо ҷанбаи онтологии муҷаррад, балки низ ҷанбаи гносеологии муҷаррадро низ мушоҳида намоем. Ин ҷанбаи гносеологӣ тавассути тасдиқи забонӣ ва мантиқии робитаҳои системавии байни фактҳои элементарӣ ифода меёбад.

Бо ин васила, тасвири ҷаҳон дар фалсафаи неопозитивизм на танҳо аз маҷмуи фактҳо, балки аз системаи забонӣ ва мантиқии муносибатҳои қонуниятноки байни онҳо иборат аст. Забон дар ин равиш нақши калидӣ мебозад: он на танҳо воситаи ифода, балки асоси сохтории худи маърифат ва ҷаҳонбинӣ мебошад. Ҳамин тариқ, дар дохили тасвири олам тибқи фалсафаи неопозитивизм, мо ба таври возеҳ ду сатҳро фарқ карда метавонем - сатҳи муҷарради онтологӣ (фактҳои элементарӣ ва вуҷудияти онҳо) ва сатҳи муҷарради гносеологӣ (алоқаҳои устувори мантиқии байни фактҳо, ки тавассути забон ифода меёбанд).

Намояндагони неопозитивизм, дар ростои анъанаи позитивизм ва эмпириокритисизм, мавҷудияти зерсохтори махсусеро эътироф мекунанд, ки вазифаи он шарҳи далелҳои элементарӣ ва таҳлили

робитаҳо ва пайдарпайии тағйироти байни онҳо мебошад. Ин зерсохтор ба инфрасохтори дохилии худи илм рост меояд, ки тавассути он дониш аз воқеият ҷамъоварӣ, умумисозӣ ва ба низом дароварда мешавад.

Ба андешаи намояндагони ин равия, илм чунин нақшро иҷро мекунад: «Аз фактҳои атомарӣ ҷумлаҳои атомарӣ тартиб медиҳад, онҳоро умумӣ мекунад ва ба бойгонӣ мефиристад» [216, с. 224].

Бо чунин равиш, илм ба ҳайси воситаи асосии маърифат ва ташкили дониш, нақши марказии умумисозии таҷрибаро ба дӯш мегирад. Мисли пешгузаштагони худ - намояндагони эмпириокритисизм ва позитивизми классикӣ - неопозитивистҳо низ неру ва аҳамияти илмро маҳз дар иҷрои ин вазифа мебинанд: табдили фактҳои ҷудогона ба сохтори умумии маърифатӣ, ки тавассути забон ва мантиқи таҳлилӣ амалӣ мегардад.

Ин ба он имкон медиҳад, ки хулосаи муҳим ба миён ояд: дар сохтори «тасвири олам», ки аз ҷониби намояндагони неопозитивизм пешниҳод мешавад, ҷанбаи махсуси идеявӣ низ мавҷуд аст. Ин ҷанба тавассути тасвири илмии ҷаҳон ҳамчун зоҳиршавии ҷаҳонбинӣ ва низоми назариявии дониш ифода меёбад. Ба ибораи дигар, илми мантиқӣ-таҳлилӣ дар фалсафаи неопозитивистӣ на танҳо воситаи баёни воқеият, балки асоси сохтории фаҳмиши умумии ҷаҳон мебошад.

Бояд таъкид кард, ки дар доираи дидгоҳи неопозитивистӣ, илм дар шакли пешрафта ва устувори худ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Ба ибораи дигар, неопозитивистҳо ба илм аз дидгоҳи статикӣ назар мекунанд, ки дар он илм ҳамчун низоми забонӣ ва мантиқии аллакай шаклёфта пиндошта мешавад. Ин равиш, беш аз ҳама, нақши консептуалии забонро ҳамчун воситаи асосии ташаккули маъно ва маърифати илмӣ таъкид мекунад. Дар чунин фаҳмиш, маънои илм тавассути забон муайян мегардад, ва ҳатто бештар аз ин, илм ба забони илм мубаддал мешавад, то ҷое ки моҳияти худи илм, пеш аз ҳама, аз тариқи дониш ва шаклҳои забонӣ шарҳ дода мешавад.

Бо дарназардошти чунин муносибати формализатсионӣ ва таҳлилгароёна, комилан табиӣ буд, ки дар марҳалаи минбаъда равияи нави фалсафӣ - постпозитивизм ба вуҷуд ояд, ки маҳдудиятҳои назарияи забонӣ ва статикӣ будани тасвири илмро нишон диҳад ва ба таҳлили протсессуалӣ, таърихӣ ва танқидии худи илм равона шавад.

Дар марҳалаи аввал, Карл Раймунд Поппер - яке аз асосгузорони постпозитивизм - аҳамияти эвристикии фалсафаро барои рушди худи илм эътироф мекунад [49] ва пешниҳод менамояд, ки илм на бо тасдиқи ҳақиқат, балки бо радшавандагии назарияҳо (фалсификатсия) рушд меёбад. Ба ибораи дигар, илм на барои исбот кардани ҳақиқати мутлақ, балки барои озмоиши устувории фарзияҳо тавассути рад кардани онҳо арзи вуҷуд мекунад.

Дар марҳалаи минбаъда, Томас Кун дар консепсияи маъруфи худ оид ба «парадигмаҳо», таърихи илмро ҳамчун раванди ғайрилогикӣ, порфазавӣ ва марбут ба инқилобҳои илмӣ муаррифӣ мекунад [154]. Ба андешаи ӯ, гузариш аз як парадигмаи илмӣ ба парадигмаи дигар дар «даврaҳои буҳронӣ» амалӣ мегардад, ки бештар ба раванди муборизаи идеологӣ шабоҳат дорад, на ба инкишофи пайвастаи мантиқӣ.

Ин равишро Имре Лакатос бо амсилаи худи «барномаҳои таҳқиқотӣ» такмил медиҳад, ки дар он муборизаи байни назарияҳо ҳамчун мусобиқаи мантиқию методологӣ барои нигоҳдории сохторҳои асосии барномаҳо ва муҳофизати онҳо аз радшавии эҳтимолӣ шарҳ дода мешавад [155].

Равиши радикалии дигари постпозитивизмро намояндагони он ба мисли Курт Ҳюбнер ва Паул Фейерабенд рушд медиҳанд. Онҳо ба он ишора мекунанд, ки бисёре аз консепсияҳои бунёдии илм, аз қабили фазо, замон, сабаб, эҳтимолият, на танҳо характери мантиқию эмпирикӣ, балки решаҳои мифологӣ доранд. Ба андешаи онҳо, фаҳмиши илмӣ аз консепсияҳои маърифати анъанавӣ ва мифӣ ҷудо нест, балки ба таври таърихӣ аз он сарчашма гирифтааст.

Бо ин васила, масъалаи «демаркатсия», яъне муайянсозии хатти равшан ва методологӣ байни миф, илм ва метафизика, яке аз мавзуъҳои баҳсталаби марказӣ дар постпозитивизм мегардад. Постпозитивистҳо нишон медиҳанд, ки чунин ҷудокунӣ на танҳо мушкил, балки дар баъзе ҳолатҳо ғайриимкон аст, зеро методологияи илмӣ низ омехтаи унсурҳои мантиқӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ ва ҳатто арзишӣ мебошад.

Агар дар маркази таваҷҷуҳи неопозитивистҳо таҷрибаи ҳиссӣ ҳамчун асоси дониши илмӣ қарор дошта, илм бар бунёди мушоҳидаҳои эмпирикӣ ташкил меёфт, пас дар постпозитивизм ин асос ба таври куллӣ бознигарӣ мешавад. Намояндагони постпозитивизм бар онанд, ки асоси илмро на таҷриба, балки мафҳумҳои ратсионалӣ ва сохторҳои назариявӣ ташкил медиҳанд. Ба андешаи онҳо, ҳар як факт ё мушоҳидаи эмпирикӣ аз ибтидо «аз ҷиҳати назариявӣ пурбор» мебошад, яъне он бе мавқеи назариявии мушаххас тасаввурнопазир аст.

Дар ин раванд, чунин мафҳумҳои калидӣ, ба монанди ҳақиқат, ақлонӣ, пешрафт ва инкишофи донишҳои илмӣ низ мазмун ва муҳтавои нав касб мекунанд. Постпозитивистҳо ин мафҳумҳоро аз доираи классикии таҳлил хориҷ намуда, ба онҳо паҳлуҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва фалсафии амиқтар илова менамоянд.

Барои муқоиса, дар фалсафаи эмпириокритикӣ, пешрафти илм ҳамчун ҳаракат ба сӯи ҳақиқати мутлақи воқеӣ арзёбӣ намешавад. Ба ҷои он, ин равия пешрафтро ҳамчун тавсеа ва амиқшавии мазмуни худи таҷрибаи эмпирикӣ мешиносад. Яъне, бо васеъ гардидани доираи таҷрибаи мушоҳидавӣ, имкони ташкили назарияҳое, ки тавсиф ва пешгӯии дақиқтари падидаҳои воқеиро фароҳам меоранд, бештар мегардад.

Постпозитивизм аз ин андеша як қадами дигар пеш меравад: на танҳо таҷриба, балки худ назарияҳо ва амсилаҳои илмӣ низ ҳамчун сохторҳои таърихӣ ва тағйирёбанда баррасӣ мешаванд, ки ба таъсири муҳити иҷтимоӣ, забон, парадигма ва ҳатто меъёрҳои арзишӣ

вобастаанд. Ҳақиқат дар ин равиш, дигар арзиши мутлақу абадӣ нест, балки нусхаи муваққатӣ ва беҳтарини фаҳмиши мо аз воқеият, ки ҳамеша метавонад зери шубҳа ва таҷдиди назар қарор гирад.

Дар фалсафаи неопозитивизм, илм бештар ҳамчун низоми изҳоротҳои мантиқӣ ва забонӣ баррасӣ мегардад, ки аз лиҳози дохилӣ систематиконидашуда ва формализатсияшуда мебошанд. Дониши илмӣ, дар ин замина, маҷмуи назарияҳои ба ҳам пайванд ва мантиқан тарҳрезишударо ифода мекунад. Назарияҳои табиатшиносии математикӣ мисоли барҷастаи чунин изҳорот мебошанд, ки ба сифати намунаи комили забони илмӣ хизмат мекунанд.

Дар муқоиса, постпозитивизм диди комилан дигареро нисбат ба илм пешниҳод мекунад. Ба андешаи намояндагони он, илм на як сохтори собити мантиқӣ, балки раванди доимии ивазшавии мазмун ва сохтори донишҳои илмӣ мебошад. Ин раванд дар асоси шаклгирии парадигмаҳои устувор ва динамикӣ сурат мегирад. Маҳз дар ин замина равияи структурализм, ки дар ташаккули худ аз постпозитивизм таъсир гирифтааст, ҳамчун шохаи нави фалсафӣ арзи ҳастӣ мекунад.

Умуман, намояндагони постпозитивизм нигариши консептуалии худро нисбат ба илм дигар мекунанд. Онҳо на танҳо ба масъалаи сербории назариявии фактҳои илмии «эмпирикии бетараф» ишора мекунанд, балки як қатор тезисҳои консептуалии дар неопозитивизм матраҳшударо равшантар таҳлил менамоянд. Бо вуҷуди ин, суоли асосӣ боқӣ мемонад: то куҷо постпозитивизм худи «тасвири олам»-ро ҳамчун сохтори фалсафӣ таҳқиқ мекунад? Ва оё онҳо, бар хилофи неопозитивистҳо, аз сатҳи муҷарради ҷанбаҳои онтологӣ ва гносеологӣ канора гирифтаанд?

Дар посух бояд зикр кард, ки гарчанде аксари намояндагони постпозитивизм асосан ба масъалаҳои мантиқи илм ва равандҳои таърихии рушди илм машғуланд ва аз доираи тасвири илмии олам берун намераванд, бо вуҷуди ин, дар як қатор мавридҳо онҳо ба маҳдудияти

имкониятҳои илм барои сохтани тасвири мукаммали воқеият ишора мекунанд.

Масалан, дар асари маъруфи К. Поппер - «Донишҳои объективӣ. Равиши эволютсионӣ» [49], мафҳуми се ҷаҳони мустақил пешниҳод мешавад: ҷаҳони предметҳои физикӣ (олами табиат); ҷаҳони ҳолатҳои шуур (олами субъективӣ); ҷаҳони идеяҳо (олами маърифат ва фарҳанг).

Поппер ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки ҷаҳони предметҳои физикӣ барои таҳияи тасвири мукаммали олам, кофӣ нест зеро он бо олами идеяҳо ва ҳолатҳои шуур дар иртибот қарор дорад. Ба ин васила, худи асоси онтологии тасвири олам, агар танҳо ба воқеияти физикӣ такя намояд, ноқис ва маҳдуд мемонад.

Илова бар ин, чуноне ки дар боло зикр гардид, далелҳои илмии элементарӣ ба таври ҳатмӣ бо заминаи назариявӣ пурбор мебошанд, ки ин низ гувоҳи он аст, ки чунин фактҳо наметавонанд асоси комили онтологияи илмӣ бошанд.

Бо дарназардошти ҳамаи ин, метавон ба чунин хулоса омад: постпозитивистҳо, гарчанде ки ба таври мустақим ба таҳлили асосҳои онтологӣ ва гносеологии тасвири ҷаҳон намепардозанд, дар як қатор тезисҳо ва ақидаҳои худ ба таври ғайримустақим ба ин масъалаҳо дахл мекунанд. Вале ин дахолат ҳанӯз барои бунёди як тасвири фалсафии мукаммал ва сохтормандшудаи олам кофӣ нест. Он бештар хусусияти рефлексивӣ ва танқидӣ дорад, на амсилаи методологии комили тасвири олам.

Структурализм боз як равияи бонуфузи фалсафӣ мебошад, ки мафҳуми умумиро бар мафҳуми муҷаррад дар осори мухталиф оид ба ҷаҳонбинӣ афзалтар медонад. Структурализм, ҳамчун яке аз равияҳои назарраси фалсафии асри XX, маҷмуи таҳқиқот ва таълимотро дар бар мегирад, ки ба ҷустуҷӯи сохторҳои устувор ва амиқ дар соҳаҳои гуногуни ҳастӣ нигаронида шудаанд. Дар доираи ин равиш, мафҳуми «сохтор» ҳамчун низоми мураккаби муносибатҳои бисёрсатҳавии байни унсурҳои

як маҷмуъ фаҳмида мешавад, ки қобилияти нигоҳ доштани устуворӣ ва ҳамшабеҳиро ҳангоми тағйирёбӣ ва бозсозии унсурҳои таркибии худ доро мебошад.

Ба андешаи намояндагони структурализм, фаҳмиши воқеӣ ва амиқи ҳар гуна падида ё объект маҳз дар натиҷаи таҳлили рефлексивӣ ва консолидатсияи мантиқии сохторҳои зерини он имконпазир аст. Онҳо бар он назаранд, ки сохторҳо, ҳамчун низомҳои муътадил ва устувор, фаҳмиши воқеияти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, забонӣ ва маърифатиро муайян месозанд.

Дар ибтидо, структурализм дар доираи забоншиносӣ ва таҳқиқоти Фердинанд де Соссюр ташаккул ёфт [215], ки ба ҷустуҷӯи сохторҳои дохилии забон ҳамчун низоми аломатҳо равона буд. Дар идома, равияи структуралистӣ дар доираи васеътаре рушд ёфт ва ба соҳаҳои фарҳанг (Ю.М. Лотман), этнография (К. Леви-Стросс), адабиёт ва фарҳанги оммавӣ (Р. Барт), инчунин ба таърихи илм ва низомҳои маърифатӣ (М. Фуко [252]) татбиқ карда шуд.

Дар ҳамаи ин таҳқиқот як равиши хоси муайян кардани сохторҳои устувору трансперсоналӣ, яъне бидуни робитаи мустақим ба субъекти инфиродӣ, мушоҳида мешавад. Ин сохторҳо, ки на аз ҷониби шахсони алоҳида, балки ҳамчун низомҳои объективӣ ва муҷаррад амал мекунанд, имконият медиҳанд то ки на танҳо мантиқи рафтори аъзои инфиродии ҷомеа, балки мантиқи амали худи сохтор фаҳмида ва ташреҳ карда шавад.

Ин сохторҳои «ғайришахсӣ ва объективӣ» ҳамчун низомҳое дарк карда мешаванд, ки тавассути тағйироти дохилии унсурҳояшон, функсия ва идомаи ҳузурии худро нигоҳ медоранд. Ба ибораи дигар, онҳо дорои тартиби муайяни тағйирнопазирӣ дар доираи функсионалии худ ҳастанд ва маҳз ин қобилият ба онҳо имкони шарҳи қонунмандии фаъолияти худи сохторро медиҳад [138, с. 49].

Структурализм дар зинаи таҳаввули худ на ба ҳайси як равияи мустақили фалсафӣ, балки бештар ҳамчун як навъи таълимот ва методологияи муайяни таҳқиқотӣ амал мекунад, ки ҳадафи он асоснок кардани ҷустуҷӯи сохторҳои трансперсоналӣ ва устувор дар низомҳои гуногун мебошад. Дар ин равиш, структурализм бештар нақши зерхатти методологиро мебозад, ки тавассути он равишҳои таҳлилии илмӣ ва фарҳангӣ муттаҳид ва ба низом дароварда мешаванд.

Бо вуҷуди ин, тасдиқи дақиқ ва қатъии он, ки маҳз структурализм ҳамчун методологияи илмӣ ин таҳқиқотро муайян ва низомманд кардааст, то ҳол баҳснок ва зидду нақиз боқӣ мемонад. Бархе аз муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки структурализм на як низоми методологии ягона, балки бештар ба фазои умумии баҳсҳо ва муколамаҳои илмӣ монанд аст. Дар воқеъ, як раъйи маъмул дар байни структуралистҳо вуҷуд дорад, ки мафҳуми методологияи таҳқиқотии онҳо ба таври возеҳ ва умумӣ муайян нашудааст.

Баъзе муҳаққиқон ҳатто бар инанд, ки структурализмро на ҳамчун маҷмуи барномаҳои методологии мушаххас, балки ҳамчун «фазои баҳсҳои кулл ва рефлексивии фалсафӣ» бояд фаҳмид [138, с. 53]. Аз ин рӯ, дар дохили мактаби структуралистӣ, эътилоф ва якдилии методологӣ дар масъалаи мавқеъ ва нақши мафҳуми «сохтор» - новобаста аз он ки таҳқиқот дар соҳаи илм ё фарҳанг сурат мегирад - вуҷуд надорад.

Ин ҳолат нишон медиҳад, ки дар амалия структурализм бештар ҳамчун платформаи мулоҳиза ва таҳлили назариявӣ, на ҳамчун низоми сахт ва рӯшаншудаи методологияи илмӣ баромад мекунад. Мафҳуми «сохтор», ки бояд меъёри таҳқиқоти илмӣ гардад, дар амалӣ шудани таҳқиқот аз ҷиҳати муҳтавои мафҳумӣ ва ҷои методологӣ ҳамоно гуногунфаҳмӣ ва ноустуворӣ дорад.

Бо вуҷуди мавҷуд будани нуқтаи назари гуногун доир ба вазифа ва методологияи структурализм, намояндагони ин равиш дар як масъалаи калидӣ якдиланд: асоси ибтидоии шаклгирии донишро бояд «сохтор»

ташкил диҳад. Ба андешаи онҳо, шаклҳои алоҳидаи падидаҳо, далелҳо ва ҳодисаҳо бояд бар заминаи сохторҳо шарҳ дода шаванд [138, с. 59].

Аз дидгоҳи структуралистҳо, сохтор на танҳо маҷмуи механикии воқеиятҳои алоҳида, балки навъи тамоман дигари ҳастӣ мебошад - сатҳи амиқи воқеият, ки берун аз падидаҳои зоҳирӣ қарор дорад. Ба ибораи дигар, воқеият на бо маҷмуи фактҳо маҳдуд мегардад, балки он дар баробари падидаҳои мушоҳидашаванда ҳамчунин сохторҳоро низ дар бар мегирад, ки онҳо характери шабеҳ, устувор ва танзимгар доранд [138].

Аз ин ҷо метавон ба хулосае расид, ки структурализм ҳамчун равияи фалсафӣ танҳо ба сатҳи муҷарради ҷанбаи онтологии тасвири ҷаҳон маҳдуд намешавад. Ин равиш мекӯшад, ки воқеиятро дар сатҳи амиқтар, дар сатҳи таносубҳо, ҳамбастагиҳо ва сохторҳои бунёдӣ, шарҳ диҳад. Ба андешаи структуралистҳо, сохторро наметавон танҳо ба ягон падида ё воқеияти ҷудогона нисбат дод, зеро он на чизи алоҳида, балки низоми танзими умумии муносибатҳои байни унсурҳо мебошад.

Бо вуҷуди ин, як суоли бунёдӣ матраҳ мешавад: оё сохтор метавонад ҳамчун як универсали умумӣ хизмат кунад, ки қобили фарогирии тамоми гуногунии зуҳуроти воқеиятро дошта бошад? Ба назар мерасад, ки посухи структурализм ба ин суол мусбат аст. Зеро ҳар маҷмуи унсурҳо, сарфи назар аз шакли зоҳирии худ, дорои сохтори дохилии муайян ва мушаххас аст, ки ба он тартибу низоми муайян мебахшад.

Дар ин замина, сохторро метавон ҳамчун мафҳуми бунёдии шинохти фалсафӣ ва илмӣ арзёбӣ кард, ки тавассути он на танҳо объекти омӯзиш, балки усули маърифат ва ташкили дониш низ муайян мегардад. Аз ин рӯ, чунин мафҳумро метавон ба сатҳи махсуси ҷанбаи онтологии тасвири олам мансуб донист. Сохтор дар ин маврид на танҳо абзори тавсиф, балки воситаи системасоз, фаҳмиш ва таркиббанди маърифат мебошад.

Агар, чунонки зикр шуд, намояндагони структурализм маҳдудияти тасвири воқеиятро ҳамчун маҷмуи фактҳои атомарӣ дарк карда, ба ҷои

он мафҳуми сохторро ҳамчун воситаи аслии шинохт ва баён пешниҳод карда бошанд, пас ба таври мантиқӣ бояд чунин натиҷагирӣ кард: биниш ва таҳлили воқеият ба воситаи сохторҳо на танҳо ивазкунандаи шарҳи воқеият аз тариқи фактҳои инфиродӣ, балки дар миёни навъи худи воқеият ва шинохти он мебошад.

Ба ибораи дигар, структуралистҳо бо такя ба сохторҳо, ки хусусияти трансперсоналӣ, устувор ва такроршаванда доранд, дар асл алоқаҳои мураккаби байнивоқеиятиро на дар сатҳи фактҳои алоҳида, балки дар сатҳи худи сохторҳо ҳамчун ташаккули қонуниятҳои амали воқеият баррасӣ мекунанд. Онҳо воқеиятро на ҳамчун маҷмуи воқеаҳои атомарӣ, балки ҳамчун низоми сохторманд ва танзимшуда мебинанд, ки дорои тартиби дохилӣ ва таносубҳои умумикунанда аст.

Аз ин рӯ, эътирофи чунин сохторҳо, ки воқеиятро ҳамчун системаи алоқаҳо, барҳамхӯрданҳо ва бозсозишавӣ муайян мекунанд, ногузир ба эътирофи сатҳи махсуси ҷанбаи онтологии тасвири ҷаҳон мерасонад. Воқеият дигар ҳамчун маҷмуи фактҳои мушоҳидавӣ шарҳ дода намешавад, балки ҳамчун воқеияти сохторманд, ки тавассути сохторҳои амиқ ва назариявӣ муайян мегардад, баромад мекунад.

Аммо аз ин ҷо як паёмади дигари муҳим низ бармеояд: агар воқеият тавассути сохторҳо шинохта шавад, пас худи сохторҳо бояд на танҳо объекти шарҳи онтологӣ, балки объекти шинохт, яъне элементҳои таҳлили гносеологӣ низ бошанд. Ин маънои онро дорад, ки фаҳмиши сохтор ҳамчун воситаи маърифат, ба таври ҳатмӣ ба эътирофи сатҳи махсуси ҷанбаи гносеологии тасвири ҷаҳон меоварад.

Зеро сохторҳо, агарчи дар сатҳи ҳастӣ амал мекунанд, бо шинохти инсонӣ пайвастаанд: онҳо на танҳо вуҷуд доранд, балки бояд *ошкор*, *таҳлил* ва *тавсиф* карда шаванд. Ҳамин тавр, структурализм, новобаста аз эъломи хосияти «ғайришахсӣ»-и сохторҳо, натиҷаҳои маърифатӣ ба бор меорад, ки бо фаъолияти шинохтии инсон иртиботи мустақим доранд. Ҷудо кардани мафҳуми сохтор ҳамчун шакли ибтидоии

фаҳмиши воқеият, ки аз ҳудуди фактҳои атомарӣ фаротар меравад ва тасвиркунандаи низоми мураккаби муносибатҳои устувору такроршаванда мебошад, на танҳо ба сатҳи махсуси онтологии тасвири олам дахл дорад, балки ба таври мантиқӣ ва методологӣ боиси эътирофи сатҳи махсуси гносеологии тасвири ҷаҳон низ мегардад. Ин гузариш муҳим аст, зеро он сохторро ҳам ҳамчун воқеият ва ҳам ҳамчун шакли маърифат ва таҳлил ҷой медиҳад.

Чуноне ки дар боло зикр шуд, ҳар яке аз намояндагони калидии структурализм бо мавзуи мушаххас ва соҳаи махсуси таҳқиқоти худ машғул буд. На Ф. де Соссюр, на К. Леви-Стросс ва на Ю. Лотман ба таври мустақим ба масъалаҳои умумии методологияи фалсафии илм таваҷҷуҳи амиқ зоҳир накардаанд. Бо вуҷуди ин, изҳорот ва таҳлилҳои зиёде, ки дар осори онҳо ба таври пароканда мавҷуданд, имкон медиҳанд, ки тахмини мавҷудияти робитаҳои зарурӣ ва умумиятҳои қонунманд дар асоси сохторҳо баррасӣ шаванд - робитаҳое, ки аз сатҳи оддии муносибати фактҳои ҷудогона фаротар мераванд.

Клод Леви-Стросс, барои мисол, дар асари маъруфи худ *«Тропикҳои ғамгин»* чунин таъкид мекунад:

«Таҳқиқоти фалсафии ман метавонад ба равшан сохтани он робитаҳои муҳим равона гардад, ки на танҳо дар доираи соҳаҳои алоҳидаи илм, балки дар худи сохторҳо амал мекунанд... Ва дар худи этнология низ мо пайваста ба зарурати муайян кардани робитаҳои муайяне рӯ ба рӯ мешавем, ки берун аз маълумоти бевоситаи таҳқиқот қарор доранд...» [нишонаи истинод].

Аз ин ҷо бармеояд, ки фаҳмиши сохторҳо ҳамчун низоми амиқтар ва фаротар аз мушоҳидаи таҷрибавӣ, ҳатто агар аз ҷониби худи муаллифон бо таври қатъӣ ҳамчун методологияи мукаммал шарҳ дода нашуда бошад, дар амал ҳамчун заминаи умумии тафаккур ва шинохт амал мекунад.

Леви-Стросс ба зарурат ишора мекунад, ки мушоҳида ва ташхиси сохторҳо бояд ҳамчун вазифаи махсуси таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи баландтар баррасӣ гардад, зеро ин сохторҳо танҳо дар сатҳи зоҳирии падидаҳо не, балки дар тартибот ва қонуниятҳои дохилии худ ифода меёбанд. Ҳарчанд аксари структуралистҳо аз таъсиси методологияи фалсафии умумӣ канора гирифтаанд, вале изҳороти онҳо нишон медиҳанд, ки сохторҳоро ҳамчун шакли фаротари воқеият ва робитаҳои умумии қонунманд дарк мекунанд. Аз ин рӯ, мумкин аст бо итминон гуфт, ки структурализм дар таҳқиқоти худ ба кашфи робитаҳо ва алоқаҳое равона шудааст, ки берун аз доираи муносибатҳои байни фактҳои инфиродӣ ҷойгир шудаанд. Онҳо ба таври возеҳ, гарчи ғайримустақим, зарурати таҳқиқи сохторҳоро ҳамчун объекти мустақили илмӣ ва фалсафӣ пеш мегузоранд.

Ин гуна андешаҳо дар осори Ю.М. Лотман низ ба таври равшан баён шудаанд. Ӯ, бо пешниҳоди мафҳуми «семиосфера», яъне фазои умумии семиотикӣ, ки дорои гуногунии дохилӣ, сохторӣ ва худтанзимӣ мебошад, ба тавсеаи мафҳуми «сохтор» дар заминаи фарҳанг ва маърифат саҳми назаррас мегузорад. Ба гуфтаи Лотман, семиосфера на танҳо низоми аломатҳо (семиотика), балки муҳити сохторӣ ва қонуниятмандест, ки робитаҳои гуногунсатҳаро ташкил медиҳад.

Ӯ таъкид мекунад, ки берун аз худи фазои семиосфера низ робитаҳое вуҷуд доранд, ки онҳоро наметавон танҳо ба функсияи нишонаҳо нисбат дод. Баръакс, ин робитаҳо хоси худи сохторҳо мебошанд ва ба қонуниятҳои умумибашарӣ ва трансперсоналӣ ишора мекунанд.

Яъне, дар ин ҷо сухан дар бораи шакле аз робитаҳои мустақим меравад, ки тавассути онҳо намунаҳои сохторӣ новобаста аз муҳтавои махсуси семиотикӣ, бо ҳам дар алоқа қарор мегиранд. Ин робитаҳо, ба таъбири дигар, муайянкунанда ва ташкилдиҳандаи низоми умумии сохторҳо ҳастанд, ки берун аз сатҳи зоҳирии аломатҳо, дар сатҳи мантиқ ва тартиботи дохилии низомҳо амал мекунанд.

Ҳамин тариқ, Лотман тавассути мафҳуми «семиосфера» ба он андеша ишора мекунад, ки сохтор ҳамчун ҷузъи устувор ва васеи тасвири воқеият амал мекунад, ки қонунҳои дохилии худро дорад ва метавонад чун воҳиди методологии таҳлил ва маърифат баромад намояд.

Дар асоси таҳлили таълимоти намояндагони структурализм метавон хулоса кард, ки бисёре аз онҳо, ҳадди ақал ба таври ғайримустақим, эҳтимоли мавҷудияти робитаҳо ё қонунҳои кулл ва заруриро эътироф мекунанд, ки хислати «болоформат» (метаформалӣ), «суперструктурӣ» ё «умумисохторӣ» доранд. Ин гуна қонунҳо аз доираи маҳдуди сохторҳои ҷудогона берун рафта, принсипҳои умумигносеологиро таҷассум менамоянд.

Аз ҳамин рӯ, чунин робитаҳои сохторӣ ва қонуниятҳои умумӣ, ки фаротар аз сатҳи мушаххаси таҳқиқот қарор мегиранд, метавонанд ба сатҳи махсуси ҷанбаи гносеологии тасвири ҷаҳон нисбат дода шаванд. Онҳо ҳамчун воситаи таҳлили ақлонӣ ва абстрактӣ на танҳо дар фаҳмиши сохторҳо, балки дар бунёди амсилаи маърифатӣ ва усули таҳқиқи воқеият нақши калидӣ мебозанд.

Агар ба структурализм ҳамчун як равияи фалсафии муосир назар афканем, ки дар худ таҳқиқоти фарҳангӣ, илмӣ ва иҷтимоиро муттаҳид мекунад, пас он бештар на ҳамчун мактаби фалсафии дорои догмаҳои устувор, балки ҳамчун шакли махсуси дискурси методологӣ ва таҳқиқоти консептуалӣ баромад мекунад. Яъне, структурализмро метавон шартан ҳамчун намунаи дискурси муҷарради таҳқиқотӣ тафсир кард, ки дар доираи он воқеият тавассути сохторҳо ва робитаҳои трансперсоналӣ дарк карда мешавад.

Дар чунин шарҳ, унсурҳои бунёдии структурализмро метавон ба таври зайл муқаррар намуд: сохторҳо ҳамчун шаклҳои устувор ва пинҳонии воқеияти объективӣ муайян шуда, унсурҳои мушаххас, ки сохторҳоро ташкил медиҳанд ва гуногунии зоҳирии падидаҳоро инъикос мекунанд ва робитаҳои устувор ва зарурӣ, ки байни унсурҳои сохторӣ

амал мекунанд ва асоси амали худи сохторро муайян месозанд. Алоқаҳои умумӣ ва қонуниятҳои сохторӣ, ки хусусияти куллӣ доранд ва ба таври абстрактӣ моҳияти сохторро ифода мекунанд ва метавонанд ба сатҳи махсуси маърифатӣ-гносеологӣ мансуб шаванд. Ҳамин тариқ, структурализм бо вуҷуди гуногунандешии дохилӣ ва набудани методологияи пурра формализатсияшуда, дар амал таҳкурсии равиши мушаххаси маърифатӣ ва таҳлили фалсафии воқеиятро ташкил медиҳад. Он тавассути мафҳуми «сохтор» на танҳо ба фаҳмиши воқеият, балки ба ташкили мантиқ ва методологияи таҳқиқи он замина мегузорад.

Агар унсурҳои сохтории дар боло баррасишударо ба воситаи «призма»-и мафҳуми тасвири олам бинем, метавон тақсимбандии зеринро пешниҳод кард, ки ҷанбаҳои гуногуни онтологӣ ва гносеологии маърифатро фаро мегирад:

1. Мафҳуми сохтор, ки ҳамчун низоми умумии танзими воқеият фаҳмида мешавад, бояд ба сатҳи махсуси ҷанбаи онтологии тасвири ҷаҳон нисбат дода шавад. Зеро сохтор ифодаи устувории тартибот ва таркиби умдаи ҳастӣ аст, ки берун аз падидаҳои ҷудогона амал мекунад.

2. Мафҳуми унсури сохтор, ки унсури мушаххаси сохториро ифода мекунад ва дар муҳити сохторӣ амал мекунад, ба сатҳи муҷарради ҷанбаи онтологии тасвири ҷаҳон рост меояд. Чунки ҳар унсур ҳамчун воҳиди вуҷуд дар сохтор, дар заминаи тасвири онтологии воқеият ҷой мегирад ва бо сохтори умумӣ дар ҳамгироист.

3. Алоқаҳои кулл ва зарурӣ, ки дар мафҳуми «қонунҳои умумии сохторӣ» таҷассум меёбанд ва таносубҳои трансструктуралии доимӣ ва абстрактиро ифода мекунанд, бояд ба сатҳи махсуси ҷанбаи гносеологии тасвири ҷаҳон мансуб дониста шаванд. Зеро ин қонунҳо, ҳамчун шаклҳои маърифати умумисоз, таҷассумгари низоми фаҳмиши ақлонии воқеият мебошанд.

4. Алоқаҳои устувор ва такроршавандаи байни унсурҳои сохтор, ки ҳамчун «қонунҳои элементарӣ» маънидод мешаванд, ба сатҳи муҷарради

ҷанбаи гносеологии тасвири ҷаҳон дахл доранд. Чунин қонунҳо робитаҳои мустақим ва мушаххаси фаҳмиши илмиро ташкил медиҳанд ва дар заминаи таҳлили таҷрибавӣ, мантиқӣ ва назариявӣ амал мекунанд.

Хулоса, фаҳмиши фалсафии сохтор ва ҷузъҳои он дар заминаи тасвири ҷаҳон имкон медиҳад, ки ҳар сатҳ ва робита дар як низоми маърифати фалсафӣ ҷойгир карда шавад. Ин мувофиқат миёни сохторҳои воқеият ва шаклҳои маърифат, ки тавассути ҷанбаҳои гуногуни онтологӣ ва гносеологӣ ба тасвири олам медароянд, асоси методологии структурализмро ҳамчун равиши универсалии фаҳм ва таҳлил муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, структурализм, ки яке аз равияҳои муҳимми фалсафаи асри XX мебошад, диққати асосиро ба сохторҳои амиқи забонӣ, фарҳангӣ ва фикрӣ равона мекунад. Ин равия кӯшиш мекунад, ки муносибати байни унсурҳои фикр ва забонро барои фаҳмидани воқеият ва тасвири олам таҳлил кунад.

Аз нуктаи назари намояндагони структурализм мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад ҳамчун қисмҳои таркибии системаи маърифат ва забон амал мекунанд. Мафҳумҳои кулл ба системаи нишонаҳо ва қоидаҳое мансубанд, ки маънии умумиро ташкил медиҳанд. Масалан, мафҳуми «инсон» ҳамчун як мақулаи кулл танҳо дар иртибот бо дигар мафҳумҳо маъно пайдо мекунад.

Фердинанд де Соссюр, яке аз поягузорони структурализм, ишора мекард, ки маъно на дар худи аломатҳо, балки дар робитаи байни онҳо қарор дорад. Аз ин ҷост, ки мақулаҳои махсус ва муҷаррад ҳамчун мавқеъҳои муайян дар шабакаи маънии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фаъолият мекунанд.

Клод Леви-Строс низ ин нуктаро тақвият дода, нишон медиҳад, ки фарҳанг ва тафаккури инсонӣ ба воситаи сохторҳои кулл (универсалӣ) кор мекунанд, ки дар зеҳни инсон ҷой доранд. Дар ҳамин замина, ҳар як падидаи хос ва ҷузъ дар системаи умумӣ маъно пайдо мекунад.

Хулоса, намояндагони структурализм мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррадро ҳамчун қисмҳои зарурии шабакаи маъно ва шинохт дарк мекунанд, ки барои ташаккули тасвири олам нақши асосӣ мебозанд. Дар чунин самтҳои фалсафӣ, ба монанди онтологияи Н. Ҳартман, онтологияи бунёдии М. Ҳайдеггер, экзистенсиализми Ж.-П. Сартр [207], позитивизми классикӣ, эмпириокритисизм, неопозитивизм, постпозитивизм ва структурализм, новобаста аз шартии муайяни тартиби гузориши масъала, дар тафсири унсурҳои асосии тасвири ҷаҳон ба мафҳуми «умумӣ» бештар аҳамият дода мешавад. Яъне, дар таҳлилҳои назариявии ин равияҳо мафҳумҳои умумисоз, умумисатҳӣ ва умумиқонунманд ба сифати зербинои фаҳмиши воқеият баррасӣ мегарданд.

Дар ин замина, феноменологияи Э. Гуссерл низ кӯшиши асоснок кардани мафҳуми «падида» ҳамчун зоҳироти муҷаррад дар доираи дониши маърифатшиносӣ менамояд. Аммо дар ин равиш мушкилоти диалектикии ҳамзистии «муҷаррад» ва «умумӣ» дар худи падида ба миён меояд. Зеро падидаро, ки бояд ҳамчун таҷассум ё ифодаи инфиродӣ баррасӣ гардад, худи Гуссерл дар таҳлили худ ба таври мушаххас ҳамчун моҳияти умумӣ низ шарҳ медиҳад. Дар натиҷа, дар тафсири мафҳуми падида духӯрагии онтологӣ ва номуайянии консептуалии равиши феноменологӣ ба вуҷуд меояд. Ин зиддият ба таври возеҳ масъалаи бархӯрди байни инфиродӣ ва универсалиро дар маркази таҳлили феноменологӣ қарор медиҳад.

Ҳамин тариқ, ҳарчанд равияҳои фалсафии мазкур усулҳои гуногуни таҳлили маърифат ва ҳастиро пеш мегузоранд, аммо дар аксари онҳо тамоюли умумиёт бахшидан ба «умумӣ» ҳамчун шакли асосии ташаккули тасвири олам мушоҳида мешавад. Дар айни замон, равияҳое ба монанди феноменологияи Гуссерл нишон медиҳанд, ки муҷаррад ва умумӣ дар фаҳмиши онтологӣ ва гносеологӣ на ҳамеша бо сарҳадҳои

возеҳ ҷудо мешаванд, балки дар як самти таҳлил метавонанд ба таври ҳамзамон амал кунанд.

4.2. Ягонагии мақулаҳо дар ташаккули ҳастӣ ва тасвири илмии олам дар афкори фалсафии постмодернистӣ

Ҳангоми баррасии нақши мафҳумҳои муҷаррад ва махсус дар фалсафаи асри XX, махсусан дар нимаи дуюми он, ба равияҳои фалсафии постмодернистӣ рӯ меорем, ки дар доираи истилоҳи умумии постмодернизм муттаҳид мешаванд [160]. Яке аз чеҳраҳои калидии ин ҷараён Мишел Фуко маҳсуб меёбад, ки осори ӯро метавон ҳамчун дастгоҳи фаҳмиши умумии назарияҳои асосии постмодерн арзёбӣ кард.

Дар маҷмуъ, фалсафаи постмодерн бо пешниҳоди дидгоҳи нави таҳлили фарҳанг ва субъект таваҷҷуҳро ба шаклҳои ғайрианъанавии тафаккур ҷалб менамояд. Аз нигоҳи намояндагони ин равия, субекти мутеи фарҳанг ҳамчун воқеият вуҷуд надорад ва наметавонад ҳам дошта бошад, зеро худи мафҳуми «фарҳанг» дар тафсирҳои муосир шакли хеле умумӣ, номуайян ва сермаъно гирифтааст.

Дар чунин шароит, равишҳое, ки ба таҳлили шуури фаъол ва субъекти шинохт нигаронида шудаанд, дар баъзе мавридҳо метавонанд ба тафсири таҳрифшудаи воқеият бирасанд. Фалсафаи муосир, ки зуҳуроти ғайрисубъективӣ, ғайрипредметӣ ва ғайриобъективиро дар маркази диққат қарор медиҳад, хоси он аст, ки на мавзуи муҳокима ва на худи воқеиятро ба таври анъанавӣ муайян намекунад. Дар ин замина, Феликс Гваттари, яке аз муҳаққиқони барҷастаи постмодернизм, бар он аст, ки фалсафаи муосир бояд ҳамчун тасвири дастаҷамъонаи маъноҳои гуногун ва муҳокимаронӣ баромад кунад, яъне симои ҷамъбастии мубоҳисаҳои матнӣ ва фарҳангиро дар худ таҷассум намояд [98, с. 17].

Яке аз сарчашмаҳои бунёдии равиши постмодернистӣ, махсусан дар заминаи таҳлили фарҳанг ва маърифат, дар осори Мишел Фуко зуҳур меёбад. Дар китоби маъруфи худ *«Таърихи девонагӣ дар замони муосир»* муаллиф ба таҳқиқи трансформатсияи назарияҳои консептуалии марбут ба мантиқ, шинохт ва фарҳанги таърихии муосир пардохтааст. Ба гуфтаи Фуко, моҳияти ҳар як идеяе, ки дар матни фарҳангии даврaи муайян арзи

ҳастӣ мекунад, дар доираи низоми мушаххаси маъноҳои таърихӣ шакл мегирад. Ин гуногунии маъноҳо, ки дар қолаби «полифонияи маънӣ» таҷассум меёбад, дар навбати худ сабаби пайдоиши зиддиятҳои бунёдӣ мегардад ва ба таври мутавозин тамаддуни замонаро муайян мекунад.

Фуко таваҷҷуҳро ба ин нукта ҷалб мекунад, ки фарҳанги ҳар давра бояд ҳамчун падидаи худшинос ва худтанзимкунанда фаҳмида шавад, яъне на дар заминаи меъёрҳои беруна, балки тавассути ифодаи дохилии худи он давра. Дар робита ба ин, ӯ истилоҳи *«бостоншиносӣ»*-ро ҷорӣ месозад, ки бар зарурати таҳқиқи фарҳанг ҳамчун низоми маъниҳои сохторёфтаи дохилӣ таъкид мекунад. Аз дидгоҳи ӯ, падидаи фарҳангӣ бояд ҳамчун воқеияти мустақил ва пурра амалкунанда мавриди баррасӣ қарор гирад.

Ин маҷмуъи маъноҳо ва сохторҳои фарҳангӣ, ки ҳар кадом таърихи ташаккули консептуалии худро доранд, дар маҷмуъ фарҳангро ҳамчун низоми пайвастаи арзишҳои маънавӣ ташкил медиҳанд. Хусусияти фарқкунандаи чунин низом дар он аст, ки маънӣ ва шаклҳои ифодаи фарҳанг ҳамеша дар иртиботи дохилӣ ва муттасил бо ҳам қарор доранд. Ҳар як унсур ё идея дар ин низом маънии лингвистӣ ва семантикии худро пайдо мекунад ва ба забон табдил меёбад.

Дар ин замина, Фуко мафҳуми *дискурсро* ҳамчун ифодаи забонӣ ва маъноии таҷассумгари воқеият дар доираи матнҳои фарҳангӣ ҷорӣ менамояд. Ба андешаи ӯ, ҳама гуна фаъолияти инсонӣ ва порчаҳои фарҳангро метавон дар қолаби забон ва дискурси маънавӣ таҳлил намуд. Бо ин назардошт, тафсири фарҳангро Фуко ҳамчун «суҳбати муҷаррад» тасвир мекунад, ки дар он ҳар як идея, маъно ва ифода ҳамчун ҷузъи низоми умумии шинохт ва гуфтугӯи таърихӣ зуҳур меёбад [252; 228].

Чуноне ки М. Фуко таъкид мекунад, мубоҳиса танҳо бо «суханҳо ва чизҳо» маҳдуд намешавад, балки тамоми давраҳои таърихиро низ дар бар мегирад. Ҳарчанд ки ҳар як марҳалаи таърихӣ дар ниҳоят тавассути як майдони мушаххаси дискурсивӣ шинохта мешавад, вале дар дохили

он на якрангӣ, балки бархӯрди пайвастаи дурнамо ва маъниҳои гуногун зуҳур меёбад. Маҳз ин бархӯрдҳо боиси ташаккули *маҳзи маъноӣ* ё *эпистема*-и хос мегарданд, ки дар доираи он сохтор ва низомҳои гуногуни фарҳангӣ, илмӣ ва иҷтимоӣ - дар иртиботи муайян бо воқеияти таърихӣ - ба вуҷуд меоянд. Дар ин замина, ҳар як давраи таърихӣ бо эпистемаи вижаи худ фарқ мекунад, ки маҳдудиятҳо ва имкониятҳои шинохт ва баёнро муайян месозад. М. Фуко се чунин даврароро (ва мутаносибан, се эпистемаро) ҷудо мекунад: даврои Таҷаддуд, даврои Замони нав ва даврои муосир. Ба даврои Таҷаддуд эпистемае хос аст, ки тамоми осори фарҳангиро тавассути тасвирҳои идеалӣ пуштибонӣ мекунад; эпистемаи Замони нав «кӯшиш» мекунад, ки ба ҳама чиз мақоми ақлонӣ диҳад ва эпистемаи Замони муосир ҳар як падидаро ба дараҷаи илмӣ мебардорад. Дар фаҳмиши М. Фуко, ҳар як марҳалаи таърихӣ дорои эпистемаи худ мебошад - низоми маъноии хос, ки принсипҳои иртибот байни «калима» ва «чиз»-ро муайян месозад. Ин эпистема на танҳо зоҳиркунандаи мазмуни илмӣ ё фарҳангӣ, балки чаҳорчӯбаи умумии шаклгирии дискурси даврои муайян мебошад. Он дар амалияи забонии ғайришахсӣ ҷой гирифта, ба воситаи равандҳои тавсиф, тавлид ва иртибот миёни унсурҳои маънавӣ, матни фарҳангии замонаро ташкил медиҳад. Дар натиҷа, мафҳумҳои илмӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, образҳои динӣ ва арзишҳои эстетикӣ ҳама дар доираи ин таркиби маъноӣ шакл мегиранд ва ба як низоми фаҳмиши таърихӣ тааллуқ доранд.

Фуко таъкид мекунад, ки маҳз дар ҳамин иртибот дискурсҳои даврааҳои мухталифи таърихӣ ба вуҷуд меоянд ва падидаҳоро на худи воқеият, балки муносибати маъноӣ ва забонӣ муайян мекунад. Ӯ ба ин хулоса мерасад, ки дониш, бахусус дар самти илмҳои гуманитарӣ, наметавонад пурра бо такя ба муносибати анъанавии субъектӣ-объектӣ ва қонуниятҳои сабабӣ-натиҷавӣ маънидод гардад. Баръакс, барои фаҳмиши воқеияти иҷтимоӣ ва маънавӣ зарур аст, ки тавассути майдони

забонӣ ва муҳити семантикии тафсир (яъне тавассути дискурс) амал карда шавад.

Дар ин замина, саволҳое, ки Фуко мегузорад, дорои аҳамияти методологӣ мебошанд. Масалан: «Оё тиб, грамматика ё иқтисоди сиёсӣ воқеан системаҳое ҳастанд, ки ба таври ретроспективӣ ба вуҷуд оварда шудаанд? Шояд онҳо танҳо шаклҳое бошанд, ки якбора муайян шуда, бо гузашти вақт такмил ёфтаанд?» Ё, ба таври мушаххастар, «Оё мафҳуми девонагӣ дар асри XVII ва имрӯз ба як падидаи мушобеҳ ишора мекунанд?»

Ин пурсишҳо Фукоро ба хулосае мерасонанд, ки худи истилоҳи «девонагӣ» на як объекти воқеии доимӣ, балки маҷмуи таҷрибаҳои гуногун аст, ки дар доираи дискурсҳои муайян шакл гирифтаанд: ташхисҳои тиббӣ, усулҳои муолиҷа, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии арзёбӣ. Аз ин рӯ, маънии «девонагӣ» вобаста ба давра ва дискурси фарҳангӣ дигар мешавад, на дар асоси хусусияти яктарафаи илмӣ ё табиӣ.

Ҳамин намуна ба таври равшан муносибати методологии Фукоро ба таҳлили падидаҳои фарҳангӣ нишон медиҳад ва нақши муҳимашро дар шаклгирии назарияи постмодерн, ки маъно, ҳақиқат ва донишро ҳамчун сохторҳои забонӣ ва таърихӣ мешиносад, таъйид менамояд.

М.Фуко осори фарҳангӣ ва падидаҳои фарҳангиро ҳамчун додаҳои хударзишманд муайян карда, ба ин васила, гӯё дар консепсияи худ сатҳи муҷаррадии ҷанбаи онтологии тасвири оламро муайян мекунад. Мишел Фуко таъкид менамояд, ки осори фарҳангӣ, ки мо онҳоро ҳамчун арзишҳои бебаҳои маънавӣ мепазирем, дар асл тавассути шабакаи маъноҳои гуногун ва забонӣ муайян мегарданд, ки решаи онҳо ба эпистема бармегардад. Яъне, ҳар як эпистема дар доираи худ на танҳо низоми маъноҳоро асоснок мекунад, балки он воситаест, ки арзиш, моҳият ва дараҷаи муҷаррадии падидаҳои тамаддуни инсонӣ тавассути он муайян ва шакл дода мешаванд.

Дар заминаи чунин равиш, эпистема на танҳо системаи маънии таърихист, балки механизми фароҳамкунандаи хусусият ва аҳамияти иҷтимоӣ ва фарҳангии падидаҳо низ мебошад. Мутаносибан, метавон гуфт, ки дар консепсияи Фуко эпистемаҳо нақши сатҳҳои онтологии тасвири ҷаҳони инсонро иҷро мекунанд. Онҳо шаклҳои мушаххаси маъносозиро ташкил медиҳанд ва нуктаҳои гиреҳии маъноиро дар матни забонӣ ва дискурси муайян ба вуҷуд меоранд [252].

Аз ин лиҳоз, худи дискурс, ки дар назарияи Фуко ба ҳайси заминаи забонии таҷаллии маъно амал мекунад, дар айни ҳол ба сифати майдони муҷаррад, яъне сохтори маъноии ғайришахсӣ ва таърихан муайяншуда, зоҳир мегардад. Ба ибораи дигар, дискурс дар фаҳмиши Фуко на танҳо воситаи ифода, балки худ шакли онтологии тасвири ҷаҳони иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошад.

Ҳамин тавр, бо як дараҷаи муқаррарӣ, дар заминаи ҳадафҳои мо рисолаи «Онтологияи дискурс»-и М. Фукоро ба таври мухтасар баррасӣ карда, муайян мекунем, ки тамоми гуногунии осори мухталифи фарҳанги башарӣ ба сатҳи муҷарradии ҷанбаи онтологии тасвири олам; эпистемаҳои ҷудокардаи ӯ - ба сатҳи махсуси ҷанбаи онтологии тасвири олам ва дискурс ҳамчун як майдони муҷарради забонӣ, маъносоз - ба сатҳи умумии ҷанбаи онтологии тасвири олам тааллуқ доранд.

Агар Мишел Фуко фарҳанги башариро ҳамчун низоми робитаҳои дискурсивии байни аломатҳо ва маъноҳо таъриф намояд, пас ин муносибатҳо метавонанд ҳамчун як сохтори умумии матнӣ фаҳмида шаванд. Аз ҳамин ҷиҳат, Жак Деррида бар он ақида аст, ки тамоми воқеияти маърифатӣ ва маънавӣ дар шакли матн таҷассум ёфтааст. Ӯ дар яке аз асарҳои асосии худ «Дар бораи грамматология» таъкид мекунад: «Ба ғайр аз матн, чизи дигаре вуҷуд надорад» [119].

Ба андешаи Деррида, ҳар гуна тасвири воқеият - хоҳ таърихӣ, хоҳ фарҳангӣ - на чизи мустақил, балки як бахши матн аст, ки метавонад таҳти таъсири шакл ва иртиботҳои дохилии дискурс маънидод шавад. Ӯ

пешниҳод мекунад, ки факту маърифати воқеиятро дар доираи экспликатсияҳои забонӣ ва матнии дискурсивӣ таҳқиқ бояд кард [119, с. 371].

Аз ин нукта, Деррида хулосаи калидиро баён мекунад: тафсири ягона ва қатъӣ аз матн ғайриимкон аст. Ҳар матн, новобаста аз сохти зоҳирии он, ҳамеша имкони шарҳҳои гуногун ва гуногунсамтро дар худ нигоҳ медорад. Ӯ менависад, ки «ба ҷои қабули маънии ягонаи матн, мо бояд ҳамеша ҷустуҷӯи маъноҳои алтернативӣ кунем, зеро ҳар кӣ меҷӯяд, дар ниҳоят хоҳад ёфт. Усули деконструктивии мо маҳз ба ҳамин нигошта шудааст» [119, с.416].

Ҳангоми татбиқи усули деконструксия, ба андешаи Деррида, худи матн аз дохил «чаппа мешавад» - на ба маънои фурӯпошӣ, балки ҳамчун шакли таҷдиди худ ва зуҳури пайвастаи маъноҳои нав. Дар чунин ҷараён, матн ба манбаи ташаккули тасаввуроти тоза, образҳо ва фикрҳои фалсафӣ мубаддал мешавад. Ин равобити пинҳони маъноӣ байни матн ва хонанда ва равиши бозсозии фаҳмишро Деррида деконструксия меномад.

Чуноне ки ӯ қайд мекунад, барои деконструксия таърифи ниҳоӣ ва собит додан номумкин аст. Бо вуҷуди ин, Деррида дар осораш ишора мекунад, ки деконструксияро метавон ҳамчун «рӯйнамоии мафҳуми навбатии семантикӣ дар дохили худи матн» фаҳмид [120]. Ба ин тартиб, дар ҳар як китоби хондашуда, филми дидашуда ё ҳодисаи маънавии таҷрибанашуда, имкони пайдо кардани маънои тоза вуҷуд дорад. Аз ҳамин ҷиҳат, деконструксия на танҳо усули хондани матн, балки шакли фаъолонаи маъниофарии инсонӣ аст.

Усули деконструксия, ки аз ҷониби Жак Деррида тавсеа ёфтааст, имконият фароҳам меорад, ки ҳар дафъа ба воқеият аз зовияи нав нигариста шавад, маънои нав офарида шавад ва тавассути бозсозии маъноӣ, худи объект ё падида бо шакли тоза эҷод гардад. Деррида борҳо таъкид менамояд, ки бо ёрии деконструксия мо на танҳо маъниро

меофарем, балки низоми пурраи бозсозии маънавии воқеиятро таъсис медиҳем: *«мо норавшании тобишҳои семантикии субъектро ба вуҷуд меорем»* [120, с. 313]. Ба ибораи дигар, деконструксия на танҳо шарҳи матн аст, балки механизми тавлиди воқеияти маънавист.

Аз ин рӯ, чунин равишро метавон ҳамчун равиши онтологӣ ба тасвири олам дарк кард. Зеро Деррида на бо воқеияти объективии илмӣ, балки бо маҳсулоти маънавии фарҳангии инсон сару кор дорад. Ӯ тавассути деконструксия матнҳо ва истилоҳоти фарҳангиро «аз нав меофарад» ва бо ин восита, нишон медиҳад, ки маъно ҳамеша ҳолати тавлидӣ дорад, на ниҳоӣ. Аз ин лиҳоз, деконструксия равишест, ки муҷаррад, нотакрор ва бемислро падид меорад. Ин ба мо имкон медиҳад, ки бигӯем: *объектҳои муҷаррад* ҳамчун маъноҳои алтернативӣ ва нави маънавӣ тавассути усули деконструксия шакл мегиранд. Ба таври куллӣ, деконструксия худ муҷаррад нест, балки механизми болоравӣ ба сатҳи муҷаррад аст, ва тавассути он, дастрасӣ ба ҷанбаи онтологии тасвири маънавии олам имконпазир мегардад.

Ҳамзамон, дар доираи ҷараёни постмодерн, андешаҳои Деррида бо назариёти Жил Делёз - файласуфи дигари нуфузманд ва ҳамасри ӯ - ба гунае ҳамсӯ мебошанд. Делёз дар асари *«Фалсафа чист?»* (бо ҳаммуаллифии Ф. Гваттари) таъкид мекунад, ки мақсади фалсафа офаридани консептҳо аст. Ин консептҳо, бар хилофи мафҳумҳои илмӣ, на ҳамчун воситаи тавсифи ҳолатҳои мушаххаси воқеият, балки ҳамчун порчаҳои худтанзими маънӣ амал мекунанд. Аз нигоҳи ӯ, консептҳо дар доираи нақшаи имманентӣ (мабнои маънавӣ ва мантиқии дохилии фалсафа) ҷойгир буда, ба худи худ муроҷиат мекунанд ва мустақил аз истиноди объекти зоҳирӣ мебошанд.

Фарқи куллӣ миёни консепт ва мафҳуми илмӣ дар он аст, ки мафҳумҳои илмӣ ҳамеша ба ашё ва ҳолатҳои мушаххас иртибот доранд, бо такя ба мантиқ ва қонуниятҳои таҷрибавӣ фаҳмида мешаванд ва дар як «ҳамвории истинодӣ» фаъолият мекунанд. Консептҳо бошанд, ба

маънии «тозаи фалсафӣ» наздиктаранд ва худбунёд, худмонӣ ва худмуаррифанд - онҳо маъниро на аз берун, балки аз сохти дохилии худ мегиранд.

Дар маҷмуъ, ҳам Деррида ва ҳам Делёз бо роҳҳои худ нишон медиҳанд, ки маъно - ҳатто дар шаклҳои «муҷарради фалсафӣ» - ҳаргиз ҳолати ниҳоӣ надорад, балки тавассути усули таъвил, бозсозӣ ва тафсири нав пайваста дар ҳоли ташаккул ва таҷдид қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳарду равишро метавон ҳамчун усулҳои онтологияи муҷаррадии маъноӣ дар фалсафаи муосир тавсиф намуд.

Дар фалсафаи Жил Делёз, фарқ байни нақшаи истинодӣ ва нақшаи имманентӣ амиқан муҳокима шудааст. Ба гуфтаи ӯ, нақшаи истинодӣ (référentiel) ҳамеша тобеиятро нисбат ба мазмуни муайяни предметӣ ифода мекунад. Ин гуна низом ба маъно ва объекте, ки берун аз худи тафаккур қарор дорад, истинод мекунад. Баръакс, нақшаи имманентӣ (immanence) шакли озодонаи тавлиди фикр аст, ки аз зарурати ботинии худи тафаккур сарчашма мегирад ва бар асоси имконияти худмуайянкунии маънӣ амал мекунад. Ин фазо – фазои имманентӣ – ҳамчун муҳити худтанзим ва худасос барои рушди консептҳои фалсафӣ амал мекунад. Ба гуфтаи Делёз, ин ҳаво ба ҳавои транссендентӣ муқобил аст, ки бо вобастагӣ ба қудратҳои беруна, худнафъӣ ва маҳдудиятҳои мантиқӣ хос аст.

Намунаи низомҳои транссенденталӣ, ба ақидаи Делёз, андешаҳои платонӣ ва субъекти транссенденталии Эммануил Кант мебошанд, ки ба ҳукми манбаъҳои беруна фикрро мепайванданд [114]. Вале тафаккури воқеии фалсафӣ, баръакс, бояд комилан имманент бошад, яъне на бар пояи меъёрҳои беруна, балки дар асоси сарчашмаҳои дохилии худ ташаккул ёбад. Маҳз дар ҳамин моҳияти фалсафасозӣ (philosophizing) ҷой дорад: офаридани консептҳое, ки реша дар худи тафаккур доранд, на дар объекти мушаххаси берунии шинохт.

Аз нигоҳи Делёз, ҳар як файласуфи бузург бо консептҳои худ шинохта мешавад. Масалан, консепти «cogito» (ман меандешам, пас ҳастам) дар фалсафаи Р. Декарт, ки бо идеяи Худо иртибот дорад; ё «иродаи қудрат» ва «майли зиндагӣ» дар низоми фикрии Ф. Нитше. Консептҳо ҷудогона нестанд, онҳо бо ҳам иртибот доранд ва дар сохтори фалсафӣ ба ҳам пайвастаанд.

Худи Делёз низ консепти фалсафии хоссаи худро пешниҳод мекунад – «яккаву бетакрории ҳастӣ», яъне фаҳмише, ки ҳастиро на ҳамчун шакли такроршаванда, балки ҳамчун падидаи ягона ва беназир дарк мекунад. Ба гуфтаи ӯ, фалсафа на танҳо бо онтология алоқаманд аст, балки дар асл метавонад танҳо дар қолаби онтология амалӣ гардад: «Фалсафа бо онтология меомезад» [116, с. 39].

Боз як нуктаи муҳим дар фалсафаи ӯ ин аст, ки муҷаррад на ҳамчун унсури шинохтнопазир, балки ҳамчун шакли воқеии мавҷудият дарк мешавад. Яъне, ҳар гуна тафовут ва муҷаррад на дар шакли абстраксияи холӣ, балки дар зери шакл ва воқеияти дигар зуҳур мекунад ва дар ҷараёни ин амал, маънӣ ва объект ба якдигар нобаробар мегарданд, яъне ҳамеша ҳолати пурмазмуни диалектикӣ ва инкишофёбандаро дар бар мегиранд [116, с. 48]. Ношабоҳатӣ (нобаробарӣ) ба ташаккул меорад, ташаккул бояд худро ба худ биёрад, худро бо худ баробар кунад. Худро бо худ баробар кардан, ки дар ҷараёни ташаккул амалӣ мешавад, ҳамчун такрор амал менамояд. Аммо такрор бе тафовут нест. «Такрореро, ки донишро дар бораи фарқи худ аз такроршавандагӣ инъикос менамояд, мо симулякр меномем» [116, с. 72].

Ҳамин тавр, симулякр (шакли тақлидӣ) на худи воқеият, балки танҳо шабоҳатро дар доираи фарқиятҳо тақлид мекунад. Танҳо фарқиятҳо, ки асл ва маншаи ин шабоҳатанд, дорои моҳияти воқеии ҳастӣ мебошанд. Нотакрории ҳастӣ маҳз дар он аст, ки он танҳо тавассути фарқиятҳо қобили ифода мегардад. Фарқият, бо хусусияти муҷарради худ, ба таври

парадоксалӣ, якрангии ҳастиро намоён месозад. Ба ҳамин тартиб, ҳастӣ дар моҳияти худ ба шакли «гуногунандешӣ» мубаддал мешавад.

Аммо савол ба миён меояд: чӣ гуна метавон аз сатҳи шабоҳат (ки дар он ҳастӣ ба монанди худ боқӣ мемонад) ба сатҳи фарқият гузашт, ки маҳз он гуногунандешии ҳастиро ифода мекунад? Посух дар механизми муҷарради решаёбие ниҳон аст, ки ҳамчун амсилаи ризомавӣ (ё «решаи замбурӯғ») маълум аст. Ризома, ҳамчун сохтори ғайрихаттӣ ва шакли бефармон, мантиқи амалкарди симулякрҳоро тавсиф менамояд.

Дар ҷаҳони симулякрҳо, такрорҳо на бар асоси як асл, балки бар пояи худи фарқиятҳо сурат мегиранд. Фарқиятҳо ибтидоӣ ва бунёдӣ мебошанд ва маҳз онҳо шароит фароҳам меоранд, ки такрор ҳамчун такрори фарқиятҳо амалӣ шавад. Нуқтаҳои пайванди ризома (яъне «нӯг»-ҳои он) худ фарқиятҳоянд.

Дар фаҳмиш ва истилоҳи Делёзӣ, мафҳуми ризома ҳамчун зерсохтори маъноӣ ва реша ё таҳкурсие шинохта мешавад, ки на фақат ба таври рамзӣ, балки дар асоси мантиқи фалсафии муосир моҳияти муҷарради ҳастиро таҷассум менамояд. Шабакаи решамонанд (ризома), ки аз сохтори хаттии анъанавии шинохт хориҷ аст, худи фарқият ва тафовутро дар таносуби муҷаррад бо ҳастӣ инъикос мекунад. Ба гуфтаи Делёз, ин сохтор «тафовут дар дохили муҷаррадӣ» ё «муҷаррадиест, ки тавассути фарқият таҷассум меёбад».

Дар чунин низом, шабоҳат на ҳамчун баробарии зоҳирӣ, балки ҳамчун бознамои фарқият дар дохили он ва дар асоси таносуботи дохилии маъноҳо фаҳмида мешавад. Яъне, худи тафовут ҳамчун рукни асосии ташаккули маънӣ баромад мекунад.

Бо таваҷҷуҳ ба он, ки Делёз фалсафаро бо онтология омехта медонад ва онро ҳамчун шакли муайяни фарҳанги маърифатӣ мешиносад, хулоса кардан мумкин аст, ки консептҳои асосии тафаккури ӯ дар ҷанбаи онтологӣ ташаккул меёбанд. Тавассути баррасии тафовутҳо ҳамчун унсурҳои асосии сохтори маънавии фарҳанг, Делёз нишон

медиҳад, ки ин тафовутҳо худ баробар бо ҷузъҳои онтологии тасвири инсонӣ мебошанд [328]. Ӯ бо чунин таҳлил пайвастагии тафовутро бо равандҳои такрор ва шинохти сохторҳои маъноии решаӣ муайян месозад, ки ҳамзамон ба сатҳи муҷаррадии онтологӣ мансуб мебошанд.

Дар ин замина, яке аз консептҳои калидии ӯ - «яккаву бетакрории ҳастӣ» - ҳамин тавр шакл мегирад. Ба андешаи Делёз, ҳастӣ танҳо ба воситаи фарқият зуҳур мекунад, яъне моҳияти он дар таносуб бо тафовут ифода мешавад, на бо мушобиҳати анъанавӣ ё якрангии менталӣ. Ӯ бо таҳлили амиқи фалсафӣ ба ин хулоса мерасад, ки ҳастӣ метавонад худро тавассути фарқият баён кунад.

Ин фаҳмиши ҳастӣ, ки онро метавон онтологияи тафовут номид, ба фаҳмиши классикӣ мухолифат мекунад. Делёз нишон медиҳад, ки ҳастӣ дар ин замина шакли устувори универсалиро надорад, балки тавассути механизмҳои номуайянӣ, бозсозии пайваста ва ҳаракати дохилии тафовутҳо ташаккул меёбад [117]. Аммо чӣ гуна муҷаррад дар умумӣ амалӣ мешавад ва кулл дар муҷаррад чӣ гуна инъикоси худро пайдо мекунад? Ж. Делёз ин масъаларо ба таври зерин баён кардааст: «гуногунӣ ва тафовут чӣ гуна муҷаррадии ҳастиро муайян мекунад ва ин ҳама тафовутҳо дар худи муҷаррадии ҳастӣ чӣ гуна вуҷуд доранд» [116, с. 262]. Барои фаҳмиши сохтори ҳастии муосир дар фалсафаи Жил Делёз, муҳим аст, ки механизми муайяни гузариш миёни сатҳҳои гуногуни маъно ва онтология таъриф ёбад. Ин гузариш, аз нигоҳи ӯ, дар шакли *ризома* дар сатҳи сохторӣ ва ба таври маънавӣ тавассути *симулякр* амалӣ мегардад. Симулякр ҳамчун бозсозии тафовут дар такрор, на дар шакли нусхабардории воқеият, балки ҳамчун тартиботи тозае, ки дар асоси фарқиятҳо ташаккул меёбад, зуҳур мекунад. Он тавассути шабакаи решамонанди ризома худро амалан таҷассум мекунад ва дар ин замина *симулякр* ҳамчун бозтоби сохтории мафҳуми ризома фаҳмида мешавад.

Аз ҳамин нукта, метавон хулоса кард, ки симулякр механизмест, ки «мантиқи болоравӣ»-и тафовутро дар фазои муҷарради ҳастӣ таъмин

менамояд ва ба маънои муайян амалан тартиби таъвил ва ташаккули ҳастиро тавассути фарқиятҳо амалӣ месозад. Симулякр, дар тафсири Делёз, на шакли сохташудаи ивазкунанда, балки тартиби семантикии таҷдиди ҳастӣ дар сатҳи ҷузъҳои онтологии тасвири олам аст.

Ҳамин тавр, дар фалсафаи Делёз, ҳастӣ ҳамчун падидаи ҳамзамон якхела ва фарқкунанда дар сатҳи умумии онтологии тасвири олам ифода меёбад. Симулякр - ҳамчун механизми семиотикии гузариш - ин равандро дар сатҳи махсуси онтология амалӣ мекунад. Ва ниҳоят, тафовут ҳамчун зериёд ва шакли маънавии фарҳанги инсонӣ, дар сатҳи муҷарради фаҳмиши ҳастӣ ҷой мегирад.

Ин консепсия дар осори дигар намояндагони фалсафаи постмодернӣ низ ба таври хос ривоҷ ёфтааст. Аз ҷумла, Жан Бодрияр - файласуфи шинохтаи фаронсавӣ - дар китоби «Симулякрҳо ва симулятсия» [80] мафҳуми симулякрро аз Ж. Делёз ба ирс гирифта, бо мазмуни тоза пур мекунад. Агар Делёз симулякрро воситаи таъвили ҳастӣ бидонад, Бодрияр онро ба сифати нишонаи фаровонии сунъии маъноҳо ва ивазкунии воқеият аз тариқи образҳои сохташуда шарҳ медиҳад.

Бодрияр дар баробари ташхиси афзоиши шадиди маҳсулоти рамзии фарҳанг - ки натиҷаи иқтисоди истеъмолӣ ва гиперпродуксия аст - ба хулоса мерасад, ки тамаддуни муосир ба як марҳалаи *сершавии ниҳоӣ* расидааст. Ҷомеаи муосир бо аломатҳо, рамзҳо ва объектҳое пур шудааст, ки на воқеиятро таҷассум мекунанд, балки симулякри онанд - тасвирҳое, ки аз маънии аслӣ холӣ гардида, танҳо як образи пурзоҳир ва холӣ аз моҳиятро таҷассум менамоянд.

Ба ақидаи Бодрияр, ин раванд, яъне ҷойгузини фарҳанги аслӣ бо рамзҳои истеҳсолшуда, ба ҳолате меорад, ки воқеият тадриҷан бо *хаёл* омехта мешавад. Ӯ ин падидаро «тантанаи хаёл» меномад [79], ки дар он на фақат мундариҷа, балки худи шакл ҳамчун муҳтавои муҷаррад амал мекунад. Фарҳанги муосир на бар асоси тафовутҳои воқеӣ, балки дар

заминаи зиёдатии нишонаҳо ва образҳо ташаккул меёбад. Ин сершавии рамзҳо сабабгори гум шудани марзҳои воқеият мегардад.

Дар ин замина, Бодрияр муносибати интиқодиро нисбат ба равишҳои постмодернӣ, аз ҷумла фаҳмиши онтологии Делёз, тафсири дискурсивии Фуко, деконструксияи Деррида ва семиотикаи Ролан Барт зоҳир мекунад. Ба андешаи ӯ, методологияи постмодернӣ худ дар ҳолати номукаммалӣ қарор дорад, зеро наметавонад фарқ байни маъно ва хаёл, воқеият ва симулякрро ба таври воқеӣ ҳифз кунад.

Бо вуҷуди ин, худи андешаҳои Бодрияр дар бораи амалияи симулятсия ва ҳолати пасовоқеият (post-reality) яке аз таҳаввулҳои муҳимми фалсафаи муосир ба шумор меравад. Гарчанде ки ӯ дар муколамаи фикрӣ бо дигар постструктуралистҳо қарор дорад, дар ниҳоят, Бодрияр маҳдудиятҳо ва хатарҳои методологияи постмодернро равшан кардааст, ки хидмати муҳимест дар таҳлили воқеияти маънавии тамаддуни инсонӣ.

Дар рӯ ба рӯи буҳрони маъно, ки фарҳанги муосири башарӣ аз он ранҷ мебарад, саволи муҳим ба миён меояд: чи гуна метавон ҷаҳони воқеии маънавиро тафсир ва маънидод кард, то ки равишҳои фалсафии муосир, аз ҷумла методологияи постмодерн, ба асли хирадмандонаи ҳақиқат роҳ ёбанд? Ва дар баробари ин, аз кадом ҷиҳат чунин равиш дорои хусусияти эфемерӣ - муваққатӣ, ноустувор ва таҳқиқнопазир - мебошад?

Барои дарёфти ҷавоб ба ин ва саволҳои ҳамрадиф, зарурати таҳлили ҳаракатҳои калидии консептуалӣ ва самтҳои асосии тафаккури метафизикии фалсафаи асри XX пеш меояд. Маҳз ба ҳамин гуна кӯшиш файласуфи шинохтаи замони мо Пол Рикёр (1913–2005), ки аз чеҳраҳои намоёни герменевтикаи муосир ба шумор меравад, машғул шудааст.

Пол Рикёр дар осори худ роҳи миёнаеро байни ратсионализми анъанавии модерн ва скепсис ё нисбиятпарастии шадиди постмодерн пешниҳод мекунад. Ҳадафи ӯ рад кардани мероси метафизикии гузашта

нест, балки эҳёи он дар шакли фаҳмиш ва маънидиҳии нав дар шароити ҷаҳони муосир мебошад - ҷаҳоне, ки дар он мутлақият гум шудааст, таҷрибаҳои инсонӣ парешон шудаанд ва маъно дигар кафолати устувор надорад.

Дар маркази консепсияи ӯ ин саволи бунёдӣ қарор дорад: «Чӣ гуна дар ҷаҳоне, ки бовар ва мутлақиятро аз даст додааст, метавон маънои ҳақиқиро нигоҳ дошт?» Барои посух ба ин пурсиш, Рикёр як усули нави герменевтикиро пешниҳод мекунад, ки бар пояи забон, рамз, ҳикоя ва таърихи фарҳангӣ устувор аст. Маъно, ба назари ӯ, танҳо дар раванди таъвили пайдарпай ва дар муколама бо анъанаҳо ва матнҳои фарҳангӣ падид меояд, на ҳамчун зоҳирии омоданишонда, балки ҳамчун натиҷаи талоши фаҳмиш.

Дар ин роҳ, Рикёр як гуна метафизикаи нави фаҳмишӣ (hermeneutic metaphysics) пешниҳод мекунад, ки дар муқобили эфемеризми баъзе равишҳои постмодернӣ қарор дорад. Ба ақидаи ӯ, хирад ва маърифат, ҳатто агар нисбӣ ва таърихӣ бошанд ҳам, метавонанд ҳамчун воситаҳои воқеӣ ва муфид барои фаҳмиши ҷаҳони маънавӣ боқӣ монанд.

Аз ин нукта, методологияи постмодернро метавон на ҳамчун радкунандаи ҳақиқат, балки ҳамчун ҷустуҷӯи шаклҳои нави маъно ва таҷдиди шароити фаҳмиш дар матни фарҳанг ва таҷрибаи инсонӣ арзёбӣ кард. Дар доираи чунин фаҳмиш, ҷустуҷӯи маъно дар постмодерн бо эҳёи таълимоти метафизикии анъанавӣ муқобил намеояд, балки ба унсури ҷудонашавандаи ҳаракати умумии тафаккури фалсафии муосир табдил меёбад.

Ба ин тартиб, Пол Рикёр ҳамчун пайванддиҳандаи равиши метафизикаи анъанавӣ ва интиқоди шадиди постмодерн, дар ташаккули фалсафаи муосир нақши муҳиму муассир бозидааст. Вай нишон медиҳад, ки инсон ҳатто дар ҷаҳоне, ки пароканда, сермаъно ва аз итминон маҳрум гаштааст, қобилияти идомаи ҷустуҷӯи маънои вуҷудро дорад - ба шарте ки худи равиши тафсир ва фаҳмиши ӯ ба шакли нав ва амиқтар

таҳаввул ёбад. Дар ибтидои фаъолияти назариявии худ, Пол Рикёр бо дарназардошти дастовардҳои равияҳои гуногуни фалсафии асри ХХ, аз ҷумла феноменология, экзистенсиализм, фалсафаи ҳаёт, психоанализ, персонализм ва унсурҳои постмодерн, ба худ ҳадаф гузошт, ки тасвири мураттаби инсони муосирро таҳия намояд. Ба назари ӯ, инсон бояд ҳамчун манбаи аслии маърифат, арзиш ва субъекти марказии рушди тамаддуни башарӣ шинохта шавад.

П. Рикёр бар он аст, ки дарки маъно ва моҳияти ҳастӣ ногузир бо дарки ҳастии инсон алоқаманд аст. Ӯ дар ин масъала бо Мартин Ҳайдеггер мувофиқат дорад, ки маънои ҳастии инсонро танҳо тавассути муваққатӣ будани ҳастии ниҳоӣ фаҳмидан мумкин аст. Аз ин рӯ, инсон ва ҳастии ӯро на дар шакли абадӣ ё мутлақ, балки дар иртибот бо се андозагирии замонӣ - гузашта, ҳозира ва оянда - бояд таҳлил кард.

Ин се андозаи вақтӣ, ба истилоҳи Рикёр, на танҳо хусусияти антологӣ, балки заминаи таърихии фаҳмиши инсон аз худ мебошанд. Ба воситаи ин заминаи муваққат, ки ҳамчун сохтори фаҳмиш амал мекунад, имкони равшан сохтани бостоншиносии инсон - ба маъное, ки М. Фуко «бостоншиносии дониш»-ро мефаҳмид - ба миён меояд. Яъне, инсонро метавон ҳамчун мавҷуди решадор дар ҳастӣ шинохт, ки робитаи маънавӣ ва онтологии ӯ бо тамоми маҷмуи ҳастӣ тавассути консептҳои фаҳмиш, забон ва таҷриба муайян мегардад.

Шахс бо ҳаракаташ ба сӯи оянда ҳатман алоқаманд мегардад ва ин алоқа дар аксари осори тамаддуни башар инъикос ёфтааст. «Ҷаҳони ҳаёти инсон», ки дар бораи он Э. Гуссерл гуфта буд [25], дар ин ҷо ба воситаи саъю кӯшиши инсон барои ояндаи худ таҷассум ёфта, инъикоси худро меёбад.

Алоқаи байни идеяҳои бунёдии П. Рикер ва муқаррароти консептуалии ҷараёнҳои асосии фалсафии асри ХХ бо осонӣ ошкор мегардад. Агар мо инсониятро ҳамчун субъекти асосӣ ва марказии фарҳанг дар назар гирем ва маънои ҳастии инсонро ба воситаи кӯшиши

ӯ дар роҳи оянда муайян намоем, пас тафсири тамоми тамаддуни башарӣ тавассути ҳамин талош комилан мантиқӣ ва қобили қабул мебошад. Ин равиш, ки аз таълимоти экзистенсиалӣ таъсир гирифтааст, вале аз тасвири танзимшудаи он фарқ мекунад, бар ин ақида асос меёбад, ки инсон маънои ҳастии худро на ба таври пешакӣ муайяншуда, балки дар равand ва ҳаракат ба сӯи оянда меофарад.

Агар Мишел Фуко таъкид кунад, ки гузашта дар чизҳои зоҳиран оддии муҳити атрофи мо пинҳон аст ва тавассути онҳо дар замони ҳозира арзиши худкифои маънавӣ касб мекунад, пас Пол Рикёр як қадами дигар мегузорад: ба андешаи ӯ, на танҳо гузашта, балки оянда низ дар матнҳо ва ифодаҳои дискурсивӣ пинҳон аст. Ин таъвили бисёрзавиягии замон, яъне ҳамбастагии гузашта, ҳозира ва оянда дар дохили фаъолияти маънавии инсон, имконият медиҳад, ки мо ба маъно ва моҳияти фарҳанг ҳамчун маҷмуи фаъолиятҳои рамзӣ ва истиоравӣ назар афканем.

Фаҳмиши фарҳанг ҳамчун падидаи «муваққат» ва дорои хусусияти *рамзӣ*, яке аз ҷанбаҳои калидии герменевтикаи Рикёр мебошад. Аз назари ӯ, рамз дар худ сохтори маънои дуқабатаро нигоҳ медорад: маънои аввал - маънои аслӣ ва таҷрибавӣ - заминаи шинохти маънои дуюм ва истиоравӣ мегардад. Яъне, фаҳмиши маънои рамзҳо имконпазир аст танҳо дар сурате, ки он ба маънии ибтидоӣ такя намояд.

Забон, дар ин росто, на танҳо ҳамчун анбори бемаҳдуди маъноҳо, балки ҳамчун механизми рамзофарин амал мекунад. Ба таъбири Рикёр, забон дар худ қудрати рамзӣ дорад, он воситаест, ки тавассути он маъноҳои истиоравӣ, таркиби рамзҳо ва аломатҳои фарҳангӣ шакл мегиранд. Дар натиҷа, забон на танҳо василаи ифодаи маъно, балки худ як объект ва муҳити таъвилӣ мегардад, ки дар он тамоми унсурҳои фарҳанг ба тафсир ниёз доранд.

Маҳз тавассути забон Рикёр ба масоили асосии герменевтика ворид мегардад. Ӯ забонро ба сифати воситаи асосии расидан ба фаҳмиш

мебинад ва таҳлили герменевтикиро тавассути шарҳи матнҳо, ифодаҳо ва маъниҳои дар онҳо нуҳуфта амалӣ месозад. Дар ин раванд, ҳар як матн, ҳар як ифода ҳамчун объекти фаҳмиш баррасӣ мешавад - ҳамчун майдоне, ки дар он на танҳо гузаштаро, балки имкон ва дурнамои маънавии ояндаро низ метавон дарёфт.

Пол Рикёр вазифаи марказии герменевтикаи фалсафиро дар он мебинад, ки мақоми воқеии инсонро ҳамчун субъекти аслии фарҳанг ва таърих дар тамоми шаклҳои ифода - хоҳ матн, хоҳ гуфтугӯ ва ё муколама - ба таври равшан нишон диҳад. Ба назари ӯ, ҳар як матн, ҳар як баҳс ё гуфтугӯи фарҳангӣ дар баробари функсияи маъноӣ, боз як нақши амиқи герменевтикӣ низ иҷро мекунад: он робитаи муайяни инсонро бо замон таъмин менамояд ва дар ин замина тамоми сохтори маънавии тамаддуни башарӣ бунёд мегардад.

Аз ҳамин рӯ, Рикёр таваҷҷуҳи худро ба масъалаи муносибати байнифардӣ ва фаҳмиши мутақобилаи инсонҳо равона мекунад. Вай артефактҳои маънавӣ ва забонӣ, яъне воситаҳои алоқа, рамзҳо, ифодаҳо ва матнҳоро ҳамчун ҷузъҳои муассири муошират фаҳмишӣ ва шинохти маъно дар ҷомеа таҳлил мекунад. Ҳадафи ӯ фақат шарҳи маъноҳои ниҳон нест, балки фаҳмидани масъулияти ахлоқии инсон дар муносибат бо дигарон ва дар равандҳои маърифати фарҳанг аст.

Дар ин замина, Рикёр масъалаи масъулияти инсонӣ ва рисолати ахлоқиро дар доираи фаъолияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ матраҳ месозад. Ба вижа, вай таъкид мекунад, ки сиёсатмадорон бояд ба як забони ахлоқӣ такя кунанд ва масъулияти маънавии амалҳои худро дарк намоянд. Ба таъбири хоси ӯ: «Сиёсатмадорон бояд забони ахлоқиро биомӯзанд, вагарна ҷомеа ба сатҳи беномусии сиёсӣ мерасад, ки он метавонад барои тамоми инсоният хавфовар ва марговар гардад» [185].

Ба ин тартиб, фаҳмиши фалсафии Рикёр дар бораи инсон ҳамчун субъекти фарҳанг на танҳо баёнгари воқеияти маънавии инсон дар замон

аст, балки як даъвати мустақим ба масъулияти фардӣ, ахлоқӣ ва таърихӣ низ мебошад.

Аз ҷониби дигар, гарчанде андешаҳои фалсафии Пол Рикёр дорои мазмуни аслӣ ва чандҷабҳа буда, то андозае равияҳои муҳимми фалсафаи муосирро ҷамъбаст мекунанд ва ба ҳам пайванд медиҳанд, бо вуҷуди ин, онҳо наметавонанд ба таври возеҳу мустақил ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ ё ҷаҳонбинии тасвири оламро, ки ба таври аслӣ аз нигоҳ ва методологияи постмодерн фарқ доранд, шакл диҳанд. Ба сухани дигар, фикрроиҳои Рикёр на ба сифати асосгузори амсилаи нави консептуалии ҷаҳонбинӣ, балки бештар ҳамчун шарҳдиҳанда, таҳкимбахш ва тақвиятдиҳандаи сохторҳои аллакай ташаккулёфтаи фаҳмиш амал мекунанд.

Ба маънои муайян, метавон гуфт, ки Рикёр консепсияи тасвири оламро аз нав насохтааст, балки онро дар доираи *системаи* координатаҳои онтологии аллакай вуҷуддошта тафсир ва амиқтар намудааст. Вай, ба ҷои эҷоди низоми куллан ҷадид, бештар ба тавсеаи мазмунӣ ва шарҳи фалсафии масоили маъно, таърих, замон ва масъулияти инсонӣ машғул шудааст.

Бо вуҷуди ин, саҳми Рикёр дар муаррифии имкониятҳои методологии тафаккури постмодерн арзишманд боқӣ мемонад. Ӯ аз аввалинҳо шуда, ҳудуд ва доираи татбиқи усулҳои постмодернро дар шароити замони муосир нишон медиҳад. Ҳамин тавр, Рикёр имконият фароҳам меорад, ки постмодернизм на ҳамчун радкунандаи мутлақият ва маъно, балки ҳамчун талош барои барқарории фаҳмиш дар шаклҳои тоза ва нисбӣ дар фазои фарҳангии инсонӣ дарк карда шавад «перспективаи дидгоҳи нави шаклҳои фарҳанги инсониро, ки ҳам дастовардҳои постмодернизм ва ҳам дастовардҳои бисёр дигар ҳаракатҳои фалсафӣ ва равияҳоро таҷассум мекунад, нишон дод» [196, с. 83]. Дар партави андешаҳои Пол Рикёр, ки яке аз намояндагони барҷастаи герменевтика ва метафизикаи муосир ба шумор меравад,

метавон чунин хулоса кард, ки тафсири тасвири олам дар доираи равишҳои постмодерн маҳдуд бо сатҳи муҷарради онтологӣ боқӣ мемонад. Ҳам дар робита бо таҳлили падидаҳо, ҳам дар тафсири фарҳанг ва ҳам дар равандҳои дифференсиализатсияшуда, ин равиш аз таъсиси сохтори мукаммали ҷаҳони маънавӣ бозмемонад. Маҳз дар ин замина, Рикёр тавассути таҳлили амиқи худ ба ин нокифоият ишора мекунад ва бар он аст, ки методологияи постмодерн, новобаста аз дастовардҳои худ, дар бисёре мавридҳо натавонистааст заминаи устувори фаҳмиши умумии фарҳанги инсонро таъмин намояд.

Бо ҳамин сабаб, дар таҳқиқоти фалсафии нимаи дуюми асри XX ва оғози асри XXI, бархе муҳаққиқон ба натиҷае расидаанд, ки методологияи постмодерн, гарчи нуктаҳои муҳимро рӯшан месозад, вале аксар вақт дар доираи «парастиши инфиродӣ, алоҳида ва муҷаррад» [137, с. 198] маҳдуд боқӣ мемонад ва сохтори умумии тасвири оламро бунёд намекунад. Ба чунин муҳаққиқон метавон Ч. Апел, Ҷ. Батейл, Ф. Гваттарӣ, Д. Деннет, Ҷ. Лакан, Ж. Лиотар, С. Линкер, Р. Рорти, Ҷ. Хабермас, Д. Чалмерс ва дигаронро мансуб донист.

Бо гузашти вақт, афзоиши шумораи таҳқиқоти фалсафӣ дар ин самт нишон дод, ки қабули бечунучарои инфиродӣ дар умум, муҷаррад дар кулл, ё ҷудогона дар муҷаррадӣ худ бо мушкилоти назариявӣ ва методологӣ рӯ ба рӯ шудааст. Бештар аз пеш, муҳаққиқон аз зарурати фарқгузории инфиродӣ аз умумӣ, тафовут аз шабоҳат ва муҷаррад аз мафҳумҳои низомёфта сухан мегӯянд.

Пайдоиши ин гуна саволҳои фалсафии такроршаванда, аз ҷумла зарурати дар ҳар як ҷузъи сохтории тасвири олам муайян кардани на танҳо сатҳи муҷаррад, балки сатҳҳои махсус ва умумӣ, шоҳиди муҳим будани масъалаи баррасишаванда аст. Яъне, дар таҳлили ҳама гуна раванд ё ҷанбаи фалсафӣ бояд низоми сатҳманд - муҷаррад, махсус ва умумӣ - ба назар гирифта шавад.

Дар ин росто, дар самтҳои гуногуни фалсафӣ, аз ҷумла онтологияи дискурсии М. Фуко, деконструксияи Ж. Деррида, онтологияи консептуалии Ж. Делёз, ё симулякри Ҷ. Бодрияр, бо вуҷуди шартӣ ва мураккаб будани масъалагузорӣ, ба таври кулл таваҷҷуҳ асосан ба сатҳи муҷаррад равона шудааст.

Бар хилофи ин равишҳо, фалсафаи синтетикии П. Рикёр, ки кӯшиш мекунад равандҳои гуногуни тафаккури муосирро муттаҳид созад, аз як тараф, мафҳуми муҷаррадро ҳамчун, зербинои консептуалии низом эътироф мекунад, вале аз тарафи дигар, маҳдудиятҳои онро барои рушди фалсафаи асри XXI хеле амиқ мебинад.

Бо такя ба ин, метавон хулоса кард, ки сохтори фалсафии тасвири олам, ки дар доираи се сатҳ - муҷаррад, махсус ва умумӣ - баррасӣ мегардад, бо бисёре аз равияҳо ва ҷараёнҳои фалсафии асри XX мутобиқ меояд ва барои таҳлили методологии маърифати муосир хидмат мекунад.

Фалсафаи асри XX, гарчи унсурҳои сохтории тасвири оламро равшан ва амиқ сохтааст, вале худи ин сохтор низ бар асоси қисматҳои гуногуни равияҳои фалсафии замони муосир тафсир мешавад. Барои мисол, онтологияи Н. Ҳартман, ки сохтори вуҷудро ба қабатҳои моддӣ-физикӣ, органикӣ-зинда, маънавӣ ва таърихӣ-таҷрибавӣ тақсим мекунад, ба сатҳи умумии ҷанбаи онтологии тасвири олам дахл дорад. Ба ҳамин монанд, қонунҳои «бозгашт», «нав» ва «масофа» ба сатҳи умумии ҷанбаи гносеологии тасвири олам иртибот доранд, дар ҳоле ки принсипи детерминизм ва детерминантҳои экстракаузалӣ ба сатҳи махсуси он дахл мекунанд.

Дар таълимоти Эдмунд Гуссерл, феноменология ҳамчун илм дар бораи *«падидаҳои пок»* ба сатҳи муҷарради ҷанбаи онтологии тасвири ҷаҳон иртибот мегирад, зеро маҳз тавассути таҳлили шуури фаъол ва таҷрибаи номутавассити субъективӣ, вай кӯшиш мекунад, ки моҳияти холис ва бефосилаи зуҳури ашёро дар идрок фаҳмад. Ӯ ҳадаф мегузорад,

ки воқеиятро бидуни пешфарзи метафизикӣ ва танҳо тавассути таҷрибаи зоҳиршавии он таҳқиқ намояд. Бар хилофи ин, дар онтологияи бунёдии Мартин Ҳайдеггер, худи ҳастӣ ҳамчун сатҳи умумии ҷанбаи онтологии тасвири олам баррасӣ мегардад.

Дар ин замина, Дазайн (Dasein) ҳамчун сатҳи махсуси ин ҷанба амал мекунад, зеро маҳз тавассути Дазайн ва таҷрибаи муваққатии инсонӣ ҳастӣ имкони ошкор шудан меёбад. Аз нигоҳи Ҳайдеггер, сатҳи муҷарради ҷанбаи онтологӣ на дар шакли абстрактӣ, балки тавассути зуҳури худи падидаҳо ва таҷрибаи вуҷудии инсонӣ ифода мегардад.

Дар экзистенсиализм - яке аз равияҳои таъсиргузори фалсафии асри XX - экзистенсияи инсон ҳамчун ҳастии инфиродӣ, бемисл ва шахсӣ дар маркази диққат қарор дорад. Ба назари аксари намояндагони ин равия, ҳамин хусусияти ҷудогона ва нотакрори вуҷуд, ки дар айни замон ҳаётан муҳим ва бунёдӣ мебошад, онро ба таври ҳақиқӣ ба сатҳи муҷарради ҷанбаи онтологии тасвири ҷаҳон марбут месозад. Ҳамин тарзи дарк, ки инсонро ҳамчун воҳиди мустақили маънавӣ ва субстансиявии ҳастӣ мебинад, ба таври возеҳ бо пояҳои фаҳмиши онтологӣ иртибот мегирад.

Дар ҳамин замина, намояндагони позитивизми классикӣ низ, ки фаҳмиши воқеиятро бар пояи таҳлили эмпирикӣ ва далелҳои мушаххас бунёд кардаанд, низ таҳқиқоти худро ба сатҳи муҷарради онтологии тасвири олам пайванд медиҳанд. Барои онҳо объектҳои таҳқиқ падидаҳо ва воқеаҳои таҷрибавии дунёи моддӣ мебошанд, ки ҳамчун заминаи ибтидоии шинохти илмӣ эътироф мешаванд.

Дар навбати худ, муносибати мунтазам ва возеҳи байни фактҳо ва падидаҳои воқеӣ ба сатҳи гносеологии тасвири олам иртибот дорад, зеро он равандҳои дарк, ташхис ва таснифи воқеиятро фаро мегирад. Дар ҳамин росто, қонуниятҳои умумии инкишофи табиат, ки ба гуфтаи файласуфони позитивист «аз ҳар гуна қонунҳои алоҳидаи илмӣ болотаранд», метавонанд ба сатҳи махсуси ҷанбаи гносеологии тасвири олам мансуб бошанд.

Аз нигоҳи методологӣ, илм ҳамчун системаи таҳқиқоти муташаккил дар ниҳоят тамоми фактҳо ва қонунҳоро муттаҳид карда, онҳоро ба шаклҳои мушаххаси донишҳои илмии хусусӣ табдил медиҳад. Ин шаклҳои махсус, ки дар доираи заминаи назариявӣ ва методологии фанҳои алоҳида рушд мекунанд, ба сатҳи махсуси ҷанбаи идеологии тасвири олам иртибот мегиранд.

Дар доираи равиши структурализм, намояндагони он ҳамчун объекти асосии таҳлили фалсафӣ худи сохторҳоро баррасӣ менамоянд. Ин сохторҳо ҳамчун шаклҳои воқеияти объективӣ арзёбӣ шуда, метавонанд ба сатҳи махсуси ҷанбаи онтологии тасвири ҷаҳон нисбат дода шаванд. Унсурҳои мушаххаси ин сохторҳо, ки хусусияти инфиродӣ ва ҷузъӣ доранд, мувофиқан, ба сатҳи муҷарради онтологии тасвири олам таалluқ мегиранд. Дар ҳамин ҳол, алоқаҳои зарурӣ ва умумию умумшаванда, ки хосияти сохторро ҳамчун низом муайян мекунанд, метавонанд ба сатҳи махсуси ҷанбаи гносеологии тасвири ҷаҳон мансуб бошанд, дар ҳоле ки робитаҳои такроршаванда ва қонунманди дохилӣ миёни унсурҳои алоҳида, ба сатҳи муҷарради гносеологӣ ишора мекунанд.

Аз ҷумла, яке аз чеҳраҳои марказии постмодернизм Мишел Фуко дар таҳлилҳои фалсафии худ ба полифонияи маънӣ ва гуногунрангии фарҳангии инсон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ки ин равандҳо ба сатҳи муҷарради онтологии тасвири олам мансубанд. Эпистемаҳои таърихӣ - чун заминаҳои маърифати таърихӣ-таҳлилӣ ба сатҳи махсуси онтологии тасвири олам дахл доранд. Дар ҳоле ки майдони муҷарради забонӣ ва муҳити маъносозии дискурсивӣ, ки ҳамчун муҳити таҳаввули маънӣ амал мекунад, метавонанд ба сатҳи умумии онтологии тасвири ҷаҳон мансуб дониста шаванд.

Пайрави Фуко - Жак Деррида - дар низоми фалсафии худ асосро бар усули деконструксия мегузорад. Ин усул дар асл, гуногунии шаклҳои инфиродии фарҳангро тавассути таҳлили муҷаррад таҳти бозбинӣ қарор

медиҳад ва аз ин рӯ, ба сатҳи муҷарради онтологии тасвири олам мувофиқат мекунад.

Жил Делёз, дар навбати худ, фаҳмиши ҳастиро дар заминаи сатҳи умумии онтологии тасвири олам ба миён мегузорад. Вай бар он аст, ки ҳастӣ тавассути амали симулякр таҷассум меёбад, ки он ба сатҳи махсуси онтологӣ дахл дорад. Тафовутҳои маънавию маърифатии тавлидшуда дар шаклҳои гуногуни фарҳанги инсонӣ бошад, ба сатҳи муҷарради онтологии тасвири олам иртибот доранд.

Ба таври умум, таҳлили ин мактабҳо ва консептҳои фалсафии дар боло зикршуда, аз як ҷониб, зарурати ҷудокунии дақиқи ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва иделогиро дар сохт ва таҳлили тасвири олам нишон медиҳад; аз ҷониби дигар, ҳар як равия, тавассути муҳтавои фалсафии худ, унсурҳои сохтории ин тасвирро пурмазмун гардонида, «чорчӯби сохтории» тасвири оламро бетағйир мегузорад.

Ҳамин тавр, равияҳои фалсафии муосир бо вуҷуди фарқиятҳо, ба таври ғайримустақим таснифи пешниҳоди сатҳҳои муҷаррад, махсус ва умумиро дар сохтори тасвири олам тасдиқ мекунанд ва фаҳмиши марҳалавии воқеиятро мантиқӣ месозанд.

ХУЛОСА

1. Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

Бо такя ба омӯзиш ва таҳлили масъалаи тасвири илмии олам дар иртибот бо шаклҳои гуногуни ҳастӣ ва тавассути истифодаи категорияҳои фалсафӣ, аз ҷумла, мақулаҳои кулл, махсус, муҷаррад ва мафҳумҳои марбут ба онҳо, натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд, ки метавонанд ҳамчун хулосаҳои илмӣ пешниҳод гарданд:

1. Ба таври умум, омӯзиши категорияҳои кулл, махсус ва муҷаррад бояд ҳамчун заминаи муқаддамотии таҳлили сохтори тасвири олам анҷом дода шавад. Зеро фаҳмиши амиқи моҳияти ин мафҳумҳои бунёдӣ шарти зарурии таҳияи таҳлили методологӣ ва тафсири дурусти сохторҳои маърифатӣ ва фалсафии тасвири ҳастист.

Баррасии пайдоиш ва шаклгирии ин категорияҳо - дар иртибот бо таърихи афкори фалсафӣ ва равандҳои ташаккули маърифат - имконият медиҳад, ки паҳлуҳои асосии маъноии онҳо равшан гардида, заминаи боэътимоди таҳқиқи марҳалавии шинохти воқеият фароҳам шавад.

Мақулаи кулл ҳамчун заминаи аслии ибтидоӣ хизмат мекунад, ки тавассути он маҷмуи падидаҳои гуногуни воқеият маъно ёфта, ташаккул меёбанд. Умумӣ ё кулл, ба маънои дигар, шакли муҷарради инъикоси фактҳои парокандаи воқеият аст, ки дар қолаби як тамоюли умумӣ таҷассум меёбад. Он, бо вуҷуди гуногунии зуҳурот, онҳоро дар як сохтори низоманд ва якбора муттаҳид менамояд.

Кулл ҳамчун категорияи фалсафӣ, решаи генетикии тамоми аслро ифода мекунад. Он дар воқеият на дар шакли холию абстракт, балки тавассути зуҳуроти мушаххас, яъне падидаҳои мушоҳидашаванда ва фактҳои ҳиссӣ таҷассум меёбад. Ин таҷассум метавонад дар шакл ё усули муайяни махсус ва индивидуалӣ зуҳур кунад.

Махсус, дар ин замина, ҳамчун пайванд ва муҳаррики инкишоф амал мекунад. Он воситаи ба ҳам пайвастани кулл ва ҷузъиёти воқеият аст ва факту омилҳои дараҷаи дуюм ва сеюми воқеиятро фаро мегирад.

Аз ин ҷиҳат, кулл на танҳо шакли собит, балки воқеияти муттаҳаррик ва динамикӣ аст, ки тавассути он гуногунии зуҳуроти воқеият ба муҷарради муайян табдил меёбад. Он дар муҳити воқеии мо ҳамчун намунаи ягонаи ба танзимдарорандаи дигар унсурҳо амал мекунад.

Кулл ҳамчун ҷанбаи муайяни воқеият дар худи падидаҳои воқеият дар шакли ин ё он далели додашуда муҳим, зарурӣ, сабабӣ мебошад. Кулл ҳамчун маҷмӯаи роҳи хеле қолибу дурусти байни падидаҳое, ки дар атроф ба вуқуъ мепайванданд, ҳамчун як тори анкабути маҷмӯаҳо ҳастиро таҷассум менамояд.

Маҷмӯаи махсус ҳамчун восита ва механизми асосии зуҳури кулл дар воқеияти объективӣ амал мекунад. Он роҳи амалишавии кулл мебошад ва имконият фароҳам меорад, ки кулл дар шакли мушаххас ва дар муҳити моддӣ таҷассум гардад. Ба ибораи дигар, махсус роҳ ва воситаи худи зуҳур ва фаъолшавии кулл аст.

Маҷмӯаи муҷаррад бошад, шакли абстраксияшудаи мавҷудияти умумӣ дар воқеиятро таҷассум менамояд. Қонунҳо ва заруратҳои умумӣ на дар холигӣ, балки маҳз тавассути силсилаи фактҳои мушаххаси воқеият амалӣ мешаванд.

Ҳам категорияи махсус ва ҳам муҷаррад, бар хилофи тасаввури маъмул, на танҳо шаклҳои тафаккури абстрактӣ ё фикри холӣ мебошанд, балки инъикоси мустақими ҷанбаҳои конкретӣ ва ҳиссии воқеиятанд. Онҳо на ба сифати тавлиди тафаккури хушки мантиқӣ, балки ҳамчун мафҳумҳои таърихан ташаккулёфта, дар иртиботи зич бо таҷрибаи ҳиссӣ ва муҳити воқеии зисти инсон, амал мекунанд.

Дар доираи чунин фаҳмиш, категорияҳои махсус ва муҷаррад, ҳар яке шакли муайян ва объективии таҷассумёбии воқеият мебошанд. Онҳо

зерсохторҳои муайяни оламро, ки дар худ ҳам гуногунрангии зуҳурот ва ҳам қонуниятҳои зериинтизорӣ ва сохтори онтологии ҳастиро таҷассум мекунанд, инъикос менамоянд.[216.47]

Ин ду категория на абстраксияҳои холии фикрӣ мебошанд, балки тасвирҳои воқеан таҷассумшудаи воқеиятанд, ки дар сатҳи таҷрибаи эмпирикӣ ва равандҳои шинохти илмӣ фаъолона амал мекунанд [М-5].

2. Асосҳои онтологии сохтори ҷаҳонбинии умумибашариро ба воситаи мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад баррасӣ намуда, мо оламро тасвир менамоем. Дар илми фалсафаи муосири тоҷик доир ба мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад андешаҳои мушаххасу том вуҷуд надошта бошад ҳам, дар баррасии афкори фалсафии гузашта файласуфони муосири тоҷик Осимӣ М., Баҳоваддинов А., Диноршоев М., Додихудоев Х., Муҳаммадхоҷаев А., Олимов К., Зиёӣ Х., Шамолов А.А., Муҳаммадалӣ М., Содиқӣ Н., Назариев Р., Худойдодов Ф. ва дигарон дар сатҳи онтологӣ ва гносеологӣ тасвири оламро аз нуктаи назари файласуфони гузашта муайян намудаанд.

Дар тули таърихи фалсафа, омӯзиши сохтори тасвири олам тавассути мақулаҳои кулл, махсус ва муҷаррад ҳамеша аҳамияти хос дошт. Ин аҳамият, пеш аз ҳама, бо зарурати дарки сохтори дохилии худи тасвири олам ва ҷанбаҳои маъноии он тавҷеҳ мегардад [М-7].

3. Мафҳумҳои кулл, махсус ва муҷаррадро тавзеҳ дода, генезиси назарияҳои фалсафиро оид ба тасвири олам таҳлил намуда, сохтори умумии онро нишон додан мумкин аст. Тасвири олам худ як шакли махсуси воқеият аст, ки танҳо тавассути мафҳум қобили дарк аст. Аз ин рӯ, фаҳмиши «муосири» тасвири олам танҳо тавассути мафҳум имконпазир аст. Воқеиятро танҳо дар қолаби мафҳумӣ дарк кардан мумкин аст, новобаста аз мазмуни мушаххаси он. Ин тарзи дарк тобеи қонуниятҳои муайяни объективист, ки онҳо хоси худи сохтори воқеиятанд ва дар айни замон бояд аз ҷониби субъект дар раванди шинохт муайян, пазируфта ва риоя шаванд. Ҳамин тариқ, равандҳои

маърифат ва шинохти мафҳумӣ на танҳо имконияти ифодаи падидаҳои воқеиятро фароҳам меоранд, балки дарки мантиқии он падидаҳоро низ таъмин менамоянд.

Дарки равандҳо ва падидаҳо тавассути мафҳум, имконият медиҳад, ки ҳам ҷанбаҳои ҷудогонаи воқеият ва ҳам тамоми тасвири воқеият дар як низоми ягонаи маърифатӣ тасаввур ва таҳлил шаванд. Дар натиҷа, фаҳмиши мафҳумӣ ҳамчун асоси методологӣ барои ташаккули тасвири олам баромад мекунад. Бо такя ба мантиқи маърифати мафҳумӣ, метавон ба чунин натиҷа расид, ки ҳадафи аслӣ ва ниҳоии шинохт на худи олами объективӣ бо тамоми гуногунрангии зуҳуроти он аст ва на тасвири куллан муҷаррад ва бетафовут аз воқеият, балки раванди дарки ҳастӣ тавассути сохтори мантиқии мафҳумҳо мебошад. Мафҳум дар ин ҷо на танҳо воситаи фикрӣ, балки зинаи муҳимми тасвир намудани ҳастӣ дар шуури инсонӣ аст, ки бо ёрии он субъект воқеиятро шакл медиҳад, тартиб мебахшад ва ба он маъно медиҳад.

Мафҳум дар ин замина, ҳамчун шакли универсалии фаъолияти маърифатии инсон, бояд бар муҷаррадии онтологии воқеият асос ёбад. Яъне, шинохт ва фаҳмиши он чи ки мо ҳамчун мафҳум қабул мекунем, набояд маҳдуд ба сохти тозаи фикрӣ ё абстрактӣ гардад, балки бояд бо гуногунрангии воқеии зуҳуроти олам ва қонуниятҳои объективии амалкунандаи он дар алоқамандии муттаҳид қарор дошта бошад. Мафҳум ҳамчун шакли маърифатӣ танҳо дар он ҳолат ба тасвири воқеии ҳастӣ мувофиқ меояд, ки тафовутҳо, низомҳо, иртиботҳо ва ҳаракати дохилии падидаҳоро инъикос кунад. Аз ин рӯ, ҳар мафҳум на танҳо сохтори фикрӣ, балки натиҷаи умумисозии таносуб ва қонуниятҳои воқеии олам мебошад, ки дар тафаккури инсон таҷассум ёфтаанд [М-4].

4. Дар доираи таснифоти дахлдор метавон се сатҳи асосии воқеиятро аз ҳам ҷудо намуд: 1) олами воқеӣ бо тамоми қонуниятҳои объективии он, яъне сатҳи онтологӣ; 2) тасвири идеалӣ ва мафҳумии ин олам, ки дар тафаккур ва мероси маънавии инсон таҷассум ёфтааст – сатҳи

ҷаҳонбинии воқеият; 3) мафҳум ҳамчун тарзи универсалии шинохт ва воситаи системавии маърифат, ки ба сатҳи гносеологӣ ва методологии тасвири олам иртибот мегирад. Ҳамин тавр, сохтори тасвири олам бо ҷанбаҳои гуногуни онтологӣ, гносеологӣ, методологӣ ва ҷаҳонбинӣ дар ҳамбастагӣ бо табақабандии воқеият ва тобеияти дарунии олам муайян мегардад [М-11].

5. Ҷузъҳои асосии сохтории тасвири оламро муайян намуда, дар нисбати ҳар як ҷузъи дар боло зикршуда сатҳҳои мувофиқ (кулл, махсус, муҷаррад)-ро таҳқиқ ва муайян намудан мумкин аст. Дар сатҳи онтологии тасвири олам, мақулаи кулл тавассути категорияи ҳастӣ, мақулаи махсус бо истифода аз категорияи ҷавҳар ва мақулаи муҷаррад ба воситаи маҷмуи мафҳумҳо дар бораи объектҳои гуногун, нодир ва фарқкунандаи воқеият таҷассум меёбад. Дар ҷузъи гносеологии тасвири олам, мафҳуми кулл тавассути қонуниятҳои умумии фаъолияти ҳастӣ таҷассум меёбад, ки ҷиҳатҳои поягии шинохти табиати умумии воқеиятро муайян месозанд; мафҳуми махсус бошад, дар шакли қонунҳои мушаххаси инкишоф ва ҳаракати табиат зоҳир мегардад, ки ба соҳаҳои инфиродии воқеият ва рушди низоми элементҳои он марбут аст; мафҳуми муҷаррад бошад, ба воситаи маҷмуи қонунҳои илмие, ки хусусияти соҳаӣ ва тахассусӣ доранд, ифода мешавад, ки дар доираи соҳаҳои алоҳидаи илм ба таври таҷрибавӣ ва назариявӣ таҳқиқ мегарданд [М-13].

6. Ин се мақула дар сатҳи ҷаҳонбинии инсон низ ҷилва мекунанд: кулл ба сифати ифодаи умумияти ҷаҳонии ҷаҳонбинӣ, махсус дар сатҳи ҷаҳонбинии таърихию фарҳангии мушаххас ва муҷаррад дар сатҳи ҷаҳонбинии инфиродӣ. Ҷаҳонбинии умумибашарӣ як низоми мураккаби ғоявӣ, илмӣ ва арзишӣ мебошад, ки натиҷаи фаъолияти маърифатии инсоният ҳамчун як субъекти коллективӣ аст. Он аз маҷмуи донишҳо, меъёрҳо, арзишҳо ва идеалҳо иборат мебошад ва манбаи умумии фаҳмиши олам барои тамоми ҷомеа ба шумор меравад.

Дар муқоиса, ҷаҳонбинии хусусӣ дар доираи муайяни иҷтимоӣ ва таърихӣ ташаккул ёфта, тавассути шаклҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ, аз қабили мифология, дин, идеология, санъат ва илм ифода мешавад. Он ҳамчун марҳалаи мобайнии гузариш аз умумият ба инфиродият амал карда, куллиётро ба тафсири инфиродӣ наздик менамояд. Ҷаҳонбинии инфиродӣ, бошад, ифодаи шахсии ақидаҳо, эътиқодҳо, арзишҳо ва талошҳои инсон аст. Он на танҳо таҳти таъсири ҷаҳонбинии хусусӣ ташаккул меёбад, балки дар муҳити беназири иҷтимоӣ ва таҷрибаи шахсӣ низ инъикос мешавад. Ин навъи ҷаҳонбинӣ ҳамчун шакли тағйирёбандаи унсурҳои сохтории ҷаҳонбинии хусусӣ дар чорроҳаи воқеиятҳои инфиродӣ қарор мегирад ва ифодаи сирф шахсии маърифат ва муносибат бо олам мебошад.

Ҷаҳонбинии кулл дар асоси тасвири олам қарор дорад, ҷаҳонбинии хусусиро ҷаҳонбинии кулл муайян мекунад, ҷаҳонбинии инфиродӣ ҳамчун осори муҷарради ҷаҳонбинии хусусӣ амал мекунад. Дар баробари афсонаҳо, ба монанди қиссаҳои ҳаётӣ, тасвирҳо, ривоятҳои таърихӣ, ривояту достонҳо, эпосҳо, асарҳои бадеӣ, матнҳои динӣ, қонунҳо, расму ойинҳо, меъёрҳои илмӣ, арзишҳо ва таблиғоту ташвиқот, ҳамаи ин унсурҳо ба ҳайси механизмҳои асосии ташаккул ва муайянсозии ҷаҳонбинии хусусӣ баромад мекунанд. Артефактҳо ҳамчун муҳтавои мушаххаси фарҳангӣ пайванди мустақим ва функсионалии ҷаҳонбинии хусусиро бо ҷузъҳои сохтории он таъмин менамоянд ва дар ҳамин замина мақоми миёнарав байни шуури инфиродӣ ва сохтори маънавии ҷомеаро ишғол мекунанд [М-13].

7. Таҳлили сатҳҳои кулл, махсус ва муҷаррад дар ҳар як ҷузъи сохтории тасвири олам имкон медиҳад, ки сохтори умумии тасвири худи олам пурра ошкор гардад ва дар ин замина равандҳо ва самтҳои асосии фалсафаи муосир, дараҷаи мувофиқат ё фарқияти он бо тасаввури фалсафии мафҳумҳои муосир муайян карда шаванд.

Сохтори тасвири олам, новобаста аз сатҳ ё ҷиҳати баррасишаванда, ба мафҳумҳои марказии аксари ҷараёнҳо ва равияҳои фалсафии асри XX мутобиқати мантиқӣ дорад ва, дар айни замон, худи ин сохтор низ мафҳумҳои равияҳои гуногунро дар доираи худ ҷой дода, ба онҳо мазмуни мушаххаси сохторӣ мебахшад. Ин дуҷонибагии муносибат баёнгари он аст, ки фалсафаи муосир дар таҳлили тасвири олам ҳам хусусияти шарҳдиҳанда дорад ва ҳам нисбат ба сохтори худи ин тасвир ҳолати тобеӣ пайдо мекунад.

Мисоли равшани ин равандро метавон дар онтологияи Н. Ҳартман мушоҳида намуд, ки ӯ мақоми ҳастиро ҳамчун пояи умумӣ ба сатҳи умумии ҷанбаи онтологии тасвири олам мансуб медонад; Қабатҳои сохтории ҳастӣ - физикӣ-моддӣ, органикӣ-зинда, маънавӣ ва таърихию маънавиро ҳамчун маҷмуи воқеияти зинавӣ ба сатҳи махсуси ҷанбаи онтологии тасвири олам тааллуқ медонад; Қонунҳои умумии таҳаввулро - ба монанди қонуни бозгашт, қонуни нав ва қонуни масофа - ба сатҳи умумии ҷанбаи гносеологии тасвири олам мутаносиб мешуморад.

Ин амсила ба таври мантиқӣ нишон медиҳад, ки сохтори тасвири олам на танҳо ба тавсифи воқеият мусоидат мекунад, балки ҳамчун абзори методологӣ барои шарҳи фалсафии равияҳои гуногун хидмат мекунад [М-10].

8. Дар таълимоти Эдмунд Гуссерл, феноменология ҳамчун илми «падидаҳои соф» ба сатҳи муҷарради ҷанбаи онтологии тасвири ҷаҳон иртибот мегирад, зеро ҳадафи он бартараф кардани ҳама гуна пешфарзҳо ва фаҳми воқеият танҳо тавассути зуҳуроти мустақими шуур мебошад. Гуссерл кӯшиш мекунад, ки тамоми тасаввуроти қаблӣ ва назарияҳои илмию фалсафиро канор гузошта, ба худи «чизҳое, ки чӣ гуна дар таҷрибаи шуур пайдо мешаванд» бевосита муроҷиат кунад. Ин равиш, ки тавассути «редуксияи феноменологӣ» амалӣ мешавад, имконият медиҳад, ки падидаҳо ҳамчун муҷаррадтарин шакли вуҷуд ва зуҳур, бидуни таъсири консепсияҳои беруна, дарк ва тафсир гарданд. Аз

ин ҷиҳат, феноменологияи Гуссерл шакли мукаммали баррасии муҷаррадии ҳастӣ дар сатҳи онтологӣ маҳсуб мешавад.

Дар навбати худ, дар онтологияи бунёдии М. Ҳайдеггер, ҳастӣ (Sein) ҳамчун сатҳи умумии ҷанбаи онтологии тасвири ҷаҳон баррасӣ мегардад.

Дар ин замина, Дазайн (Dasein) ҳамчун сатҳи махсуси ин ҷанбаи онтологӣ амал мекунад, зеро маҳз тавассути таҷрибаи ҳастии инсонӣ олам имкони ошкор шудан меёбад. Дар назари Ҳайдеггер, сатҳи муҷарради ҷанбаи онтологӣ на дар шакли абстрактӣ, балки тавассути худи падидаҳо, дар таҷассуми зоҳирии онҳо ва дар шароити таърихиву муҷаррадии зиндагӣ ифода меёбад.

Дар экзистенсиализм, мафҳуми «экзистенсия» - ҳастии инфиродӣ ва шуури шахсӣ - дар маркази баррасии фалсафӣ қарор дорад. Ба андешаи намояндагони он (С. Керкегор, М. Ҳайдеггер, Ж.-П. Сартр, К. Ясперс), инсон мавҷудияте нодир ва шахсӣ аст, ки тавассути таҷрибаи дохилии худ амалӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, экзистенсия ҳамчун воқеияти субъективӣ ва беҳамто ба сатҳи муҷарради ҷанбаи онтологии тасвири олам мансуб аст. Он, чун таҷассумгари ҳастии шахсӣ, нуқтаи ибтидоии тафсири фалсафии инсон дар доираи ин равия мебошад.

Ҳамин тавр, экзистенсия берун аз шаклҳои универсалии тафаккур қарор гирифта, ҳамчун зермафҳуми марказии муҷаррад дар сохтори онтологии тасвири олам амал мекунад [М-14].

9. Намояндагони позитивизми классикӣ далелҳо, падидаҳо ва ҳодисаҳои воқеиятро объекти таҳлили фалсафӣ қарор додаанд, ки ба сатҳи муҷарради ҷанбаи онтологии тасвири олам мансубанд. Алоқаҳои устувори байни ин падидаҳо сатҳи гносеологии онро ифода мекунанд. Қонуниятҳои умумии инкишофи табиат, ки аз қонунҳои алоҳидаи илмӣ фаротаранд, ба сатҳи махсуси ҷанбаи гносеологӣ мансубанд. Илм, ҳамчун инфрасохтори муташаккил, тамоми фактҳо ва қонунҳоро

муттаҳид карда, онҳоро ба шаклҳои мушаххаси илмии хусусӣ (сатҳи махсуси ҷанбаи идеологӣ) табдил медиҳад [М-14].

10. Дар структурализм, сохторҳо ҳамчун шаклҳои воқеияти объективӣ ба сатҳи махсуси ҷанбаи онтологии тасвири олам мансубанд. Унсурҳои мушаххаси ин сохторҳо, ки худ таҷассумгари муҷарридии ҳастӣ мебошанд, ба сатҳи муҷарради онтология рост меоянд. Алоқаҳои кулл ва зарурӣ миёни ин унсурҳо моҳияти сохторро ташкил дода, ба сатҳи махсуси ҷанбаи гносеологӣ марбутанд. Алоқаҳои устувор ва такроршаванда миёни унсурҳои инфиродӣ бошад, ҷанбаи муҷарради гносеологии тасвирро ифода мекунанд.

11. М. Фуко, ҳамчун яке аз намояндагони намоёни постмодерн, «полифония» ва гуногунии осори фарҳангро ба сатҳи муҷарради онтология нисбат медиҳад; эпистемаҳои таърихӣ - ба сатҳи махсуси онтология; ва майдони забонии маъносозиро - ба сатҳи умумии онтологии тасвири олам. Ж. Деррида бо усули деконструксия ба муҷаррадии шаклҳои инфиродии фарҳанг арҷ мегузорад. Ж. Делёз бошад, ҳастиро (умумӣ), тавассути симулякр (махсус) ва фарқиятҳои тамаддунӣ (муҷаррад) шарҳ медиҳад [М-10].

12. Мафҳумҳои фалсафии таҳлилшуда зарурати ҷудо кардани ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва ҷаҳонбинӣ ва низ сатҳҳои кулл, махсус ва муҷаррадро дар тасвири олам асоснок мекунанд. Онҳо чорчӯби сохтории тасвири оламро пурра нигоҳ дошта, онро бо маъноҳои мушаххаси фалсафӣ ғанӣ менамоянд ва имкони татбиқи муназзами чунин таснифотро ба воқеият нишон медиҳанд (М-9)

13. Дар таҳқиқот ба ҷойи пешниҳоди таърифи нав, таваҷҷуҳ ба фаҳмиши моҳияти худи тасвири олам дар сатҳи мафҳум равона шудааст. Тасвири олам ҳамчун шакли дарки мафҳум амал мекунад ва усули универсалии тавлиди маърифатро дар бар мегирад. Он дар асоси категорияҳои абстрактӣ ва мушаххас, дар сатҳҳои умумӣ ва муҷаррад, нисбат ба воқеияти объективӣ ва раванди маърифат, шарҳ меёбад. Дарки

мафҳум, ки ба воситаи тасвири олам амалӣ мешавад, то ба сатҳи охирини конкретӣ васеъ мегардад ва дар чунин мафҳумҳо таҷассум меёбад: ҳастӣ, ҷавҳар, объектҳои инфиродӣ, қонунҳои умумӣ ва хусусии илм, ҷаҳонбинии умумӣ, хусусӣ ва инфиродӣ.

Масъалаи тасвири олам ва вазифаҳои он ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи файласуфон ва намояндагони илмҳои гуногун қарор доштааст. Асосҳои онтологӣ ва гносеологии тасвири олам на танҳо маҷмуи донишҳои илмиро муайян мекунанд, балки тамоюлҳои рушди онро низ ҳамчун низоми ягона ташкил медиҳанд. Ин ҷанбаҳо барои фаҳмиши муносибати байни мафҳумҳо ва унсурҳои сохтории тасвири олам заруранд, зеро тавассути онҳо на танҳо методологияи дониш, балки нақши воқеии категорияҳои фалсафӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ равшан мегардад [М-11].

15. Ҷаҳонбинӣ, ҳамчун системаи ғояву арзишҳо, дар заминаи иҷтимоӣ-фарҳангии мушаххас амал мекунад ва тавассути мифология, дин, идеология, илм ва дигар шаклҳои шуури иҷтимоӣ ифода меёбад. Дар таҳлили он се сатҳ фарқ мегардад: ҷаҳонбинии умумӣ ҳамчун зербунёди идеявии тасвири олам, ҷаҳонбинии махсус ҳамчун ифодаи арзишҳои гурӯҳӣ ё таърихӣ, ҷаҳонбинии инфиродӣ, ки ғояву арзишҳои шахсӣ, таҷриба ва эътиқодҳоро таҷассум менамояд.

Ҷаҳонбинии инфиродӣ дар заминаи таҷрибаи зиндаи шахсӣ шакл мегирад ва аз арзишҳо, ормонҳо ва таҷрибаҳои муҳим иборат аст. Дар ин сатҳ, дониш ва ақидаҳо ҳамчун эътиқод ва принсипҳо амал карда, таҷрибаи фардиро бо тасвири умумии олам мепайванданд [М-11].

16. Муайян кардани маҷмӯи категорияҳо ва мафҳумҳое, ки тасвири оламро таҷассум менамоянд, самти асосии стратегияи таҳқиқоти фалсафии муҳаққиқро муайян мекунад. Дар ин замина, сатҳи умумии ҷузъи онтологии тасвири олам бо категорияи «ҳастӣ» ифода мегардад, сатҳи махсус бо «субстансия» ва сатҳи муҷаррад - бо маҷмуи мафҳумҳое, ки ба объектҳои мушаххаси воқеияти моддӣ дахл доранд.

Мақулаҳо мафҳумҳои умумии ҳама илмҳоянд, ки тавассути онҳо мазмуни илм муайян мегардад. Сатҳи умумии таркиби гносеологии тасвири олам ба воситаи қонунҳои диалектика ва тамоюлҳои умумии инкишофи ҳастӣ ифода меёбад. Худи тасвири олам ҳамчун тасаввуроти мафҳумӣ, дар се ҷанбаи асосӣ - онтологӣ, гносеологӣ ва идеологӣ амалӣ мешавад [М-14].

17. Дар омӯзиши категорияҳо, бештар муносибати байни мақулаҳои дугона ва сегона, аз қабили «моҳият ва падида», «мундариҷа ва шакл», «зарурат ва эҳтимол», мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Ин муносибатҳо дар асоси инкишофи илм ва таҷрибаи иҷтимоӣ-моддӣ ташаккул ёфта, доираи татбиқи категорияҳоро тавсеа медиҳанд.

